**Ҷ. ҲАМРОЕВ**

# Адабиёт

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои
9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Нашри панҷуми такмилёфта

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон
тасдиқ намудааст*

«O'ZBEKISTON» – ТОШКАНД – 2019

УЎК 821.222.8(075)
КБК 83.3(5у)
Ҳ 25

**Муқarrизон:**

**Р. Абдуллоев** – дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз, номзади улуми филологӣ;
**И. Эшонқулов** – доктор (PhD)-и улуми фалсафа роҷеъ ба фанҳои филологии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз;
**С. Хӯҷақулов, Д. Ҳазратқулиён** – омӯзгорони калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзадони улуми филологӣ;
**Ҳ. Ҳикматов** – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 30–юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ;
**Р. Қурбонов** – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 58–уми ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё.

Муаллиф ҳини таълифи китоб тамоилҳои роиҷи таълимро дар Ӯзбекистон асоси фаъолият қарор дода, тибқи стандарти давлатии таълими умумӣ ва барномаи таълими адабиёт таҳқиқи мавзӯъҳоро тарзе ба сомон расонидааст, ки ташаккули маънавияти шахси комил ҳадафи ниҳоии он мебошад.

Ҷиҳати ҷолиби китоб он аст, ки ба осори адибон таҳлили мухтасари раҳнамоӣ дода шуда, донишомӯзро бо онҳо ошно карда, ба мутолиаи мустақилона ҳидоят намудааст.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика барои иҷора чоп шудааст.**

ISBN 978-99-43-01-515-9

© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2006–2014, 2019

## Муқаддима

Донишомӯзони азиз! Шумо дар дастатон китоби адабиёт доред. Адабиёт – дарси маънавият ва шинохти ҷавҳари одамият аст.

Таҷрибаи ҳаётӣ аз таърихи тӯлонии башарият шаҳодат медиҳад, ки одамият ҳамеша дар такопӯи нигоҳ доштани волоияти шаън ва шарафи худ будааст, то мавқеи инсонии худро дар иҳотаи муҳит ва олами беканор дар сатҳи тайинӣ нигоҳ дорад. Дар ин замина, ҳаёт саволҳои дар назар содда, аммо басо мураккаби аз қабили «волоияти шаъну шарафи инсон дар чист?», «ҷавҳари маънавияти одамӣ чист?», «одам чӣ тавр бояд аз шар дур бошад?»-ро ба миён мегузорад. Барои ёфтани ҷавоб ба ин саволҳо, дарси адабиёт беҳтарин манбаъ ва майдони озмоиш аст. Ҳеҷ фанне беҳтар аз адабиёт ба ин савол ҷавоб нахоҳад гуфт, зеро адабиёт ба пурсишҳои инсоният, ки ҳамеша ба гузоштани ҳудуди халалнопазири байни некиву бадӣ кӯшиш намуда, мехоҳад хуб чисту бад чист ва ё нек кисту бад кистро бидонад, посухи раднопазир медиҳад. Аз ин рӯ, адабиёт дар ҷомеа вазифаи мураккаберо бар дӯш дорад.

Сифати инсон дар ҳастии ӯст. Ҳастии инсон бе рӯҳи устувору дили қавӣ, бе маънавияти комил вуҷуд надорад. Илмҳоро аз худ карда, соҳиби касбе чун олим, табиб, муҳандис, ҳуқуқшинос ва ҳоказо шудан мумкин аст. Вале агар дар тинати инсон сифати инсонӣ – одамият набошад, сарфи назар аз мутахассиси кадом соҳа будани худ, ӯ наметавонад ба ҷамъият ва одамон содиқ бошад. Адабиёти асили инсонпарвар қодир ва вазифадор аст, то инсонро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намуда, ҷавҳари одамиятро дар вуҷуди ӯ ташаккул диҳад. Барои ба ин мақсад расидан, мо бояд аз моҳияти адабиёти асил ва дигар намудҳои осори ҳунарӣ дуруст баҳра барем. Адабиёти асили инсонпарварона зиндагиро барои инсон шавқовар тасвир намуда, дари дунёи зебоиро ба рӯйи ӯ боз мекунад. Дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ва дӯст доштани муҳитро меафзояд ва ин ҳиссиёти зебо ҳисси худпарастиро маҳв намуда, моро аз ташвишҳои бемаънӣ озод месозад. Чунин адабиёт дар дили мо эҳсосоти некиро бедор карда, муҳаббати моро ба табиат, ҷомеа, Ватан,

башарият зиёд менамояд. Ин ҳиссиёти нек муносибати моро ба одаму олам тағйир дода, ҷаҳони хоси маънавии инсонро ба вуҷуд меорад. Ин ҷаҳони маънавӣ иборат аз рӯҳияи солим, шинохти олами зебоӣ аст, ки ифодагари манфиати умум буда, ба талқини меҳнати ҳалол ва мубориза алайҳи бадкирдорӣ нигаронида шудааст. Маҳз ҳамин ҷаҳони маънавӣ дар ҳама давру замонҳо асоси хушбахтии инсон дониста мешуд.

Дарсҳои ин китоб давоми мантиқии ҳамон дарсҳои адабиёт аст, ки дар синфҳои поёнӣ хондед. Акнун бо намояндагони адабиёти маорифпарварии халқҳои Осиёи Марказӣ, адабиёти муосири тоҷик ва бо эҷодиёти машҳуртарин адибони адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон дар сатҳи васеътар шинос хоҳед шуд. Дар ин шиносоӣ, Шумо ҳам аз зиндагии шахсии шоиру нависандагон, ҳам аз арзишҳои ахлоқию умумбашарии осори онҳо баҳра хоҳед бардошт.

Донишомӯзони гиромӣ! Бори дигар ва таъкидан ба Шумо ёдрас мекунем, ки ба омӯзиши адабиёт умуман, ба мавзӯъҳои назарияи адабиёт ва эҷодиёту осори адибон бо шавқу завқ ва муҳаббати самимӣ муносибат намоед, зеро дарки комили адабиёт шӯълаи одамиятро дар дили Шумо фурӯзон карда, вуҷуди Шуморо аз меҳру муҳаббат саршор намуда, барои фарзанди сазовори падару модар ва Ватани соҳибистиқлоли худ шудани ҳар яки Шумо ёрӣ хоҳад расонд. Адабиёт дилу дидаи ҳар як шайдои худро ба зиндагӣ, ба ҳаёт, ба атрофиёни худ гарм намуда, касро ба ҳақиқат, ба моҳияти ҳастӣ хеле қарину ошно мекунад.

Фаромӯш накунед, ки Истиқлолияти Ватан барои мо воқеан ҳам ҳадяи тақдир аст. Ин ҳадяро азиз дошта, бояд ба қадри ин дастоварди таърихӣ расем ва қудрату тавоноии моддӣ ва маънавии кишварро рӯз ба рӯз афзун намоем. Ҳар як шогирди сазовори мактаби кишвари соҳибистиқлол фардо бояд, ба ҳайси мутахассиси варзида ва инсони хушахлоқу некхислат ба воя расида, ба пешрафти кишвар ҳисса гузорад.

Ба Шумо дар ин роҳ комёбиҳо ёр бод!

## АДАБИЁТИ БАДЕЙ ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ РӮҲИЯТИ ИНСОН

Истиқлолият на фақат озодиву истиқлоли сиёсии кишварро таъмин кард, балки барои зинаҳои нави таълиму тарбия ва инкишофи мактабу маориф шароит муҳайё намуд. Дар ин замина дастури миллии таълим таҳия ва қабул гардид, ки тарзи нав ва манфиатбахши таълими фанҳои мухталиф, аз ҷумла адабиётро пешбинӣ мекунад. Ин дастур ба адабиёт ҳамчун фанне, ки дар тарбияи инсон мавқеи бузург дорад, мақоми хос додааст. Дарси адабиёти бадеӣ сабақи рӯҳият буда, пеш аз ҳама одамиятро меомӯзад. Ба ғайр аз ин ташаккули бисёр сифатҳои инсонӣ ба адабиёт вобаста мебошад. Адабиёти бадеӣ дар муайян кардани симо ва сифатҳои инсонӣ, ташаккули шахсият, идеали зебоиписандӣ ва масъулиятшиносии вай дар назди ҷамъият нақши муҳим мебозад.

Бесабаб нест, ки гузаштагони мо адабиётро мактаби рӯҳияти инсон ва одамият шинохтаанд. Дар ҳақиқат ин баҳои одилона аз таҷрибаи гузаштагони мо ҳосил шудааст. Аҷдоди мо дар давоми умри худ одаму ноодам, олиму ҷоҳилро бисёр дидаву фарқ кардаанд. Зарбулмасали машҳури «Олим шудан осон, одам шудан душвор» маҳсули таҷрибаи ҳазорсолаи мардум аст. Ин ҳикмат пеш аз ҳама ҷойгоҳи адабиётро дар инкишофи рӯҳияти инсон таъкид мекунад. Рӯҳияти солим асоси ҳастии инсон буда, инсон бе одамият ҳеҷ аст. Одамият бе фазилатҳои хос, бе маънавияту рӯҳияти комил тасаввур намешавад. Дастури миллии таълим ҳамин гуна мақсад дорад, ки рӯҳияти инсонро такмил дода, одами рӯҳан камолёфтаро барои кишвари соҳибистиқлол ба воя расонад. Аз ин нуқтаи назар ин дастур тарбияи рӯҳияти инсонро муҳим шуморида, таълиму тарбияи хонандагонро дар рӯҳи волои одаму одамгарӣ, ахлоқи нек ва одамият зарур медонад.

Мардуми мо аз қадим сифатҳои инсониро бо меъёри одамият андоза мекарданд. Одамӣ пеш аз он, ки соҳиби ягон касбу кор бошад, бояд аввал одам бошад. Фақат дар ҳамин ҳол кас метавонад мутахассиси ватандӯст ва сазовори бовару ифтихори волидайн ва Ватан шавад. Агар ҷавҳари одамият камол наёбад, рӯҳияту маънавият бой набошад, ҳеҷ

гуна ихтисосу донишмандӣ ва маҳорат наметавонад ба маънои аслии худ дар хизмати халқу Ватан бошад.

Инсони камолёфта бояд ҳам мутахассиси донову варзида ва ҳам инсони комил бошад. Вале, чунон ки аз таҷриба маълум мешавад, одам шудан ҳам кори осон нест. Ин мақсад фақат вақте муяссар мешавад, ки ҳам худи кас ва ҳам ҷомеа, мактабу маориф ва муаллимон баҳри иҷрои ин мақсад кӯшиш кунанду заҳмат кашанд. Дар ин замина адабиёт метавонад воситаи муҳим ва асосии таълиму тарбияи инсон бошад, шахсияти одамро камол бахшад, ӯро дар рӯҳияи одаму одамгарӣ ва ахлоқи нек тарбия намояд. Таълими адабиёт воситаест, ки дар вуҷуди хонанда ҳисси инсонӣ ва одамигариро устувор сохта, тасаввуроти ӯро оид ба вазифаи одамӣ ва мароми мақсади ӯ дар зиндагӣ васеъ месозад, маданияти маънавӣ ва рӯҳияти ӯро такмил мебахшад. Бо ҳамин мақсад дастури миллии таълим ҷараёни пурсамари гуманитарӣ сохтани таълимро дар мактабҳо асоси фаъолият қарор дода, баҳри иҷрои ин мақсад ба адабиёт ва осори бадеӣ ҷойгаҳи хос додааст. Пешрафти ҷамъият ва кишвари соҳибистиқлоламон бе тарбияи насли нави масъулиятшинос, хушахлоқ, донишманд ва инсонӣ намудани ҷамъият ғайриимкон аст. Истиқлолияти кишвар дар баробари тараққии тарзи давлатдорӣ, иқтисод, хоҷагидорӣ ва ғайра хоҳони инкишоф ва пешрафти рӯҳияти камолёфта ва ахлоқи нек низ мебошад. Рӯҳияти солим ва ахлоқи нек ҳамеша ва дар ҳар замону ҳар шароит воситаи пешрафти ҷамъият буду ҳаст. Ҳама гуна пешрафт бидуни устувор сохтани ғояҳои рӯҳию маънавӣ ва ахлоқӣ дар муҳити ҷомеа натиҷа нахоҳад дод, ки таҷрибаи ҳазорсолаи зиндагии инсоният ин ҳақиқатро исбот намудааст.

Дар рӯзгори мо адабиёт, таърих, забон, асосҳои санъати мусиқӣ, рассомӣ, меъморӣ ва театру кино барои тараққии асосҳои рӯҳият ва ахлоқи инсон воситаи муҳиманд. Шумо дар мактаб донишҳои гуногун меомӯзед. Албатта, ин донишҳо барои камолоти ҷавонон заруранд. Вале ҳеҷ вақт набояд фаромӯш кард, ки барои ташаккули симои маънавию ахлоқӣ ва рӯҳияти инсон дарси адабиёт ва осори бадеӣ мавқеи муҳим дорад. Дарси адабиёт, пеш аз ҳама дарси маънавият аст, вай ба мо одамиятро меомӯзонад. Муайян шудани симои инсонии шахс, одамияти ӯ ва масъулиятшиносии вай дар назди худу дигарон ва ватану аҳли он ба омӯхтани адабиёт ва фаҳмидани моҳияти осори бадеӣ вобаста мебошад. Агар одам илмҳои зиёдеро донаду пояи рӯҳониёту одамияти ӯ суст бошад, ӯ наметавонад инсони комил, яъне донову хушахлоқ бошад. Рӯҳияти суст ва бетарбия инсонро дар зиндагӣ комёб ва соҳибобрӯ

намесозад. Агар одам шудан аз фаро гирифтани дигар илму донишҳо душвор бошад ва адабиёт масъулияти тарбияи одаму одамгариро бар дӯш гирифта бошад, пас камарро дар омӯзиши ин фан сахттар бастан лозим меояд.

Шумо адабиёти гузаштаро хонда боварӣ ҳосил кардед, ки мероси гузаштагон асосҳои рӯҳияти инсонро ҳаматарафа ва хеле амиқ фаро гирифтаанд. Омӯзиши баҳафсалаи ин осор чашми шуморо ба баду нек кушод. Шумо ба моҳияти ахлоқи хубу бад як андоза сарфаҳм рафтед. Дар ҳама давру замон масъалаҳои ахлоқии инсон, моҳияти некиву бадӣ, симои ахлоқии одамизод ва пояҳои рӯҳияти вай ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи адибон ва мутафаккирони гузашта ва имрӯз қарор доштааст. Албатта, аҳамияти ин масъалаҳо дар рӯзгори мо зиёд шудааст, ки кам не. Бинобар ин ҳам масъулияти насли ҷавон дар назди имрӯз ва фардо хеле зиёд аст. Ин насл аз овони наврасӣ бояд дар сари масъалаҳое, ки ҳастии инсон ва пешрафти ҷомеаи солим ба он вобаста аст, андеша кунад. Донистани моҳияти некиву бадӣ, одамигариву ноодамӣ, наҷобату разолат, мақсади зиндагии инсон, худшиносии шахс, рӯҳияти баркамоли он дар давоми солҳо такмил меёбад ва мактабу дарси адабиёт дар ин роҳ роли бузург мебозанд.

Дастури нави таълим вазифа гузоштааст, ки мо аз фаҳмиши соддалавҳонаи адабиёт, эзоҳоти оддиву хушки осори гузаштаву имрӯза даст кашида, ба фаҳмидани асосҳои маънавию ҷамъиятии адабиёт, моҳияти эстетикии он ҳамчун санъати сухан диққат диҳем. Дар ин замина мо бояд ба моҳияти иҷтимоии осори бадеӣ ва савияи бадеии он диққат диҳем. Асарҳои аз ҷиҳати бадеӣ суст рӯҳияти инсонро ҳаматарафа наметавонанд такмил бахшанд. Беҳтарин ҳикоя, қисса, роман ва шеъру достон ба сари худ дунёи зебову нотакрор аст. Илова бар ин адабиёт, пеш аз ҳама илми одамшиносист. Адибон ба воситаи тасвири ҳаёти инсон, хусусият ва ахлоқу одоби ӯ ба хонандагон сабақи одаму одамгарӣ меомӯзанд. Илова ба ин чашми ӯро ба олами зебои муҳит, табиат ва расму оини мардум мекушоянд. Нависандагон ба воситаи асарҳо ҷаҳони хостаи худро, ки пур аз зебоиву одамият аст, меофаранд ва моро ба дарки ин ҷаҳон ва моҳияти хостаҳояшон даъват мекунанд. Мо бо сарнавишт ва хулқу хӯи одамони гуногун шинос шуда, аз амалу кирдори онҳо натиҷа мегирем, баду некро фарқ мекунем, қувваи зебоии адабиётро дарк карда, дар симои қаҳрамонони осори адибон қуввai ҷамъиятӣ ва созандаи асари бадеиро сарфаҳм меравем. Қаҳрамонони фаъоли адабиёт, талаби рӯзгорро амиқ идрок намуда, дар роҳи пешрафти ҷамъият

ҷонфидоёна кӯшиш мекунанд ва дар ҳалли мушкилоти ҳаёти инсон ва муҳити зист ибрат нишон медиҳанд, ба рӯҳи мо такон дода, моро ба фаъолиятҳои судбахш ва талошҳои фидокорона роҳнамоӣ мекунанд. Ҳама гуна қаҳрамонони адабиёт ба кас нерӯйи ҷисмониву маънавӣ, қатъияту ҷасорат ва фаъолиятмандӣ бахшида, касро ба имкониятҳои тоза муяссар месозад.

Адабиёт бо тасвири ҳамаҷонибаи инсон ва олами рӯҳияти ӯ ба фаъолияти ахлоқии аъзои ҷамъият, зинда кардани ҳофизаи таърихии халқ ва пешрафти ҳаёт ёрӣ мерасонад. Илова ба ин адабиёт рӯҳияти зебоиписандиро дар хонанда инкишоф дода, тарғибкунандаи ғояҳои зебоии ҳаёти моддӣ аст. Беҳтарин асарҳои бадеӣ мафтункунанда буда, ба завқи зебоиписандӣ ва ахлоқу одоби мо таъсири бемисл мерасонад ва хислатҳои ҳаётдӯстӣ, ватанхоҳӣ ва поквиҷдониро талқин мекунанд. Меҳру муҳаббатро ба зиндагӣ, ба инсону моҳияти зиндагии вай боло бурда имкон медиҳанд, ки шахс мавқеи худро дар зиндагӣ ва муҳити ҷомеа ба дурустӣ муайян кунад.

Осори хуби бадеӣ, хоҳ назм бошаду хоҳ наср, ба сари худ ҷаҳони зебо ва нотакрор аст. Моро мафтун сохта, ба рӯҳу дил қувват мебахшад, илҳомро саршор намуда, таъсири фавқулоддаи зебоии хушгувор мерасонад. Ба мо дар душвориҳои зиндагӣ сабру тамкин ато карда, кӯмак мекунад, ки мавқеамонро дар ҳаёт муайян кунем. Мо бо ҳавсала ва диққати тамом метавонем ин адабиётро омӯзем, ба беҳтарин намунаҳои он дил бандем, аз саргузашти қаҳрамонони фаъолу хушахлоқ ибрат гирем, аз бадӣ парҳез карда, зебоиро писандем. Ба ин восита рӯҳиятамонро дар заминаи арзишҳои олии ахлоқиву иҷтимоӣ ва моддии умумиинсонӣ, ки танҳо ба манфиати инсон мебошад ва ғояҳои ҳамзистии бехалалро дар ҷаҳони имрӯз ташвиқ мекунад, такмил бахшида, барои кишвари азиз ва соҳибистиқлол чун насли бофарҳанг, рӯҳияташ қавӣ, одаму одамшинос ва адолатпарвар ба воя расем. Бояд бидонем, ки пешрафти кишвар ва зиндагии мардуми он минбаъд дар дасти насли ҳушёр, доно, хушахлоқ ва корсозу чораҷӯст. Ин насл шумо ҳастед, ки бори масъулиятро дар назди имрӯзу фардои халқу Ватан бар дӯш доред.

# НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Адабиёти сифатан нави халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷику ӯзбек, ки дар роҳи худшиносии миллӣ ва истиқлолхоҳӣ қадаме ба пеш буд, давраи ибтидои асри бистро дар бар мегирад. Ин давра бо воқеаҳои сиёсӣ ва равишҳои тозаи адабӣ мавқеи хос дорад.

Аз ҷониби Россияи подшоҳӣ истило шудани Осиёи Марказӣ, ташкили корхонаҳои саноатӣ, сӯиистифода аз ашёи хоми кишварҳои ин минтақа ҳодисаҳои мусбат ва манфӣ дар пай дошт. Инкишофи саноат аз як тараф дараҷаи умумии иқтисодиёти ин минтақаро ба андозае боло бурда бошад ҳам, вале ба пешрафти сатҳи зиндагии мардум мусоидат накард. Доираҳои пешрафтаи ҷамъият, аз ҷумла зиёиён ҳамдастии золимонаи ҳукумати Рус ва Аморати Бухороро дар роҳи зулму тааддии заҳматкашон дарк карда, барои пешгирии он чораҳо меандешиданд.

Вазъи номусоиди кору зиндагӣ боиси ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои нави сиёсӣ ва фарҳангӣ гардид, ки дар заминаи онҳо адабиёти комилан нав ва таблиғгари худшиносии миллӣ ва истиқлолхоҳ ба миён омад. Ин адабиётро муҳаққиқони таърихи адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ бо номҳои адабиёти маорифпарварӣ ё худ адабиёти истиқлолхоҳ ёд мекунанд.

Заминаи пайдоиш ва ташаккули ин адабиёт аввалан вазъи сиёсию иҷтимоии минтақа бошад, сониян вуруд ва таъсири афкори пешқадами Аврупо ва рус ба ин кишварҳо буд. Махсусан ба Осиёи Марказӣ роҳ ёфтани матбуоти пешқадами Россия ва кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла нашрияҳои Ҳиндустону Афғонистон ва Эрон ба интишори афкори пешқадам мусоидат кард. Равшанфикрони Осиёи Марказӣ барои пешрафти ҳаёти маданӣ ва интишори афкори пешқадам худфидоӣ зоҳир мекарданд. Дар шаҳрҳои калонтарини Осиёи Марказӣ, монанди Тошканд, Самарқанд ва Бухоро нахустин чопхонаҳо таъсис ёфта, дар онҳо осори адибони гузаштаю муосир чоп мешуд. Осори адибони пешқадам Возеҳ, Афзалмахдум, рисолаи «Бадоеъулсаноеъ»-и Шоҳин, сафарномаи Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳфаи аҳли Бухоро», девонҳои Туғрал, Мирзо Ҳалими Самарқандӣ, Сипандии Самарқандӣ, Васлии Самарқандӣ ва ғайра маҳз дар чопхонаҳои ҳамин шаҳрҳо ба чоп расид. Илова ба ин дар шаҳрҳои Тошканду Самарқанд, Андиҷону Фарғона ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ рӯзномаву маҷаллаҳо чоп мешуд. Масалан дар Самарқанд рӯзномаву маҷаллаи «Оина» ва «Зарафшон», дар Бухоро рӯзномаи «Бухорои Шариф» ва ғайра нашр гардид.

Ҳарчанд мақсаду мароми ин рӯзномаву маҷаллаҳо гуногун буд, онҳо афкори пешқадамро нашр мекарданд ва ба ин восита барои дар байни мардум паҳн гардидани ғояҳои пешқадам ёрӣ мерасонданд. Қаламкашони равшанфикр, шоиру нависандагони миллатдӯст барои ба самти афкор ва ғояҳои нав ҷалб намудани таваҷҷӯҳи хонандаи давр ҷидду ҷаҳди тамом ба роҳ монданд. Илова ба нашрияҳои маҳаллӣ рӯзномаву маҷаллаҳои дигар, монанди «Ҳаблулматин» («Риштаи қавӣ»), «Чеҳранамо», «Вакт», «Тарҷумон» ва ғайра низ, ки дар Ҳиндустон, Миср, Оренбург ва Боғчасарои Қрим чоп мегардиданд, дар байни аҳли саводи Осиёи Марказӣ паҳн карда мешуданд. Ба воситаи ин нашрияҳо мардум аввалан аз воқеияти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию мадании кишварҳои дигар хабардор шуда, сониян вазъи мушобеҳи онро бо ғафлатзадагӣ, ақибмондагии Аморати Бухоро қиёс мекарданд, ки ин худшиносиро дар зеҳни мардум ва аҳли қалам тақвият мебахшид.

Ба Осиёи Марказӣ ворид шудани забони русӣ ва ошноии табақаҳои мухталиф бо он, аз омилҳои муҳиме буд, ки ба рушди афкори пешқадам мусоидат кард. Натиҷаи муҳим ва судманди ин ҳодиса он буд, ки иштиёқи аҳли илму адабро ба таърих, гузаштаи пурифтихори худ тақвият дода, ҳисси миллӣ ва ватанпарвариро, ки дар тӯли асрҳо зери таъсири мафкураи мазҳабӣ аз байн рафта буд, фузун намуд. Омили дигаре, ки ба пешрафти ҳаёти фарҳангӣ таъсири бафайз расонд, таъсиси мактабҳои усули нав буд. Усули таълими ин мактабҳо ба омӯзиши илмҳои дунявӣ ва динӣ асос меёфт. Яъне, дар ин мактабҳо асосан илмҳое омӯхта мешуд, ки барои зиндагӣ ва ҳаёти инсон манфиатовар буданд. Китобҳои дарсии ин мактабҳо низ бо тарзи нав навишта шуда, дар онҳо бештар шеъру ҳикояҳое ҷо дода мешуданд, ки мазмуни ахлоқӣ дошта, хонандаро дар рӯҳияи одаму одамгарӣ ва кордониву хушахлоқӣ тарбия менамуданд. Ҳамаи ин омилҳо заминае гардид, ки дар оғози садаи бист дар Осиёи Марказӣ адабиёти аз назари шаклу ғоя наву пешқадам, адабиёти маорифпарварӣ ё худ истиқлолхоҳ ба вуҷуд омад.

Равиши асосии ин адабиёт тарғибу ташвиқи мактабу маориф ва илму дониш буд. Илова ба ин, дар осори адибони ин давр рӯҳияи худшиносии миллӣ ва мазҳабӣ хеле амиқ ифода меёфт. Донишманди маъруфи ин давр Шарифҷон махдуми Садри Зиё, Тошхоҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Нақибхони Туғрал, Абдураҳмони Тамкин, баъдтар Беҳбудию Фитрат анъанаҳои адабии Аҳмади Донишро тақвият бахшида, мавзӯъҳои танқиди иллатҳои иҷтимоии давр, шикоят аз беқадрии аҳли илму ҳунар, мазаммати зулму ситам ва беадолатии замондорон,

коҳиши уламои ҷоҳил ва мутаассиб, танқиди ахлоқи разили аҳли дарборро дар сатҳ ва равиши нав идома доданд. Ҳарчанд аксари адибони он давр пайрави сабки суннатӣ буданд, вале соддданависӣ ва равшанбаёнӣ дар назму насри давра торафт мавқеи устувор пайдо мекард. Махсусан забони наср хеле содда гардида, аз такаллуфоти каммоя то андозае озод гардид.

Яке аз хусусиятҳои умдаи адабиёти ин давр дар он буд, ки баъзе аз намояндагони он, аз ҷумла Беҳбудӣ, Фитрат, Аҷзӣ ба ду забон – забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ асарҳо менавиштанд ва осори онҳо мутааллиқ ба ҳар ду адабиёт аст.

Ба ин маънӣ, дар ин давр ҷараёни нави адабие ба вуҷуд омад, ки дар он пешрафтҳои фарҳангӣ ва афкори зиёиёни пешқадам ифода ёфт. Ин адабиёт дар роҳи таблиғи мактабу маориф, илму дониш ва махсусан худшиносии миллӣ саҳми бузург дошт. Бесабаб набуд, ки дар эҷодиёти адибони ин давр ин ду мавзӯъ мавқеи асосӣ дошт.

Ҳамин тариқ, бисёре аз адибони ин давра аввалин роҳпаймоён дар роҳи худшиносии маънавӣ ва миллӣ буданд. Онҳо моро ба саргаҳи худогоҳӣ ва худшиносӣ мебаранд, ки дар ин замина дар қатори дигарон хидматҳои адабии Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдурауф Фитрат, Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ беназир аст.

Охири асри нуздаҳ ва ибтидои асри бист дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна ҳамчун арафаи эҳёи миллӣ маънидод шудааст. Дар замоне, ки ноумедии таърихӣ халқҳои ин минтақаро фаро гирифта буд, равшангарон (маорифпарварон) ба майдон омаданд. Онҳо ба пешвозиояндаи неке, баъзеҳо ҳатто ба пешвози эҳёи миллӣ камар баста буданд ва мехостанд фикрҳоро ба ҷавлон оварда, фардои таърихиро таҳрезӣ кунанд.

Маорифпарварон асосҳои маънавию ахлоқии ҷомеа ва фардои онро тарҳрезӣ карда, ба поярезии илмию назарии як эҳёи миллӣ талош менамуданд. Аз ин ҷиҳат диққати онҳо ба оянда нигаронида шуда буд. Дар ташаккул ва пешарафти адабиёти маорифпарварӣ ва давраи бедории миллӣ нақши Аҳмади Дониш бузург аст. Аҳмади Дониш ба воқеъияти пурфоҷеаи иҷтимоӣ ва маънавии аморати Бухоро бо назари танқидӣ нигариста, моҳияти зиддиинсонии онро дар осораш фош мекунад. Вай бо чашми худ дида буд, ки «умури миллатию давлатӣ ихтилофи куллӣ ёфта, осудагӣ аз миёни фуқаро канора гирифт» ва ҳоли кишвар аз «амирони ҷоҳил ва олимону сипоҳиёни гумроҳи ғофил» ба вайронӣ кашид. Табиист, ки Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ наметавонистанд бо ин ҳол муросо кунанд.

Бинобар ин ҳам ғояи маорифпарварӣ ва танқиду мазаммати сохти ҳукумати амирони манғитияи Бухоро асоси фаъолияти адабӣ ва иҷтимоии Аҳмади Дониш ва пайравони вайро ташкил медод.

Маорифпарварон бо сарварии Аҳмади Дониш тарзи ҳукумати золимонаи аморати Бухороро сахт танқид карда, ин тарзи давлатдориро омили бадбахтӣ, фалокат ва ақибмондагии халқу кишвар медонистанд. Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ»-аш усули ислоҳоти низоми давлатдории амириро пешниҳод намуд ва ин ислоҳот мебоист аз боло оғоз мешуд ва подшоҳи равшанфикрро сари кор меовард. Ин ислоҳотхоҳи бузург ба ин натиҷа расида буд, ки то вақте тамоми сохтори давлатӣ ва фармонравоёни он ба зӯриву золимӣ машғул нашаванд, барқарории адолати иҷтимоию беҳбудии зиндагии мардум муяссар намешавад.

Адибони маорифпарвар ба истибдод ва сохти пӯсидаи аморат нафрати беандоза доштанд. Ақибмондагии сохти давлатдорӣ боиси зуҳури ин ҷараён гардид, ки саромадони он Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин ва Савдо буданд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маорифпарварон аз ақибмондагии фарҳангии ҷомеа ва ҷаҳлу бесаводӣ сахт норозӣ буданд. Онон талабманди беҳбудии вазъи зиндагии мардум, адолати иҷтимоӣ ва рафъи зулму ситами мансабдорони давлатӣ нисбат ба мардум буданд. Маорифпарварон бар ин ақида буданд, ки барои дастгирӣ аз миллат ва ҳимоят аз он бояд омӯзишу парваришро ривоҷ дод, то мардум аз хоби ғафлат бедор шаванд ва зиндагии шарофатмандонае дошта бошанд ва бо саъю кӯшиши худ осудагӣ ва саодати ҳақиқии худро соҳиб шаванд.

Аҳмади Дониш дар осораш, ба хусус дар «Наводир-ул-вақоеъ» масъалаҳои муҳими иҷтимоиро ба миён гузошта, тағйири ақоиди кӯҳна ва беасосро матраҳ кардааст.

Аз назари динӣ маорифпарварон аз ҷаҳолати олимони дин норозӣ буданд. Аҳмади Дониш, Савдо, Шоҳин, Ҳайрат ва сонитар Фитрат ва Айнӣ талоши худро дар роҳи ислоҳи ин вазъият сарф карданд. Маорифпарварон Бухорои ақибмондаро бо Аврупо ва Русия қиёс карда, дилбастагии хешро ба пешрафти зиндагӣ ошкоро баён мекарданд.

Ҷараёни маорифпарварӣ, ки аз Аҳмади Дониш шурӯъ шуда буд, ба василаи шогирдону пайравони ӯ идома ёфт. Онҳо дар муҳити ваҳшатноки аморати Бухоро ва дар авҷи хафақону истибдод барои расидан ба ормонҳои инсонии худ кӯшиш карданд. Амиру дарбориён ва олимони дарборӣ маорифпарваронро дар байни мардум бадном мекар-

данд ва онҳоро бедину кофир муаррифӣ менамуданд. Бо вуҷуди ин афкори тоза ба дили мардум роҳ меёфт ва дар ибтидои асри бист рушди бештаре ёфт.

Маорифпарварони тоҷик дар ибтидои садаи бистум, ба хусус бо маорифпарварони ӯзбек ҳамбастагии ногусастанӣ доштанд. Азбаски ин ду халқ ҳамзистии дурударози таърихӣ доранд, муборизаи озодихоҳии миллӣ ва ҷунбиши тараққипарваронаи онҳо низ аз ҳам ҷудо набуд, балки бо ҳам робитаи қавӣ дошт. Чанде аз маорифпарварони тоҷик баъдтар ба узбекӣ низ асар эҷод намуданд ва имрӯз Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон намояндагони адабиёти ӯзбек низ ба шумор мераванд.

Адибони маорифпарвар амалан адабиёти нави тоҷикиро асос гузоштанд, ки дар шаклу мазмун нав буд. Ин роҳу шеваи нигоришро бори нахуст Аҳмади Дониш оғоз кард. Ба қавли устод Айнӣ, ҳарчанд забон ва баёни Дониш барои имрӯзиён хеле мушкил аст, аммо барои замони худаш иқдоми ҷиддӣ ва муҳим дар тағйир додани сабки нигориши насри илмию адабӣ ба шумор меомад.

Аммо вазъият бо вуруди Садриддин Айнӣ, Садри Зиё, Мирзоазими Сомӣ ва Фитрат ба майдон дигаргун шуд. Афкори маорифпарварӣ дар алоқамандӣ бо шароити таърихӣ (равобити наздики аморати Бухоро бо кишварҳои дигар, ба хусус Русия ва Туркия) ва ривоҷи ҳаракатҳоиислоҳиёна ва инқилобӣ дар Шарқ (Русия, Эрон, Туркия) сабаб гардид, ки андешаҳои ислоҳгарой ва озодӣ то андозае муайян шуда, миёни мардуми ҳушёр роиҷ гардад ва заминае барои иқдомҳои амалии навҷӯёнаи иҷтимоию фарҳангӣ шавад.

# СИДДИҚИИ АҶЗӢ

## (1864—1927)

Саид Аҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ аз зумраи маорифпарварон ва равшанфикрони ибтидои асри XX аст. Вай дар баробари Тошхоҷа Асирӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдурауф Фитрат, Мирзо Сироҷ, устод Айнӣ дар бедории мардум ҳиссаи арзанда дорад.

Айнӣ арзиши бузурги ғоявию бадеии осори Аҷзиро дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин ба қалам додааст: «Ин абёт (яъне осори Аҷзӣ) ҳама интибоҳӣ ва танбеҳӣ аст, агар авроқи ин маҷмӯа тангӣ намекард, ҳар байтеро ба сафҳае шарҳ додан лозим меомад, хонандагони гиромӣ зинҳор, ки сарсарӣ нагузаранд».

Саид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ яке аз барҷастатарин маорифпарварони фидокори тоҷик дар оғози садаи бист аст. Саид Аҳмадхоҷа Ҳасанхоҷаев Сиддиқии мутахаллис ба Аҷзӣ соли 1864 дар гузари Ёмини шаҳри Самарқанд дар оилаи бофанда таваллуд ёфтааст. Падараш Ҳасанхоҷа қаламбофи камбағале буд, ки рӯзгузаронии оилаи худро, ки аз як писару духтар ва модари онҳо иборат буд, бо машаққати зиёде таъмин мекард. Вале дере нагузашта, дар соли 1869 Саид Аҳмади панҷсола аз падар маҳрум монд ва тарбияи ӯро бобои падариаш ба ӯҳда гирифт. Модараш шабу рӯз ресмонбофӣ карда ба тарбияи фарзандаш ёрӣ мерасонд. Саид Аҳмад дар назди зани тағоияш, ки мактабдорӣ мекард, ба таҳсили ибтидоӣ оғоз кард ва зуд хатту савод баровард. Баътар модараш Саид Аҳмадро назди Мирзо Абдулқайюм ном соатсоз шогирд гузошт ва ин касбро омӯхт ва дар синни 11–12-солагӣ ба ҳаёти мустақилона қадам гузошт.

Саид Аҳмад чун донист, ки бо касби соатсозӣ рӯзаш намегузарад, касби падараш – қаламибофиро низ аз худ кард. Ҳунарҳои соатсозӣ, бофандагӣ, кафшдӯзӣ, дӯзандагӣ (ҷомадӯзӣ), хаттотӣ, мӯҳрканӣ, шикор, заргарӣ, наққошӣ, деҳқонӣ, навозандагӣ («Шашмақом»)-ро нағз аз худ карда бошад ҳам, вале зиндагиаш бо мушкилӣ мегузашт. Ҳарчанд Саид Аҳмад зиндагии душворе дошт, вале бисёр мехост дар мадраса таҳсил намояд. Бинобар ин тахминан дар 17–18-солагиаш ба мадраса дохил мешавад. Вале аз тарзи таълими мадраса ихлоси шоир гашта, ниҳоят мадрасаро тарк мекунад ва ба худомӯзӣ машғул мешавад.

Баътар ба Хатарчӣ рафта, дар назди қозии он ҷо мирзо мешавад. Вале аз мирзогӣ низ шароити зиндагиаш беҳ намешавад ва дар соли 1887 ба Бухоро рафта, ба заргарӣ машғул мешавад. Дар вақти дар Бухоро зистанаш бо шоирон ва равшанфикрони он ҷо шинос шуда, бо маслиҳати онҳо ба навиштани шеърҳои ишқӣ сар мекунад. Баъди ду соли зиндагӣ дар Бухоро ба сабаби душвориҳои зиндагӣ боз ба Самарқанд бармегардад.

Ба ин тартиб, Аҷзӣ то 25–26 солагӣ душвориҳои зиндагиро аз сар гузаронида, бо аҳволи табақаҳои гуногуни мардум ошно мешавад. Дар ҳамин айём тадриҷан ақидаҳои иҷтимоии ӯ ташаккул меёбанд. Дар ин давра ба рӯзномаҳои «Сури Исрофил», «Чеҳраннамо», «Танин», «Эрони нав», маҷаллаҳои «Сиротул мустақим», «Шӯро», «Мулло Насриддин» ва ғайра ошноӣ пайдо мекунад, ки ба ҷаҳонбинии ӯ таъсири мусбат мерасонанд. Ин матбуоти ҷаҳонӣ барои дарки моҳияти бисёр воқеаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ, ки дар Осиёи Миёна рӯй медоданд, ба ӯ ёрӣ мерасонданд. Ин аст, ки Аҷзӣ чун дигар рафшанфикрони ҳамзамонаш ба роҳи маорифпарварӣ қадам мениҳад. Хулосаи вай дар ин замина ин буд, ки инсон танҳо бо роҳи азхудкунии донишҳои дунявӣ ва техника ва ба ҳаёт татбиқ намудани он метавонад аз мӯҳтоҷӣ раҳоӣ ёбад ва ба зиндагии шарофатмандонае соҳиб шавад. Вай ҷаҳолат ва хурофотро душмани асосии инсон ва омили бадбахтиҳои ӯ медонад. Шоири навхоҳ барои азхудкунии илму дин ва техника омӯхтан ва донистани забони русиро муҳим медонад ва худаш низ ин забонро меомӯзад. Барои омӯхтани забони русӣ ду муаллими рус, ки дар Самарқанд зиндагӣ мекарданд, ёрӣ мерасонанд. Баъди азхудкунии забони русӣ вай тадриҷан геометрия, астрономия, география, физика, табиатшиносӣ, таърихи Русия ва Ғарбро низ меомӯзад. Дар ҳамин айём бо намунаҳои адабиёти рус низ ошно ва дар дилаш хоҳиши саёҳат ба мамлакатҳои ҷаҳон пайдо мешавад.

Дар соли 1901 боғи меросии падарашро воқеъ дар деҳаи Тӯпқайрағоч фурӯхта ба ҳаҷ меравад. Дар роҳи сафари ҳаҷ муддате дар Ҷидда, дар Консулхонаи Русия тарҷумонӣ мекунад. Дар роҳи бозгашт шаҳри Одессаро зиёрат карда, баъд Маскав ва Петербургро низ тамошо мекунад.

Дар роҳи бозгашт Тифлис ва Бокуро зиёрат карда, дар Тифлис бо Ҷалил Мамадқулизода, ки дар идораи рӯзномаи «Шарқи рус» кор мекард ва баъдтар муҳарририи маҷаллаи «Мулло Насриддин»-ро бар ӯҳда дошт, ошно мегардад. Таъсири ин сафар ба Аҷзӣ ба андозае будааст, ки

баъди бозгашташ ба туркии усмонӣ ва озарӣ ба шеъргӯӣ оғоз мениҳад. Маҷмӯаи «Айнул адаб»-и шоир асосан аз шеърҳои туркӣ иборатанд.

Баъди бозгашт аз сафар Аҷзӣ дар соли 1904 дар деҳаи Ҳалвоӣ мактаби русӣ мекушояд. Вале ин мактаб фаъолияташро дер давом дода натавонист ва зери фишори рӯҳониёни мутаассиб баста шуд. Баъдтар вай талошҳои зиёд карда, бо дастгирии генерал-губернатори Русия мактаби маҳаллии русӣ мекушояд ва худаш дар он аз забони русӣ дарс мегӯяд.

Аҷзӣ бо ин қаноат накарда, баъд аз Инқилоби соли 1905 фаъолияти маорифпарвариашро инкишоф дода, мактаби шабона мекушояд ва ба бисёре аз рӯзномаҳову маҷаллаҳои русӣ, ӯзбекиву озарӣ ва туркӣ обуна шуда, мардумро аз мазмуни онҳо хабардор мекунад.

Маҳз дар ҳамин давра шоир шеърҳои ошиқонаи худро сӯзонда, ба навиштани шеърҳои иҷтимоии ватандӯстона шурӯъ мекунад. Дар шеъргӯӣ аз сабки бедилӣ даст кашида, ба содданависӣ мегузарад. Адабиёти русро низ бо ҳавсалаи том омӯхта, баъзе намунаҳои он, аз ҷумла «Шинел»-и Гогол, «Шикор»-и Тургеневро ба забони тоҷикӣ тарҷума мекунад. Дар ҳамин давра дар пайравӣ ба ҳикояи зикршудаи Тургенев ба номи «Шикор» ҳикояе менависад ва дар он ҳаёти шикорчиён ва шикори ҳайвонотро тасвир мекунад.

Баъдтар Аҷзӣ достонҳои «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ»-ро эҷод кард, ки андешаҳо ва ормонҳои навхоҳиро ифода мекарданд. Ин ду достон дар он солҳо миёни мардум маҳбубияти хос доштанд. Баътар, дар солҳои 1914–1915 маҷмӯаҳои Аҷзӣ бо номи «Ганҷинаи ҳикмат» ва «Айнул адаб» чоп шуданд, ки низ чун асарҳои навмазмуни ватандӯстонаи маорифпарварона шӯҳрат ёфтанд.

Баъд аз нашр достонҳои шоирро ҳукумати вақт таъқиб мекунад. Кинаву адовати рӯҳониён ба шоир зиёд мешавад. Ҳатто кор ба ҷое мерасад, ки ӯро кофир эълон мекунанд. Аҷзӣ баъд аз воқеаи такфир ба номи «Дар ҷавоби такфиркунандагон» чанд рубоӣ менависад, ки яке аз онҳо чунин садо медиҳад:

Умрест ба ростӣ сабақ мехонам,
Олӣ дурусе дар ин варақ мехонам,
Аз ҳақгӯӣ забон кашидан куфр аст,
То ҷон дорам, каломи ҳақ мехонам.

Баъди инқилоби Октябр Аҷзӣ дар идораҳои ҳукумати нав ба сифати тарҷумон ва муаллим кор карда, ниҳоят соли 1927 ин дунёро тарк мегӯяд.

**Савол ва супориш:**

1. Аҷзӣ дар чӣ рӯзгоре зиндагӣ кардааст?
2. Даврони бачагиаш чӣ гуна гузаштааст?
3. Кӣ дар тарбияи ӯ саҳм гузоштааст?
4. Аҷзӣ кадом касбҳоро аз худ кардааст?
5. Асарҳои Аҷзӣ кадомҳоянд?
6. Моҳияти маорифпарварии достони «Миръоти ибрат» дар чист?
7. Назари навхоҳии Аҷзиро шарҳ диҳед.

## «МИРЪОТИ ИБРАТ»

*(порча)*

Ба ногаҳ пешам омад марди пире,
На марди пир, пири дастгире.
Гирифт аз дастам он пири хирадманд,
Хабар пурсид аз аҳволи ман чанд.
Ман он оинаи ҳайратфурӯшам,
На ҳис аз ман хабар дорад, на ҳушам.
Вале дар гӯшам овозаш асар кард,
Маро аз будани худ бохабар кард,
Ба истифсори аҳволам бипардохт,
Саволе чанд аз мобайн андохт.
Бигуфто, к-аз куҷо ин ҷо расидӣ?
Куҷо будӣ, куҷо ҳастӣ, чӣ дидӣ?
Шудам аз илтифоти пир хушҳол,
Гирифтам доманаш бӯсида дарҳол.
Ба ӯ гуфтам, ки эй Пири хирадманд,
Манам аз ҷумла фарзанди Самарқанд.
Намедонам ки чун ин ҷо расидам,
Малак овард ё девон, надидам.
Гумонам, мурдаам, ҳақ карда раҳмат,
Расондандам дар ин гулзори ҷаннат.
Лаби ӯ гашт даме майли табассум,
Забон зад нағмаи тори такаллум.
Равон бигрифта моро сӯйи хона,
Шудем он Пиру ман дар деҳ равона.
Бигуфт: эй раҳнаварди дашти ғурбат,
Биё, бо ман даме созем сӯҳбат.

Гиреҳ аз ӯқдаи гуфтор бикшой!
Рухи мақсад кушо, аз парда бинмой!
Зи олам ҳар чӣ медонӣ, аён кун!
Зи аҳволи Самарқандам баён кун!
Кушодам лаб ба тавсифи Самарқанд,
Бигуфтам, к-он бувад фирдавсмонанд.
Агар гӯям: зи хокаш ҷон бирӯяд,
Касе натвон, ки каззобам бигӯяд.
Ҳавояш чун Димишқ, обаш чу Нил аст,
Канори шаҳр наҳр андар се мил аст.
Зи се ҷо қалъаи кӯҳаш қариб аст,
Гиёҳаш турфа, гулҳояш аҷиб аст.
Дарахтонаш кашида қад ба боло,
Бирезад теғи баргаш хуни савдо.
Ревоҷи зери сангаш дар баҳорон,
Зи зери санг берун карда домон.
Шикаст оварда дар бозори савдо,
В-аз он майдони лему монда бар ҷо.
Хиромон ҳар тараф кабки ҳилолаш,
Хурӯшон чашмаҳо з-оби зулолаш.
Ба ҳар ҷо хели оҳу дар чаридан,
Зи ҳар ҷо навъи мурғон дар паридан.
Даруни қалъа халқи бешуморе,
Ба ҳар ҷо наҳрҳои об ҷорӣ.
Зи ҳар миллат дар он ҷо ҳаст пайдо,
Мусулмону яҳуду габру тарсо.
Мадорисҳо бинои оли Темур,
Мусаффо, муҷҷало чун ҷоми фағфур.
Ва кошиҳои он олибиноро,
Ба кор оварда минои Хиторо.
Чунин дорулфунун ин ҷо чаҳор аст,
Вале кӯчак мадорис бешумор аст.
Халоиқ андар ин ҷо ду забонанд,
Дуи дигар ба кор, аммо наронанд:
Ба туркӣ, форсӣ созанд гуфтор,
Бузургу кӯчаку баққолу туҷҷор.
Дуи дигар ки гуфтам гар бидонӣ,
Барои ӯст лафзи тарҷумонӣ:
Яке лафзи араб бошад бари дин,
Дигар лафзи ҳукумат – русӣ аст ин.

# МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ

## (1877—1914)

Мирзо Сироҷ ибни Ҳоҷӣ Абдурауф (Мирзо Хурдов) дар соли 1877 дар шаҳри Бухоро ба дунё меояд. Ҳамчунонки худи ӯ дар муқаддимаи асараш «Туҳафи аҳли Бухоро» нақл мекунад, дар синни панҷсолагӣ ба мактаб рафта, то даҳсолагӣ хату савод бароварда, баъд дар назди муаллими хусусӣ дар хона ба мутолиаи китобҳои оид ба ахлоқ, таърих, ашъор, луғати арабӣ ва ғайра машғул мешавад. Сипас бо супориши падараш дар дӯкони саррофӣ ба тиҷорат машғул гардидааст. Вале аз ёддоштҳояш бармеояд, ки ӯ бештар ба хондан ва навиштан майл дошта, хат ва забони русиро низ омӯхтаву ёд гирифта, забони туркиро низ медонистааст. Забони фаронсавиро низ омӯхта, вале бо он гуфтугӯ карда наметавонистааст. Мирзо Сироҷ аз оғоз шеър ҳам мегуфтааст.

Аз тарҷумаи ҳолаш маълум мешавад, ки Мирзо Сироҷ, пеш аз ҳама, шахси олим, шоир, нависанда ва озодфикр буда, саррофӣ касби падарӣ, тоҷирӣ машғулияти рӯзгузаронии ӯ будааст.

Вай пас аз ба тӯҳмат гирифтор шудан ва муддате дар ҳабсхонаи қушбегии Бухоро нишастан корҳои тиҷоратро тарк карда, ба саёҳати Аврупо меравад. Вай дар байни солҳои 1902–1909 се бор ба Аврупо ва Русия сафар карда, ҳамчунин Туркия, Эрон, Ҳиндустон ва Афғонистонро низ зиёрат мекунад. Ҳангоми дар Теҳрон будан касби табибиро омӯхта, диплом низ мегирад.

Баъди сафар дар шаҳри Бухоро истиқомат карда, бо усули нави аврупоӣ ба табобати халқ машғул шудааст. Дар Бухоро бо лақаби Мирхон ва дар Эрону Афғонистон бо лақаби Собир машҳур будааст. Вай дар ёддоштҳояш нақл мекунад, ки шаш сол дар Эрон ва Мозандарон ба табобати мардум машғул будааст.

Мирзо Сироҷ дорои хислатҳои неки одамӣ буда, ҳамеша ёру ёвари мардуми оддӣ будааст. Дар ин боб худаш менависад: «Бо тамоми мардуми Сабзавор дӯстӣ ва улфат пайдо карда будам... Аксари мардуми шаҳр бо банда омадурафт доштанд». Вай дар асарҳояш зулму золимиро танқид карда, халқро ҳимоят мекунад.

Ин адиби нуктасанҷ ва тараққихоҳ дар моҳи январи соли 1914 дар синни 37-солагӣ дунёро тарк мегӯяд. Устод Айнӣ дар марги Мирзо Сироҷ марсияи ҷонсӯзе гуфтааст, ки бо байти зер сар мешавад:

Оҳ, сад оҳ, ки барбаст абадӣ роҳи сафар,
Аз Бухоро сӯйи фирдавс яке донишвар.

Дар байни маорифпарварони ибтидои асри XX Мирзо Сироҷ аз ҷумлаи шахсони намоён аст. Вай дар навъҳои адабии назм, наср ва сафарнома асар эҷод намудааст. Дар рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» оид ба масъалаҳои тиб мақолаҳо низ чоп кардааст.

Шеърҳои ӯ аз ҷиҳати мавзӯъ ва тарзи баён тоза буда, усули кӯҳнаи эҷоди шеър барояш нописанд будааст. Вай шеърҳои навҷӯёнае гуфта, услуби кӯҳна ва муғлақбаёниро танқид мекунад ва шоиронро ба соддагӣ даъват мекунад.

Шоир дар шеърҳои «Абёт», «Ҷавоби мутоиба» ва «Ҷавоб» андешаҳои маорифпарварӣ, навҷӯӣ, ватандӯстиро баён карда, шоирони кӯҳнапарастро зери тозиёнаи танқид мегирад. Вай аз забони булбули нав – дунёи нав сухан ронда, одамони ғафлатзадаро ба бедорӣ даъват мекунад:

Булбул саҳарӣ ба нолаи зор,
Мекард фиғон ба тарфи гулзор.
К-эй бехабарон баҳор омад,
Фасли гулу лолазор омад,
Аз мастии худ шавед ҳушёр!
Хезед, ки оламест бедор!

То чанд ба хоби маст бошед?
Танпарвару худпараст бошед?
Олам шуда сар ба сар гулистон,
Ҳастед шумо миёни зиндон,
Хезед, ки оламест бедор!

Мирзо Сироҷ ашъори маорифпарварона, аз ҷумла манзумаи «Ёд бод»-ро эҷод карда, дар он масъалаҳои ифтихор аз гузаштаи ватан, шикоят аз нодониву ҷаҳолат, норозигӣ аз тобеъият ба кишварҳои дигар, тарғиби илму маданияти Аврупо – Русияро ба миён мегузорад.

Мирзо Сироҷ бо вуҷуди шоири хуб будан, дар таърихи адабиёт бо асари худ «Туҳафи аҳли Бухоро» машҳур шудааст. Ин асари ӯ сафарномаи оддӣ набуда, андешаҳо ва назари танқидии ӯро нисбат ба воқеиятҳои замонаш дар бар мегирад. Вай бо тасвири воқеияти зиндагии мардуми кишварҳои гуногун масъалаи пешрафт ва хидмати хо-

лисонаю содиқонаро ба мардум ба миён мегузорад. Саёҳат ва сафари кишварҳои дигар барояш оинаи ибрат аст ва бисёр мехоҳад хонандаи китобаш низ аз навиштаҳои вай панди худсозӣ гирад, ба пешрафт ва тараққӣ дил бандад. Дар шароити тираи Бухорои он замон ба чунин хулосаҳо расидан фидокории хосро тақозо мекард.

Мирзо Сироҷ дар сафарномааш ба русҳо ва Русия муҳаббат дорад. Ҳар ҷо дар бораи русҳо сухан меронад, аз ободӣ гап мезанад. Вазъи Осиёи Миёнаро бо кишварҳои дигар муқоиса карда, аз ақибмондагии сарзаминаш таассуф мехӯрад. Шаҳри Самарқандро бо шаҳрҳои Русия қиёс карда, аз ҷумла менависад: «Иморати он ба тарзи Машриқзамин сохта шудааст. Аксари ҷойҳои он сарвоз ва бисёр танг аст. Ҷӯйҳоро ба зудӣ танқия (тоза) ҳам намекунанд. Аз ин сабаб обаш қадре касиф (ифлос) аст... Вале шаҳри тозае, ки русон сохтаанд, бисёр шаҳри муаззам ва обод аст».

Адиби нуктасанҷ бо ёддоштҳои пурҳикматаш роҳи наҷот ва пешрафтро ба халқаш боз менамояд. Вай мактабҳои Берлинро аз назар гузаронида, ба ҳоли Бухоро ва мактабҳои он дилаш месӯзад ва бо алам менависад: «Банда вақте ин вазъро мушоҳида намудам, фавран мактабҳои худи мо, рӯйи бурёпора нишастан ва тахтаҳои касиф ва муаллимони бесаводи мо, ки мисли мири ғазаб ба атфол муомила мекарданд, ба ёдам расида, беихтиёр ашки ҳасрату рашк аз дида рехта гуфтам: «туфу бар ту, эй чархи гардун, туфу, ки мо исломро хор кардем, хор шудем».

Нависанда мафтуни тарзи таълиму тарбия ва маданияти пешрафтаи Ғарб буда, аз ҳамин мавқеъ образи мардону занони мусбати он диёрро меофарад, онҳоро тавсиф карда, рафтор ва кирдорашонро намунаи ибрат медонад.

Мирзо Сироҷ яке аз василаҳои пешрафт ва тараққии кишварҳои Аврупоро дар ривоҷи касбу ҳунар ва омӯзишҳои ҳунарӣ мебинад. Ҳунарро василаи аслии осудаҳолии мардуми Аврупо дониста, вазъи Афғонистонро ба муқоиса ва таҳлил мегирад.

Нависанда ахлоқи ҳаммилатонашро бо мардуми Аврупо муқоиса карда, разолатҳои ахлоқии ҳамзамононашро аз бемаданиятӣ ва ақибмондагӣ медонад. Дар ин замина ахлоқи мардуми Швейсарияро муқоиса карда, ба ростӣ ва дурустии онҳо мафтун ва тақаллуб, дурӯғ ва фиреби ҳамватанонашро боиси хору залилӣ мешиносад.

Аз таълифи ин асари Мирзо Сироҷ солҳои зиёде гузашта бошад ҳам, он имрӯз низ ҳамчунон пураҳмият боқӣ мемонад ва роҳи зиндагии босаодатро ба хонанда нишон медиҳад.

## Ёд бод

*(порча аз манзума)*

Ёд бод, эй дил, ки мо ҳам обрӯе доштем,
Дар гулистони тамаддун рангубӯе доштем.
Солу моҳи саъду айёми накӯе доштем,
Дар тараққӣ ҷидду ҷаҳду ҷустуҷӯе доштем.
Доимо будем мо дар тавсани давлат савор,
Эмин аз қайди замону аз ҷафои рӯзгор.
Ҷаҳлу нодонӣ бубин акнун аз он авҷу камол,
Бар замин андохт морову намудаш поймол.
Рафт аз каф илму фазлу донишу иқболу мол,
Мондаем акнун парешону забуну гунгу лол.
Орзуҳо ҷумлагӣ гашта ба маъюсӣ бадал,
Дода селоби ҷаҳолат бар бинои мо халал.

**Савол ва супориш:**

1. Мирзо Сироҷи Ҳаким дар кадом шаҳр таваллуд ва тарбият ёфтааст?
2. Дар чӣ гуна муҳите таҳсил кардааст?
3. Кадом забонҳоро аз худ намудааст?
4. Дар кадом навъҳои адабӣ асар эҷод кардааст?
5. Шеър дар эҷодиёти ӯ чӣ мақом дорад?
6. Ақидаҳои маорифпарварии вай дар кадом асараш ифода шудаанд?
7. Порчаро хонда андешаатонро оид ба ақидаҳои тараққихоҳонаи Мирзо Сироҷ баён кунед.

**Тавсан** – аспи ҷавони ромнашуда, аспи саркаш.



# ТОШХОҶАИ АСИРӢ

## (1864 (65)—1915)

Шоири равшанбин Тошхоҷаи Асирӣ дар маҳаллаи Сангбуррони Хуҷанд, дар оилаи косиб ба дунё омадааст. Санаи дақиқи таваллуди ӯро аз мисраи «Чиҳилу сесола ҷавони адаб омӯхтаам» ном шеъраш, ки соли 1325 ҳиҷрӣ навиштааст, муайян кардан мумкин аст. Яъне, аз ин ишораи шоир маълум мешавад, ки вай соли 1282 ҳиҷрии қамарӣ, 1864–65 милодӣ зода шудааст. Аз синни чаҳордаҳсолагӣ ба саводомӯзӣ машғул шуда, баъдтар аз хаттоти машҳури Хуҷанд Мирсалими Мӯҳркан саводи хат меомӯзад.

Тошхоҷаи Асирӣ баъди касби савод дар мадрасаи «Шоҳӣ»-и шаҳри Хуҷанд таҳсил мекунад. Сипас бо мақсади такмили дониш ба шаҳри Хуқанд меравад ва дар мадрасаи «Хоним»-и ин шаҳр ҳашт сол ба такмили дониш машғул мешавад. Хӯқанди нимаи дуюми асри XIX яке аз марказҳои шӯҳратманди сиёсӣ ва илмию адабӣ ба шумор мерафт. Бинобар ин ҳам Асирӣ дар ин шаҳр ба муддати зиёдтар ба таҳсил машғул шуда, ба аҳли илму адаби он ҷо унс гирифт. Баъди хатми мадрасаи «Хоним» Асирӣ ба Хуҷанд бозмегардад ва ба қавли устод Айнӣ «бо вуҷуди соҳиби илму камол будан мансаби илмиро қабул накарда», ба касби падариаш – сангиосиётарошӣ машғул мешавад.

Асирӣ марди қаландармизоҷ ва озодтабъ буда, ба хушомадгӯии маддоҳона нафрат доштааст. Дар ташаккули шахсият ва ҳунари шоирии ӯ муҳити адабии Хӯқанд мавқеи муҳим доштааст. Вай ҳангоми таҳсил дар ин шаҳр бо намояндагони илму адаби ӯзбек шинос мешавад ва бо баъзеи онҳо дӯстӣ пайдо мекунад, ки Муҳаммадамини Муқимӣ (1850–1903), Зокирҷони Фурқат (1858–1909), Убайдуллоҳи Завқӣ (1853–1921) ва дигарон аз он зумраанд.

Асирӣ аз хурдӣ ба шеър ва шеъргӯӣ рағбати зиёд дошта, бо осори адабии форсӣ-тоҷикӣ, ӯзбекию туркӣ ва озарӣ ошно будааст. Аз санадҳои тарҷимаҳолии ӯ бармеояд, ки вай ҳанӯз ҳангоми дар мадрасаи Хӯқанд таҳсил карданаш ҳамчун шоири тавоно эътибор пайдо карда-

аст. Ин фикрро баёноти зерини Асирӣ тақвият мебахшад: «дар замони таҳсилам (дар Хӯқанд) шоири машҳур ва фозили кабир, яъне Мулло Юнусҷони Шағовул... аз байни аҷзои коғазпораҳояш як ғазалро гирифта «писарам, ба мувашшаҳи мо мубанно ба исми Юлдошхон мухаммас ё худ ба тариқи татаббӯъ ҷавоб нависед» гуфта будааст, ки ин худ далели эътирофи ҳунари шоирии ӯст.

Шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Асирӣ гувоҳанд, ки вай асосан ба осори пешгузаштагон ва муосиронаш пайравӣ карда, ба шеърҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Васлии Самарқандӣ, Амир Абдулаҳад ва дигарон ҷавобҳо гуфтааст. Баъдтар зери таъсири адабиёти пешқадами охири асри XIX ва ибтидои асри XX ва андӯхтани таҷрибаи ҳаётиву адабӣ Асирӣ ба гуфтани ашъори иҷтимоӣ ва тараққихоҳ майл пайдо мекунад ва ин равия дар эҷодиёти ӯ то ба охир давом меёбад. Ақибмондагии иқтисодию маънавии аморати Бухоро ва қаламрави тобеи он, пастии сатҳи таълиму тарбия дар мактабу мадрасаҳо шоирро ба баён ва интишори ақидаҳои маорифпарварӣ водор месозад. Андешаҳои маорифпарваронаи ӯ аз ҷараёни афкори тараққихоҳонаи дигар маорифпарварони тоҷик ва халқҳои ҳамсоя ҷудо набуд. Шоир моҳияти сохти пӯсидаи давлатдории замонро амиқ дарк карда, нисбат ба амалдорони золим, рӯҳониёни мутаассибу риёкор нафрати беандоза пайдо мекунад. Ин нафрат ба ғазаб табдил меёбад ва ҳатто дар ҳаққи амири Бухоро чунин мегӯяд:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав!
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.
Гарчи номи ман Асирӣ, хуш асираш нестам,
Варна ӯ медод азоби беҳисобам нав ба нав.

Асирӣ ҷаҳолат ва нодониро сабаби қафомондагии кишвар ва пастравии сатҳи маишати халқ медонист ва мактабу маорифро ягона роҳи наҷот шинохта, навишта буд:

Макотибҳои нав эҷод кардан,
Раҳи дарси ҷадид иршод кардан...
Сари кори наве бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан...
Агар Чин аст ё Маскав ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан пайи таҳсили икмол...
Ба ҳар лафзе, ки дар фанни фалоҳат,
Китобе рафта таълифи саноат.

Чи аз олмону чи аз ифранҷу русӣ,
Чи аз ёпунӣ ё худ инглисӣ.
Ба лафзи миллӣ ё динӣ дароранд,
Ба нақлу тарҷума ҳиммат гуморанд.

Асирӣ худ, ки фарзанди косиб буд, бо заҳмати аҳли ҳунар, махсусан азобу ранҷи деҳқонон аз хурдӣ ошно буд. Бинобар ин ҳам дар бораи аҳволи зиндагӣ ва маишати онҳо бисёр фикр мекард. Дар фикриислоҳи шароити вазнини зиндагии ин табақа буд. Шоир яке аз роҳҳои ислоҳи ин мушкилро дар обёрӣ намудани заминҳои киштманд медид. Гоҳо дар «хоби хуш» чашмаеро меёфт ва аз он «ҷадвали обе» сӯйи дашти лабташна берун меовард. Асирӣ бунёди «Ҷӯйи Бекобод»-ро бо хурсандӣ истиқбол карда, дар шеъраш нақшаи бунёди чунин ҷӯйҳои дигарро тартиб медод:

Арозӣ қобили заръ асту беоб,
Аҳолӣ ҷоҳилу дар бистари хоб.
Зи Ҷайҳун гар ду-се ҷӯ ҳафр оранд,
Бухору Хеваро фирдавс созанд.
Ба Сайҳун боз як шохе физоянд,
Ба саҳрои Чуқурбекат кушоянд.
Шавад он ҷо ҷаҳони тоза пайдо,
Замину осмони тоза пайдо...

Чунон ки дидем, шоир қисматашро аз тақдири халқу кишвар ҷудо тасаввур намекард, ҳамеша то охирин рӯзҳои ҳаёташ дар фикри осоиши халқу ободии ватан буд. Бинобар ин ҳам муосиронаш нисбат ба ӯ меҳру муҳаббати хос доштанд. Вақте ки шоир 3 марти соли 1915 дар шаҳри Хуҷанд вафот кард, бисёре аз аҳли қалам дар ин мусибат марсияҳо ва таърихҳо гуфтаанд. Аз ҷумла Зуфархон Ҷавҳарӣ дар қитъае гуфта буд:

Асирии Хуҷандӣ Тошхоҷа,
Ки шамъи ҷамъи аҳли фан буд.
Чу он ҷӯши баҳори фазл бигзашт,
Хазонӣ шуд, гулистони сухан буд.
Барои ҳалли таърихи вафоташ,
Қалам ин нукта чун дурри Адан буд.
Зи сӯзи ҳаҷри он симои фитрат,
Баромад аз «чароғи анҷуман дуд».

Қабри ин шоири равшанбин ва тараққихоҳ дар мазори Шайх Маслаҳатуддини шаҳри Хуҷанд воқеъ аст.

**Мероси адабии** боқимондаи Асирӣ аз маснавиёт, қасоид, ғазалиёт, мухаммасот, муқаттаот, рубоиёту дубайтиҳо ва фардиёту ашъори ӯзбекӣ иборат мебошад.

Асирӣ афкори фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиашро бештар дар маснавиҳояш баён кардааст. Дар ин равиш маснавии «Тимсол»-ро, ки дар ҷавоби «Миръоти ибрат»-и Аҷзии Самарқандӣ гуфтааст, метавон зикр кард. Маснавии «Тимсол», ки аз навиштаҳои ҷолиби шоир аст, андешаҳои тараққихоҳонаи ӯро дар бар мегирад. Маснавӣ аз қисматҳои «Сабаби назми китоб», «Дар насиҳати фарзанд», «Ҳикоят бар сабили тамсил», «Дар мазаммати фақр» ва «Ҳикоят бар сабили тамсил ва воқеаи хоб ва таърихи эҷоди ҳадиқа» иборат мебошад. Муҳимтарин ғояе, ки шоир дар ин маснавӣ таблиғ мекунад, ғояи маорифпарварӣ ва тараққихоҳӣ аст. Дар ин замина шоир аввалан ба зарурати омӯхтани илм таъкид мекунад ва илму донишро сабаби наҷот аз бадбахтиҳо, ба хусус аз фақру нодорӣ медонад:

Зи батни говра то ишками гӯр,
Ба илм омӯхтан гаштӣ ту маъмур.

Шоир зимни баёни мақсад аз пешвои тараққихоҳони аср Маҳмудхоҷаи Беҳбудиро бо камоли эҳтиром ёд меоварад, хидматҳои ӯро дар роҳи мактабу маориф таъриф мекунад. Баъд ба мазаммати фақр мепардозад ва сабабҳои ин бемории иҷтимоиро баён месозад. Шоир роҳи наҷот ва пешрафтро дар меҳнат, обёрии заминҳои беоб ва тараққӣ додани кишвар мебинад. Инкишофи тиҷорат ва саноатро низ аз шартҳои пешрафт медонад.

Асирӣ андешаҳои маорифпарвариашро дар дигар навъҳои шеъраш, аз ҷумла қасидаву ғазал, муқаттаот ва рубоиву дубайтиҳо низ ифода кардааст, ки дар ин миён қасидаи «Бурҳони Асирӣ» ё худ «Одамият чист?» ҷойгоҳи хос дорад. Ин асарро муҳаққиқон шоҳкори безаволи Тошхоҷаи Асирӣ унвон кардаанд. Асирӣ суолеро, ки насли инсонро пушт ба пушт гирифтор медорад, дар байти аввали қасида ба миён гузошта, ба он ҷавоб медиҳад:

Одамият чист? – Худро дур аз шаръ доштан,
Хайрхоҳи халқ будан нафъи безар доштан.
Аз сафо оина бастан хонаи дилро мудом,
В-аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан.

Ин қасидаро метавон маромномаи зиндагӣ ва ҷавоби равшани фалсафӣ ва ахлоқии шоир ба саволи «Одамият чист?» донист. Шоир дар

ин қасида андешаи худро дар бораи зиндагӣ, дар бораи одамони муҳити худ ва он чи, ки дар атрофи худ мебинад, баён кардааст. Муҳаққиқони адабиёт арзиши фалсафӣ ва бадеии ин қасидаро бо қасидаҳои машҳури Абдураҳмони Ҷомӣ «Луҷҷат-ул-асрор» ва Алишери Навоӣ «Тӯҳфат-ул-афкор», ки бо мисраи «Оташин лаъле, ки тоҷи хисравонро зевар аст», оғоз меёбад, баробар донистаанд.

Ба андешаи донишманди шинохта Раҳим Ҳошим «Қасидаи «Одамият чист?» гимнест, суруди пуртантанаи пурҷӯшу хурӯшест дар шаъни инсон, дар васфи фазилат ва бузургии инсони халлоқ, инсони эҷодкор». Воқеан ҳам шоир дар ин қасида инсонеро ситоиш мекунад, ки офарандаи неъматҳои заминист, барои беҳбудии зиндагӣ, боло бардоштани маънавият талош мекунад, барои оромиш ва осудагии зиндагии худ сайъ дорад. Илова ба ин одамият дар назари шоир ва донишманд аз муборизa барои некӣ, хушбахтӣ ва осудагии инсонҳо иборат мебошад.

Асирӣ инсонро ҳамон вақт комил мешиносад, ки агар вай хайрхоҳи халқ бошад, дили худро аз ғубори кинаву бадхоҳӣ ва нотавонбинӣ пок дорад, бо вуҷуди донишмандиву тавоноӣ ва забардастӣ хоксору фурӯтан бошад. Ба ифодаи шоир «қомати ҳастӣ ба дебои камол ороста», хӯю хислатҳои некро асоси зиндагӣ ва муносибат ба мардум шиносад. Карампешаву саховатманд будан, ба мӯҳтоҷон ёрмандии беминнат расонидан, бо меҳнати ҳалол маоши ҳалол дарёфтанро асоси амалу андешаи худ қарор диҳад.

Ана ҳаминҳост меъёру андозаи одамият аз нигоҳи Асирии шоир. Ҳукми шоир дар ин бора қатъӣ ва бегузашт аст. Вай касеро, ки чунин фазилатҳои неки инсониро надорад, чун инсон намешиносад, балки одам ҳам намедонад.

Дар замоне, ки илму дониш хор буду ҷаҳлу нодонӣ, риёву хушомад сари маснад, Асирӣ мардумро ба омӯхтани илму дониш ва раҳоӣ аз ҷаҳлу нодонӣ фаро мехонад, халқро ба омӯхтани илму дониш даъват карданро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи соҳибони вақт ва алоқамандони соҳа медонад.

Асирӣ дар як шеъраш таъкид мекунад, ки шеър набояд воситаи тамаллуқкорӣ ва мардумфиребӣ қарор гирад. Илова ба ин чунин шеърро мblack писандад, ки аз ҷиҳати маъниву мундариҷа ва ҳунар нав бошад. Дар ин маънӣ бо ифтихор мегӯяд:

Ман аз риштаи худ қасаб менигорам,
Набофам, Асирӣ, палоси касона.

Раҳим Ҳошим ба ин қасида баҳо дода менависад, ки «Қасидаи «Одамият чист?» шоҳиди дараҷаи баланди дониш, маърифат ва гувоҳи истеъдоди олии шеърии Асирист, ки мисл ва баробари он дар эҷодиёти ҳамзамононаш дида намешавад».

Асирӣ анъанаи дузабониро мисли аксари ҳамзамононаш давом дода, ба забони ӯзбекӣ низ шеърҳо гуфтааст. Шеърҳои ӯзбекиашро Асирӣ дар шаклҳои ғазал, қасида ва қитъа гуфтааст, ки дар мавзӯъҳои ишқӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Дар миёни ашъори ӯзбекии шоир қитъае бо номи «Дар мазаммати Эшони Дукчӣ» ҳаст, ки мавқеи шоирро дар баҳо додан ба амали рӯҳониёни мутаассиб ва ҷоҳталаб хеле равшан нишон медиҳад. Аз таърих маълум аст, ки соли 1898 бо роҳбарии Сӯфӣ Муҳаммадхалифа (Дукчӣ Эшон) дар Андиҷон балвое ба роҳ андохта шуд, ки боиси хонахаробии мардум ва вайрониҳо гардид. Асирӣ ин балво ва характери зиддимардумӣ доштани онро фош сохта, ба ин восита тинати нопоки рӯҳониёни худбин ва манфиатхоҳро фош мекунад ва мегӯяд:

Хоини халқ маллапӯш, бодаи ҷаҳл қилди нӯш,
Номуси йӯқ, ватанфурӯш, ӯғрию салпаёқдан.

Тошхоҷаи Асирӣ ҳамчун шоири равшанбин ва навхоҳ, ҳақиқатшинос ва адолатҷӯ, инсондӯсту маърифатпарвар дар адабиёти тоҷики ибтидои асри XX мақоми шоён дорад. Вай ҳамчун шоири навхоҳ навигариҳои илму маърифатро қабул карда, аз пайдоиши нахустин мактабҳои усули нав шодмонӣ мекард. Ба маърифати аврупоӣ, махсусан русӣ, ки ба Осиёи Марказӣ ворид мешуд, таваҷҷӯҳи хос дошт. Нафрати сӯзонашро нисбат ба ҷоҳилони мутаассиб баён карда, таҷаддудхоҳони роҳи маърифатро, аз қабили М. Беҳбудӣ, С. Аҷзӣ, С. Айнӣ ва дигарон бо муҳаббат ситоиш мекард. Ин ҳама мавқеияти дурусти Асирӣ ба ӯ дар адабиёти ин давра ҷойгоҳи хосеро таъин кардааст ва аз ёди халқ нахоҳад рафт.

## БА ТАРАҚҚИЁТ РУҶӮЪ КУНЕД

Бародарҳо, чу бар сар ҳуш доред,
Ба таърихи ниёгон* баргуморед!
Ниёгони шумо машҳур буданд,
Ба касби ҳар ҳунар мақдур буданд.
Ба кори дунявӣ чолок буданд.
Ба роҳи азми худ бебок буданд.

Асарҳое, к-аз эшон ёдгор аст,
Биною буқъаи* хайриштиҳор аст...
Сарою такяву дорулмасокин,
Дабистон, кӯшк, коху қаср, лекин
Ҳама бо тахту услуби худаш буд,
Ба ҳар аср ин гуна бунёд мешуд...
Чу омад асри нав, кӯшиш намоед,
Мутобиқ бар ҳамин ҳиммат физоед.
Кушода чашми худ бар илми дунё,
Бинокории нав созед эҳё*.
Наояд ҳеҷ хайре аз ҷаҳолат,
Чунон к-аз танпарастию батолат*.
Шумо бо роҳу ойини тамаддун,
Биёроед гулзори тафаннун!
Шумо бикшода боби ихтироот,
Мураввач сохта расми саноот.
Макотибҳои нав бунёд созед,
Раҳи дарси навӣ иршод созед!
Ду чашм аз хоби ғафлат боз доред,
Ба заръи дунявӣ киште бикоред!
Сазад роҳи нави икмол ҷустан.
Зи ҳар дар роҳи истиқбол ҷустан.
Қироатхонаҳо барпо намоед,
Мақоми маслиҳат иншо намоед.
Ба авлоди азиз фан ёд додан,
Бувад таҷдиди истеъдод додан,
Сари кори наве бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан!
Агар Чин аст, ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан пайи таҳсили икмол.
Зи ихвони забондони муосир,
Сазад омӯхтан, эй абди қосир.
Ба ҳар як лафз дар фанни малоҳат,
Китобат кун зи таснифи саноат!
Чӣ аз мошинаю фабрикаи рус,
Чӣ меъморӣ зи Мисру равзаи Тӯс,
Зарур омад ҳунарҷӯйию хониш,

Пайи ободию такмили дониш!
Руҷӯе бар тараққиёт бояд,
Ки дониш боби худ бар мо кушояд!
Асирӣ, нафъи фан тамҳид кардам!
Ба фан оред, рӯ, таъкид кардам!

**Ниёгон** – аҷдод, гузаштагон
**Буқъа** – замин, қитъаи маҳдуди муайян, ҷой
**Эҳё** – аз нав зинда гардонидан, ҳаёт бахшидан
**Батолат** – танбалӣ, коҳилӣ, сустиродагӣ, бекорӣ

**Савол ва супориш:**

1. Асирӣ дар кадом замон ба дунё омада ва дар чӣ муҳите тарбия ёфтааст?
2. Вай дар кадом муҳити адабӣ обутоб ёфтааст?
3. Бо кадоме аз шоирони ҳамзамонаш робита дошт?
4. Дар кадом жанрҳо шеър гуфтааст?
5. Моҳияти иҷтимоии маснавии «Тимсол» чист?
6. Мазмун ва моҳияти қасидаи «Одамият чист?»-ро баён кунед.
7. Масъалаҳои иқтисодӣ ва обёрии заминҳоро Асирӣ дар кадоме аз асарҳояш ба миён гузоштааст?
8. Назари Асириро ба илму дониш ва мактабу маориф шарҳ диҳед.
9. Қасидаи «Одамият чист?»-ро хонед ва таҳлил кунед.



# НАҚИБХОН ТУҒРАЛ

## (1865—1919)

Нақибхон Туғрал 26 марти соли 1865 дар деҳаи Зосуни Фалғар (ноҳияи Айнӣ) дар оилаи давлатманд ба дунё омадааст. Ба қавли худи шоир гузаштагони ӯ самарқандӣ будаанд ва шоир дар ин хусус ишорае низ дорад:

Мерасад аслам ба Аҳрори Валӣ,
Дудаи ман бошад аз ин дудмон.

Овони наврасии шоир дар зодгоҳаш таҳти саробонии падар ва баъд бародаронаш Тӯрахон, Мансурхон, Ҳамзахон ва Акобирхон гузашта, саводи аввалро низ аз устодони деҳа гирифтааст. Абдуҷаббор ном марди фозил ва шоирпеша аз устодони нахустини ӯ будааст. Баъди таълими ибтидоӣ Туғрал барои идомаи таҳсил ба Самарқанд меравад. Падараш ҳуҷраеро аз мадрасаи Тиллокории Регистон барои ӯ харидорӣ мекунад ва шоир «дар ҳуҷраи охирини самти шимоли мадраса» зиста ба омӯзиш машғул мешавад.

Дар мадраса вай аз лаввоҳу наққоши тавоно ва муаррихи доно Абӯсаид Махдуми Զарринқалам, Махдуми Гардан ва Домулло Бадахшӣ барин донишмандон таълим мегирад. Дар замони таҳсил бо муҳити адабии Самарқанд ошноӣ пайдо карда, ба маҳфили зиёиёни шаҳр ворид мешавад.

Баъди хатми таҳсил дар мадрасаи Тиллокории Самарқанд Туғрал дар Бухоро низ ба таҳсили илму дониш мепардозад. Пас аз анҷоми таҳсил ба зодгоҳаш баргашта, ба Истам бинти Аваз ном духтар хонадор мешавад ва бо ӯ нӯҳ сол зиндагӣ мекунад. Туғрал аз ин зан писаре меёбад, вале бадхоҳони шоир ӯро нобуд сохта, бо таъсири доруҳои заҳрнок ҳамсарашро безурёт мекунанд. Оиди таваллуд ва вафоти фарзанд Туғрал ишорае дорад:

Борҳо дар дили ман буд таманнои писар,
Лутф созад ба мани хаста худованд агар.

Омад охир зи карам нахли муродам ба самар,
Монд ҳасрат ба дилу кард аз ин дор сафар.

Ба сабаби бефарзандӣ ниҳоят шоир аз зани аввалааш ҷудо шуда, бо Муқаддара Аслиддинова ном духтари сангистонӣ никоҳ мебандад.

Туғрал бо вуҷуди он, ки дар шароити душвори кӯҳистон, дур аз марказҳои фарҳангӣ зиндагӣ дошт, лаҳзае аз омӯзиш ва гуфтани шеър дурӣ наҷустааст. Илова ба ин вай соҳаҳои гуногуни илму дониши замонро фаро гирифта, маҳорати шоириашро такмил додааст. Мусаввадае, ки шоир дар он тариқи донистани моҳи шамсӣ, усули ҷамъу зарбу тақсим, тарзи тайёр кардани ҳар гуна доруҳои табобатӣ, усули дармони дарди дандон, зарари пурхӯрӣ, усули навиштани ҳуҷҷатҳои расмиву шаръӣ, дар боби таваллуду вафот ва омаду рафти ашхоси таърихӣ, қайду қитъаҳои таърихӣ сабт намудааст, гувоҳи аз ҳисобу ҳандаса, тиббу табобат, фиқҳу абҷад ва таърихи гузаштагон хабардор будани ӯст. Ба шаҳодати муосиронаш вай дар шатранҷбозӣ маҳорати тамом дошта, соҳиби хати зебои настаълиқ низ будааст. Вай аз илми зироат ва бинокорӣ хабар дошта, расму оини мардум ва забони зиндаи ононро хуб медонистааст. Дар ҷараёни таълифи осораш аз донистаҳояш фаровон истифода кардааст. Дониш ва маҳорати Туғралро ҳамзамононаш эътироф кардаанд.

Аз ҷумла, шоири ҳамзамонаш Ҷавдати Самарқандӣ дар шаъни ӯ мегӯяд:

Яктои асри мо буд он шоири ягона,
Бишкуфта буд аз ӯ ҳар як сӯҳбату маҷолис.
Дар пеши дониши ӯ донишварон мусаллам,
Равшан бувад ба фаҳмаш ҳар нуктаю аҳодис.
Дар назму насру ашъор яктои асри мо буд,
Қоил шуда ба илмаш ҳар олиму мударрис.

Туғрал ба туфайли хислатҳои наҷиби инсониаш дар байни мардум шӯҳрат ва обрӯйи хос дошт. Дар боби сифатҳои неки инсониаш нақлу ривоятҳое ҳаст, ки маърифатпарвару илмдӯст, саховатманду қонеъ, ҷавонмарди накӯкирдор, тундмизоҷу мулоҳизакор, шаккоку далер, хушсухану маҳфилоро будани ӯро таъкид мекунанд. Симои зоҳирии вай дар чашми муосиронаш чунин будааст: қадбаланду камгӯшт, гандумгуну пешонавасеъ, абрӯвони барроқу лабони нафис ва ришаш мошу биринҷи ҳамвору каму кӯтоҳ будааст. Одатан саллаи мисқолии ҳаворанг, камзӯли махмали қаҳвагӣ, ду миёнбанди болои ҳам дар тан дошта, бо айнаки сиёҳ мегаштааст.

Туғрал инсони хоксору фуқаропарваре буда, бо мардуми оддӣ унсияти тамом доштааст. Ба сабаби меҳрубонию бандапарвариаш дар миёни мардуми Фалғару Панҷекат, Истаравшану Мастчоҳ ва Самарқанду Бухоро дӯстони зиёде дошта, бо аҳли ҳунари давр, аз ҷумла Аҳмади Васлӣ, Масеҳои Тамҳид, Аҳмади Равнақ, Исҳоқбеки Ваҳҳоҷ, Қурбӣ, Ҳасратӣ, Гулханӣ, Лутфӣ, Муҳаммадқулии Тарҷумон, Ашрафи Туҷҷор, Абдулфаёзи Қаровулбегӣ ва дигарон қаробати хос доштааст. Маҳз бо кӯмаки ҳамин дӯстони содиқаш ба чопи девонаш муваффақ шудааст. Туғрал бо шоирони тавонои ин давр Шамсиддини Шоҳин ва Гулшании Бухороӣ ҳусни таваҷҷӯҳ ва робитаву эътиқод дошта, Шоҳинро устод шинохтааст ва дар ҷавоби достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и вай «Лайлӣ ва Маҷнун»-и худро таълиф кардааст. Дар достони нотамомаш дар ҳаққи Шоҳин мегӯяд:

Устоди ману муаллими даҳр,
Мақбули ҷаҳону шӯҳраи шаҳр.

Зиндагии Туғрал асосан дар зодгоҳаш деҳаи Зосун гузаштааст. Ба шаҳодати устод Айнӣ вай «обу ҳавои кӯҳистонро аз зиндагии шаъшаъадори шаҳрҳо тарҷеҳ карда» то вопасин рӯзҳои ҳаёташ дар зодгоҳаш зистааст.

Туғрал солҳои 1918–1919 дар ҷангҳои инқилобӣ иштирок карда, дар яке аз чунин набардҳо барои озод кардани деҳаи Вешаб баъд аз он, ки Армияи Сурх ба нокомӣ гирифтор мешавад, ба тӯҳмат аз ҷониби сардори дастаи ҷанговарони Сурх Шитинин гирифтор мешавад ва 28 июни соли 1919 дар деҳаи Сангистони ноҳияи Фалғар парронда мешавад.

**Мероси адабии шоир.** Аз Туғрал мероси гаронбаҳое дар жанру мавзӯъҳои гуногун боқӣ мондааст. Нахустин бор девони ашъори ӯ соли 1916 дар матбааи Когон таҳти унвони «Девони Туғрали Аҳрорӣ» чоп шуда, навъҳои гуногуни шеъри ӯро дар ҳаҷми 7335 мисраъ фаро мегирад. Дар замони мо соли 1964 бо кӯшиши адабиётшиноси забардаст Носирҷон Масъумӣ «Ашъори мунтахаби»-и шоир дар Душанбе чоп шуд ва соли 1986 бо саъйу эҳтимоми фозили самарқандӣ Абдуҳамид Пӯлодов ва адабиётшинос Асрор Раҳмонов бо номи «Гиёҳи меҳр» маҷмӯаи осори шоир ба чоп расид.

Осори дастраси шоир дар шаклҳои маснавӣ, ғазал, қасида, мусаммат, рубоӣ ва фард эҷод шудаанд. Дар ин миён маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун», «Соқинома» ва маснавии «Арза» низ ҳаст.

Шоир дар қасидаҳояш асосан мазмунҳои панду ахлоқӣ ва мадҳиро ифода карда, як навъ ормонҳои худро низ баён доштааст. Дар қисми дигари қасидаҳояш симои аҳли шеъру адабро тасвир карда, ба ин восита андешаҳои адабиашро низ ифода намудааст. Дар ин гуна қасидаҳо шоир ба амалдорон муроҷиат карда, онҳоро ба адлу инсоф, ободии халқу мамлакат ва ҳимояи аҳли ҳунар даъват мекунад. Дар як қасидааш аз караму саъйи Алишери Навоӣ дар тарбияи «аҳли камол» ёд карда, чашми ҳокими вақтро ба ин ҳодисаи ибратангез кушоданӣ мешавад:

Бин, ки Алишери Навоӣ чӣ кард,
Булбули бисёр аз ӯ дар навост!
Буд дараш маҷмаъи арбоби фазл,
То ба кунун аз карамаш қиссаҳост...
Пас, зи чӣ рӯ менакунӣ тарбият,
Эй, ки туро давлати бемунтаҳост!

Чунон ки аз ин қасида бармеояд Туғрал дар баъзе аз қасидаҳояш аз воқеияти зиндагӣ сухан мегӯяд. Яъне, қасидаҳои ӯ масъалаҳои иҷтимоиро низ фаро мегиранд. Тарзи қасидасароии вай бо суннатҳои қасидасароии адабиёти гузаштаи тоҷик наздик аст. Вай анъанаҳои қасидагӯии Анварию Қоонӣ ва Ҳоҷуро эҷодкорона идома дода, дар ин замина нафаси гарми айёмашро низ дар он ғунҷондааст.

Лирика, махсусан лирикаи ишқӣ дар эҷодиёти шоир мақоми хос дорад. Вай бештарини ашъори лирикиашро дар шаклҳои ғазал, қасида ва масаммату маснавӣ гуфтааст. Вале ғазал дар эҷодиёти вай мақоми хос дорад. Туғрал дар ғазалгӯӣ асосан ба тарзи шоирони гузашта пайравӣ карда, вале нақши Бедилро дар сабку салиқаи шоириаш ба хусус таъкид мекунад. Бо ин ҳама, ба қавли устод Айнӣ Туғрал истеъдоди «бисёр комил дошт» ва «хаёлаш мустаъидди болоравӣ буд». Дар хилоли ин ишораи Айнӣ агар ба ашъори дар оғози фаъолияти эҷодиаш сурудаи шоир диққат диҳем мебинем, ки вай эҷодиёташро берун аз таъсири Бедил ва дур аз тақлид оғоз намудааст. Дар ин хусус мулоҳизаҳои зерини академик Абдулғанӣ Мирзоев низ муҳим аст: «Бисёрии шеърҳои чопнашудаи шоир аз услуби Бедил – «сабки ҳиндӣ» дур воқеъ шуда, ба ин услуб баъдтар қадам гузоштааст».

Туғрал дар ашъори лирикие, ки дар жанри ғазал сурудааст, мавзӯъҳои фалсафию ахлоқӣ ва ишқиву иҷтимоиро ба тасвир мегирад. Дар ин замина вай аз ҳаҷру васли ёру нобасомониҳои рӯзгор, арзиши дунёи

имрӯзу фардо, умеду ноумедӣ, ҷаҳлу нодонӣ, муллову рӯҳониёни бесаводи мардумфиреб, лаззати дӯстиву сидқи бародарӣ бо самимияти шоирона сухан мегӯяд. Вале мавзӯи ишқ, ишқи заминиву маҷозӣ дар шеъри ӯ мақоми хос дорад. Ишқ дар нигоҳи шоиронаи ӯ кайфияти муқаддаси рӯҳонист. Ба воситаи шеърҳои ошиқонааш мо Туғралро дар ҳоле мебинем, ки зиндагиро дӯст медорад, умрро ғанимат мешиносад ва дар оинаи ишқи илоҳиву заминӣ худро такмил мебахшад. Қаҳрамони лирикии шоир шахси зиндадил, некбин, фарди аз неъматҳои дунё баҳравар ва ошиқи содиқу пуртаманнову хушпаймонест, ки хонандаи огоҳро ба олами зебои андешаву орзу ва созандагӣ раҳнамоӣ мекунад. Чеҳраи ин ошиқи некбин дар қисме аз ашъори лирикии шоир бар асари заъфи рӯзгор гоҳо озурдаву малулу маҳзун ба назар мерасад. Вале ранҷи ошиқонаи Туғрал ширину дилнишин буда, хонандаро панди умедворӣ медиҳад:

Ҳар кас, ки рухи ту дид, ҷоно,
Ошиқ ба ту гашт он замоно.
Мурғи дили сад ҳазор ошиқ,
Дар қайди ту шуд зи баҳри доно.
Тири нигаҳат гузашт аз ҷон,
Абрӯйи каҷи ту чун камоно,
Хун шуд дили мо, ҷаро нагӯӣ,
Ҳарфе зи вафо аз он даҳоно?!.
Гашта ба ҷаҳон фасона Туғрал,
Бо тири маломатат нишоно!

Ин ғазал, ки қисман иқтибос шуд ва бисёр ғазалҳои дигари ошиқонаи Туғрал бо таъбироти соддаи шоирона, бо рамзҳои ошно ва ташбеҳу киноёти равшану пурмаънӣ диққатангезанд. Маъниҳои ошиқона дар таъсири шоир гоҳо вусъати фалсафӣ ва кайҳонӣ касб кунад ҳам, таъбиру ифодаҳо соддаву фаҳмрасанд.

Зайли намуна ғазали Туғралро, ки ба мисраи «дил ба тоқи абрӯйи ӯ майпарастӣ мекунад» сар мешавад, таҳлил мекунем. Ин ғазал маънии амиқи ишқӣ дорад. Вале суоле пайдо мешавад, ки шоир дар ин ғазал ишқи орифонаро тараннум кардааст ва ё заминиро? Аз тасвирҳо ва таъбирҳо бармеояд, ки вай аз ишқи заминӣ, аз муҳаббати поку самимӣ ва садоқату муштоқии толиб нисбати матлуб сухан мегӯяд. Образҳои талмеҳии Лайлӣ ва Маҷнун ҳамин нияти шоирро равшантар ифода мекунанд:

Ҳеҷ кас дар ишқи Лайлӣ нест ин ҷо устувор,
Кай чу Маҷнун дигаре даъвои ҳастӣ мекунад?..

Туғрал яке аз охирин шоироне буд, ки дар сабки адабиёти ҳазорсолаи тоҷикӣ бо камоли маҳорат шеър гуфт ва шеърҳояш дар саҳифаи таърихи ин адабиёти ғаниву пурбаракат ҷойгоҳи хос дорад. Вай умри кӯтоҳ ва зиндагии нооромеро аз сар гузаронида бошад ҳам, дар шинохти ҳақиқати зиндагӣ шитобзада набудааст. Шоир воқеияти зиндагиро дар оинаи эҳсосу андеша бар кашида, ба ин восита афкори хоси ҳикматомезашро, ки арзиши фаровони тарбиявӣ дорад, эҷод намудааст. Ба ин маънӣ, панду ҳикмат дар эҷодиёти Туғрал мақоми хос дорад. Мо андешаҳои ахлоқӣ ва пурҳикмати шоирро ҳам дар ғазалҳояш ва ҳам дар дигар жанрҳои эҷодиёташ дучор меоем, ки инсонро ба садоқату сидқ, ростиву дурусткорӣ, поквиҷдониву ҳалолӣ, сабру сукут, раиятпарвариву ҳақшиносӣ ва монанди инҳо раҳнамоӣ месозад:

Зи банди фикри таманнои бешу кам бигзар,
Хушо касе, ки зи бори таъаллуқ озод аст!
Мабош ғарра дар ин олами харобобод,
Ки хишти зери бинои вуҷудат аз бод аст.

Дар байтҳои пурҳикматаш Туғрал ба тасвирҳои табиӣ ва фаҳмрас такя карда, андешаи хонандаро ба ҷӯш меорад, ки намунааш ин аст:

Кӯҳро ҳаргиз гаронӣ аз садо монеъ нашуд,
Ин бувад тамкин, агар гӯши каре дар кор нест.

Туғрал мисраву байтҳои фаровоне дорад, ки ҳамчун шоири пурҳикмат дар сафҳаи рӯзгор боқӣ хоҳанд монд ва ба соликони роҳи ростиву наҷобат раҳнамоӣ хоҳанд кард. Чунончи:

Фурсати шодии аҳли ғам ду рӯзе беш нест;
Сулҳе, ки ту мехоҳӣ, саропо ҳама ҷанг аст;

* * *

Агар наӣ ту ба фармони шаҳриёри ғамаш,
Зи шаҳри ёр бурун шав, ки шаҳр ёри ту нест!

Яке аз хусусиятҳои фарқноки ашъори ҳикматомези Туғрал дар он аст, ки гоҳо як ғазал ё қитъа саропо ба тарзи панду ҳикмат гуфта мешавад.

Туғрал худро шогирди мактаби шеъри қадимаи тоҷикӣ медонад ва ба пешгузаштагони ин мактаб бо назари эҳтиром менигарад. Вай дар бисёре аз ғазалу қасидаҳояш ба шеъри шоирони гузашта ишора мекунад, ба онҳо баҳо медиҳад ва бо ихлоси тамом шеъри гузаштагонро тазмин менамояд.

Туғрал дар алоҳидагӣ бо номи «Қасидаи бузургон» низ қасидае дорад, ки назари шоирро оид ба шеър, вазифаи шоир ва мақоми шоирони гузашта дар шеъру адаб ифода мекунад. Дар ин қасида Туғрал аз Рӯдакию Фирдавсӣ сар карда, то ба Ватвоту Низомӣ, Саъдию Ҳофиз, Анварию Камол, Носири Хусраву Мавлавии Румӣ, Қатрону Арӯзӣ ва ғайра мулоҳизаҳояшро оиди ҳусну кубҳи ҳунари шоирон баён мекунад. Посдории ҳунари шоирони асил гувоҳи наҷобати инсонӣ ва асолати ҳунарии шоир аст.

Нақибхони Туғрал дар жанри маснавӣ низ ҳунари комил нишон додааст. Аз ӯ маснавиҳои «Соқинома», «Наврӯзнома», «Арза» ва достони нотамоми «Лайлӣ ва Маҷнун» мерос мондааст, ки бо мазмуну мундариҷа ва ғояи баланд аз осори арзишманди шоир ба шумор меравtotal.

Маснавии «Наврӯзнома»-ро метавон як навъ фолномаи шоир номид дар бораи пайомади сол. Шоир хусусияти соли навро, яъне Наврӯзро вобаста ба рӯзҳои ҳафта медонад ва шарҳ медиҳад. Масалан, ба фикри ӯ «агар шанбе ояд рӯзи Наврӯз, бувад он сол пурбарф, эй дилафрӯз»:

> Бувад он сол хушку нарх арзон,
> Агарчи камтар орад абр борон.
> Бувад нуқсони дахлу мева камтар,
> Шавад дар соли дигар ғалларо бар...

Чунин тарзи пешгӯии оқибати сол дар таърихи илму адаби мо анъанаи қадимӣ дошта, дар ин замина Туғрал на танҳо аз таҷрибаи гузаштагон баҳра бурдааст, балки аз дониши космологӣ ва мушоҳидаҳои худ низ истифода кардааст.

«Арза» аз маснавиҳои дигар ва ҷолиби Туғрал мебошад, ки зоҳиран дар мавзӯи ишқ гуфта шудааст. Хусусияти дигари ҷолиби ин маснавӣ он аст, ки Туғрал анъанаи дузабониро дар адабиёти тоҷик идома дода, ҷо-ҷо байту пораҳое ба забони ӯзбекӣ низ меоварад.

Маснавии «Арза», ки дар китоби «Гиёҳи меҳр» чоп шудааст, аз се қисмат иборат аст. Вале дар байте шоир ишорае дорад, ки панҷ қисмат будани онро тасдиқ мекунад.

Ин арза, ки навбатест панҷум,
Ин ҳам, ба Худо, ту мекунӣ гум!

Шояд қисматҳое аз ин маснавӣ низ мисли асари дигари ӯ «Боғистон», ки дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ навишта будааст, аз байн рафта бошад. Ба ҳар ҳол се қисми боқимонда гувоҳ аст, ки Туғрал дар гуфтани мазмунҳои ишқӣ назари борикбин ва хос доштааст. Ӯ хостааст мавзӯи анъанавиро дар шакли нав ва маърифати тозаи воқеият ба хонанда арзёбӣ кунад ва ба ҳамин муродаш низ расидааст.

Шоир дар баробари баёни эҳсосоти пурдарди ошиқонаи қаҳрамони лирикӣ, ки дурӣ аз маҳбуб ва беэътиноии ӯро сабаби ранҷи рӯҳии хеш шинохтааст, вазъи хешро низ дар ин маснавӣ баён мекунад:

Номам ба ҷаҳон вале Нақиб аст,
Бо ман ҳама душману рақиб аст.

Дар қисми аввал ва дуюми маснавӣ шоир асосан ба тавсифи маъшуқа ва зориву надомат машғул шуда, дар хотима сухани шоиронаи ӯ оҳанги насиҳат гирифта, мухотабашро ба раҳму шафқат даъват мекунад:

Бишнав аз ман насиҳат, эй дилбар,
Гар туро ҳаст ҳуш андар сар.
Олами бебақо фано гардад,
Қомати маҳвашон дуто гардад...
Ҷуз накӯии ном дар олам,
Чизи дигар намонад аз одам.

Ин маснавиро сарнавишти воқеии ошиқонаи шоир низ метавон ном ниҳод, зеро дар он байтҳое ҳаст, ки ба замони мушаххаси ин сарнавишт ишора мекунад. Чунончи:

Шуд қариби ду сол, бал афзун,
Гаштаам дар ғами ту чун Маҷнун.
Шаб хаёли ту дар назар орам,
Ашк аз дида чун гуҳар борам...
Туғрали мустаманди ҳайронам,
Ҳамчу най дар ғами ту нолонам...

«Арза» маснавии лирикӣ буда, ҳавасҳо, орзуҳо ва умедҳои шоирро дар роҳи шинохти чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии маҳбуб ифода мекунад. Дар заминаи ин маснавӣ, ғазалҳо, баъзе аз қасидаҳои таркиббанд ва қитъоти шоир метавон дар бораи сабки хоси шеъри ӯ сухан ронд. Бо вуҷуди он ки дар шеъри Туғрал образҳои шеърӣ ва тасвирҳои рамзии сабки Бедил ҷо дорад, шеъри шоир ҳамоно содда, равон ва дилангез аст. Баъзе қитъаҳои ӯ бо равонӣ ва соддагии таъбир ба намунаҳои осори халқӣ мемонад. Чунончи:

Не ҳубби муҳиби дилнишин мемонад,
Не тири адӯи кинагин мемонад.
Инсон ба муқобили исобат, аҳсан!
Дунё гузарон аст, ҳамин мемонад!

Шеъри шоир ифодагари сабки шоирии ӯст. Ҳар қадар мо бештар шеъри ӯро хонем, ба савти гуфтори ӯ диққат диҳем, ҳамон қадар чеҳраи ӯ дар назарамон тобиши хос пайдо мекунад.

## ҒАЗАЛИЁТ

Эй фалак, дод аз ҷафоят, дар чӣ ҳолам кардаӣ?!
Рост будам чун алиф, монанди долам кардаӣ!
Охир, эй гардун, задӣ санги маломат бар сарам,
Зери пойи бешуурон поймолам кардаӣ!
Аз чи рӯ, эй чарх, – чун ман эътиборат дур бод! –
Қуръаи беэътибориҳо ба фолам кардаӣ?!
Оқибат кори ту гар ин буд, эй гардуни дун*,
Аз чӣ дар рӯзи азал қисмат камолам кардаӣ?!
Эй сипеҳри бемурувват, ин кадомин шева* аст?!
Нола месозам зи дастат, то чу нолам* кардаӣ!
Буд дар оинаи ман акси сад маънӣ дучор,
Занги ғам бар рӯйи миръоти* хаёлам кардаӣ!
Ҳамдамонам нокасони ғӯлу аз дониш тиҳӣ*,
Сӯҳбати донишварон амри маҳолам кардаӣ!
Дар ҳавои мӯшикофӣ Туғралам пар мезанад,
То ту, эй гардун, маро дур аз висолам кардаӣ!

* * *

Баски андар боғ аз ҷаннат асар дорад баҳор,
Ҷомае ҳамчун пари тӯтӣ ба бар дорад баҳор.
Дам ба дам оинасон дар ишратободи чаман,
Шоҳиди гулҳои рангин ҷилвагар дорад баҳор...
Мерасонад шир андар коми тифлони набот,
Аз тақозои мавolидаш хабар дорад баҳор.
Баста маҳмил ранги гул бар ноқаи боди сабо,
Гӯиё з-ин боғ оҳанги сафар дорад баҳор...
Он қадар дар боғи имкон карда сомони карам,
Шохи ҳар нахле, ки бинӣ, пурсамар дорад баҳор.
Аз шуои шӯълаи ҳар сафҳаи гул равшан аст,
Баски аз эъҷози ёқутӣ хабар дорад баҳор.
Дар гиребони тааммул фурсати андеша нест,
Домане аз роҳи суръат бар камар дорад баҳор...
Офарин бар мисраи Бедил, ки, Туғрал, гуфтааст:
«Чашм во кун, рангу асрори дигар дорад баҳор!».

**Гардуни дун** – дунёи паст, дунёи ҷафопеша.
**Дахл** – даҳолат, даромад.
**Шева** – тариқа, усул.
**Нол** – тори даруни найқалам; киноя аз ниҳояти лоғарӣ ва заифӣ.
**Миръот** – оина.
**Тиҳӣ** – холӣ.



**Савол ва супориш:**

1. Туғрал дар кадом давра зиндагӣ ва эҷод кардааст?
2. Шоир дар кадом муҳити илмиву адабӣ парвариш ёфтааст?
3. Жанрҳои шеъри Туғралро номбар кунед.
4. Мавзӯи ашъори шоирро муайян кунед.
5. Мавқеи ғазал дар эҷодиёти шоир чӣ гуна аст?
6. Китоби «Гиёҳи меҳр»-ро хонед ва шеърҳои писандидаатонро аз ёд кунед.



# АБДУРАУФИ ФИТРАТ

## (1886—1938)

Абдурауфи Фитрат соли 1886 дар шаҳри Бухоро дар хонаводаи тоҷир ба дунё омадааст. Падараш Абдураҳимбой шахси босавод буда, бо мақсади тиҷорат вай борҳо ба кишварҳои Туркияву Эрон ва Кошғари Чин сафар карда, таҷрибаи зиндагӣ андӯхтааст. Дар синни 9-солагӣ падар писарашро ҳамроҳ ба зиёрати ҳаҷ гирифтааст. Модараш Бибиҷон тахминан соли 1866 таваллуд шуда, соли 1937 ҳангоми ба ҳабс гирифтани писараш Фитрат барҳаёт будааст. Фитрат бо номҳои Абдураҳмон ва Маҳбуба бародар ва хоҳаре низ доштааст, ки фаъолони ҳаракатҳои навхоҳии солҳои бистуми асри XX будаанд.

Фитрат маълумоти аввалинро дар Бухоро гирифта, баъд муддате дар мадрасаи «Мири Араб» таҳсил кардааст. Бо сабаби номувофиқатии ақидаҳояш бо усули таълим дар мадрасаҳои Бухоро соли 1909 таҳсилро тарк гуфта, ба мадрасаи олии динии Воизини Истамбул меравад.

Абдурауфи Фитрат шахсиятест, ки ба гурӯҳи равшанфикрону ислоҳотхоҳон дохил гардида, дар роҳи ташкил ва интишори мактабу маорифи нав талош кардааст. Ақидаҳои маорифпарварии вай махсусан ҳангоми таҳсилаш дар Истамбул инкишоф ёфт. Фитрат ҳангоми таҳсил дар Истамбул ба кори эҷодӣ низ машғул шуда, бо номи «Сайҳа» (1909) маҷмӯаи шеърҳо ва ду қиссаи мансури «Мунозира» (1909) ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»-ро (1912) чоп ва пинҳонӣ дар аморати Бухоро паҳн кард. Дар ҳамин давра бо номҳои «Раҳбари наҷот» ва «Оила» асарҳо навишт, ки мазмуни иҷтимоию фалсафӣ ва публитсистӣ доранд. Асарҳои насрии ӯ, чунон ки худи ӯ дар қиссаи «Мунозира» меоварад, «ба тавр муҳовараи бухориён», яъне забони соддаи тоҷикӣ навишта шудааст. Фитрат аз аввалин эҷодкорони насри навини солҳои аввали асри XX мебошад.

Фитрат як силсила шеъру мақолаҳоро барои маҷаллаи «Оина», ки дар Самарқанд нашр мешуд, навишта, як достони лирикӣ бо номи

«Мавлуди шариф», ё худ «Миръоти хайрул башар» (1914) низ эҷод кардааст. Асарҳои нахустини ӯ ба забони тоҷикӣ навишта шудаанд. Баъди инқилоб Фитрат ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ асарҳо офарида, аввалин – бор шеърҳои ӯзбекиашро дар маҷмӯаи «Ӯзбек ёш шоирлари» чоп кард.

Дар тазкираҳои охири асри XIX ва аввали асри XX Фитрат бо тахаллуси «Миҷмар» низ дохил шудааст.

Ҳамин тавр, Фитрат олим ва нависандаи дузабона шуд ва анъанаи гузаштагонро давом дод. Соли 1924 Фитрат ба забонҳои ӯзбекӣ ҳикояи «Қиёмат»-ро навишт, ки то имрӯз қимати бадеӣ ва ғоявии худро нигоҳ доштааст. Вай барои бачаҳо китобҳои дарсӣ ва шеърҳо навишт, ки аз панду ҳикмат саршор буда, муҳаббат ба табиатро ба хонанда талқин менамоянд. Фитрат муаллифи аввалин драмаи «Шӯриши Восеъ» буда, ҳамчун адабиётшинос мақолаҳои «Сайфи Исфарангӣ», «Луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ»-ро навишта, дар тайёр кардани алифбои лотинии тоҷикӣ фаъолона иштирок дошт. Соли 1930 асари публитсистиаш «Амирони Бухоро» чоп шуд, ки моҳияти зиддимардумии сиёсати аморати Бухороро фош мекард.

Аз шоирони тоҷик танҳо Абулқосим Лоҳутӣ ба Фитрат назари неку самимӣ дошта, миёни онҳо мукотибот низ будааст. Мукотибаи Лоҳутӣ бо Фитрат адибро рӯҳбаланд сохта, мавқеашро дар адабиёт мустаҳкам месозад. Фитрат дар яке аз ҷавобҳояш ба номаи аввали Лоҳутӣ мегӯяд:

Дишаб ин буд ҷонбахш паёме, ки гирифтам,
Аз зиндагӣ ин буд ҳама коме, ки гирифтам.

Лоҳутӣ низ Фитратро чун шахси содиқу вафодор ба қалам додааст:

Дар Фитрати мо ғайри вафо чизи дигаре нест,
Дар даҳр ҳамин буд мақоме, ки гирифтем.

Фитрат адиби боистеъдоду шахсияти мураккабе буд. Мутаассифона, дар солҳои пурошӯби сиюм ӯро на дар Тоҷикистон ва на дар Ӯзбекистон касе дастгирӣ накард. Ҳатто чопи китоби оид ба санъатҳои бадеӣ навиштаашро рад карданд. Чунин муносибат адиби боистеъдодро дилшикаста кард. Вай аз мақсадҳои душманони ғоявиаш огоҳ буд ва онҳоро «сияҳтинатони ниқоби сурхпӯш» меномид:

Фитрат, махӯр фиреби сияҳтинатони зуҳд,
Ҳарчанд бастаанд ба ораз ниқоби сурх.

Ниҳоят, дар арафаи солҳои сиюҳафт ин «сияҳтинатон» ба мақсадҳои нопоки худ расиданд. 24 апрели соли 1937 Фитрат ба миллатчигӣ ва зиддиинқилобӣ айбдор шуда, ҳабс карда шуд. 4 октябри соли 1938 Суди Олии ҳарбии СССР ба Фитрат ҷазои олӣ – қатл ва мусодираи молу мулкро муносиб донист. 1 августи соли 1957 коллегияи ҳарбии суди Олии СССР бегуноҳии ӯро иқрор кард. Фитрат сафед шуд, вале умри вай, ҳунари вай, ки барои халқ лозим буд, қурбони беадолатии замона гардида буд.

**Мероси адабии шоир.** Абдурауфи Фитрат ҳам шоир, ҳам нависанда, ҳам олим ва драматург буд. Нахустин маҷмӯаи шеърҳои вай бо номи «Сайҳа» дар Истамбул чоп шуд. Маънии луғавии «сайҳа» – бонг, фарёди даҳшатангез, наъра аст. Муаллиф ба китобаш бесабаб чунин ном нагузошта буд. Аксари шеърҳои маҷмӯа дар бораи Ватан буданд ва шоир аз қисмати ватани хору залил ба фарёд омада, муҳаббати пурдардашро бо шеър ифода мекард. Шоир «ҳоли хароб»-и ватанро дида, худро дар «панҷаи ғам» мебинад. Муҳаббати ватани муқаддас ӯро шеърхон карда, ки мегӯяд:

Бинмо саҳарӣ азми тавофи ватани ман,
Оҳ-оҳ, чӣ ватан, саҷдагаҳи ҷону тани ман.
Ҳам моҳи ман, осоишу иззу шарафи ман,
Ҳам Каъбаи ман, қиблаи ман, ҳам чамани ман.

Фитрат дар шеърҳои ватанпарваронааш озодӣ ва мустақилии кишварашро мехост. Баъзе аз шеърҳои маҷмӯаи «Сайҳа», аз ҷумла шеъри «Бухоро» дар рӯзномаи «Садои Туркистон» чоп шуда буд. Ин гуна шеърҳои Фитрат на фақат уламои ҷоҳил, амири Бухоро, балки маъмурияти подшоҳии Русро низ ба ташвиш меовард. Барои ҳамин баробари дар рӯзномаи «Садои Туркистон» чоп шудани шеърҳои Фитрат бо амри генерал-губернатори Туркистон он шумора мусодира шуд.

Бештарини шеърҳои дар солҳои бистум навиштаи шоир дар мавзӯи табиат бошанд ҳам, дар онҳо шоир ҳоли халқу кишварро дар муқоиса бо фаслҳои сол шарҳ медиҳад. Аз ин гуна шеърҳои Фитрат бармеояд, ки вай аз натиҷаҳои сиёсати шӯравӣ ва ғорат шудани дороиҳои кишвар андӯҳгин аст. Шеъри «Тирамоҳ»-и ӯ ҳамин гуна ҳолати рӯҳонӣ ва шоиронаи ӯро ифода карда, аҳволи ҳузнангези кишвари ҷабркашидаашро барҷаста нишон медиҳад:

Ин фасли хазон аст, дарахтон ҳама зарданд,
Ку сабза, кучо лола, ба гулзор чӣ карданд?
Аз чангу ғуборе, ки бувад моҳи хазонро,
Бечора дарахтон ҳама олудаи гарданд.
Мурғони ғазалхон, ки зи гулзор париданд,
То фасли баҳорони дигар ҳеҷ нагарданд.
Ҳар ғаллаву ҳар донаву ҳар мева, ки дидем,
Бурданд зи саҳрову ба анбор супурданд.

* * *

Зимистон расидаст, ҷони бародар,
Ҷаҳонро гирифтаст сармо саросар.
Ҳама дар тахи барф гардида пинҳон,
Чи кӯҳу чи саҳро, чи девору чи дар.

Дар хотимаи ҳар шеър шоир ба хонандагон муроҷиат мекунад ва онҳоро ба мактаб даъват менамояд:

Бирав мактабу тан ба омӯхтан деҳ,
Дар ин фасл ҳаргиз макун кори дигар.

Бояд гуфт, ки шеърҳои дар бораи фаслҳои баҳору тобистон навиштаи шоир ҳолати яъсу навмедӣ ва рӯҳияи маъюсонаро ифода намекунанд. Фитрат дар бораи ҳар фасли сол сухан ронда, хусусиятҳои муҳими онро ифода кардааст. Дар шеърҳои ба фасли сол бахшидааш оҳанги шеър низ шоду дилписанд буда, авзои фаслро хеле табиӣ ифода мекунад. Чунончи:

Омад баҳорон, омад баҳорон,
Бо абри гирён, бо барқи хандон.
Шуд кӯҳсорон, ҳам ҷӯйборон,
Аз гул гулистон, аз атр бӯстон.

Шоир дар тасвири баҳор ҳолату ҳодисаҳо ва манзараҳои зуд тағйирёбандаи ин фаслро зинда кардааст. Ин тарзи тасвир рӯҳбаландӣ ва назари некбинонаи муаллифро ҷилвагар месозад.

Фитрат дар бораи тобистон шеъре дорад, ки бо ин мисраъҳо шурӯъ мешаванд.

Гузашт фасли баҳору расид тобистон,
Зи офтоб шуда синаи замин бирён.
Зи ранги себу анору биҳию зардолу,
Чи хуб ҷойи тамошост боғу ҳам бӯстон.
Расид гандуму ҷав, пухт меваҳо яксар,
Ки музди меҳнати яксоларо барад деҳқон.

Ин тасвир танҳо муҳаббати ҳаёт ва табиатдӯстии инсонро нишон медиҳад. Дар шеър ҳиссиёти амиқ намерасад. Мисли шеъри «Тирамоҳ» аз ин шеър ҳолати инсон ба тасаввур намеояд.

Наср дар эҷодиёти Фитрат мавқеи калон дорад. Ба қавли устод Айнӣ, Фитрат бо насраш на фақат ба забони тоҷикӣ ранги нав бахшид, балки роҳу равиши наверо дар наср ба вуҷуд овард.

**Дар бораи асари «Мунозира».** Ин асари Фитрат соли 1909 дар Истамбул чоп шуд ва ба тариқи пинҳонӣ дар аморати Бухоро пахн карда шуд. Он дар шакли мунозира навишта шуда, баҳси як нафар мударрриси бухороиро бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бар мегирад. Нависанда барои равшан ва барҷаста баён кардани мақсадаш аз жанри маъмули публитсистӣ – мусоҳиба истифода карда, Ҳиндустонро макони баҳс қарор медиҳад ки ду сабаб дошт: аввалан ин кишвар дар зери асорати Англия буд, дигар ин ки мактаби нав дар ин ҷо пештар таъсис шуда, аз файзи он Ҳиндустон тараққӣ карду пеш рафт.

Дар асари Фитрат фарангӣ намояндаи усули мактаб ва таълими нав ва мударрис вакили мактаб ва усули кӯҳнаи таълим аст. Фитрат фарангиро шахси доно, забондон, илмдӯст, одаму оламшинос, аз мактабҳову усулҳои нави таълим огоҳ, рӯзномахону маҷалладон ба қалам медиҳад.

Фитрат ба воситаи ин асар, ақидаҳои маорифпарвариашро таблиғ мекунад. Муҳимтарин масъалае, ки ӯ ба миён мегузорад, омӯхтани илм ва босавод кардани мардум аст. Дар ин замина образи фарангӣ воситаест, ки муаллиф бадбахтиҳои ватанашро аз нигоҳи ӯ баён мекунад.

Фарангӣ бо баёни масъалаҳои муҳиме, ки боиси пешрафт ва тараққиёт мешаванд, мударрисро сабақи муфид медиҳад. Мударрис аз ин баҳс баҳраи зиёде бардошта, дар охири мунозира бо ҳисси эҳтиром ва миннатдорӣ ба фарангӣ мегӯяд: «Шумо хуб марди донишманде будед. Воқеан тамоми дардҳои Ватану миллати моро ёфта, илоҷашро некӯ баён намудед. Зотан мо низ дар бораи ин ки «аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст», мухолифат надорем, иштибоҳи мо мактаби ҷадид ва таҳсили улуми ҳозира буд, ки инро бо камоли хубӣ рафъ намудед, аз мусоҳибати ҷаноби Шумо масрур гардидам».

Фитрат дар ин асараш дар бораи Ватан бо муҳаббат сухан ронда, фарзандони онро ба омӯзиши илму дониш даъват мекунад. Мактабу маорифи нав, усулҳои пешқадами таълимро воситаи пешрафти кишвар медонад. То ба Фитрат ҳеҷ адибе дар таърихи адабиёти мо ин дараҷа бо ҳасрат, сӯз ва умедворӣ дар бораи Ватан сухан нагуфтааст. Мафҳумҳои Ватан ва Миллат дар осори нависанда маънои тозаи иҷтимоӣ гирифта, меҳвари фикру андеша қарор гирифт. Андешаи Фитрат дар бораи инсон аст, вале аз Ватан ҷудо нест.

Чунонки дидем, Фитрат пешрафти Ватан ва халқро танҳо дар омӯхтани илм ва донишҳои пешқадами дунёӣ мебинад.

Мавзӯи мактабу маориф ҷузъи муҳими афкору осори Фитратро ташкил медиҳад. «Аввалин наҷотдиҳандаи мо илм аст!» – ин шиор ва мояи зиндагии ӯ буд. Аз ин ҷиҳат барномаи навсозии мактабу маорифи ҷомеа, ки поя ба маънавияти баланд бардошта бошад, дар асарҳои дигари ӯ, аз ҷумла «Раҳбари наҷот», «Оила» ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» низ ҳаматарафа тарҳрезӣ шуда, андешаҳои нависанда имрӯз ҳам метавонанд раҳнамои ҳаёти маънавии мардум бошанд.

**«Баёноти сайёҳи ҳиндӣ».** Ин қиссаи дилангез аз «Муқаддима» ва «Шурӯъ», ки қисми асосист, иборат мебошад. Дар «Муқаддима» фуқарои мамлакат ба се гурӯҳ – уламо, умаро ва аҳолӣ ҷудо карда шудаанд ва муаллиф ҳар гурӯҳро тавсиф мекунад.

Қаҳрамони қисса сайёҳи донишманд ва равшанфикри ҳиндӣ буда, ба воситаи раҳнамоӣ ва мадади одамони тараққихоҳи Бухоро шаҳр ва навоҳии қисми ғарбии аморатро саёҳат мекунад, нуқсонҳо ва ақибмонии фикрии кишварро мушоҳида карда, онҳоро танқид менамояд. Агар дурусттар диққат диҳем, мебинем, ки худи муаллиф дар баъзе лаҳзаҳо прототипи қаҳрамони асар – сайёҳи ҳиндӣ мебошад. Персонажи дигари асар, ки дар ислоҳоти тиббӣ маслиҳатҳои муфид медиҳад, духтури рус аст.

Қаҳрамони қисса мушоҳидаҳояшро аз даромадгоҳи шаҳр ба рӯйи коғаз меоварад. Вай аз аввалин лаҳзаҳо бо ҷаҳолати мардум рӯ ба рӯ мешавад. Мефаҳмад, ки мардум соддаву бесавод ва ҷоҳил ҳастанд. Манфиат ва зарари худро намешиносанд. Баъд бо маслиҳати саройбон ба тамошогоҳи машҳури Бухоро лаби ҳавзи Девонбегӣ меравад. Мебинад, ки одамон аз ин Ҳавз ҳам об менӯшанду ҳам дасту рӯ мешӯянд. Оби Ҳавз бисёр ифлос аст. Ин ҳолатро дида, ба муллои ҷоҳиле фаҳмониданӣ мешавад, ки дар ин ҳавз одамон бояд таҳорат накунанд, бинӣ наафшонанд, пой нашӯянд, ахлот наандозанд, «зеро оби ин ҳавз барои ошомидан аст, бояд покиза бошад».

Баъд сайёҳи Фитрат бо ҳолати иқтисодиёт, тиҷорат, мактабу маориф, тиб ва ғайра шинос мешавад. Як-як камбудиҳо ва ба эҳтиёҷи мардум ҷавоб нагуфтани ин соҳаҳоро пай мебарад. Ҳатто сӯҳбати як табиби бухороӣ ва бехабарии ӯ аз усули табобати бемор сахт андӯҳгин месозад. Ин табибро бо духтури рус, ки беморро табобат карда, сиҳат намуд, муқоиса мекунад.

Фитрат бо камоли дилсӯзӣ ва ватанпарварӣ, танҳо ба мақсади ободии диёр, осудагии мардуми Бухоро ва ҳолати иқтисоду фарҳанги онро аз нигоҳи як фарди хориҷии беғараз нишон медиҳад. Он ҳама беилмӣ, ҷаҳолат ва нобасомониҳо дилашро ба дард меоварад. Аз он, ки халқ бо ин ҳама қашшоқию ҷаҳолат ва ақибмондагӣ муросо мекунанд ва беш аз ин маорифпарварони тараққихоҳро чашми дидан надоранд, зиёда ғамгин мешавад ва бо ҳасрати ҷонсӯзе фарёд мезанад: «Ҳай бечора миллат! ... ту ҳоло тарафдори ғосибонӣ, ки хунатро мемаканд, хонумонатро ба боди фано додаанд, оташ ба бунёди шарафу номусат ниҳодаанд, ту ҳоло ҳам намефаҳмӣ! Афсӯс, афсӯс!».

Нависанда дар он замони тираю тор ин гуна андешаҳои ватанпарваронаро баён дошта, умедвор буд, ки мардуми кишвараш аз хоби ғафлат бархоста, илмро тоҷи сар ва ҷаҳолатро зери по мекунанд. Вале дар он замон, дар шароити Бухорои амирӣ ба ҷомаи амал пӯшидани орзуҳояш шояд Фитрат чандон умед надошт, ки дар хотимаи қисса мегӯяд:

Муроди мо насиҳат буд, гуфтем,
Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

Абдурауфи Фитрат аввалин нависандае буд, ки масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро дар асарҳояш ба миён гузошта, роҳҳои ҳалли онро нишон дод. Харобиҳои кишвар, бетарафӣ ва бешарафии ҳокимону рӯҳониёни ҷоҳил ва манфиатпарастро тасвир карда, дар дили хонанда ҳисси ватандӯстӣ ва миллатдӯстиро бедор кард.

Адабиёти бадеӣ дар ҳама давру замонҳо дар робита бо ҳаёти ҷомеа равнақу ривоҷ меёбад. Вазъияти ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию ахлоқии мамлакат ҳусни таваҷҷӯҳи аҳли адабро ба мушкилоту муаммоҳое ҷалб менамояд, ки баррасӣ ва ҳаллу фасли онҳо зарур аст. Аз ин лиҳоз Фитрат низ натавонистааст, ки аз рӯзгори мураккаби халқи худ канорагирӣ ҷӯяд ва ба мағз андар мағзи ҳаёти мардум ворид гардида, муҳимтарин равандҳои онро дар асарҳояш инъикос кардааст. Ӯ бо осори пурмазмун ва хушсифати худ ба ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсӣ,

давлату давлатдорӣ, ҳаллу фасли мушкилиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ ширкат варзидааст.

Абдурауфи Фитрат забони китобии навро рӯйи кор овард, то андешаҳояш ба мардум дастрасу фаҳмо бошад. Аз ин ҷиҳат номи ӯ ва осори ӯ ҳамеша ҳампойи зиндагӣ ва ҳамроҳи мардум хоҳад монд.

## «БАЁНОТИ САЙЁҲИ ҲИНДӢ»

*Порча аз қисса*

### Муқаддима

Чанд сол пеш аз ин яке аз мардуми Бухороро дидам ва аз чигунагии аҳволи ин шаҳр пурсидам, он қадар мадҳу сано гуфт, ки аз он дам эътиборан зиёрати он шаҳрро воҷиби зиммаи худ шумурдам.

То ки ҳамон сол фурсатро мусоид ёфтам ва ва ба азми мақсади худ шитофтам. Дар аснои роҳ чизи қобили зикреро надидам, то ба дохили шаҳр расидам. Дар зарфи чанд моҳ аҳволи Бухоро ва бухороиёнро тадқиқ кардам ва ба аксари корҳои инҳо воқиф гаштам.

Бо камоли бадбахтӣ метавон гуфт, ки бухороиҳо на танҳо ба заволи умумии олами ислом иштирок варзидаанд, балки баъзе аз тавоифи исломро низ ҳамроҳи худ ба мағоки ғафлат кашидаанд.

Пеш аз он ки ба тафсили ин саёҳат шурӯъ намоям, лозим аст, ки фикри иҷмолиеро, ки аз ин саёҳат дар бораи Бухоро ва бухороиён ҳосил кардаам, навишта, қориёни мӯҳтарамро иҷмолан ошнои аҳволи ишон гардонам. Ҳамагӣ мардумони Бухоро се қисманд: уламо, умаро, фуқаро...

### Уламо

Маълум аст, ки Бухоро дар замони собиқ уламои мутабаҳҳир ва фузалои муқтадир хеле мерасонид. Ҳар рӯз як Бӯалӣ, Форобӣ ва дигареро ба майдони мусобиқат медавонид, ба ин восита овозаи шарофати худро овезаи гӯши ҷаҳониён мегардонид. Қариб дусад сол мешавад, ки қимати илмияи худро гум намуда. Пас аз вуруди Мирзоҷони Шерозӣ уламои Бухоро ба хондани ҳавошӣ, ки иборат аз тадқиқи алфоз аст, майл карда, кам-кам он қадар ба ривоҷи ин таҳсили бефоида кӯшидаанд, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам аз хотири худҳо баровардаанд. Соири туркистониҳо низ, ки таҳсили худро дар Бухоро мекарданд, бо

бухороиҳо муштаракан ба мағоки ҷаҳл ва ғафлат фитода: оқибат ситораи равшани осмони маданият, саҳифаи мунаввари китоби инсоният, яъне Туркистонро ба ҳолате, ки забони дӯст ва гӯши душман аз гуфтан ва шуниданаш мешармад, мубтало намудаанд!

Ҷамоае, ки имрӯз аз уламои ҳақиқия хабаре надоранд, бист сол таҳсил ва бист соли дигар дарсгӯӣ карда, баъд аз он ба мансаби муфтигӣ расида, боз мутолиаи кутуби арабияро мушкил ва худро ба истеъмоли кутуби фиқҳияи форсия маҷбур медонанд, мақоми ҷалили рӯҳонияти Бухороро гирифтаанд. Ин ҷамоа амрҳои илоҳиро тобеи раъй ва мақсади худ донista, бо ранге, ки хоҳанд, оят тафсир мекунанд, ҳадис мебофанд. Чунончи, дар мавқеаш ҳам тафсилан менависем, дар ҳолате ки худашон иртикоби ҳар гуна зулм ва гуноҳро мекунанд, ҳамеша ҳозир менишинанд, то авоми бечораеро ба андак гуноҳе кофир гуфта, ба зери лагад бигиранд.

Ҳамин ҷамоа аз тарафе ҳамагии авқофи Бухороро ғайри шарти воқиф нӯши ҷон менамоянд, аз тарафи дигар, аҳолии мискин, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам нашунидаанд, буду набуди худро ба номи шогирдӣ фидои онҳо месозанд.

## Аҳолӣ

Ин бечорагон айбе надоранд, аз ҳар ҷиҳат мустаиданд. Фақат ҳамин қадар ҳаст, ки «намедонанд».

**Савол ва супориш:**

1. Муҳимтарин лаҳзаҳои ҳаёти Фитратро ба хотир оваред.
2. Фитрат дар куҷо таҳсил кардааст ва аввалин асарҳои адиб кадомҳонад?
3. Дар бораи ақидаҳои маорифпарварии Фитрат чӣ медонед?
4. «Мунозира» чӣ гуна асар аст?
5. Мақсади адиб аз таълифи қиссаи «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» чӣ буд?
6. Порчаро хонед ва гӯед, ки сухан дар бораи кадом табақаҳои аҳолӣ меравад?

# НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

Адабиёти муосир ё худ навини тоҷик зодаи замони Шӯравист. Маҳз таъсиси ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон сарнавишти минбаъдаи ин адабиётро муайян кард.

Фазои озоди рӯҳпарваре, ки аҳли адабро дар он солҳо фаро гирифт, фазои хеле мувофиқ барои кори эҷодӣ буд. Асарҳои пурмазмуни дорои сатҳи баланд бадеият офарида шуданд. Беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикӣ ривоҷ ёфта, аҳли адаб осори худро бо забону фасеҳу балеғ эҷод мекардагӣ шуданд.

Нахустин асари ин адабиёт «Марши ҳуррият» ва аввалин адибаш Садриддин Айнӣ буд. Баъдтар, вақте ки Абулқосим Лоҳутӣ аз Эрон ба Тоҷикистон муҳоҷират кард, ду устод бо ҳамдастӣ ба пешрафти адабиёти нави тоҷикӣ ҳисса гузоштанд.

Ҳукумати Шӯравӣ ба тақозои сиёсат ва идеологияи ҳоким барои пешрафти қувваҳои эҷодӣ шароит муҳайё мекард. Ин буд, ки адибони калонсол бо ҳамдастии ҷавонон барои пешрафти адабиёт хидмат мекарданд. Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Муинзода, Баҳриддин Азизӣ, Сарвар, Пайрав Сулаймонӣ намояндагони аввалини ин адабиёт баъди Айниву Лоҳутӣ буданд. Мавзӯи асосии эҷодиёти адибон дар ин давра танқиди таассуби гузашта ва тараннуми сохти нав, мактабу маориф ва ғайра буд.

Солҳои сӣ дар адабиёти тоҷик аввалин асарҳои калонҳаҷм пайдо шуд, ки романи «Ғуломон» аз ҷумлаи он аст. Дар ин солҳо чеҳраҳои нави эҷодӣ ба адабиёт омада, ба пешрафти он мусоидат намуданд. Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода аз ҷумлаи адибоне буданд, ки бо асарҳои ҷолиб ва сабку салиқаи хоси ҳунарӣ дар таърихи адабиёти нави тоҷик мақоми шоён доранд. Равишҳои тоза дар шеър ва наср ба номи ин гурӯҳ вобастагӣ дорад.

Айнӣ муаллифи нахустин повест, роман ва асари ёддоштии муосир буд ва равишҳои асосии инкишофи адабиёти муосир, аз ҷумла насрро муайян кард. Повести ӯ «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» аз асарҳои барҷастаи адабиёти навини тоҷик шинохта шудаанд.

Насли дигари адибони тоҷик Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода бо шеъру достонҳо ва повесту романҳояшон аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти муосири тоҷиканд.

Мирзо Турсунзода бо назокат ва нафосати шоирона, бо диди амиқи зиндагишиносӣ, бо таблиғи гояҳои инсондӯстиву адолатпарварӣ аз шоирони беназир аст. Достони «Ҷони ширин», силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» бо андешаҳои амиқи сулҳхоҳона, инсондӯстона ва адолатхоҳона дар ҳеҷ давру замон кӯҳна нахоҳанд шуд, монанди байти зер ва даҳҳо байту пораҳои дигар:

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

Ҷалол Икромӣ аз насрнависони сермаҳсули адабиёти тоҷик буда, бо романи «Духтари оташ», повести «Ман гунаҳгорам» ва даҳҳо асарҳои дигараш ҷовидон аст.

Романи «Духтари оташ» суруди дилангезе дар ҳаққи инсон, зан, модар аст. Қаҳрамони роман духтари ҷасур Фирӯза ба мо усули фидокорона зистанро ёд медиҳад. Ҷалол Икромӣ бо повести «Ман гунаҳгорам» усули тасвири психологиро дар насри тоҷик хеле амиқ пеш бурд. Аз қолибҳои маъмули тасвири инсон берун омад ва шахсиятҳоеро офарид, ки намунаи сидқу сафо мебошанд.

Нависандаи дигаре, ки бешак, дар адабиёти садаи XX тоҷик ҷойгоҳи хос дорад, Сотим Улуғзода аст. Ӯ бо забони фасеҳ, тасвирҳои ҷолиб, хислат ва хилқатшиносиаш аз намояндагони беназири ин адабиёт мебошад. Бисёр мунаққидон менависанд, ки дар адабиёти тоҷик муаллифи беҳтарин ҳикоя, беҳтарин повест ва беҳтарин роман Сотим Улуғзода аст. Дар ин маврид онҳо ва хонандагони ин нависандаи мумтоз низ ҳикояи «Марги Ҳофиз», повести «Ривояти Суғдӣ» ва романи «Фирдавсӣ»-ро дар назар доранд.

Фотеҳ Ниёзӣ нависандаи ҷангноманавис буда, бо тасвирҳои бадеӣ ва образҳои офаридааш шуҷоат ва далерии инсонро бар зидди ҷанг ва беадолатӣ васф намуда, бо романҳои «Вафо», «Ҳар беша гумона мабар, ки холист» ва «Сарбозони бесилоҳ» дар адабиёти муосири тоҷик мақоми шоён дорад.

Баъди солҳои шаст ба адабиёт ҷавонони навҷӯе омаданд, ки дар назму наср пешрафтҳо насибашон гардид. Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Гулрухсор ва Бозор Собир намояндаи насли шоироне ҳастанд, ки бо сабку

салиқаи хос равиши инкишофи шеъри тоҷикро дигар карданд. Ҷасорати Мӯъмин Қаноат дар достоннависӣ, Лоиқ Шералӣ дар сурудани ашъори лирикӣ, махсусан дар шаклҳои анъанавии ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ беназир аст. Ин ду шоир ва шоирони дигар асолати шеъри тоҷикиро боло бурда, маҳбубияти онро дар байни хонандагон зиёд карданд.

Ҳамин гуна навҷӯйиву тозакориро дар наср мо дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод ва чанде дигар мушоҳида мекунем. Ин нависандагон бо ҳикояву повест ва романҳояшон дар дили хонанда тухми умеду боварӣ, одаму одамгарӣ, сидқу сафо корида, рӯҳи ӯро ба зиндагии душвору бошарофат дар ин ҷаҳони сервоқеа омода месозанд.

Адабиёти муосири тоҷик аз нигоҳи навъу жанрҳо низ ғанӣ мебошад. Дар баробари ҳикояву повест ва роман мо ба жанри барои адабиёти тоҷик нав – драма вомехӯрем. Муаллифи беҳтарин драмаҳо дар адабиёти тоҷик Сотим Улуғзода шинохта шудааст, ки драмаи манзуми «Темурмалик», «Рӯдакӣ», «Алломаи Адҳам» ва дигарон намунаи он аст.

Имрӯз насри тоҷик хеле ғанӣ гардидааст. Нависандагон суннатҳои эҷодии устодони бузурги сухани бадеӣ С. Айнӣ, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, С. Улуғзода, Ф. Ниёзӣ, Ф. Муҳаммадиевро равнақу ривоҷ дода, худ насри миллиро бо роҳи тозапардозӣ пеш бурда истодаанд.

Мо аз ин баҳри бекарони адабиёти муосири тоҷик баъзе аз намояндагони онро интихоб кардем ва аз ҳаёту осорашон ба шумо пешкаш мекунем. Бошад, ки бо диққат ва кӯшиши пайгирона аз моҳияти эҷодиёти ин адибон баҳраманд шавед.

# САДРИДДИН АЙНӢ

# (1878—1954)



Садриддин Айнӣ 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиждувони амороти Бухоро ба дунё омадааст. Ӯ соли 1940 бо номи «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам» китобчае навишт ва он баъди вафоташ соли 1958 нашр шуд. «Ёддоштҳо»-и чорҷилдааш низ тасвири як қисми саргузашташро дар бар мегирад. Айнӣ тарҷимаи ҳолашро бо тамоми ҷузъиёташ дақиқ навиштааст. Ҳатто дар ҳуҷҷатҳо хато сабт шудани соли таваллудашро дар як мактубаш ба Лоҳутӣ аниқ карда менависад, ки «ман дар соли 1878 (мувофиқи ҳуҷҷатҳо, аммо дар ҳақиқат дар соли 1875... таваллуд ёфтаам).

Давраи бачагии Айнӣ дар ду деҳа, тобистон дар Соктаре, зимистон, дар маҳаллаи Болои тумани Шофирком гузашта, аз хурдӣ бо азобу машаққат, меҳнати душвор ва камбағалии мардуми меҳнаткаш ошно гаштааст.

Падараш Саидмуродхоҷа одами босавод буд ва муддате дар мадрасаҳои Бухоро низ таҳсил кардааст. Аз ин рӯ бо муҳити мадраса, усули таълими он ва аъмоли мансабдорони Бухоро шинос буд. Айнӣ аз хурдӣ аз падар бисёр чизҳоро омӯхт, ки муҳимтарини онҳо муҳаббат ба халқ ва адабиёту фарҳанг буд. Саидмуродхоҷа шахси адабиётдӯст, ки буд, ба ҳар муносибате аз шеърҳои гузаштагон, аз ҷумла Саъдию Ҳофиз, Бедилу Соиб ва шоири ҳамзамонаш Исо Махдум мехонд ва таъсири ин кори падар ба Айнии хурдсол зиёд буд. Садриддин аз шашсолагӣ ба мактаб рафта, аввал муддате дар мактаби масҷиди деҳа мехонад. Ба сабаби бесаводии мактабдор чизе омӯхта наметавонад ва падараш ӯро ба мактаби духтарона мегузаронад. Айнӣ мактабро дар даҳсолагӣ ба охир мерасонад. Дар ин мактаб ӯ тавонист, ки «фақат девони Ҳофиз, чанд ҷузъ аз Бедил ва чанд ҷузъ аз ғазалиёти Соиб»-ро аз худ кунад. Ин азхудкунӣ барои Айнӣ чунин натиҷа дошт: «шеърҳоро дӯст медоштам, ҳарчанд маъниҳои онҳоро дуруст нафаҳмам ҳам, оҳанги онҳо ба ман гуворо менамуд ва ба ёд карда хонда гаштани баъзе шеърҳо кӯшиш мекардам».

Дар тақдири минбаъдаи Садриддин хизмати сарвари равшанфикрони бухороӣ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ниҳоят бузург аст. Ин шахс ба зодгоҳи Айнӣ меҳмон шуда, аз зиракии ӯ пай бурда, ҳамон вақт таъкид карда буд, ки «ин бачаро барои хондан ба шаҳр бурдан даркор аст». Ва Айнӣ имкон ёфт, ки додарони бесаробонашро ба модаркалон супурда, ҳамроҳи бародараш Муҳиддинхоҷа барои таҳсил ба Бухоро равад ва аз сентябри соли 1890 сар карда «муллобачаи мадрасаҳои Бухоро шуд». Айнӣ бисту ҳафт сол дар Бухоро зиндагӣ карда, на фақат дониш андӯхт, балки ба зиндагии мардуми шаҳр, аҳли касбу ҳунари он шинос гардид. Аз зиндагӣ талху шириниҳои зиёде бардошт.

Зиндагии Айнӣ дар мадрасаҳои Бухоро осон набуд. Ӯ менависад, ки «бо пойи бараҳна, бо кафши булғори маҳаллидӯхт дар барфу лой мегаштам, ки поҳоям мекафиданд. Кафидагиҳои пойро аз шамъи дар гирифта истодагӣ равған чаконда даво мекардам». Шароити таълим низ дар мадрасаҳо хуб набуд. Дигар мадрасаҳои Бухоро шӯҳрати илмии оламгири қадимаи замони Сино ва баъди онро надоштанд. Усули таълим кӯҳна буд ва аксаран аз илмҳои мурда ва нолозими асри миёна дарс мегуфтанд, ки ба дарди замон намехӯрд.

Бо вуҷуди ин Бухоро, ки маркази тараққии илму адабиёт буд, Айниро парвариш намуд ва ба олами адабиёт ворид сохт. Махсусан Садри Зиё дар ин роҳ ба Айнӣ кӯмакҳои зиёд кардааст. Вай Айниро нафақат дар хонааш ҷой дод ва ба ин восита Айнӣ дар сӯҳбатҳои аҳли адаб иштирок карду баҳра бардошт, балки дар мадраса ҳуҷраеро барои Айнӣ харида, барои ӯ шароити дурусти хонданро муҳайё сохт.

Зиндагӣ дар ҳавлии Садри Зиё барои Айнӣ бисёр судманд буд, зеро, ҳавлии ӯ дар ҳақиқат «мактаби адабиёти ҳамин давра» буд ва Айнӣ «материалҳои муҳими адабии худро» маҳз дар ҳамин ҳавлӣ ҷамъ овардааст. Айнӣ дар ҳавлии Садри Зиё зиста хидмати ин хонаводаро низ ба ҷо меовард. Дар ин ҳавлӣ, аз як тараф, агар хазинаи дониши вай «аз лафз ва маънӣ пур» шуда бошад, аз тарафи дигар «хизматҳои вазнин аз фурсат ва тоқат»-аш беш буд. Бинобарин ҳам Айнӣ оқибат хизмат ва ҳавлии Садри Зиёро тарк гуфта, муддате дар ҳуҷраи бародараш Муҳиддинхоҷа зиста, баъди «тамоман беҳуҷра монда, хонабардӯш» гардиданаш Садри Зиё аз мадрасаи Кӯкалдош як ҳуҷра харида ба ӯ дод ва Айнӣ даҳ сол – то моҳи апрели соли 1917 он ҷо зиндагӣ кард.

Айнӣ як толибилми ҳушёр ва мустақил, ки буд, ҳанӯз ҳангоми дар мадраса таҳсил карданаш ба ҳаёти иҷтимоӣ ва аҳволи табақаҳои гуно-

гуни мардуми Бухоро таваҷҷӯҳ мекард. Аз «бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон замон» огоҳ буд. Махсусан «шикоятҳои иҷтимоӣ», ки дар сӯҳбатҳои хонаи Садри Зиё ба гӯшаш расида буд, чашми ӯро ба воқеияти сиёсию иҷтимоӣ мекушод. Вай ба сафи онҳое даромад, ки ислоҳоти мактабу маориф ва низоми идораро мехостанд. Ана дар ҳамин давра Айнӣ бо рафиқонаш, аз ҷумла Мунзим дар фикри ислоҳоти маориф ва ташкили мактабҳои нав афтиданд ва барои ба амал баровардани ниятҳояшон ҷамъияти пинҳонкории «Тарбияи атфол»-ро таъсис доданд. Ҳаракати ин маорифпарварон ва ислоҳотхоҳони фидоӣ, ки баъд бо истилоҳи ҷадидӣ машҳур шуд, ниятҳои нек дошт. Ба қавли Айнӣ «ниҳояти матлаби инҳо ислоҳи мактаб, ислоҳи мадраса ва ислоҳи ҳукумати амир буд». Вале ин нияти неки равшанфикрони Бухоро ба таъқиботи сахти амир дучор шуд.

Талошҳои ислоҳотхоҳонаи Айнӣ ва шариконаш ба он анҷомид, ки бисёре кушта ва ё ҳабс шуданд. Айнӣ баъди 75 чӯби амир аз ҷониби аскарони рус озод карда шуд ва пас аз табобати тӯлонӣ дар беморхонаи Когон аввалҳои моҳи июли соли 1917 ба Самарқанд омад. Муддате дар ин шаҳр паноҳ бурда, боз ба таъқиби рӯҳониёни ҷоҳил гирифтор шуд ва маҷбур гардид, ки ба Тошканд равад. Баъди ором шудани вазъият боз ба Самарқанд баргашт ва то солҳои охири ҳаёташ ин ҷо зиндагӣ карда, тамоми осори илмию адабиашро дар ҳамин шаҳр навишт. Солҳои охири умраш дар Душанбе гузашта бошад ҳам бо Самарқанд робитаи наздик дошт.

Садриддин Айнӣ 15 июли соли 1954 дар Сталинобод (Душанбе) аз дунё гузашт. Оромгоҳи ӯ дар боғи Айнии шаҳри Душанбе аст.

**Айнӣ – шоир.** Устод Айнӣ нахустин шеърашро соли 1895 гуфтааст. Ин ҳамон шеъри машҳури «Гули сурх» аст. Аз ин пештар низ Айнӣ шеърҳое гуфта будааст, вале «баъд аз понздаҳ рӯз ё як моҳ бемаънӣ будани» онҳоро фаҳмида, «пеш аз он ки касе дида бошад, сӯхта нобуд» мекардааст. Айнӣ баробари ба шеъргӯӣ оғоз кардан мувофиқи расми он замон тахаллус интихоб мекунад. Аввал тахаллуси Сифлӣ, баъд Мӯҳтоҷӣ, сипас Ҷунунӣ ва ниҳоят Айниро мепазирад. Ба ҳар се тахаллуси аввал низ шеърҳо гуфтааст, вале дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX номи ӯ бо тахаллуси Айнӣ омадааст.

Шеърҳои нахустини Айнӣ асосан мазмуни ишқӣ дошта, дар баъзеи онҳо аҳволи худи ӯ низ баён шудаанд. Аз ин рӯ шеърҳои аввалини ӯ аз воқеият ҷудо набуданд. Ҳамин эҳсоси шоиронаи ифшои ҳол дар шеъри «Гули сурх» ба назар мерасад.

Рози дил мегуфтам, ар як маҳраме медоштам,
Шиквaҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.
Дар шаби ҳиҷрон намешуд захми дил реши равон,
Гар зи васли як парирӯ марҳаме медоштам.
Меҳнати гетӣ ба талхӣ кай рабудӣ ҷони ман,
Бӯсае гар аз лаби исодаме медоштам.
Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф чун аҳли олам дирҳаме медоштам!
Ин қадар дар изтироб афтодаам аз фикри худ,
Мешуд оромам, агар аз худ раме медоштам.
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб,
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

Ба эътирофи худи Айнӣ ин шеърро дӯсти ӯ, шоир Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат таҳрир карда, «баъд аз алоқа пайдо» карданаш бо Ҳайрат «худро шоири расмӣ» мешуморад.

Ин шеър хеле фаҳмо буда, дар он эҳсосот ва эҳтиросоти қаҳрамони лирикӣ хеле равшан ва мушаххас ифода ёфтааст. Айнӣ хостааст шеърро ба зиндагии воқеӣ наздик кунад ва ба муродаш ҳам расидааст. Ҳар сатри ин шеър аз ҳасрати воқеии ӯ иборат буда, бунёди маънавии баъзе шеърҳои дигарашро низ ташкил мекунад. Масалан, дар як рубоӣ аҳволи мадрасагиашро чунин баён мекунад:

Дар мадраса ҳуҷраи кулай нест маро,
Дар майкада ваҷҳи нуқлу май нест маро.
То кай гӯям, ки «ину вай нест маро?»
Билҷумла ба даҳр ҳеҷ шай нест маро.

Ин маъниро дар байти як қасидааш низ такрор мекунад:

Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор,
Бенуқлу маю чангаму бемӯнису ғамхор.

Чунин шеърҳои Айнӣ хусусияти ҳасбиҳолӣ дошта, ҳолати залил ва таҳқиромези инсонро дар он рӯзгор инъикос мекунанд. Аз ҳар сатри ин қабил шеърҳо эътирози Айнии шоир ба гӯш мерасад, ки ба тарзи худ «як шакли ба худ хоси қабул надоштани воқеият» мебошад. Чунин тарзи нигоҳ ба воқеияти муҳит аз ҷониби Айнӣ нав буд.

Ба воқеияти рӯзмарра диққат кардан ва онро тасвир намудани Айнӣ дар як қасидаи ҳазломезаш низ равшан ба назар мерасад. Дар ин

қасида чизи муҳим тасвир меёбад, ки асли шеър он аст. Шоир як лаҳзаи базмгардиҳояшро дар ин шеър тасвир карда, аз унсурҳои гуфтугӯи мардум чунон устокорона истифода мекунад, ки оҳанги сухан хислати қаҳрамонро ошкор менамояд:

Гулаке чанд нишаста ҳама бар устулҳо,
«Ин читу базми накӯ» гуфта даҳоншон во буд–
Хуб ҷо буд, валекин зи тараб холӣ буд,
Базмаке буд хунук ё кураи сармо буд.
Баъди як чойник аз чой ба махдум гуфтам:
Ҳуҷраи танги ту сад бор аз ин авло буд.

Қасидаи мутоибаомези «Даҳяк» ва ғазали «Шаби дӯшина» низ ҳамин гуна хусусияти вуқӯъгӯёна доранд. Дар онҳо Айнӣ кӯшидааст, ки лавҳае ба вуҷуд орад ва ҳиссиёту ҳаяҷони қаҳрамони лирикиро ифода кунад.

«Достони сайри Ширбадан» низ асарҳои аввалин ва ҷолиби Айнии шоир аст. Ин асари Айнӣ низ дар асоси мушоҳидаҳои амиқи ӯ навишта шудааст. Достон пеш аз ҳама асоси воқеӣ дошта, дар он адиб як лаҳзаи саргузашти худашро баён кардааст. Дар бораи шакли ин асар Айнӣ мегӯяд: «Азбаски дар он вактҳо ман «Шоҳнома»-и Фирдавсиро бисёр мехондам, шакл ва услуби вай ба ин достон бетаъсир намондааст». Дар ин достон Айнӣ воқеаҳои муқарраррии дидаашро тасвир мекунад. Мо шеърро хонда иди Наврӯз, намуди сайргоҳ, сайру гашти мардум, бозиҳо ва ғайраро ҳамчунон зиндаву мусаввар тасаввур мекунем. Масалан, бо тасвири иди Наврӯз Айнӣ ба баъзе тартиботи замон – хубиву бадии он баҳо додааст. Қаҳрамони достон низ шахсияти он рӯзгор аст, ки ҷавони лоуболу бетакаллуф ва гоҳо бепарвою ҳангомаҷӯй ба назар мерасад. Айнӣ бо ин роҳ хостааст тартиботи нописанди он замонро маҳкум кунад. Ба ин маънӣ ин асари Айнӣ мазмуни баланди иҷтимоӣ дорад. Ин тарзи нигориши Айнӣ буд, ки баъзе аз муосиронаш ба «тарзи хос»-и ӯ дар шеър эътироф карда буданд. Аз ҷумла Садри Зиё навишта буд:

Ба тарзи наве чун сухангустар аст,
Зи ақрони худ дар сухан бартар аст.
Чу мазмуни ашъори ӯ ҷумла бикр,
Ки ҳаргиз касеро нарафтаст фикр.
Агар бингарӣ сар ба сар шеъри ӯ,
Зи мазмуни пешин набинӣ дар ӯ.
Суханро сазад гар диҳӣ ихтисос
Мар-ӯро, ки бошад варо тарзи хос.

Ба «тарзи хос» соҳиб шудани Айнӣ тасодуфӣ набуд. Вай аз аввалин рӯзҳои эҷодкориаш собитқадамона пеш рафта ва замоне, ки чун шоир шинохта шуд, яке аз намояндагони барҷастаи назми соф, фаҳмрас ва ҳиссиётпарвари замони худ гардид. Вай доир ба шеър ва мақсади шоир тасаввуроти равшан дошт: касеро беҳтарин мешинохт, ки «фикр ва ҳиссиёти худро дар шакли беҳтарин, бо ибораҳои барҷаста, дар қолиби хуб, бо ташбеҳҳои табиӣ ва қаноатбахш ифода кунад». Айнӣ дар тамоми фаъолияти шоириаш ба ин назария содиқ монд.

Айнӣ баробари фаро расидани Инқилоби Октябр шеъри нави инқилобиро бо оҳанг ва мазмуни нав гуфт. Ин шеър «Марши ҳуррият» ё худ «Марши озодӣ» ном дошт ва дар ибтидои соли 1918 гуфта шуд. Дар ин сол Айнӣ шеъри «Марсия»-ро навишт. Ин шеърро Айнӣ ба муносибати аз ҷониби амир қатл намудани бародараш гуфта буд ва он ҳукмномаест бар зидди сохти пӯсидаи амирӣ, ки боиси бадбахтӣ ва хории ҳазорон инсон гардида буд:

Хоҳам он хонаи бедоди ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!
Хоҳам он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сияҳ яксон бод!...
Хоҳам он муфтию он қозию он шоҳу вазир,
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод!

Айнӣ то фаворасии инқилоб асосан шеърҳои пандомӯз гуфтааст, ки фаъолияти маорифпарварӣ ва омӯзгориашро ифода мекунанд. Ин гуна шеърҳои ӯ бештар хусусияти даъватӣ дошта касро ба омӯхтани илму дониш ҳидоят мекунанд:

Аз мактаб ояд осоиши дил,
Марғуби дилҳо з-он аст мактаб.
Бемактабонро набвад ҳаёте,
Саъд аст мактаб, хайр аст мактаб.

Шеърҳои «Бомдоди баҳорон» ва «Саҳаргоҳон» низ андешаҳои ахлоқии Айниро ифода менамоянд, ки байти зер намунаи он аст:

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.

Ва ё

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

Бо саршавии инқилоб оҳанги ахлоқии шеъри Айнӣ бо даъват ва мубориза барои созмони ҳаёти нав иваз мешавад.

Айнӣ суруду хитобаҳояшро ба ду забон менавишт. Шеъроҳои дар ин давра ба забони ӯзбекӣ навиштаи ӯ соли 1923 дар маҷмӯаи «Инқилоб учқунлари» («Шарораҳои инқилоб») чоп шудаанд. Нахустин маҷмӯаи шеърҳои инқилобии Айнӣ соли 1923 бо номи «Ахгари инқилоб» дар Бухоро чоп шуд. Ин аввалин китоби адабиёти нави тоҷикӣ буд.

**Насри Айнӣ.** То инқилоб Айнӣ асосан бо шеъраш шӯҳрат дошт. Баъд якбора ба наср гузашт. Сабаби инро худи Айнӣ дар маҷмӯаи дуюми шеърҳояш «Ёдгорӣ» чунин шарҳ додааст: «қобилияти шеърии ман аз ифодаи он мазмунҳо дар либоси шеър оҷиз омад ва даромадам ба насрнависӣ». Аз ин пештар «савдои насрнависиро» ба сари Айнӣ «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш андохта буд. Баъди мутолиаи ин китоб Айнӣ иқрор шуда буд, ки «бояд кас насрнавис шавад».

Аввалин асари насрии Айнӣ повести «Ҷаллодони Бухоро» буд. Баъдтар паси ҳам повести «Одина» (1924–1927), романи «Дохунда» (1930), романи «Ғуломон» (1935), повести «Марги судхӯр» ва ғайра ба табъ расид. Айнӣ бо ин асарҳояш на фақат бинои насри нави тоҷикиро асос гузошт, балки ба ифодаи адабиётшиноси ӯзбек М. Қӯшҷонов «дар ташаккули адабиёти советии ӯзбек низ ҳиссаи бебаҳо гузошт».

Айнӣ дуввумин асараш «Одина»-ро бо номи «Саргузашти як тоҷики камбағал» соли 1924 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» нашр кард.

**«Марги судхӯр».** Дар силсилаи асарҳои насрии С.Айнӣ повести «Марги судхӯр» мавқеи калон дорад. Ин асар соли 1939 дар шакли китоб чоп шудааст. Ин повест аз ҷиҳати мавзӯъ ва ғояи худ аз осори дигари Айнӣ фарқ мекунад. Нависанда ба воситаи ин асар хонандаро бо вазъи муносибатҳои пуливу молии Бухорои охири асри XIX ва аввали асри XX шинос мекунад. Бинобар ин масъалаи асосӣ дар повест тасвири ҳаёту амали судхӯрон, муносибатҳои судхӯрӣ дар шаҳру деҳот ва моҳияти пурфасоди дунёи кӯҳна аст, ки бар судхӯриву муфтхӯрӣ ва истисмор асос ёфтааст. Повест ҷанбаи пурқуввати воқеӣ дошта, моҳияти сохти пӯсидаи аморатро ҳаҷву масхара мекунад.

Айнӣ дар муқаддимаи «Марги судхӯр» қаҳрамони асосии онро «як шахси реалии таърихӣ» гуфта буд. Ба гуфти Айнӣ ҳақиқатан ҳам дар Бухоро чунин шахси мумсик ва ришвахор будааст ва нависанда соли 1895 бо ин шахс шинос шуда, дар давоми солҳо хислату характери ӯро бо «диққати табиати кунҷков» мушоҳида кардааст. Аз ин ҷиҳат худи нависанда низ қаҳрамони асосии повест аст. Воқеаҳои асар низ аз номи

шахси аввал, яъне худи нависанда нақл шуда, таъсири сухани адибро меафзояд. Хати сужет устувор буда, ҷараёни ҳаёт ва амалҳои судхӯронаи Қорӣ-Ишкамба, риёкорӣ ва ноодамии бои савдогар, шоҳидони дурӯя ва қозикалони беинсоф, бадкирдориҳои ноиб, Арбобҳамид ва Арбобрӯзӣ дар ҳаққи Ҳамроҳрафиқи деҳқон ва Тӯрамуроди ҳаммол ва ғайраро дар бар гирифта, усули таълими мадраса, саргузашти Раҳими Қанд ва қиссаи Бибӣ-даҳбошӣ, фаъолияти ҳақшиносонаи Ноқилнависанда ҷузъҳои дигари сужети асар мебошанд. Мазмуни асосии асарро ҳаёт ва амалиёти судхӯри мумсик Қорӣ-Ишкамба муайян мекунад. Айнӣ қаҳрамони асосии повестро, бо ифодаи худаш, чун «судхӯри хунимардумхӯр», «мумсики дарунсиёҳ» ба қалам медиҳад. Аз гуфти Айнӣ маълум мешавад, ки вай аслан Қорӣ Исмат ном дошта, ба сабаби фарбеҳӣ ва пурхӯрӣ мардум номи аслиашро фаромӯш карда, ӯро Қорӣ-Ишкамба гуфтаанд, яъне Қорӣ-Ишкамба лақаби ӯ шудааст.

Қорӣ-Ишкамба намояндаи дунёи фасодкориву ришвахӯрӣ буда, симои инсониашро аз даст додааст. Вай дигар одам нест, «фақат ишкамба – одам» асту бас. Айнӣ ҳатто ба ӯ сифати «ҳайвони дупо»-ро ҷоиз дониста, хислатҳои ғайриинсониашро такрор ба такрор тасвир мекунад. Масалан, тарзи хӯрокхӯрии Қорӣ-Ишкамба аз аввал то охири асар 14 бор тасвир ёфтааст: афту башара, либоси чиркин, рафтору гуфтори ноҷо, ғаму шодии ин «хасиси чиркидандонхӯр» хеле ва хеле нафратангезу дилбеҳузуркунанда аст.

Айнӣ тарзи типикунонии образро ҳам ба воситаи тасвири хислат ва ҳам муносибату муомилоти қаҳрамон бо атрофиёнаш нишон додааст. Масалан, нависанда муомилаи судхӯронаи Қорӣ-Ишкамбаро бо деҳқони камбағал Ҳамроҳрафиқ нишон дода, ҳодисаи типии аз ҳар сад танга моҳе то ба даҳ танга фоида гирифтани судхӯре чун Қорӣ-Ишкамбаро таъкид мекунад. Ин тасвири Айнӣ шароити умумии муносибатҳои ҷамъиятиро дар он давра ба пуррагӣ ошкор месозад. Нависанда бо тасвири хонавайроншавии Ҳамроҳрафиқ аз ҷабри Қорӣ-Ишкамба таъкид мекунад, ки қонуни давлатдории амир дар тамоми аморат беадолатона ва зиддиинсонӣ аст. Ба қавли Айнӣ ин «микробҳои одамшакл» хуни мардумро макида, соҳиби боигарӣ мешуданд. Айнӣ хислатҳои ҳамин табақаи ноинсофи ҷамъиятро омӯхта, дар мисоли Қорӣ-Ишкамба тасвир мекунад.

Барои фош кардани симои ботинӣ ва зоҳирии ғайриинсонии қаҳрамонаш Айнӣ аз усулу воситаҳои гуногун истифода мебарад. Вай ба воситаи ҳаҷви тезутунд, тасвири масхараомези чеҳраи қаҳрамон ва амали-

ёти ӯ, санъати худифшоӣ, муболиғаву иғроқ чеҳраи аслии персонажҳои асарро нишон медиҳад.

Повести «Марги судхӯр» асари ҳаҷвист. Адиб шароити хандаовари Бухоро, рафтору кирдори одамон ва сохти амирро ҳаҷву масхара мекунад. Қорӣ-Ишкамба бо сурату сират, амалу муносибаташ бо мардум дар ҳақиқат хандаовар аст. Аз ҳар сухан, аз ҳар амали ин шахс ахмақӣ, бетамизӣ ва беандешагиаш ошкор мешавад. Вай як махлуқи хандаовар аст, ки боиси тамасхури нависанда гардидааст.

Қалами ҳаҷвнигории Айнӣ дар ин асар хеле буррост. Бубинед, ӯ портрети Қорӣ-Ишкамбаро чӣ гуна устокорона тасвир мекунад: «Ӯ як одами миёнақади сергӯшти гарданкӯтоҳ буд. Ғафсии сару рӯяш ҳам ба дараҷае буд, ки аз ғафсии ишкамаш қариб фарқ надошт. Агар риши ғулии паҳн ва дарози ин одамро бо мӯйсари баландрасидааш тарошида партоянд ва либосҳояшро ҳам аз танаш кашида гиранд, сару тани ин одам дар як ҷо ба ишкамбаи шутур монандӣ пайдо мекард. Ғояташ ин ки вай калонтар ва рангаш сурхчатар менамуд ва бо хуки фарбеҳи бордори пашмрехта «як себи ду тақсим» шуда мемонд».

Ин тасвир қиёфаи масхараомез, ноҳинҷор, хандаовар ва нафратангези Қорӣ-Ишкамба аст. Ин тасвири қиёфаи зоҳирии ӯ моҳияти дунёи ботиниашро низ хеле хуб ифода мекунад. Яъне ин тасвир кайфият, рӯҳия, ахлоқу одоб ва ниятҳои ин мумсикро муҷассам месозад. Қорӣ-Ишкамба дар назари Айнӣ зоҳиран ва ботинан манфур аст.

Дар повести Айнӣ образи дигари барҷаста ҳаст, ки типи зиёиёни онвақтаи тоҷик аст. Ин шахси реалӣ, ки Раҳими Қанд ном дорад, падари шоири машҳури тоҷик Муҳаммадҷон Раҳимии Бухороӣ мебошад. Раҳими Қанд дар тасвири Айнӣ соҳиби санъати олӣ, ақли расо буда, моҳияти ҳодисаҳоро хуб мефаҳмад, тахайюли рангин ва забони ширин дорад. Ин марди панҷ панҷааш ҳунар як «айб» дошт: хушомадгӯву тамаллуққор набуд. Вале шароити ҷамъият, зиндагии нобасомон ӯро маҷбур мекард, ки ҳаммолӣ кунад. Замона ӯро хору сарсон карда буд. Айнӣ хорӣ кашиданҳои Раҳими Қандро нишон дода, ба ин восита моҳияти ғайриинсонии ҷамъияти истисмориро ошкор мекунад.

Муҳаққиқони адабиёт бадеияти баланд ва моҳияти иҷтимоии ин асари Айниро, ки сохти беадолати истисморкунандаи инсонро фош мекунад, аз беҳтарин осори бадеии Айнӣ дониста, арзиши инсонпарваронаи онро ба хусус таъкид кардаанд.

**«Ёддоштҳо».** Асари дигари пурарзиши насрии Айнӣ «Ёддоштҳо» мебошад. «Ёддоштҳо» якумин асари калони тарҷимаиҳолии бадеӣ дар

адабиёти муосири тоҷик аст. Айнӣ дар ин асар асосан воқеаҳоеро тасвир кардааст, ки ё аз сар гузаронидааст ва ё шоҳиди он будааст. Ин асари нависанда аз чор қисм иборат буда, ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёт ва муҳимтарин ҳодисаҳои ҷамъиятии Бухорои охири асри XX-ро дар бар мегирад.

Айнӣ ният дошт воқеаҳои дар давоми умраш дида ва аз сар гузаронидаашро дар «Ёддоштҳо» пурра баён намояд. Вале умраш вафо накард ва танҳо чаҳор ҷилди онро ба охир расонида тавонист, ки дар онҳо воқеаҳои то арафаи инқилоби соли 1905 рухдода баён шудаанд.

«Ёддоштҳо» зиндагии тамоми табақаҳои аҳолии Бухороро инъикос мекунад. Аз ин ҷиҳат мутахассисон онро «энсиклопедияи ҳаёти Бухорои охири асри XIX» номидаанд. Асар аз силсилаи ҳикояҳо иборат буда, ҳар кадоми онҳоро «як новеллаи мукаммал» донистан мумкин аст.

Ҳарчанд «Ёддоштҳо» сарнавишти худи Айнӣ низ буд, нависанда қаҳрамони асар аст, вале дар маркази диққати ӯ образи халқ меистад. Нависанда намояндагони гуногуни халқро ба тасвир мегирад ва ҳамаи онҳо образи умумиятёфта ва типии халқро ташкил медиҳанд, ки иборатанд аз Устоамаки кандакор, Қудрати аробакаш, усто Раҳмати сартарош, Рустамчаи паҳлавон, дигар аҳли ҳунари шаҳр. Образи мукаммали халқ дар адабиёти тоҷик аввалин бор ба воситаи ин асари Айнӣ ба вуҷуд оварда шуд.

**Фаъолияти илмии Айнӣ.** Устод Айнӣ аз оғози фаъолияти эҷодиаш ба навиштани мақолаҳои илмӣ машғул будааст. Бисёр мақолаҳое, ки ибтидои солҳои бистум навиштааст, хусусияти таблиғотӣ дошта, вобаста ба шароит эҷод шудаанд, ки аҳамияти илмию публитсистӣ доранд. Вале фаъолияти ҷиддии илмӣ, махсусан адабиётшиносии вай аз таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» сар мешавад. Ин китоби пурарзиш тарҷумаи ҳол ва намунаи осори шоирони форсу тоҷикро аз замони Рӯдакӣ то соли 1925 дар бар мегирад. Ин асари Айнӣ аҳамияти бузурги адабиётшиносӣ дошта, муаллиф ба осори адибон баҳои илмӣ низ додааст.

Вай дар солҳои баъдина дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти як қатор шоиру нависандагони тоҷик ва дар бораи асосгузори адабиёти классикии ӯзбек Алишери Навоӣ мақолаҳо ва рисолаҳои ҳикматнок навишт. Айнӣ дар соҳаи забоншиносӣ низ фаъолона кор карда, як силсила мақолаҳо навишт ва «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ»-ро, ки 12 ҳазор калима дорад, тартиб дод. Қисме аз осори илмиашро ба забони ӯзбекӣ навиштааст.

Фаъолияти илмии Айнӣ бисёр ҳам босамар буда, ӯ дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ки илова ба «Намунаи адабиёти тоҷик» асарҳои дигари илмии «Дар бораи Фирдавсӣ» ва «Шоҳнома»-и ӯ, «Як симои номашҳури

адабиёти тоҷик – Восифӣ», «Устод Рӯдакӣ», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино», «Алишер Навоӣ», «Мирзо Абдулқодири Бедил» ва ғайраҳоро нависад. Асарҳои илмию таърихии ӯ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Исёни Муқаннаъ», мақолаҳои хурду калон дар бораи адибони гузашта, осори меъмории Самарқанду Бухоро, санъати мусиқӣ ва «Шашмақом» аз дастовардҳои муҳиманд. Айнӣ дар нашр ва тасҳеҳу шарҳу эзоҳи осори гузаштагон, аз ҷумла «Бӯстон»-и Саъдӣ, девони Ҳофиз, «Хамса»-и Навоӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, намунаи осори Бедил ва ғайра хизмати бузург кардааст.

Арзиши илмии тадқиқотҳои Айнӣ калон буда, аз ҷониби мутахассисон баҳои баланд гирифтаанд. Масалан, олими Эрон Саид Нафисӣ баъди чоп шудани «Намунаи адабиёти тоҷик» навишта буд: «барои ҳар касе, ки дар адабиёти форсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад».

Рисолаи Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» аввалин тадқиқоти мукаммал дар илми адабиётшиносӣ доир ба ин шоири бузург аст. Айнӣ нахустин муҳаққиқе буд, ки мероси Рӯдакиро омӯхта, ҷойи қабри ӯро муайян кард ва бо номи «Қабри устод Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдак» мақолае ҳам навишт.

Фаъолияти илмии Айнӣ аз он ҷиҳат ҳам муҳим аст, ки он ба ду халқ – ба тоҷикон ва ӯзбекон хизмат мекунад. Тадқиқоти ӯ дар бораи Навоӣ аз ҷиддитарин асарҳои илмӣ доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Навоӣ буда, Айнӣ «Хамса»-и Навоиро бо шарҳу эзоҳ барои хонандагони ӯзбекзабон ба чоп тайёр кардааст.

Айнӣ аз бузургтарин ва шӯҳратмандтарин нависандаи муосири тоҷик аст. Ҳанӯз соли 1935 вақте, ки аввалин бор ҷашни Айнӣ қайд мешуд, адиби чех Юлиус Фучик гуфта буд, ки «Айнӣ фақат нависандаи шумо нест, балки нависандаи мо низ ҳаст. Асарҳои вай барои мо нафақат намунаи ҳунари зебоянд, балки василаи таълим ҳам мебошанд». Нависандаи машҳури туркман Бердӣ Карбобоев Айниро «падар ва устод»-и адибони тамоми Осиёи Марказӣ номида буд.

Шӯҳрати Айнӣ бо гузашти вақт зиёд мешавад. Имрӯз асарҳои вай ба беш аз 40 забонҳои халқҳои ҷаҳон тарҷумаю нашр шудаанд. Хидмати Айнӣ дар бедорӣ ва пешрафти фикрии мардум дар қатори хидматҳои нависандагони машҳури дунё Робендронат Такур, Лу Син ва Тоҳо Ҳусайн эътироф шудааст. Соли 1978 «ҷашни нависанда, олим ва ходими сиёсии барҷаста С. Айнӣ ба муносибати садумин солгарди таваллуди ӯ барои ҷашнгирии байналхалқӣ» ба «Солномаи санаҳои

муҳим ва воқеаҳои таърихӣ»-и Юнеско дохил гардид ва тамоми ҷаҳон онро қайд кард. Айнӣ бо афкори башардӯстонаи бадеӣ ва илмиаш ҷовид хоҳад монд.

## МУХТАСАРИ ТАРҶИМАИ ҲОЛИ ХУДАМ

*(порча)*

Мо аз падар се нафар мондем: акаам Муҳиддинхӯҷа ном дошта аз ман ҳашт сол калон буд, ман ёздаҳ-дувоздаҳсола будам, додари калонам Сироҷиддин ном дошта, нӯҳсола буд, додари хурдам Киромиддин ном дошта, чорсола буд.

Ғайр аз ман ҳамаи онҳо (бо модарам) бемор буданд. Аҳволи модарам рӯз то рӯз вазнинтар мешуд. Бародаронам беҳтар ва ба қавли мӯйсафедон аз бими мурдан гузашта бошанд ҳам, ба пой хеста озодона гашта наметавонистанд. Ҳамаи вазнинӣ дар гардани ман буд. Ман мурғонро ягон-ягон кушта, ба беморони беҳтаршуда шӯрбо пухта медодам. Модарам чизе намехӯрд. Ба болои ин ҷуворӣ сафед шуда омада буд, вайро аз ҳуҷуми паррандагон нигаҳдорӣ кардан даркор буд. Аммо ман наметавонистам, ки модарамро ба он ҳол монда, ба «ҷувориҳойгӯӣ» равам.

Дар ин миён яке аз тағоиҳоям, ки аз беморӣ нав хеста будааст, барои дидани модарам бо яке аз ҳамдеҳаҳояш омад. Ӯ аҳволи модарамро вазнин дида, бурданӣ шуд ва:

– Ҳар чӣ бошад ҳам, дар он ҷо падару модараш пиру бемор бошанд ҳам, зиндаанд, ба пеши онҳо барам, – гуфт.

Ман розӣ шудам, онҳо ду чӯбро election сароҷа (нардбон барин) сохта, беморро бар рӯйи вай хобонда, ба ду хар бор карда гирифта burданд.

Аз рафтани модарам чӣ гуна ва ба чӣ дараҷа мутаассир шудани бародаронамро намедонам. Аммо дили ман бисёр вайрон шуд, мехостам бо ҳой-ҳой гиря кунам, аммо барои ташвиш надодани бемор аз овозбарорӣ худдорӣ кардам. Лекин аз чашмонам мисли шишаи сӯрохшуда об мерафт. Чашмам ба чашми модарам афтод. Аз чашмони ниммурдаи ӯ ҳам қатраҳои бисёр хурди сиришк бар рӯйи заб-зард шуда борик гардидарафтааш мешорид. Дар ин ҳол бо овози магасвор:

– Ба ҳазор дароӣ! – гуфт...

Онҳо рафтанд. Ман «ӯ ҳоло намемирад, на ин ки аз падару модарам якбора ҷудо шавам» гӯён худро тасалло медодам.

* * *

Бештарин вақти ман дар ёбон мегузашт. Бо маслиҳати деҳқонони таҷрибакор сарҳои сафедшудаи ҷувориро ягон-ягон шикаста бароварда, дар як ҷо хирман кардан гирифтам. Барои посбонии ҷувории тайёр ба сари хирман хобидан даркор шуд. Аз ҷуворипояҳо як чайла ҳам сохтам. Шабҳо дар пеши ман Икромхӯҷа ном писари миёнаи амакбачаи падарам, ки модар надошт, мехобид.

Вақте ки қирав рехта, киштҳоро хунук зад, ман ҳамаи ҷувориро ғун кардам. Сарҳои нимрас (кӯкбошҳо)-ро дар як тараф ҷудо карда монда, сарҳои сафедро барои кӯфтан тайёр кардам. Бо ёрии деҳқонбачагон хару аспу гов ғун карда, ҳуп баста, дар ду рӯз кӯфтем.

Чанде аз деҳқонбачагон ҳам шабҳо пеши мо хобиданд. Як шаб яке аз он деҳқонбачагон, ки ба бозори Ғиҷдувон рафта будааст, дертар омад ва ба ман нигоҳ карда:

– Хӯш, ту барои «во бибемгӯӣ» нарафтӣ? – гуфт.

Ман масъаларо фаҳмидам: модарам мурда будааст, ки ӯ аз ягон ҳамдеҳаҳои тағоиҳоям шунида омадааст. Аммо гиряам наёмад. Гӯё оташе бар сарам рехта буд, ки ҳама ҷойи баданамро сӯхта, обҳои чашмамро хушконда фиристода буд.

Ман чизе нагуфтам, дигарон ҳам лаб намекушоданд. Баъд аз чанд дақиқа Икромхӯҷа гуфт:

– Ман ҳам модар надорам. – Ин ягона тасалло буд, ки ба ман дар ин мусибат дода шуда буд...

* * *

Ҷувориро бод карда, ғалбер карда, чош кардем. Ба сари хирман Йӯлдошбой бо ҷуволҳо ва ароба ҳозир шуд. Миёнаравон ҳар як ман (8 пуд) ҷувориро даҳ танга (як сӯму панҷоҳ тин) нарх карданд. Дар бозор ҷуворӣ 12 танга бошад ҳам, кирои бардошта бурдан ба Йӯлдошбой ду танга кам карданд. Понздаҳ ман (120 пуд) ҷувориро 150 танга ҳисоб карда, ба бой баркашида додем. Қарзҳои майдаро ҳам ӯ доданӣ шуд.

Боз тахминан панҷ ман ҷувории сафед монд, ки вайро барои хӯрокворӣ ба хона кашондам. Ғайр аз ин кӯкбош (сарҳои нимрас)-и бисёре ҳам баромад, ки ман онҳоро ба хона кашондам.

Ба қавли деҳқонон, ин ҳосиле буд, ки мислашро дар он давру пеш ҳеҷ надида буданд. «Агар аз паррандагон нигаҳдорӣ карда метавонистӣ, чил ман ҷувории сафед мегирифтӣ», мегуфтанд.

Баъд аз ғунучини ҷуворӣ тағоиям, ки модарамро бурда буд, омад. Ӯ барои мурдаи модарам моро сад танга қарздор карда будааст. «Аз касе қарз гирифтам, зудтар ёфта додан даркор аст» гуфт. Миёнаравон кӯкбошҳоро ҳар ман панҷ танга (75 тин) нарх карда, ба ӯ бист ман (160 пуд) баркашида додаанд. Ӯ ҳам пеш-пеши худ кашонда бурд. Боз кӯкбоши бисёре монд, ки дар зимистон хар бо серию пурӣ хӯрд.

Мӯйсафедон ба ман мегуфтанд: «Ин қадар ҳосили хуб додани замин хосият надорад. Ҳамин ҳосили аз одат зиёд аст, ки сари падаратро хӯрд».

Ман бо вуҷуди хурдсолиам ба ин гап розӣ шуда наметавонистам. Ман фикр мекардам: «Ғӯза тамоман пояхушк шуд ва меҳнати яксолаи падарам сӯхт. Аммо ин ҳодиса умри ӯро зиёд накард. Чаро як қадар зиёд шудани ҳосили ҷуворӣ умри ӯро кам мекардааст?».

Палавкаду ҳам, ки бевосита аввалин ҳосили меҳнати деҳқонии ман буд, аз одат берун ҳосил дод (ҳарчи вай «сари маро нахӯрд»). Палавкадуҳои пухта зардшударо дар дӯконхонаи бофандагии падарам чидам, аз замин то ба шифт пур шуд. Ман ҳоло дар хотир надорам, ки чанд дона ҳосил гирифтаам, аммо ҳамин қадарашро медонам, ки ҳафтае ду рӯз – дар рӯзҳои бозори Ғиждувон як ҷувол-як ҷувол ба хар бор карда, ба бозор бурда мефурӯхтам, дар бозор 5–6 тин харҷ мекардам. Ин ҳол аз тирамоҳ то баҳор давом карда, аз пули фурӯш дусад танга (сӣ сӯм) даромад шуд.

Мо ҳар кадом бародарон аз пули каду барои худҳомон якдонагӣ курта – лозимӣ кардем (ин аввалин либос буд, ки оилаи мо аз бозор харид) ва дар бақияи пул дар баҳор як гӯсфанди оча-бача барои парво кардан харидам.

Ман имсол дар оилаамон ҳам ба ҷойи падар, ҳам ба ҷойи модар кор кардам. Модарам як ҷуволча тутмавиз хушконида монда буд. Яке аз кампирон ба ман ёд дод, ки як микдор тутмавизро ҷӯшонда, шира кашида, ҳалвоитар пазам, таоми хубест.

Ман дар ҳар се ё чор рӯз аз шираи тутмавиз бо ордбирёни ҷуворӣ ҳалвоитар мепухтам, ки бо зағора (нони орди ҷуворӣ) мехӯрдем. Аз ҷувории сафед кашк ҳам мепухтам, дар вай ба ҷойи ҷурғот қурут меандохтам, ки модарам хушконда монда буд; ҷомашӯиро ҳам худам мекардам. Ҷувориро ба осиё бурда, худ орд мекашондам. Танҳо ҳафтае як бор як кампир барои мо зағора пухта медод.

**Савол ва супориш:**

1. Айнӣ дар чӣ гуна муҳити оилавӣ тарбият ёфтааст?
2. Ӯ маълумоти аввал ва сониро дар куҷо гирифтааст?
3. Чаро Айнӣ бо амри амир 75 дарра ҷазо дид?
4. Аввалин шеърҳои Айнӣ чӣ хусусият доштанд?
5. Айнӣ чаро ба насрнависӣ гузашт?
6. Муҳимтарин асарҳои насрии Айнӣ кадомҳоанд?
7. «Марги судхӯр»-ро чаро асари ҳаҷвӣ мегӯянд?
8. Хусусиятҳои типии образи Қорӣ-Ишкамбаро шарҳ диҳед.
9. Чаро Айниро олими адабиётшинос мегӯем?
10. Шӯҳрати ҷаҳонии Айниро дар чӣ мебинед?

## Тип ва типикунонӣ дар адабиёти бадеӣ

Типи бадеӣ гуфта, қаҳрамони асар фаҳмида мешавад ва нависанда дар симои он омилу кирдореро дар ин ё он давраи муайян ба тасвир мекашад, ки онҳо аҳамияти ҷамъиятӣ доранд.

Тип аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънои саҷия, шакли умумӣ, воқеа ва ё ҳодисаи умумиятёфта, ҳодисаи намунавиро ифода мекунад. Маънии истилоҳи типикунонӣ ҷамъбастнамоӣ, умумиятдиҳӣ ё саҷиянокӣ мебошад.

Типи бадеӣ аломатҳои фардӣ ва умумиро дар худ инъикос мекунад. Характери типӣ бисёрҷиҳата, вусъатнок буда, хусусияти ягонаи миллӣ, умумиинсонӣ, синфӣ, таърифии мушаххас (конкрет), даври рӯҳию ахлоқӣ ва махсусиятҳои қудрати шахсро ифода мекунад.

Характерҳои типӣ муҳимтарин ҷараёнҳои таърихию иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ахлоқии ҳаёти ҷомеаро инъикос мекунанд. Ҳар типи бадеӣ хислат ва хусусиятҳои одамони гуногун, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва синфии муайянро ифода карда, мақсади муайян доранд. Масалан, Қорӣ-Ишкамба аз повести «Марги судхӯр» образи аввалини типии ҳаҷвист. Ӯ чеҳраи умумии қаллобон, мардумфиребон ва судхӯронест, ки шароити Бухорои амирӣ ба дунё оварда буд. Дар «Марги судхӯр» шароити типии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании охири асри XIX ва аввали асри XX, ки бо вуҷуди роҳ ёфтани муносибатҳои сармоядорӣ ақибмонда буд ва сохти ба марг маҳкум ҳисоб мерафт, тасвир шудааст. Характерҳои типикӣ дар образи Қорӣ-Ишкамба, бойи савдогар, қозиқалон, ноиби қозӣ, намояндаи аҳли ҳунар Раҳими Қанд ва дигарон нишон дода шудаанд. Образҳои комили типӣ аҳамияти бадеӣ, ахлоқӣ ва ҷамъиятӣ дошта, моҳияти асосии асари бадеиро муайян мекунанд.



# АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

## (1887—1957)

Ҳаёти Абулқосим Лоҳутӣ, чунон ки худаш мегӯяд, дар «даврони теғу оташу хун» гузашта, дар муборизаҳо барои беҳбудии зиндагии инсон «гаҳ ба нӯги хома ва гоҳе бо нӯги ханҷар» иштирок кардааст. Лоҳутӣ тарҷумаи ҳол ва муборизаҳояшро дар зиндагӣ ва адабиёт бо қалами худ навишта ба мо ёдгор гузоштааст.

Ӯ зодаи Эрон буда, дар ин бора чунин навиштааст: «Ман дар соли 1887 дар яке аз маҳаллаҳои косибнишини шаҳри Кирмоншоҳ ба дунё омадаам». Падари Лоҳутӣ Аҳмад ном дошта, дар ҷавонӣ бо деҳқонӣ машғул будааст. Баъдҳо ба шаҳр кӯчида гевакашӣ (чоруқдӯзӣ) кардааст. Ба шаҳодати Лоҳутӣ падараш аз хурдӣ «хӯшачинӣ, порадӯзӣ ва гевакашӣ» карда, «дар бадбахтӣ ва тиҳидастӣ» мурдааст. Падараш косиб бошад ҳам бо номи Ҳаким Илҳомӣ шӯҳрат ёфта, «аз беҳтарин шоирони шаҳр» ба шумор мерафтааст.

Лоҳутӣ аввалин рӯзҳои ба мактаб рафтанашро чунин ба ёд меорад: «ҳафтаи аввал, ки маро ба мактабхонаи сари гузар дода буданд, мулло Боқир – муаллими мактаби мо, маро ба фалақа (асбобест, ки бо он пойҳоро печонда, ба зери по мезананд) баста ва нохуни пойҳоямро зери чӯб резонд. Падарам пас аз ин тарзи тарбия мани хурдсолро аз мактабхона гирифт ва дигар ба он ҷо надод». Лоҳутӣ хондан ва навиштанро дар назди падараш ёд гирифтааст. Лоҳутӣ дар нӯҳсолагӣ шогирди челонгар, дарзӣ (дӯзанда) ва оҳангар шуда, ин касбҳоро низ ёд мегирад. Дар ҳамин давра бо меҳнати тоқатшикан ва пуразоби косибон ошно мешавад. Ба садои қалби ин тоифаи ҷафодида гӯш медиҳад.

Нахустин шеърҳояшро Лоҳутӣ зери таъсири падараш дар мавзӯъҳои тасаввуфӣ эҷод карда, ба қавли ӯ «ҳанӯз он замон як дараҷа шӯҳрат ёфта» будааст. Устод Айнӣ намунаи ҳамин гуна шеърҳои шоирро дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст, ки ин пора аз он аст:

Афканд то ба моҳ каманди чу ҳоларо,
Бикшод бар рухи дили ман боби ноларо.
Зулфаш, ки дил зи мардуми ҳафтодсола бурд,
Мазмуни хеш карда мани ҳафтсоларо.

Ҳамин тариқ, Лоҳутӣ аввалин шеърашро соли 1899 гуфта будааст.

Бо таъсири инқилоби соли 1905-и Россия дар Эрон ҳам ҳаракатҳои озодихоҳии миллӣ ба вуҷуд омад. Яке аз ташкилотҳое, ки чунин ҳаракатро раҳбарӣ мекард, фирқаи «Одамият» ё худ «Фаромӯшхона» буд. Фаъолияти Лоҳутӣ диққати ин ташкилотро ҷалб мекунад ва он Лоҳутиро бо пули худаш барои хондан ба Теҳрон мефиристад. Вале мактабе, ки дар он аксар фарзандони одамони доро таҳсил мекарданд, ба шоир маъқул намешавад ва ба зудӣ онро тарк мекунад. Баъди дар Эрон паҳн шудани садои инқилоби русӣ соли 1905 Лоҳутӣ ба яке аз ҳавзаҳои инқилобӣ аъзо мешавад ва дар ҳамин ҷо «аҳду савганд» ёд менамояд, ки «сарбози босубот ва вафодори инқилоб» мегардад. Дар ҳамин давра бар зидди шоҳ ва ашроф хитобномаҳои махфӣ ва ҳаҷвияҳо навишта, дар митингҳо баромад мекунад, бо хар кирокашӣ карда, дар байни инқилобчиён алоқачӣ мешавад. Лоҳутӣ иқрор мекунад, ки он тасаввуроти сӯфиёнае, ки оид ба шеър доштааст, аз ин замон сар карда, «аз фикр ва ашъораш» парида меравад. Ва дар рӯзҳое, ки «ҳокимияти подшоҳ маҳдуд мегардид», аввалин сатрҳои инқилобхоҳонааш ба садо даромад:

Ҷавонмардони Эрон,
Мардона кӯшиданд.
То ҷомаи фатҳ
Ба тан бипӯшиданд.

Ин рӯзҳои беҳтарини ҳаёти шоир буданд. Лоҳутӣ бовар дошт, ки «акнун сухани халқ пеш меравад». «Дигар кӣ роҳи ӯро метавонад бубандад?». Аз он ки рӯзномаи форсии «Ҳаблулматин», ки дар Ҳиндустон чоп мешуд, аввалин бор ашъорашро, хоса байти зерро нашр кард, ифтихорманд буд:

Баъд аз ин ҳар кӯдаке чун ман ҳақиру мустаманд,
Мешавад аз партави миллат бузурге номдор.

Вале шодии шоир дер давом накард. Лоҳутӣ барои давом додани мубориза ба Рашти Эрон рафт. Дар ин ҷо ба ҳаракати озодихоҳона Сатторхон роҳбарӣ мекард. Дар Рашт сарбозони шоҳ Лоҳутӣ ва ёро-

нашро асир мекунанд ва шоир муддате дар Карач зиндонӣ мешавад. Он рӯзҳои вазнинро Лоҳутӣ чунин тасвир кардааст: «Моро дар саисхонаи торики бадбӯе ҳабс намуданд, ки қариб дусад нафар маҳбус дар рӯйи гили мартуб болои ҳам рехта буданд. Маҳбусон ба ин шароити сахт тоб наоварда мемурданд, вале мурдаи онҳоро ҳафта-ҳафта дар ҳамон ҷо мегузоштанд. Сарбозони шоҳ барои хуш кардани хотири худ бо мӯзаҳояшон аз болои мо мегузаштанд». Шоир аз ин зиндон бо ёрии сарбози курдӣ мегурезад ва ба Гелон расида бо ҳамсафаронаш аз нав ба қалъа ва такягоҳи қувваҳои зиддиинқилобӣ, ки дар Теҳрон буд, ҳамла мекунанд. Муборизаҳои инвақтааш бо нишони инқилобӣ, ки дар рӯйи он сурати раҳбари инқилоб Сатторхон нақш буд, қадр карда мешавад.

Инқилобчиён дар Теҳрон ғалабаро ба ивази «хуни муборизони инқилобӣ» ба даст оварданд. Аз дили хоку хокистар Маҷлиси дуюми мамлакатро ташкил карданд. Вале он натиҷа, ки шоир аз инқилоб мехост, ба даст наомад ва дар ҳамон рӯзҳо шеъри машҳури «Ё ҳар ду»-ро навишт, ки рӯзномаи «Чантаи побараҳна» ва рӯзномаҳои тараққихоҳи дигари Теҳрон чоп карданд. Ҳукми ин шеър дар ҳаққи «вакилону вазирон»-и Маҷлис сахт буд.

Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳар ду?
Мусибат аз мусулмонҳост, ё куффор, ё ҳар ду?
Вакилону вазиронанд хоин, фош мегӯям,
Агар дар зери теғам, ё ба рӯйи дор, ё ҳар ду?

Ба ҷазои ин шеър шоирро ба ҳабс мегиранд, вале дар зери фишори оммаи мардум озод мешавад.

Лоҳутӣ менависад, ки «ашъорам барои ман душманони бисёре ба вуҷуд овард, маро на танҳо ходимони ришвахӯри давлат чашми дидан надоштанд, балки рӯҳониёни иртиҷоӣ низ бад медиданд. Онҳо ашъори маро, ки дар он коргаронро ҷаҳонофарин меномидам, куфр эълон мекарданд».

Соли 1914 баъди аз тарафи Англия ва Русия истило гардидани Эрон ва пароканда шудани дастаҳои инқилобӣ Лоҳутӣ аввал ба Туркия, баъд пиёда ба Бағдод рафта, аз он ҷо ба Кирмоншоҳ мегурезад ва дар ҷангҳои партизанӣ ба муқобили истилогарон иштирок мекунад. Дар ҳамин вақт рӯзномаи «Бесутун»-ро нашр карда, таҳрирашро ба ӯҳда мегирад.

Баъди он, ки қӯшуни истилогарони Русия аз Эрон берун меравад, инқилобчиён ба террори сафедгвардиячиёни рус гирифтор мешаванд ва Лоҳутӣ маҷбур мешавад, ки бори дуввум ба Истамбули Туркия равад.

Ва дар як рӯзи гармои тобистон ятимбачагони бехонумони Истамбул ӯро беҳуш ёфта, ба паноҳи худ мегиранд. Бо парастории онҳо шоир ба худ меояд. Пас аз гузашти солҳо шоир ба ёди он «парасторони содиқ» шеъри «Ятимони ҷанг»-ро менависад.

Лоҳутӣ дар Истамбул аввал ҳаммолӣ карда, баъд як маҷаллаи форсиро таҳрир ва чоп мекунад, ки ба зудӣ аз тарафи ҳукумат баста мешавад. Дар ин ҷо як маҷмӯаи шеърҳояшро низ чоп кардааст.

Ашъори индавраинаашро Лоҳутӣ асосан дар шакли анъанавӣ навишта, мазмунҳои муҳими рӯзмарраро дар онҳо ҷо додааст. Ин шеърҳояшро шоир бештар бо рамзу киноя гуфтааст, ки сабаби он маълум аст. Ин аст, ки шоир дар образи рамзии булбул худашро нишон дода, ватанро боғи вайрона ва Англияро гоҳ зимистони манфур, гоҳи дигар сайёди бераҳм мехонад, ки булбули маҷрӯҳро асир кардааст:

Аё сайёд шарме кун, маранҷон нимҷонамро,
Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.
Дар ин кунҷи қафас, дур аз гулистон сӯхтам, мурдам,
Хабар кун, эй сабо, аз ҳоли зорам боғбонамро...

Лоҳутӣ иқрор мешавад, ки дар ашъори онвақтааш «ҳанӯз ҷаҳонбинии равшан ва ба шакли муайян даромада надошт: мавзӯъҳои истиқлоли миллӣ, озод шудани зани эронӣ ва тасвири афкори халқи Эрон тамоми фикру хаёли ӯро «ба худ машғул дошт». Шоир ин рубоиро маҳсули ҳамин гуна андешаҳояш мешуморад:

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.
Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,
Гар ҷон биравад, аз он намебояд хӯрд.

Лоҳутӣ бо умеди ғалабаи Эрон соли 1921 боз ба Озарбойҷони Эрон бозмегардад. Дар ғалабаи чандрӯзаи инқилоби Табрез ҳисса мегузорад. Вале ин инқилоб низ саркӯб мешавад ва иштирокчиёни он ба ҳудуди хоки Иттифоқи Шӯравӣ ақибнишинӣ мекунанд. Лоҳутӣ бо гурӯҳе аз ёронаш аз рӯди Адрас гузашта дар СССР паноҳ меёбад. Ҳолати онвақтаашро Лоҳутӣ дар шеъри «Солҳо дар ҷустуҷӯйи ҳақ ба ҳар дар сар задам» инъикос кардааст:

Солҳо дар ҷустуҷӯйи ҳақ ба ҳар дар сар задам,
Кас надидам, ҳар қадар ин дар задам, он дар задам.
Дар ҳама дунё на ном аз ростӣ буд, не нишон,
Ҳай шудам навмед аз ин дар, ҳай дари дигар задам.

Ҳам масолик, ҳам мазоҳиб ходими сармоянд,
Ман дигар ин номҳоро яксар аз дафтар задам.
Душмане буд, ҳар касеро ман гирифтам ҷойи дӯст,
Раҳзане буд, даст бар домони ҳар раҳбар задам...

Лоҳутӣ ана ҳамин таронаи навмедӣ бар лаб соли 1923 ба Маскав омад ва муддате дар чопхонаи Нашриёти Марказии Халқҳои Шӯравӣ ҳуруфчин шуда кор кард. Ҳамин нашриёт китобчаи ашъорашро чоп кард ва баъди ин шоирро дар ҳамин нашриёт коркуни илмӣ таъин намуданд.

Ғарибӣ барои Лоҳутӣ осон набуд. Бо шунидани номи Тоҷикистон дарди ӯ сабук шуд ва бе ҳеҷ дудилагӣ ба кишваре омад, ки он ҷо мардум «осори Фирдавсӣ ва Саъдиро» ҳамчун дар Эрони ӯ «мехонад ва азиз медорад». Лоҳутӣ ба Тоҷикистон омад, дар мубориза барои барпо кардани ҳаёти нав иштирок кард ва бо фахр навишт:

Фахр дорам, ки тӯдаи тоҷик,
Мешуморад маро рафиқу шарик.
К-аз нахустин қадам, ки ӯ озод
Дар раҳи зиндагии нав ниҳод.
То ба ин дам, ки шуд қарин ба камол,
Ҳамраҳаш будаам ба ҳар аҳвол.

Лоҳутӣ солҳои охири умраш асосан дар Маскав зиндагӣ карда, дар муҳити адабии Маскав фаъолона иштирок намудааст ва 16 марти соли 1957 дар ҳамин шаҳр аз дунё гузашт.

**Эҷодиёти шоир.** Аз Лоҳутӣ осори зиёде боқӣ мондааст. Қисми асосии мероси адабии вай аз шеърҳо ва қисми дигар аз мақолаҳову тарҷумаҳо иборат мебошанд.

Марҳилаҳои ҳаёт ва эҷодиёти Лоҳутиро муҳаққиқони эҷодиёташ ба ду давра тақсим кардаанд. Давраи аввалро осоре ташкил медиҳад, ки то ба Шӯравӣ омаданаш эҷод кардааст. Марҳилаи дуюми эҷодиёти ӯро осори баъди муҳоҷират ташкил медиҳад.

Мавзӯи асосии ашъори дар марҳилаи аввал эҷод кардаи Лоҳутиро мактабу маориф, ҳимоят аз мазлумон, инқилоб, Ватан ва ободии он ташкил медиҳад.

Шеърҳои ишқии марҳилаи аввали эҷодиёташ ба иқрори худи шоир дар мавзӯъҳои тасаввуфӣ будаанд. Баъди иштирок дар ҳаракати «Одамият» назари Лоҳутӣ ба зиндагӣ, муборизаҳои синфӣ такмил ёфт. Вай ба гуфтани шеърҳои ҷиддии инқилобӣ шурӯъ намуд. Яке аз ҳамин гуна

шеърҳои нахустини ӯ «Фарёди миллат» буд. Шоир дар ин шеър садоқати мардони инқилобро дар назди Ватан таъкид мекунад. Мавзӯи ҳаёти оммаи мазлуми меҳнаткаш ва аҳволи вазнини онҳоро аввалин бор дар шеъри «Эй ранҷбари сиёҳтолеъ» тасвир кард. Шоир дар ин шеър аз аҳволи вазнини меҳнаткашон сухан ронда, чунин савол гузошта буд:

Ҳар кас, ки мудофеъе надорад,
Кай ҳаққи худаш ба даст орад?

Лоҳутӣ гумон мекард, ки бо барқарор шудани машрутия – ҳукумати конститутсионӣ вакилони Маҷлиси Миллӣ манфиатҳои халқро ҳимоя мекунанд. Вале Маҷлис умедҳоро барбод дод. Лоҳутӣ ҷуз аз мубориза ва барҳам задани сохти истибдодӣ роҳи дигаре намедид:

Эй коргар, наҷоти ту дар бозувони туст,
Навмед бош аз шаҳу аз кирдигор ҳам.

Дар шеъри «Ё ҳар ду», ки ҳиссиёти амиқи ватандӯстона ва халқпарваронаи Лоҳутӣ ифода шудааст, шоир акнун ошкоротар сухан мегӯяд.

Баъди аз ҷониби Русия ва Англия истило шудани Эрон мавзӯи Ватан ва истиқлолу озодии он дар ашъори шоир ранги тоза мегирад. Шоир дар шеърҳои ба ин мавзӯъ бахшидааш ба хиёнати «маснаднишинон»-е сухан мегӯяд, ки Ватанро ба асорати бегонагон додаанд:

Ватанро фитнаи маснаднишинон дод бар душман,
Ва ё ин мардуми бедониши бозор, ё ҳар ду?

Шеъри индавраинаи Лоҳутиро бе ҳеҷ муболиға метавон тарҷумаи ҳоли шоир гуфт. Баъди фирор аз Эрон давраи дарбадарии шоир сар мешавад ва «ғами ошёна» беш аз ҳар вақта ӯро озурда месозад. Шеъри «Мурочиат ба Ватан» ғами беватании шоирро бо таъбирҳои рамзомез ифода мекунад:

Дар ғами ошёна пир шудам,
Боқӣ аз ҳастиям ҳамон номест.
Мурдам аз ғусса ин чӣ айёмест?
Ман, ки аз ин ҳаёт сер шудам!

Дар ин солҳо мавзӯи озодии инсон ва Ватан мундариҷаи муҳимтарини шеърҳои ӯро ташкил медод. Шеърҳои «Шарқ», «Шамъу парвона», «Мурочиат ба Ватан», «Парастад», «Қасри Доро», «Ба духтари Эрон»

ва ғайра ифодагари андешаҳои озодихоҳонаи ӯянд. Яке аз ҳамин гуна шеърҳои озодихоҳона ва ватанпарастона «Шамъу парвона» аст. Ин шеъри рамзӣ дар шакли мунозираи Шамъу Парвона сохта шуда, шоир дар образи Шамъ – Ватан, Чароғи Мағриб – мустамликадорони Ғарб, Парвона – ватанфурӯшони Шарқро нишон додааст.

Мазмуни аксари шеърҳои индавраи Лоҳутиро бедорӣ ва худшиносии табақаҳои мазлум, тасвири ҳаёти мазлумона, гадоёна ва ғуломонаи меҳнаткашон, озодии занон, эътироз ба ҷаҳонгирон ва ғайра ташкил медиҳад.

Осори давраи муҳоҷирати Лоҳутӣ ба Туркия зиндагӣ ва дарду ҳасрати ватанхоҳонаи муҳоҷири инқилобиро равшантар ифода мекунад. Моҳияти аслии осори дар ин давра навиштаи Лоҳутиро озодии Эрон ва меҳнаткашони он ташкил медиҳад. Дар шароити Туркия озодона баён кардани андешаҳои ватандӯстона осон набуд. Бинобар ин ҳам Лоҳутӣ андешаҳояшро ба тарзи рамзӣ баён мекард.

Шеърҳои дар нигоҳи аввал ишқии Лоҳутӣ, ки дар Туркия гуфтааст, андешаҳои иҷтимоии ӯро инкишоф медиҳанд. Образи ёр ва ватан дар шеъри ӯ як шуда, ҳиссиёти амиқи ватандӯстиро ифода мекунанд:

Дилам бисёр мехоҳад, ки бинам дилбари худро,
Бубинам дилбари худро, ба ӯ бахшам сари худро...
Чӣ мардӣ, дар сиёсатхоҳӣ аз он гуна номардӣ,
Ки бифрӯшад барои муште аз зар, модари худро?!

Қаҳрамони лирикии шоир дар ин гуна шеърҳо дар роҳи ишқи ёр, яъне халқу инқилоб ҳамчунон вафодор, содиқ, устувор ва қавиирода аст:

Ба ӯ ҷон додаам, ҷонони ман дигар чӣ мехоҳад?
Ба ғайр аз покии домони ман дигар чӣ мехоҳад?

* * *

Ишқи туро ба ҳастии олам намедиҳам,
Ин кор кори мардуми соҳибирода нест.

Озодии занон мавзӯъҳои муҳими шеърҳои дар муҳоҷират гуфтаи Лоҳутӣ аст. Назари шоирро доир ба ин масъала шеъри «Ба духтари Эрон» хеле равшан ифода мекунад. Шоир мавқеи занро дар пешрафти ҷомеа ниҳоят муҳим дониста, аз ҷумла мегӯяд:

Хирад омӯзу паи тарбияти миллати хеш,
Ҷидду ҷаҳде бинамо чун дигарон модарвор!

Дар шеърҳои индавраинаи Лоҳутӣ ишқ маънои фардии худро дигар карда, моҳияти ҷамъиятӣ пайдо мекунад. Калимаҳои зан, духтар, ки шоир маҷозан «нигор», «санам» мегӯяд, мазмуни ҷомеъ гирифта, мафҳуми халқро ифода мекунанд. Дар шеърҳои «Ба духтари Эрон», «Эй нигори парӣ», «Эй санами моҳрӯй» ва ғайра чеҳраи зани конкрет тасвир нашуда, балки занону духтарони Эрон фаҳмида мешавад.

Ғами дурӣ ва ҷудоӣ аз ватан шоирро сахт озурда медошт:

Ба ҷони дӯст ғайр аз дарди дурӣ аз диёри худ,
Дар ин олам надорад ҷони Лоҳутӣ ғами дигар.

Ниҳоят шоир соли 1921 бо азобҳои зиёд ба ватан бармегардад. Азобу машаққатҳои ӯ дар роҳи бозгашт ба диёр дар шеъри «Агарчи рӯзгори ман сиёҳ аст» тасвир шудааст. Баъди бозгашт на бо усули рамзӣ, балки ошкоро фикрашро дар шеъраш баён мекард. Яке аз шеърҳои дар ин айём гуфтаи ӯ ҳатто таҳдиди ошкоро ба рақибони сиёсиаш буд:

Касе, к-андар сари минбар кунад такфири муздурон,
Ба ҳукми инқилоб охир ба рӯйи дор меояд.
Зи хуни халқ хӯрдан нону худро бошараф хондан,
Ҳамин аз дасти аҳли масҷиду дарбор меояд...

Шӯриши инқилобчиёни Эрон шикаст хӯрд ва Лоҳутӣ бо умеди он ки

Нагардад то ҷаҳон озод аз зулму башар яксон,
Аз ин мақсуди олӣ даст ҳаргиз барнамедорам, –

Эронро тарк гуфт ва дар Шӯравии собиқ паноҳ бурд. Лоҳутӣ дар Шӯравӣ зиндагии дигарро сар карда бошад ҳам, мавзӯи шеърҳои ӯ ҳамоно инқилоби Эрон ва озодии коргару деҳқон буд.

Лоҳутӣ Тоҷикистонро ватани дуюм интихоб карда, дар ободӣ ва пешрафти он хизмати зиёд кардааст. Шоир Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ҳамзабонаш дӯст медошт:

Гар ишқи ту, эй дилбари тоҷик, намешуд,
Дил ҳеҷ ба ин марҳила наздик намешуд.

Лоҳутӣ аз соли 1925 дар Тоҷикистон кор карда, дар пешрафти иқтисод ва маданияти он махсусан адабиёт ҳиссаи бузург гузоштааст. Дар як қатор вазифаҳои давлатӣ кор карда, ҳамроҳи устод Айнӣ адабиёти нави тоҷикиро ба вуҷуд овардаанд ва инкишоф додаанд.

Фаъолияти адабии Лоҳутӣ дар Тоҷикистон хеле инкишоф ёфт ва шоир аксари шеърҳо, таронаҳо ва манзумаҳояшро ба ҳаёти мардуми Тоҷикистон бахшид. Шеърҳои «Сарои тамаддун», «Ман фарзанди як деҳқоне будам», «Гар ишқи ту, эй дилбари тоҷик, намешуд», «Тоҷикистон шуд мунаввар», «Тоҷикистон» ва ғайра маҳсули эҷодиёти ҳамондавраинаи ӯянд.

Шеъри «Ман фарзанди як деҳқон будам» ҳаёти гузаштаи бечорааҳволонаи тоҷикон, зулму тааддии ҳокимони золим ва ба шарофати инқилоб ба саодат расидани онҳоро ифода мекунад:

Ёдам меояд, гурусна будем,
Пироҳан ҳам дар тан надоштем.
Ба ҷуз чашми тар, ба ҷуз дарди сар,
Мо ҳеҷ чизи дигар надоштем.

Лоҳутӣ бисёре аз шеърҳояшро бо усули рамзӣ навиштааст. Манзумаҳои «Мӯр ва офтоб», «Паҳлавон Оштӣ», достони «Мардистон», «Парии бахт» ва ғайра аз қабили асарҳои рамзии Лоҳутианд.

Дар манзумаи «Мӯр ва офтоб» шоир аввал образи тамсилии «мӯре даррандаву пуриштиҳо», ки «дар тамаъву кин шуда буд аждаҳо»-ро ба вуҷуд меоварад. Аз дасти ситами ин мӯр «гашта басе мӯрчае нотавон». Ниҳоят ақли ин мӯр «аз дуди зафар хира» мегардад ва бо зӯровариҳои дар замин кардааш қаноат накарда, азми роҳи офтоб мекунад ва ниҳоят нагунсор мешаваду ҷон медиҳад. Шоир бо байте масалро шарҳ медиҳад:

Шуд масал ин қисса ба ҳар неку бад,
Пар дамад аз мӯр, чу маргаш расад.

Шоир ба воситаи тамсил усули рамзии тасвирро ба вуҷуд оварда, ғояи ватандӯстиро барҷаста ифода кардааст. Ин услуб дар эҷодиёти Лоҳутӣ аз «Сафари Фарангистон» сар шуда, то достони «Парии бахт» давом ёфтааст. Дар «Сафари Фарангистон» тасвири рамзӣ аҳамият пайдо карда, тамсил ва афсона (масалан, ҳикояти маймун ва фарзандонаш дар ҳаммом) бо воқиаҳои зиндагӣ якҷоя омадаанд.

Лоҳутӣ муаллифи бисёр сурудҳои дилангез аст, ки имрӯз ҳофизон месароянд. Матни сурудҳои ӯ воқеияти замонро то андозае таҷассум месозанд. Муаллифи матни сурудҳои хуби «Ёри мастчоҳӣ», «Ёри Хуҷандӣ», «Эй дилбарам», «Ба дӯсти ватандӯст», «Суруди сулҳхоҳон», «Ранҷида ёрам», «Бути нозанинам», «Хуршеди ман», «Ман хонаму дил рақсад» ва даҳҳои дигар Лоҳутист.

Лоҳутӣ ба маънои томи сухан шоири бузург ва навовар аст. Вай ба шеъри тоҷикии солҳои бистум мазмуни нави ҷанговарона овард, шаклҳои нав офарид. Айнӣ соли 1933 дар ҳаққи Лоҳутӣ гуфта буд: «Шумо бо шеърҳои оташбори худ дар зеҳни ҷавонони меҳнаткаш шамъи адабӣ афрӯхтед ва ҳисси шоириро бедор кардед, ҷавонони тоҷикро амалан ва бевосита тарбия кардед ва роҳбарии адабӣ намудед».

Лоҳутӣ ба Тоҷикистон замоне омад, ки тоҷикон дар шароити душвори сиёсию иқтисодӣ ватанашонро аз нав месохтанд. Вай иштирокчии бевоситаи ин азнавсозиҳо гашт. Бо ақлу хирад ва табъи оташбораш ба пешрафти иқтисодиёту илму адаб ёрӣ расонд. Бо шеъраш мардумро ба роҳи неки бунёдкорӣ далер мекард. Бинобар ин ҳам Лоҳутӣ дар шеъри муосири тоҷик ҳамчун яке аз асосгузорони он ҳамеша зинда хоҳад буд. Ӯ дар тани шеъри тоҷикӣ ҳамчун ҷон хоҳад монд. Чунон ки худаш мегӯяд:

Ман дар тани шеър ҳамчу ҷон хоҳам монд,
Дар маслаки ишқ ҷовидон хоҳам монд.
Пир аст касе, ки фикри ӯ пир бувад,
Ман фикрҷавонаму ҷавон хоҳам монд.

## ӮЗБЕКИСТОН

«Кел, кел эй моҳлиқо,
ҳуснинга қурбон улам!»
*(Фузулӣ)*

Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам,
Ба ҳунарҳои фаровони ту дил бохтаам.

Қад барафрошта партофтӣ аз худ ғаму дард,
Теғ бардошта рафтӣ ту ба майдони набард,
Зада аз ҳастии бадхоҳ барафшонӣ гард.
Ман ба ин фатҳи намоёни ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Ту кунун мамлакати санъату ифрон шудаӣ,
Лонаи булбули озоди ғазалхон шудаӣ,
Чашми бад дур! Тамоман ту гулистон шудаӣ.
Ман ба гулҳои гулистони ту дил бохтаам.
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Медамад рӯҳи ҷавон обу ҳавои ту ба дил,
Мезанад чанг навои дафу нои ту ба дил,
Ҷон кунад ракс, расад то ки садои ту ба дил.
Ман ба мурғони хушилҳони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Ҳаргиз он манзари пурҷилва зи ёдам наравад,
Сояву нури сафои ту фаромӯш нашавад,
Дил чу парвона сӯйи шӯълаи рӯйи ту давад.
Ман ба ҳусни зарафшони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Духтарони ту ба пайкор чу шеранд, чу шер,
Писарони ту ба ҳар кор далеранд, далер,
Дар ҳақиқат зану марди ту кабиранд, кабир.
Ман ба ин насли дурахшони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Дил бибозад ба ту ҳар кас на дилаш торик аст,
Пешрафти ту хусусан хушии тоҷик аст,
Чун бародар ба ту аз кӯдакӣ ӯ наздик аст.
Ман ба навфикр ҷавонони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

## ШЕРИ ОЗОД

Буд андар деҳи мо як марде,
Марди бодониши оламгарде,
Як сафар бо писари ҳушёре
Мегузашт аз тарафи найзоре.
Буд бо кӯдаки худ гарми сухан,
Ногаҳон аз дили найзори куҳан
Наъраи сахт ба гӯшаш омад
Ки аз он латма ба ҳушаш омад.
Писари навраси ӯ ҳам тарсид,
Зард шуд рангашу бар худ ларзид.
Сахт бигрифт падар дасти писар,

Бурд ӯро ба сари роҳи дигар.
Чу гирифтанд раҳи амну амон,
Ба падар гуфт писар бо ҳаяҷон:
«Чи садо буд, ки тарсидам аз он.
Суст шуд пуштаму ларзидам аз он?»
Дод посух ба писар олими пир:
«К-ин садо нест магар наъраи шер.
Наъра чун аз дили найзор ояд,
Аз пояш шер ба пайкор ояд.
З-он сабаб ман, чу ту, ларзон гаштам,
З-он макон зуд гурезон гаштам.
Оре, ин наъра далерона бувад,
Бонги шер аст, ки шерона бувад».

**Савол ва супориш:**

1. Лоҳутӣ дар чӣ гуна муҳит ба воя расида ва тарбия ёфтааст?
2. Тағйироти фикрии Лоҳутӣ кай сар мешавад?
3. Марҳилаҳои эҷодиёти шоир кадомҳоянд?
4. Ашъори баъди муҳоҷират ба Шӯравӣ навиштаи Лоҳутӣ чӣ мавзӯъҳоро дар бар мегирад?
5. Шеъри «Ӯзбекистон»-ро таҳлил ва аз ёд кунед.

## Рамз ва истифодаи он дар адабиёт

Рамз усули тасвири бадеист, ки шоир ва нависандаро ба тафаккури образнок во дошта, унсури воқеанигории маҳзро дар эҷодиёт маҳдуд мекунад. Рамз дар шакли пӯшида ва образнок ғояи муайянро ифода менамояд. Аксари адибони бузург новобаста ба шароити сиёсию иҷтимоӣ рамзро ҳамчун воситаи тасвири образнок барои ифодаи ғояи бадеӣ истифода кардаанд. Вале гоҳо шароити сиёсии ҷамъият шоиру нависандагонро маҷбур месозад, ки андешаҳои пешқадамашонро ба тарзи пӯшида ба тариқи рамз ифода кунанд.

Рамз аз қадим дар адабиёти тоҷик воситаи муҳими тасвир буд. Аз нахустин ёдгориҳои аҳди қадим «Калила ва Димна» сар карда, то эҷодиёти Бедил ва шоирони баъди ӯ пур аз рамз аст. Агар ба ифодаи дигар гӯем, дар адабиёти мо бидуни рамзи бемаънӣ ва маънии бе

рамз осори бадеӣ набуд. Рамз унсури бадеияти осори адабӣ шинохта мешуд. Шоир ё нависанда дар усули тасвири рамзӣ метавонад тамсил ва афсонаҳоро истифода карда, ғояи асарашро ба ин восита муайян созад.

Сарчашмаи асосии рамз табиат ва зиндагии воқеист. Инсон, аз ҷумла адиб рамзҳоро аз зиндагӣ ва табиат дармеёбад. Шоири амрикоӣ Эдгар По мегӯяд, ки «табиат забон дорад... забони вай забони рамзҳост, ки ба ҳар шоире фаҳмо мебошад». Шоирону нависандагон рамзҳои осорашонро аз ҳамин сарчашма, аз тамсилу афсонаҳо, ки маҳсули зиндагии инсон аст, дармеёбанд. Рангҳо, овозҳо ва бӯйҳои табиат ҳамчун рамз шинохта мешаванд. Офтобу маҳтоб, ситораҳову сайёрагон, кӯлу баҳрҳо, ҷангалу дарёҳо, шабу рӯз, фаслҳои сол, кабку уқоб, ҳуку нахчир ва ғайра дар зери қалами шоир маънии рамзӣ пайдо мекунанд.

Сарчашмаи дигари рамзҳо ин тамаддуни инсонист. Асотири антиқӣ, боварҳои мардумӣ, навиштаҷоти муқаддас, аз ҷумла Авасто, Қуръон, афсонаҳои фолклорӣ ва адабиёти ҷаҳон, астрология ва астрономия, қаҳрамонҳои афсонаҳо ва таърих метавонанд дар адабиёт ҳамчун воситаи рамзӣ истифода шаванд.

Як образи рамзиро адибон метавонанд ба маънии гуногун истифода кунанд. Масалан, образи рамзии уқоб дар як шеъри Носири Хисрав ва шеъри «Уқоб»-и Мирзо Турсунзода маъниҳои гуногун доранд.

Рамзҳо сермаъно мешаванд. Ҳеҷ кас маънии аниқ ва якҷиҳатаи онҳоро таъин карда наметавонад. Моҳияти асосии рамзро мазмун не, балки ғоя муайян мекунад.

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА

## (1911—1977)



Мирзо Турсунзода 2 майи соли 1911 дар деҳаи Қаротоғи ноҳияи Ҳисор ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро аз мактаби кӯҳна гирифта, соли 1925 ба мактаби советӣ медарояд. Баъдтар дар интернати Душанбе ва Донишкадаи омӯзгорӣ таҳсил мекунад. Дар соли 1930 Дорулмуаллимини Тошкандро хатм карда, дар матбуоти республикавӣ кор кардааст.

Тарҷумаи ҳол ва эҷодиёти ӯ аз ҳамдигар ҷудо нестанд, балки якдигарро пурра мекунанд. Аз рӯйи асарҳои Мирзо Турсунзода нафақат тарҷумаи ҳол ва афкору андешаи ӯро, балки зинаҳои пешрафти сарзамини тоҷиконро низ муайян кардан мумкин аст. Ҳарчи ки дар ҳаёти шоир рух додааст, аз сари кишвараш низ гузашта ва баъдтар дар осори ӯ инъикос шудааст. Ӯ ҳамроҳи Инқилоби Октябр ба ҳаёт қадам гузошт. Инқилоб «ба дасташ ҳуҷҷати поядагӣ дод» ва имкон дод, ки «аз дилу ҷон ба ҳар иморати нав аввалин хиштро» гузорад. Яъне ӯ дар қатори ҷавононе буд, ки вайронаҳои кишварро бо фаъолияти меҳнатӣ ва сухан обод мекарданд. Нахустин шеъру ҳикоя ва очерку мақолаҳои М. Турсунзода маҳз дар ҳамин давра навишта шуда, оҳангҳои бунёдкориву ғолибият, ифтихору қаноатмандӣ, худшиносиву меҳнати озод ва ғайраро ифода намудаанд. Мафҳумҳои Инқилобу Озодӣ, Меҳнату Зафар калимаҳои серистеъмоли осори маҷмӯи аввалини шоир – «Байроқи зафар» буданд.

Дар баъзе давраҳо мисли дигар масъалаҳои зиндагӣ сиёсат ҳам бар адабиёт нуфуз мекунад. Адабиёт хоҳу нохоҳ дар таблиғи сиёсат ва мақсадҳои он хизмат менамояд. Агар ин гуна адабиёт саропо аз ифодаи сиёсат иборат бошад, силоҳи сиёсӣ буда, умри дароз намебинад. Мешавад, ки сиёсати рӯз манфиатҳои инсонро низ ҳимоя мекунад ва адабиёте, ки ин гуна сиёсатро ифода менамояд, ифодакунандаи манфиатҳои мардум мебошад.

Мирзо Турсунзода аз рӯзҳои аввал сиёсат ва фаъолияти адабиашро тавъам қарор дод. Бо фаъолияти адабӣ ва корӣ манфиатҳои сиёсии давлати Шӯравиро ҳимоя мекард. Бисёр шеъру мақолаҳои индавраи шоирро хонда кас ба хулосае меояд, ки вай як воизи тавонои сиёсӣ буд ва шеърашро дар бештарин маврид ба силоҳи сиёсӣ табдил кард. Ин ҳақиқати эҷодиёти Турсунзода аст. Эҷодиёти ӯро ба ду қисм метавон ҷудо кард. Қисми аввали осори ӯ аз ҳаёти тоҷикон ҳикоя мекунад ва парвардаи сиёсати миллии ҳамон давра мебошад. Қисми дигари осори ӯ ашъори хориҷӣ буда, сиёсати Шӯравиро дар хориҷа пеш меронад. Ҳамин рӯҳияи тасвир дар қадамҳои аввалини эҷодиаш равшан ба назар мерасад. Вай рӯҳи замон ва аҳли онро ифода карда, аз сиёсати давлат дастгирӣ мекард.

Маҷмӯаи аввали шоир мавзӯъҳоеро ифода менамуд, ки сиёсати давр инъикоси онҳоро аз адибон талаб мекард. Ин мавзӯъҳо иборат буд аз ҷараёни муборизаи синфӣ, мавзӯи озодии занон, тасвири меҳнат, мубориза ва зиддияти ду олам – капиталистию сотсиалистӣ ва ғайра. Шеърҳои «Байроқи зафар», «Гудоки ғолибият», «Назокат», «Ғалаба», «Видоъ», «Ҳамида», «Шарораи инқилоб», «Зарбдорон», «Мавҷҳои зафар», «Кулфатзадагон» ва дигарҳо дар ҳамин мавзӯъҳо гуфта шудаанд. Оҳанги шодию ифтихор дар осори дар байни солҳои сӣ ва чил гуфтаи шоир хеле зиёд аст. Шеърҳои «Баҳор», «Мамлакати тиллоӣ», «Муҳаббати раҳбар», «Суруди ҷавонӣ» ҳамин гуна оҳангҳоро ифода мекунанд. Илова ба ин, дар ҳамин давра дар шеъри шоир мавзӯъҳои дигар, аз қабили мавзӯи ҳаёти хориҷа, дӯстии халқҳо, симои инсони ҳамзамонаш ва ғайра қувват гирифт.

Дар давраи аввали эҷодиёташ шоир бештар ба мавзӯъҳое диққат додааст, ки талаботи давру замон будаанд. Шеъри шоир асосан хидмати сиёсати даврро иҷро кардааст. Инъикоси бадеии воқеоти замони нав шакли тозаи тасвирро талаб мекард. Мирзо Турсунзода аз шеърҳои нахустинаш ба ин талабот риоя карда, барои ифодаи маънию мазмунҳои тозаи рӯзгор шакли мувофиқе пайдо мекард. Масалан, шеъри «Ба комсомол»-ро дар шакли нав гуфта буд, ки ба шеъри суннатии тоҷик хос набуд. Дар ин гуна ҷустуҷӯҳои шаклӣ кори шоир ҳамавақт бобарор набудааст. Мо мебинем, ки ҳарчанд шоир «дар ҷавонӣ тавоно» набудааст, «аммо кӯшише» доштааст. Шеъру ҳикояҳои нахустини шоир ғояи муайяни иҷтимоиро ифода карда, бештар хусусияти баёния ва хитобаро доштанд. Ин осори шоир ҳоло аз тасвири амиқи воқеияти зиндагӣ комилан бархурдор набуда, хубии онҳо дар шӯру шавқи баён ба

муқобили равишҳои ақибмондаи ҳаёт ва бовар ба рӯзгори нав аст. Дар баъзе шеърҳои ҳамин давраи шоир низ байту пораҳои ҳунармандона гуфта шуда ҳастанд, ки намунааш ин чаҳор мисраъ аз шеъри «Ба комсомолон» мебошад:

Аз ду чашмонаш оташи ғайрат,
Мезанад ҷӯш ҳамчунон вулқон,
Бозуҳояш дар дами меҳнат
Мисли оҳан гаштаанд тафсон.

Шоир аз оғози фаъолияти эҷодиаш тарзу воситаи баёни муносиб ва махсуси худро кашф намуд ва бо ҳамин барои назми муосири тоҷик дар роҳи воқеъбинона ва ҳунармандона тасвир кардани зиндагӣ ва симои одамони муосир хизмати барҷаста кард. Вай барои такмили маҳорат аз адабиёти пешин, осори даҳонии мардум ва адабиёти ҷаҳон огоҳона истифода карда, дар кори нашри намунаҳои фолклори тоҷик ва осори классикон, аз ҷумла Ҳилолӣ ҳисса мегузорад. Дар зери таъсири осори классикӣ драмаи «Хусрав ва Ширин» ва либреттои «Тоҳир ва Зӯҳро»-ро менависад. Ҳамчунин ба анъанаҳои шеъри пешин рӯ оварда, маснавию ғазал, мухаммасу тарҷеъбанд мегӯяд. Шоир маънию мазмунҳои навро бо қолибҳои озмудаи шеъри пешин мувофиқ карда, дар ин роҳ барор низ ёфтааст. Беҳтарин осори индавраинаи ӯ аз қабили тарҷеъбанди «Суруди ҷавонӣ», «Оҳанрабо», мухаммаси «Мамлакати тиллоӣ», «Дар сари тасвир», «Сарчашмаи мардонагӣ», «Фарзанди ту меояд», ғазалҳои «Хандида меояд», «Ба раққоса», «Омад канал», манзумаи «Водии Ҳисор», маснавии «Халқи далер» ва достони «Писари Ватан» натиҷаи ҳамин гуна баҳрабардории судманд мебошад.

Аз нимаи аввали солҳои сиюм сар карда, маҳорати шоир зина ба зина такмил меёбад. Вай ба навиштани асарҳои калонҳаҷм шурӯъ мекунад ва достонҳои аввалинаш «Офтоби мамлакат», «Хазон ва баҳор» натиҷаи кӯшиши ҷиддии ӯст.

Достони нахустинаш «Хазон ва баҳор» аз лавҳаҳои мағрубу шоирона холӣ нест. Шеъри «Оҳанрабо» низ шоирона гуфта шудааст, ки байтҳои ватанпарваронаи он чунин аст:

Аз бароят ҷон диҳад инсон агар, арзандаӣ!
Синаро созад ба ҳифзат гар сипар, арзандаӣ!
Дар адои хизматат тозад ба сар, арзандаӣ!
Аз сарат пошанд мардум симу зар, арзандаӣ!
Чунки инсонро фазои дилкушо гардидаӣ,
Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.

Муваффақиятҳои аввалини шоир дар шеъру шоирӣ дар натиҷаи омезиши анъанаҳои неки адабиёти классикию фолклори тоҷик – ғояҳои инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, озодӣ, адолат, умеди рӯзгори хуш, забон ва воситаҳои баён бо таҷрибаи адабиёти нав дар баёни маънӣ ва мазмунҳои нав ба даст омадааст. Ин омезиш минбаъд ба пешрафти эҷодиёти адиб ёрии ҷиддӣ расонида, ӯро ба яке аз симоҳои машҳури адабиёти замони нав табдил додааст. Вай аз собитқадамтарин шоироне буд, ки мавзӯъҳои дӯстӣ, сулҳ, саодати занро муттасил дар эҷодиёташ инъикос намудааст. Ӯро муосирон «шоири мубориз ва сухансарои сулҳу дӯстӣ» номидаанд.

Суруду таронаҳо ва манзумаю достонҳои шоир аз ғояҳои баланди сулҳпарварона, адолатхоҳона ва дӯстиву бародарӣ саршор буда, дили хонандаро ба зиндагӣ гарм мекунанд. Лирикаи нафису самимии ӯ касро зиндадилу рӯҳбаланд карда, ҳисси зебоиписандиро дар дил зиёд мекунад ва инсонро ба бунёдкорӣ ташвиқ месозад. Муҳаббати софу самимӣ, муносибатҳои инсонпарварона, тараннуми сулҳу озодӣ, меҳнати бунёдкорона, ҳисси ифтихор ва ғайра аз муҳимтарин мавзӯъҳои лирикаи ишқию иҷтимоии шоир мебошанд. Шеърҳои «Омад канал», «Нишона дорад», «Хандида меояд», «Хонаи мо он қадар ҳам дур нест», «Қишлоқи шумо», «Суруди ман», «Тара-Чандри», «Таронаи ишқ», «Дасти модар», «Шоиро!» аз намунаҳои дилангез ва ҳаловатбахши шеъри лирикии шоиранд.

Ишқу муҳаббати поки инсонӣ аз муҳимтарин мавзӯи ашъори лирикии М. Турсунзода аст. Дар бисёр мавридҳо ин мавзӯъ дар шеъри ӯ моҳияти иҷтимоӣ мегирад ва ишқи оила, ишқи ёру диёр, ишқи зиндагӣ меҳвари лирикаи ишқии шоир қарор мегиранд. Муҳаббати созу созандаи шоир бо мазмунҳои ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ омезиш ёфта, дар якҷоягӣ лирикаи иҷтимоии шоирро ба вуҷуд овардаанд. Қаҳрамони лирикии ӯ озод буда, дар шароити хоси таърихӣ амал мекунад. Вай зани озод ва бомаърифат буда, дар ӯ «нури донишу қудрати фан» аст:

Ёри мо арзандаи дунё шудаст,
Буд зебо, боз ҳам зебо шудаст.
Ёри мову дилбари шерозиён,
Фарқи он аз ин – замину осмон.
Чашми он тарсад шуои барқро,
Рӯйи ин равшан намояд Шарқро.

Идеали шоир дар шеърҳои лирикиаш пеш аз ҳама зани доно, ҳунарманд ва зебоест, ки ба «нури дониш» дилҳоро шикор мекунад. Тасвири ҳусни зан ва қувваи маънавии вай бо фаъолияти иҷтимоиаш

омезиш ёфта, «ҳусни оламгир»-и онро нишон медиҳад. Дар шеъри «Марҳабо» ҳусни ботин ва зоҳирии духтари ӯзбек шоирро асир сохта, дар ин замина ғояи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ифода шудааст:

Духтари ӯзбек, моро гӯш кун!
Дигаронро андаке хомӯш кун...
Шавқи ту моро ба илҳон оварад,
Рӯ ба сӯйи Ӯзбекистон оварад...
Шарқиён рӯйи туро чун дидаанд,
Гул зи боғи Ӯзбекистон чидаанд.

Чеҳраи зан дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода мақоми хос дорад. Ӯ занеро ситоиш мекунад, ки қабл аз ҳама «гаҳворачунбони сайёра», яъне модар аст. Симои модарро пора-пора дар достонҳояш, аз ҷумла «Чароғи абадӣ» ва «Ҷони ширин», ҳамчунин шеърҳои «Дасти модар», «Модарам» ва ғайра бо камоли маҳорат тасвир кардааст. Дар достонҳои зикршуда – модар чун офарандаи ҳаёт, эҳёгари зиндагӣ ва посдори гузаштаву имрӯза ба қалам меояд. Дар шеърҳои «Дасти модар» ва «Модарам» мо симои мушаххас ва пурмаънии модарро мебинем, ки дунёи торикӣ ва бедодро паси сар карда, субҳи дунёи навро ба фарзандонаш муборакбод мегӯяд.

Дасти модар дар шеъри аввал рамзи шоирона аст, ки маънии истиқболи нек ва гусели хайрро дорад. Шоир ба модар муроҷиат ва тақозо мекунад, ки

Бо ҳамон дасте, ки чодар сӯхтӣ,
Гулхани шаъну шараф афрӯхтӣ, ...
Сӯйи фатҳи тоза кун аз сидқи дил
Кафзанон фарзандҳоятро гусел!

Ин симои модарест, ки бо торикӣ ва ҷаҳлу бедонишиву бешарфӣ муросо накарда, ҳаёти нав сохт, барои фарзандонаш зиндагии тозаро бунёд кард ва аз нигоҳи пешбини шоир танҳо хостгори саодатмандӣ ва «фатҳи тоза»-и фарзандон аст.

Шоир дар шеъри дигараш – «Модарам» симои умумиятёфтаи (типии) модаронро тасвир мекунад. Қаҳрамони лирикии шеър монанди садҳо ҳамсолонаш барвақт аз модар ятим монда, ҳатто рӯйи ӯро ёд надорад. Қаҳрамони лирикӣ хаёлан ба ҷустуҷӯйи модар мебарояд. Нишонаро «аз занҳои пири деҳа» ҷустуҷӯ карда, бо «санги мазор»-и ӯ гуфтугӯ мекунад. Вақте ки «рафта ҳар як ҷунбиши шохи дарахт»-ро гӯш карда, «бо гиёҳу сабзаҳои дашт» рӯ ба рӯ мешавад, ҳам Рӯду ҳам Кӯҳу ҳам Доя нишонаҳои

модарро ёд мекунанд. Дар пеши назари мо симои модари азизу шариф, ғамхору меҳрубон бо ҳама азобҳои дар зиндагӣ кашидааш зинда мешавад. Мо дар тасвири шоир модареро мебинем, ки сарнавишти ӯ ва фарзандаш аз сарнавишти халқу кишвар ҷудо нест. Он чи ки аз сари ӯ гузаштааст, аз сари халқу кишвараш низ гузаштааст. Мо дар тасвири шоир модареро мебинем, ки дар замонааш «шаҳд дар комаш ҳамеша талхтар аз заҳр буд», «ҳам шариат, ҳам тариқат» нисбаташ «сарвари бадқаҳр буд». Фарзанди қадршинос, яъне шоир аз сухан, аз шеър дар пойи мазори модар муҷассамаи меҳру эътиқод мегузорад ва гармии шеъри шоир дар дили мо муҳаббатро ба модар, ба зиндагӣ зиёд карда, ҳамроҳи ӯ бо меҳр мехонем:

Модарам, дар ёди ту гашту гузоре мекунам,
Баҳри меҳри ту дили худро мазоре мекунам.
Хизмати шоиста бар ёру диёре мекунам,
Назми худро бар сари қабрат шиоре мекунам.

Мирзо Турсунзода солҳои охири ҳаёташ як силсила шеърҳое навишт, ки чеҳраи бадеии зан дар онҳо бо тобишҳои тоза тасвир шудааст. «Зан агар оташ намешуд» аз беҳтарин шеъри ин силсила мебошад. Шоир дар ин шеър, пеш аз ҳама ба мавқеи инсонӣ ва ҷамъиятии зан диққат дода, мақоми онро дар ҷомеа ба хусус таъкид мекунад. Аз ин пештар шоир шеъри «Бигзор, зан бошад мудом»-ро навишта, ҳамин маъниро ифода карда буд. Вале шеъри «Зан агар оташ намешуд» дар шакли ғазал пурмаънӣ ва басо ҳунармандона гуфта шуда, байти аввал моҳияти фикри муаллифро хеле барҷаста ифода мекунад:

Зан агар оташ намешуд, хом мемондем мо,
Норасида бодаи дар ҷом мемондем мо.

Беҳтарин навиштаҳои шоир доир ба мавзӯи Шарқ силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Садои Осиё» ва достони «Ҷони Ширин» мебошанд.

«Қиссаи Ҳиндустон»-ро шоир баъди ҷустуҷӯҳои ҳаждаҳсола эҷод кард ва ин силсила аз камолоти ӯ дар олами шеър дарак дод. Шеърҳои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», «Боғи муаллақ», «Тара-Чандри», «Сайёҳи Ҳинд», «Тоҷмаҳал», «Дар орзуи ошён» эҳсосоти ранг ба ранги шоир – маҳзунию дилсӯзӣ, қаҳру нафратро дар худ доранд. Шоири инсонпарварро пеш аз ҳама тақдири Шарқи хориҷӣ ба ташвиш меоварад. Сабаби маҳзунию дилсӯзиаш низ хеле амиқ буда, дар шеъри «Бозгашт», ки силсила бо он оғоз мешавад, ин тавр ифода ёфтааст:

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.

Дар шеъри дуюми силсила – «Қиссаи Ҳиндустон» муаллиф аз ҳамин гуна ғам, яъне ғами халқи Ҳинд хонандаро хабар мекунад. Дар тасвири шоир кишвари тороҷгашта – Ҳиндустон бо тамоми фоҷиаҳои дирӯзу имрӯзаш муҷассам мегардад:

Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой,
Замини сабзу зархезе саропой.
Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд.

Хонандаи азиз, пас аз хондани ин сатрҳо Шумо хоҳу нохоҳ мепурсед: чаро сарзамине, ки ганҷҳояш фаровону пурбаҳост, мардумонаш гадоянд?

Шоир барои ин, ки ба ин савол ҷавоби равшан диҳад, диққатро ба гузашта ва иқтидору бузургии халқи ҳинд, зебоии кишвари он ва ҳунари безаволи мардумонаш ҷалб мекунад. Дар шеъри шоир мо бо чеҳраи «меҳмони мағрибӣ» дучор мешавем, ки маҳз ӯ сабабгори гадоӣ ва бадбахтиҳои халқи Ҳинд будааст.

Силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» аз ду қисм иборат буда, шоир дар қисми аввал асосан ғояи озодихоҳӣ ва қодир ба мубориза будани халқи ҳиндро ифода кардааст. Шоир дар қисми якум агар ба ғояи даъват ба мубориза танҳо ишора ва таъкид карда бошад, дар қисми дуюм зарурати ин гуна муборизаро бо баёни саргузашти «кӯдаки хурди кобулӣ»-и бадбахту сарсон ва макру фиреби хориҷиён воҷиб медонад. Ин аст, ки назари «ҳиндуи побараҳна» ва «меҳмони мағрибӣ» дигар мешавад ва мегӯяд:

Бояд онро зи мулк пеш кунем,
Фикри осудагии хеш кунем.

Мирзо Турсунзода солҳои дароз намояндаи халқ дар парлумони давлати Шӯравӣ буд, вай Раисии кумитаи сулҳи Осиё ва Африқоро бар ӯҳда дошт. Муосиронаш ба ӯ унвони «мунодии сулҳ ва дӯстӣ»-ро дода буданд. Ӯ ҳам дар амал, ҳам бо шеър дар роҳи сулҳ фаъолият бурдааст. Бинобар ин ҳам мавзӯи сулҳу дӯстӣ, озодию адолатхоҳӣ мағз андар мағзи эҷодиёти шоирро фаро мегирад. Агар шоир дар «Қиссаи Ҳиндустон» аз ғами мардуми ҷабрдидаи ҳинд ва ифтихори худ аз кишвраш сухан карда бошад, дар манзумаи «Садои Осиё» симои манфури душманони озодиву саодати инсонро бо нафрати бепоён тасвир карда, қудрати озодихоҳии

мардумро зоҳир месозад. Ӯ чун як фарди инсонпарвар ва адолатхоҳ аз мардуми бенавову бечора, «гадою зинда дар гӯр» ҳикоят мекунад. Дили қаҳрамони лирикии шоир дар манзумаи «Садои Осиё» ба ҳоли деҳқонони Чин, ҳасрати зангиписари Ангола, нолаҳои маҳбусони паси панҷараи Осиё месӯзад ва ин ғояи ҷовидонаи инсонпарварона дар достони «Ҷони ширин» ба тарзи барҷаста зоҳир мегардад.

Мо дар силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» дидем, ки қаҳрамони лирикии шоир шод бошад ҳам, аммо мехӯрад ғамҳои халқи дигаре. Вале дар достони «Ҷони ширин» ин қаҳрамон на фақат ғамҳои халқи дигарро мехӯрад, балки мусоҳиби худ – хонандаро низ даъват мекунад, ки аз ғами мазлумҳо ғофил набошад:

Ҷони ширин, ин суханҳоро шунав,
Дардмандонро ту ҳам ҳамдард шав.

Ҷанбаи инсонпарварӣ ва башардӯстии ин достон хеле пурқувват аст. Умуман достони «Ҷони ширин» аз беҳтарин достонҳои шоир буда, бо ғояи баланди инсонпарварона ва шеърияти баланд фарқ мекунад. Достон чанд симои ҷолиб дорад: симои аввал қаҳрамони лирикӣ худи шоир аст, симои дигар мухотаби ӯ ҳамсараш ва ниҳоят симоҳои дигаре чун шоири покистонӣ Файз Аҳмади Файз, шоири рус Николай Тихинов ва ғайра ҳастанд, ки шоир ба воситаи онҳо афкори сулҳхоҳона ва башардӯстонаи хешро ифода кардааст.

Симои қаҳрамони лирикӣ дар достон ҳамчун шахси фаъол, сулҳхоҳу башардӯст тасвир шуда, вай дар назди имрӯзуояндаи башарият масъулияти тамом дорад. Ӯро тақдири инсонҳо ва кишварҳое, ки зери зулму ситам ва фишорҳои сиёсӣ қарор доранд, сахт ба ташвиш овардааст. Ин қаҳрамон, ки сафири сулҳ ва амният аст, ҳамеша дар сафар мебошад. Сафарҳои пай дар пайи ӯ ҳамсарашро андаке озурда медорад. Чунки фарзандон аз дидор ва сӯҳбатҳои ӯ сер нестанд. Вале қаҳрамони лирикӣ хитобан ба ҳамсараш – «ҷони ширин» зарурати сафарҳояшро мефаҳмонад ва бо ӯ аз боби масъулияти инсониаш дар назди ҳам хонавода ва ҳам осоишу амни дунё сухан мегӯяд. Моҳияти сафарҳояшро шарҳ медиҳад:

Мо сафар дорем бо амри Ватан,
Бо супоришҳои халқи хештан.
Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Халқҳоро зиндагӣ илқо кунем,
Меҳри дилро ҳадя бар онҳо кунем.

Ҳамин гуна рӯҳи инсонпарварона тамоми достонро фаро гирифта, шоир бадӣ ва беадолатиро маҳкум ва амну осоиши инсонҳоро тасдиқ ва таъкид мекунад. Шоир барои он, ки ғояи сулҳу амният ва осоиши инсонҳоро равшантар ифода кунад, аз воситаи тасвири тазоду муқобила фаровон истифода мекунад. Барои он ки қадри имрӯзи пурсаодати халқи кишварашро ба хонанда фаҳмонад, ба гузаштаи пуразоби халқ ишора мекунад. Аз он ки аҷдодҳояш дар ҷустуҷӯйи бахт дар ғарибиҳо мурда мерафтанд, бо ҳасрат сухан мегӯяд. Гиряи фарзандашро бо гиряи фарзанди шоири покистонӣ Файз Аҳмади Файз муқоиса мекунад. Гиря дар шеъри ӯ образи шеърие мешавад, ки ҳолати қаҳрамони достон ва моҳияти андешаҳои инсонпарваронаи ӯро таъкид мекунад:

Гиря дорад, дӯстам, аз гиря фарқ,
Талх бошад, гиряи фарзанди Шарқ.
Асрҳо бигрист шарқӣ зор-зор,
Шарқ шуд аз гиряи он шӯразор.
Вақти бозӣ, вақти шӯхӣ, беибо,
Мекунад Парвези мо ҳам гиряҳо,
Ҳар куҷо, ки бача бошад, гиря ҳаст,
Лекин он гиря дигар, ин дигар аст.

Шоирро гиряи фарзандони халқҳое, ки фақиру бенаво ва зери юғи бедодӣ ҳастанд, ба ташвиш меорад. Бисёр мехоҳад, ки дар дунё сулҳу бародарӣ ва баробарӣ ҳукмрон гардад. Дар ин маврид сухани шоир ҳикматомез, мӯъҷаз ва пурҳикмат садо медиҳад, ки онро дар ҳар мавриде метавон иқтибос ва истифода кард. Чунончи:

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

* * *

Рӯйи олам дидан одам дидан аст,
Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст.

* * *

Обро аз рӯшноӣ кун қиёс,
Дӯстонро бо нигоҳи дил шинос.

* * *

То даме ки золиму мазлум ҳаст,
Кас набояд лаҳзае беғам нишаст.

* * *

Ҳеҷ коре нест бе зан, хуб шуд,
Ифтихоре нест бе зан, хуб шуд.
Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,
Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.

Ин достони шоир саршор аз ғояҳои истиқлоли миллӣ, озодӣ ва сулҳу амнияти халқ буда, жанри он достони лирикист. Он чӣ дар ин асар баён шудааст, аз номи қаҳрамони асосӣ, яъне муаллиф аст. Дар достон ҳолати рӯҳӣ ва андешамандии қаҳрамони лирикӣ аз ҷониби шахси аввал ифода шудааст, ки ин хусусияти асосии достони лирикист.

Мирзо Турсунзодаро хонанда ҳамчун муаллифи достонҳои «Ҳасани аробакаш», «Писари Ватан», «Чароғи абадӣ» ва ғайра низ мешиносад.

Мирзо Турсунзода аз симоҳои барҷастаи адабиёти асри бисти тоҷик аст. Бо вуҷуди он ки ӯ фаъолияти шоириашро аз сиёсиаш ҷудо накарда, ба сиёсати синфиятгарои замони Шӯравӣ хидмати зиёд кардааст, ҳамчун шоир, сарояндаи ғояҳои башардӯстона ва адолатхоҳона буда дар таърих боқӣ хоҳад монд. Беҳтарин пораҳои шеъру достонҳояш низ чун намунаи асил ба хонанда хизмат хоҳад кард. Мисли ин пора, ки басо шоирона ва пурмаънӣ гуфта шуда:

Муҳаббате, ки ба дил ошёна мемонад,
Ба мисли номи накӯ ҷовидона мемонад.
Даме ки мешавӣ, эй дӯст, аз назар ғоиб,
Хаёли рӯйи ту моро нишона мемонад.

Мирзо Турсунзода 27-уми сентябри соли 1977 дар шаҳри Душанбе аз дунё чашм пӯшид.

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ман ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯйи уқёнус бишнидам садои ту.
Агарчи дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.

Ба вақти бозгаштан чун расидам бар ҳудудат ман,
Зи сар то по шудам мафтуни шайдои намудат ман.
Нишастам дар замини ту, паридам дар ҳавои ту,
Ба овози дурудат ман, ба оҳанги сурудат ман.

Агарчи борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур,
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур.

## «ҶОНИ ШИРИН»

*(порча аз достон)*

Ҷони ширин, ин қадар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун.
Гашта-гашта дар сафар боз омадам,
Боз дар наздат ба парвоз омадам.
Ҳар куҷо ки хоб кардам, хестам,
Ҳар куҷо ки буд ҷое зистам,
Ин дили ман манзили ёди ту буд,
Ёди рӯйи ҳуснободи ту буд.
Бе ту нагзашт аз гулӯям об ҳам,
Бе ту дар чашмам наёмад хоб ҳам.
Бе ту ҳар як рӯзи ман як сол шуд,
Бе ту дил ғаш кард чун атфол шуд.
Бе ту дидам гарчи зебо духтарон,
Бе ту бишнидам суруди ошиқон,
Бе ту дар тӯю тамошоҳо шудам,
Бе ту гоҳе булбули гӯё шудам.
Бе ту дар васфи занон гуфтам сухан,
Бе ту дар маҷлис фишурдам дасти зан.
Лек дар пеши назар рӯйи ту буд,
Ҷилваҳои чашму абрӯйи ту буд.
Ҷони ширин, пас дигар ҷангам макун,
Ин қадар беҳуда дилтангам макун,
Нестам мисли падарҳои дигар,
Дар бари фарзандҳо шому саҳар.

Чор гардад чашми онҳо дар раҳам,
Гум занад дилҳои онҳо дам ба дам.
Ку падар, гӯяд агар фарзанди мо,
Менамоӣ ту ба сӯйи дар нигоҳ.
Дар замони пеш аҷдодони мо,
Тарк мекарданд кӯҳистони мо.
Бахт меҷустанд аз бечорагӣ,
Мурда мерафтанд дар оворагӣ.
Мо, вале аз он ғарибон нестем,
Дар суроғи бахт сарсон нестем.

## БА ЧАШМ

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.
Чунки ман ҳам дар замони худ даравгар будаам,
Хӯшачину борбанду дос дар бар будаам.
Гӯш мекардам суруди марди хирманкӯбро,
Мешунидам зарбҳои горoначӯбро.
Хӯшаҳо дар киштаҳо вақте ки сар хам мекунанд,
Шодию хурсандии хурду калон зам мекунанд.
Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Дидаву санҷидаву болида мемолам ба чашм.

**Савол ва супориш:**

1. М. Турсунзода дар куҷо зода шуда ва чӣ гуна маълумот гирифтааст?
2. Мавзӯъҳои навиштаҳои аввалини ӯ чӣ буд?
3. Ҷозибаи ашъори шоир дар чист?
4. Чаро М. Турсунзодаро «мунодии сулҳ ва дӯстӣ» ном ниҳодаанд?
5. Моҳияти силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» чист?
6. Достони «Ҷони ширин»-ро аз ёд кунед.
7. Шеъри «Ба чашм»-ро таҳлил ва аз ёд кунед.

## Силсилаи шеърҳо

Силсилаи шеърҳоро наметавонем жанри хоси адабиёт ё худ лирикӣ ном гирем, зеро он қонуниятҳои хоси жанрӣ надорад. Ин шакли шеър дар адабиёти тоҷик дар солҳои панҷоҳ ба вуҷуд омада,

шеърҳои дар жанрҳои гуногун навишташударо фаро мегирад. Дар силсилаи шеърҳо асосан мавзӯъ ва мақсаде, ки шоир дар назди худ гузоштааст, ҳамчун воситаи алоқа хизмат мекунад. Алоқа инчунин ба воситаи ба замон ва ё макони муайян, ба шароити муайяни таърихӣ ва иҷтимоӣ тааллуқ доштани шеър ба амал меояд. Фарқи силсилаи шеърҳо аз достони лирикӣ дар он аст, ки дар достони лирикӣ тасвири рӯзгор муттасил, вусъатнок ва амиқтар аст. Дар он ҳаёти инсон ҷамъбаст шуда, ҷараёни ташаккули шахсият тадқиқ мегардад.

Силсилаи шеърҳо асосан аз шеърҳои лирикӣ иборат буда, бинобар ин ҳам онро силсилабандии лирикӣ ҳам мегӯянд. Силсилабандии лирикӣ дорои қонунияти қатъии дохилист. Чанд шеъреро, ки дар як мавзӯъ навишта шудааст, як ҷо ҷамъбаст карда, силсилаи шеърҳо номидан мумкин нест. Ҳар як шеър на танҳо бояд ба сари худ мустақилона аҳамияте дошта бошад, балки дар занҷири фикру мулоҳизаҳо ва ҳиссиёту ҳаяҷони мураккаби шоир, дар инкишофи ҳалли мавзӯъ як ҳалқаи мустаҳкам ва заруриро ташкил намояд. Аз ин рӯ, агар шеърҳо дар ҳақиқат вобастагии бадеӣ ва мантиқӣ дошта бошанд, аҳамияти ҳар як шеър дар силсилабандӣ кам намешавад, балки меафзояд. Силсилабандии лирикӣ маҳорати махсус, дониши бисёр ва тафаккури мантиқии пурқуввате талаб мекунад, то ки алоқаи ниҳонии ҳодисаҳои гуногуни ҳаёт ошкор шавад ва он алоқа моҳияти аслии он ҳодисаҳоро беҳтар кушояд. Ба ифодаи дигар, дар силсилаи шеърҳо ваҳдати мавзӯю мазмун, рӯҳияю мантиқи баён, тасвиру ғоя ва пайванди мустаҳками шеърҳо шарти зарурӣ мебошад.

Намунаи беҳтарин ва комили силсилаи шеърҳо дар адабиёти тоҷик ҳамоно «Қиссаи Ҳиндустон»-и Мирзо Турсунзода, «Модарнома», «Илҳом аз «Шоҳнома», «Хоки Ватан»-и Лоиқ ва «Созҳои Шероз»-и М. Қаноат эътироф шудаанд.



# ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

## (1909—1993)

Нависандаи маъруфи тоҷик Ҷалол Икромӣ 20 сентябри соли 1909 дар шаҳри Бухоро дар хонаводаи рӯҳонии равшанфикр ба дунё омадааст. Барвақт аз модар ятим монда, бо бародар ва хоҳараш зери тарбияи падар ва модарандараш ба воя мерасад. Таҳсили ибтидоиро дар Қароқӯл, ки падараш он ҷо қозӣ буд, оғоз карда, баъдтар дар синни ҳафтсолагӣ ба мактаби усули нав меравад ва бори аввал устод Айниро дида, аз китоби ӯ «Таҳзиб-ус-сибён» сабақ мегирад. Баъди баста шудани мактаби усули нав чанд муддат дар ҳузури муллоҳои маҳаллӣ таҳсил карда ба натиҷае намерасад ва асосан бо ғайрат ва кӯшиши худ дар нӯҳсолагӣ хату савод мебарорад.

Ҷалол Икромӣ аз овони хурдсолӣ ба афсонаву ривоятҳо ва достонҳои саргузаштӣ шавқу ҳаваси зиёд дошт. Шабҳои зимистони сард назди сандалӣ менишаст ва аз гӯяндагони қиссаҳои халқӣ мазмуни қиссаву ривоятҳоро бо диққат мешунид ва дар зеҳнаш ҷо мекард. Нахустин бор аз ҳамин гуна қиссагӯён афсонаву ривоятҳои «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш» ва ғайраро бо шавқи хос шунида буд. Ин гуна афсонаву ривоятҳо ва сарнавишти қаҳрамонии онҳо ба фикру андешаи ӯ таъсири зиёд гузошта, хаёлашро парвоз мебахшиданд. Баъдтар ӯ он лаҳзаҳоро ба хотир оварда навишта буд, ки «ҳар шаб ба ҷогаҳ даромада кӯрпаро ба сар мекашидаму ба хаёлҳои ширин ғарқ мешудам. Худамро ба олами афсонаҳои аҷибе, ки мешунидам, дохил мекардам: гоҳо ҳамроҳи қаҳрамонҳои афсонавӣ ба болои аспи болдор нишаста, ба фазои пурситора мепаридам, аз болои шаҳрҳо, саҳроҳо, кӯҳу дарёҳо гузашта мерафтам, гоҳо душманонамро – одамони бадкирдорро, кампирҳои ҷалоҷин ва оқсақолҳои золим, мулозимони беинсофи ҳокимон ва ҳатто амиронро бо шамшер ва найзаҳои сеҳрнок зада нобуд мекардам; гоҳо аз дасти ятимони бекас мегирифтам, гоҳо ба сарвақти мазлумон ва ҷабрдидагон мерасидам, гоҳо дар

шаҳрҳои маданӣ сайр мекардам, гоҳо дар боғу гулзорҳои фараҳафзо роҳат мекардам...».

Баъди ғалабаи Инқилоби русии Бухоро, яъне соли 1920 Ҷ. Икромӣ дар мактаби нави ибтидоии Шӯравӣ таҳсил мекунад. Соли 1922 ҳанӯз мактаби ибтидоиро хатм накарда, ба дорулмуаллимини (омӯзишгоҳи омӯзгорӣ) шаҳри Бухоро қабул мешавад ва маҳз ҳангоми таҳсил дар ин омӯзишгоҳ ба омӯхтани адабиёт ҷиддан машғул мешавад. Вай аз рафҳои китобхонаи навтаъсиси ба номи Абӯалӣ Синои Бухоро бо асарҳое, монанди романҳои Жюл Верн «Саёҳат дар зери баҳр», «Ҷазираи пинҳон» ва «Саёҳат дар ҷавви ҳаво» ва тарҷумаҳои форсӣ, туркию озарии осори Виктор Гюго, Александр Дюма, Балзак, Пушкин, Лермонтов, Чехов, Горкий ва дигарон ошно мешавад. Нахустин бор бо асарҳои нависандаи машҳури таърихнависи Миср Ҷурҷи Зайдон маҳз дар ҳамин давра шиносоӣ пайдо мекунад. Осори адибони маъруфи ӯзбек ва тотор Абдулло Қодирӣ ва Олимҷон Иброҳимовро низ меомӯзад.

Соли 1923 падараш вафот мекунад ва ӯ дар тарбияи ҳукумати нав мемонад. Ҷалол Икромӣ таҳсилашро дар дорулмуаллимин давом дода, дар таҳрир ва нашри рӯзномаи деворӣ фаъолона иштирок мекунад ва аввалин мақолаву шеърҳояш ҳамон вақт нашр мешаванд.

Дар соли 1927 баъди хатми дорулмуаллимин барои идомаи таҳсил ба Самарқанд рафта, баъди таҳсил дар донишкадаи муаллимон ва муаллимӣ дар мактаби миёнаву курси педагогии Бухоро соли 1930 ба шаҳри Душанбе меравад ва чанд муддат дар кумитаи тоҷикшиносӣ вазифаи ходими илмиро иҷро мекунад. Сонитар дар идораи маҷаллаи «Раҳбари дониш» ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» адои вазифа менамояд. Дар ибтидои солҳои сӣ вай вазифаи мудири адабии нахустин театри тоҷик – Театри ба номи Лоҳутиро низ иҷро мекард. Ин солҳое буд, ки ӯ ҷиддан ҳаёташро ба кори адабиёту санъат пайваста, дар роҳи пешрафти он бо камоли ҳавсала кор мекард.

Ин нависандаи сермаҳсул даҳсолаи охири умрашро комилан ба эҷоди асарҳои бадеӣ бахшида, умри бобаракоте дид ва соли 1993 ин ҷаҳонро тарк гуфт.

**Эҷодиёти нависанда.** Ҷалол Икромӣ худро шогирди мактаби адабии Айнӣ медонад ва дар китоби ёддоштии «Устоди ман, мактаби ман, худи ман» ба ёд меоварад, ки аввалин шеъри эҷод кардаашро устод Айнӣ хонда, ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки дар насрнависӣ қувва озмояд. «Домани наср васеъ аст, – гуфт Айнӣ, – ман боварӣ дорам, ки дар наср қобилияти шумо зоҳир мегардад». Ин сухани Айнӣ эътимоди Икромии

ҷавонро ба истеъдодаш зиёд кард ва ӯ дар давоми як ҳафта ҳикояи нахустинаш «Хаёл. Шабе дар Регистони Бухоро»-ро навишта, ба Айнӣ нишон медиҳад ва тақризи мусбати ӯро мегирад. Баъди се моҳ ҳикоя дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп шуда, бо ҳамин роҳи васеи адабиёт барои ӯ боз мегардад. Муносибати нек ва устодонаи Айнӣ дили нависандаи ҷавонро ба адабиёт гарм ва умеди ӯро ба оянда зиёд мекунад. Муносибати устодию шогирдӣ миёни ин ду нависанда то охир устувор ва босамар будааст. Соли 1928 Икромӣ ҳикояи дуюмаш «Ширин»-ро менависад. Устод Айнӣ онро хонда камбудиҳояшро нишон медиҳад ва аз нависанда талаб мекунад, ки дар болои дастнавис ба такрор кор кунад. Пас аз таҳрири ҷиддӣ ин ҳикояро устод Айнӣ маъқул медонад ва бо тавсияи ӯ чоп мешавад. Пас аз нашри ин ҳикоя навиштаҳои Икромӣ муттасил дар матбуот чоп мешаванд ва ниҳоят нахустин маҷмӯааш соли 1932 бо номи «Ҳаёт ва ғалаба» ба чоп мерасад.

Нахустин навиштаҳои Икромӣ низ монанди асарҳои дигар ҳамкасбонаш ғояҳои расмии замонро ифода мекарданд. Мавзӯи асарҳояш хости замон ва талаботи вақтро ифода карда, асосан масъалаҳои муҳими панҷсолаҳои пеш аз ҷанг, муборизаҳои синфӣ, мактабу маориф, фаъолияти рӯҳониён ва аъмоли онҳоро ба миён мегузоштанд. Дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш Ҷ. Икромӣ ба сарнавишти қаҳрамононаш бештар аз мавқеияти синфии онҳо баҳо медиҳад. Сифатҳои инсонии онҳоро мавқеияти синфиашон муайян мекунанд. Ҳамин тарзи идроки бадеии воқеият дар повести «Ду ҳафта», повести «Тирмор» равшан ба назар мерасад.

Дар повести «Ду ҳафта» характери қаҳрамони асосӣ – Тешабобо дар заминаи воқеӣ дуруст ва равшан нишон дода шудааст. Тешабобои панҷоҳсола хизматгори бой аст. Рӯҳия ва хислатҳои инсонии ӯро хонанда аз тасвири адиб равшан дарк мекунад. Тешабобо, ки умраш ба ҳаммолӣ гузаштааст, бо фаро расидани замони нав рӯҳи тоза мегирад, вале муборизаҳои синфӣ, аз ҷумла ҷанги босмачиён ба сари ӯ фоҷиа овард, яъне фарзандаш қурбон шуд.

Повести дигари калонҳаҷми адиб «Тирмор» дар зери таъсири сиёсати давр эҷод шуда, масъалаҳои муҳими он рӯзгор – сиёсати иқтисодӣ, ислоҳоти замин ва ғайраро дар бар мегирад. Нависанда дар ин асар бори аввал ба мавзӯи синфи коргар рӯй оварда, образи духтари бой – «тирмори бадтинату айёр» Замираро, ки ба сохти нав зиёнкорӣ мекунад, офаридааст. Ин повест асоси ҳаётӣ дошта, дар ин бора нависанда чунин менависад: «Ин асар дар натиҷаи муоина ва таассуроти

ҳаётие, ки бевосита худам аз матбаа ва зиндагӣ гирифта будам, ба майдон омад. Аввалин ҷойи кори ман матбааи Бухоро буд... Бисёрии образҳои асар прототип доштанд ва ман ҳамаи одамони медонистагии худамро навиштам. Масалан, образҳои Саида, Сангин, Замира (ки дар нашри дуюм Қутбия ном гирифтааст) ва мудири матбаа ҳама одамони шиноси ман буданд. Мудири матбаа одами нопок буд ва ман ӯро чун образи манфӣ тасвир кардаам». Дар асар хонанда бо фаъолияти Саидаи ҳалолкор, Сангини масъулиятшинос, ки қаҳрамони асосии повест ҳастанд, шинос мешавад.

Нависанда солҳои сиюм асосан ба навиштани асарҳои калонҳаҷм машғул шуда, ба ҳикоянависӣ низ давом додааст. Махсусан дар арафа ва давраи ҷанг фаъолияти ӯ ривоҷ меёбад ва ҳикояҳои «Шинел», «Хандаи пас аз гиря», «Командирамак» ва «Табассум кун, азизам»-ро менависад, ки дар байни онҳо очеркҳои «Қаҳрамони канори Днепр» ва «Достони марди танкшикан» мавқеи хос доранд.

Баъди нашри романи нависандаи машҳури рус М.Шолохов «Замини корамшуда» Ҷалол Икромӣ низ монанди даҳҳо нависандагон дар зери таъсири ин асар қисми аввали романи худ «Шодӣ»-ро дар соли 1935 ва қисми дуюмашро соли 1949 чоп кард. Сонитар нависанда повестҳои «Ҷавоби муҳаббат», «Ситора» ва романи «Ман гунаҳкорам»-ро навишт, ки асари охир дар эҷодиёти ӯ мақоми хос дорад.

Дар повести «Ҷавоби муҳаббат» нависанда муносибати кормандони санъат, аз ҷумла қаҳрамонони асосӣ Саидҷону Муҳаббатро тасвир карда, моҳияти истеъдод ва кӯшиши онҳоро нишон додан хостааст. Дар вақташ ин асар ба сабаби он ки нависанда рашку ҳасади Муҳаббатро дар мадди аввал мегузорад, мавриди танқид қарор гирифта буд, ки асос надошт. Чунки Муҳаббат дар асар, пеш аз ҳама чун инсон тасвир шуда, метавонист мисли ҳазорон одамон хислати хосе дошта бошад. Нависанда бо тасвири ин паҳлӯи сифати инсонии қаҳрамонаш собитқадамӣ ва фидокории ӯро низ ситоиш ва тасвир мекунад.

Повести дигари нависанда «Ситора» зиндагӣ ва муносибатҳои инсонии Камол ва Ситораро қисса мекунад. Нависанда чунин фикрро талқин мекунад, ки духтари равшанфикр аз роҳи ақл дӯстдоштаи худро аз зери таъсири хурофот ва расму оини зиёновар наҷот медиҳад. Ниҳоят фаҳмиши дуруст ва пешқадам онҳоро ба ҳам қарин ва хушбахт мегардонад. Романи «Ман гунаҳкорам» на фақат дар эҷодиёти Ҷ. Икромӣ, балки дар насри тоҷикӣ низ асари ҷолиб буда, ба фаъолияти ҷавонони зиёӣ бахшида шудааст. Дар роман нависанда сарнавишти инсонии Ан-

вар, Сурайё ва Мухтору Зайнабро тасвир карда, сифатҳои инсонии Анвару Сурайёро бар Мухтору Зайнаб афзал медонад.

Чеҳраи Мухтор бо қаллобию мардумфиребӣ фарқ мекунад. Вай ин «ҳунар»-ро аз падарандараш Абдулло омӯхт. Ин хислат ва ахлоқи бад оқибат обрӯйи ӯро байни ҷавонони донишҷӯ рехт. Мухтор оқибат донист, ки аъмоли бадаш на фақат бар зарари давлату халқ будааст, балки худи ӯро низ шикаст додааст. Зайнаб аслан духтари дилсофу бегуноҳе буд. Чун ба доми фиребӣ Мухтор афтид, одамияташро аз даст дод, балки бо гуноҳ омехт ва гунаҳкор дониста шуд. Мақсади аслии нависанда аз тасвири образи Зайнаб ин аст, ки ҷавононро аз роҳи беандешагӣ, худфиребӣ ва рӯсиёҳӣ бозгардонад. Арзиши ахлоқӣ ва бадеии ин образ ҳамин аст.

Анвару Сурайёро нависанда бо муҳаббат ва ихлоси тамом тасвир мекунад. Анвар ҳам дар вазифа (директори мактаб аст), ҳам дар муносибату муоширaт бо одамон беназир аст. Ӯ инсони покдил, бовиҷдон, ҳунарманд ва коршинос, нарму ҳалим ва одамшиносу одамдӯст мебошад. Аз ҳамин мавқеияти ахлоқӣ на фақат фарзандони худ, балки дигаронро низ ба роҳи дуруст ҳидоят мекунад. Нависанда бо тасвири муносибати ноогоҳонаи Анвару Зайнаб ҷавононро талқин мекунад, ки бо кӣ нишастан ва бо кӣ буданро донанд. Қаробат бо Зайнаб қариб буд, ки Анварро ба роҳи дурусти бадномӣ кашад.

Сурайё дар тасвири нависанда чеҳраи поку беолоиш аст. Вай дили нарм, ақли гиро ва хилқати поки инсонӣ дошта, дар ҳама гуна вазъият солору босабр аст. Ӯро гӯё худованд барои ҳақшиносӣ ва одамшиносӣ рисолат дода бошад. Ҳамин гуна рисолат ӯро маҷбур месозад, ки пасттинатӣ ва ноодамиҳои Мухтору Зайнабро фош созад. Сурайё чеҳраи типии занони бомаърифат ва хушахлоқи тоҷик аст, ки бо роҳи дуруст ва рост зистан мехоҳанд. Ин зан на фақат ба шогирдонаш таълиму тарбия медиҳад, балки роҳи зистан бо усули одамиятро низ ба онҳо аз сидқ талқин месозад.

Ин повести Икромӣ арзиши бузурги ахлоқӣ дошта, ба ҷавонон роҳи аслии ишқи ҳақиқиро, ки метавонад боиси хушбахтӣ шавад, нишон медиҳад. Вале нависанда ишқи ҳақиқиро бо кору амали дуруст тавъам мебинад ва ин ҳардуро дар якҷоягӣ саодатмандии бузурги ҷавонон мешиносад.

Ҷалол Икромӣ соли 1960 повести дигараш «Тори анкабут»-ро навишт, ки ба воқеаҳои таърихии баъди ғалабаи инқилоби Бухоро бахшида шудааст. Табиист, ки ин давраи авҷи мубориза̄и синфӣ ва гурӯҳи табақаҳои мухталифи ҷамъият буд ва нависанда ба қадри имкон хоста-

аст моҳияти ин муборизаҳоро нишон диҳад. Ин нияти эҷодии худро ӯ бо тасвири образҳои Муҳиддинмахдум, Аҳрорхоҷа, эшон, Нозирафандӣ ва дигарон амалӣ месозад. Дар тасвири Икромӣ инқилоби рус одамонро ба гурӯҳҳои муқобил ҷудо кард. Ҳамин гурӯҳҳо, ки дар зиндагӣ амал мекарданд, дар адабиёт низ ҳаққи зистан пайдо карданд. Нависанда бо тасвири ҳамин ҳақиқат ғояи муборизаи синфи мазлумро, ки инқилоби рус пуштибони онҳо буд, тарафдорӣ карда, ҳама гуна «унсурҳои дунёи куҳан»-ро ба марг ҳукм мекунад. Аз ҳамин мавқеъ персонажҳои повест ба ду гурӯҳ – мусбату манфӣ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи мусбат образҳои Муродҷон Остонзода, Акамирзо, Лутфия, Ҳалимҷонамак дохил мешаванд. Образҳои манфии повест, чунон ки ишора шуд, Муҳиддин Махдум, Аҳрорхоҷа, эшон, Назар-афандӣ ва дигарон мебошанд.

Он чӣ ки аз ин қисса барои имрӯзу оянда муҳим аст, ҷонибдории нависанда аз адлу дод ва нафрати ӯ ба зулму бедодӣ мебошад. Ин майли инсондӯстона моҳияти аслии фикри бадеии адибро муайян мекунад.

«Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» асари бузурги сегонаи Ҷалол Икромӣ буда, хонандаро бо таърих ва воқеаҳои он, фалсафа фарҳанг ва расму оини бисёр халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикону ӯзбекон дар арафа, давра ва баъди инқилоб ошно месозад. Роман аз се китоб – «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва «Тахти вожгун» иборат мебошад. Асарҳо бо риояи унсурҳои вақту фазо, персонажҳо ва воқеияти мавриди тасвир давоми якдигар буда, як навъ ҳамосаи муборизаи халқи тоҷикро барои истиқлоли синфӣ дар давраи Шӯравӣ фаро мегирад. Ин асарро муҳаққиқон давом ва инкишофи мавзӯю масъалаҳое донистаанд, ки дар сегонаи устод Айнӣ – «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» тасвир шудаанд.

Китоби аввали сегона романи «Духтари оташ» мебошад. Дар роман нависанда як давраи тӯлонии муборизаи халқро дар аморати Бухоро баҳри озодӣ ва истиқлол тасвир карда, ташаккули шуури синфии мардумро дар зери таъсири идеологияи расмии табақаҳои замон нишон медиҳад. Паҳлӯи дигари фикри бадеии нависандаро озодӣ ва истиқлоли шахсият дар ҷомеа муайян мекунад. Аморати Бухоро ва низоми давлатдории он на фақат зулму бедодӣ ва бемаърифатиро вусъат дод, балки шахсияти инсониро ба вартаи нобудӣ кашида инсонро, махсусан занонро ҳамчун мавҷудоти шариф хору залил медошт. Фирӯза дар роман чеҳраи таъмимии (типии) ҳазорон занону духтаронест, ки сохти беадолат онҳоро сияҳтолеъ сохта буд. Ниҳоди роман дар заминаи саргузашти пурфоҷиаи Фирӯза ва воқеияти пур аз моҷарои даври амирӣ сохта

шуда, фоҷиаи сарнавишти халқ ва бедодии ҳам амир ва ҳам ҳукумати подшоҳии рус нишон дода шудааст. Дар заминаи муборизаҳои синфӣ чеҳраи асосии персонажҳои роман ва моҳияти аслии амалу кирдори онон ошкор мешавад. Дӯстии халқҳои тоҷику рус низ яке аз мавзӯъҳои дигари роман буда, дар партави воқеияити таърихии инқилобӣ ҳаллу фасл шудааст. Қаҳрамони асосии роман – Фирӯзаро нависанда ҳамчун прототип – тимсоли образи зани мубориз ва адлхоҳ Саломат Ҷаҳонгирова тасвир мекунад. Қаҳрамони дигари роман – Диломкампир, ки модари Фирӯза аст, дар роман бо номи худаш тасвир мешавад.

Дар роман образҳои гуногуни занон тасвир шудааст, ки Диломкампир намунаи онҳост. Нависанда ба сарнавишти ин зан пеш аз ҳама ҳамчун инсоне, ки қобили зиндагӣ, мубориза ва меҳнати самарбахш аст, нигоҳ мекунад. Диломкампир зиндагии пуразоб ва беадолатонаеро дар замони истибдод аз сар гузаронида, мехоҳад набераащ Фирӯза чун инсон умр бинад, муборизи фаъол бошад. Диломкампир дар роман ҳамчун шахси боақлу ботадбир, ғамхори инсонҳои афтодаву нотавон тасвир мешавад. Вай зани ҷасур ва далеру бебок буда, агар бинад, ки манфиати инсоне аз ҷониби қозӣ ва ё имоме поймол шудааст, ба мубориза бармехезад. Дар ин мавридҳо ба маъмурони амир сухани сарду дурушт мегӯяд. Ин зан ҳамеша дар ғами мардуми афтодаву меҳнаткаш буда, дилаш ба ин қабил одамон, аз ҷумла Аҳмадҷони Машкоб, Асо ва Ҳайдарқул месӯзад, ба онҳо дар вақтҳои душворӣ модарона ғамхорӣ мекунад. Ин кампир, ки таҷрибаи фаровони рӯзгор дорад, роҳи мубориза ва беадолатиро медонад ва дар мавридҳое ба одамон маслиҳати дуруст ҳам медиҳад. Масалан, Ҳайдарқули моҳипаз ба ивази беадолативу ноинсофии Ғаниҷонбойбача занаш Бибиробиа ва духтараш Савсанро талаф дод. Дар мавриде, ки Ҳайдарқул роҳи қасос аз бойбачаро аз Диломкампир ҷӯё шуд, ӯ хирадмандона маслиҳат дод, ки «як Ғаниҷонбойро куштан қатӣ ниқори ту тамом намешавад. Қозӣ-чӣ? Раис-чӣ? Миршабу оқсақол-чӣ?».

Чеҳраи Диломкампир тимсоли занону духтарони боақлу хирад, покдомону босахо, меҳнаткашу одамдӯсти тоҷик аст. Сарнавишт ва сифатҳои инсонии намунаи ибрати ин зан, ки набераащ дар муҳити ахлоқи хонаводагии ӯ чун духтари ҷасур, мубориз ва адолатхоҳу ҳақшинос ба воя расид ва роҳи дурусти зиндагиро интихоб кард.

Фирӯза истиқлоли шахсӣ, матонат ва бебокиро аз модаркалонаш омӯхта, онро дар зиндагии ҳаррӯзааш истифода мекунад. Аз ин мавқеъ образи Фирӯза давоми мантиқии образи Диломкампир аст. Мо аз саҳифаҳои роман пай мебарем, ки ин духтар тадриҷан ба камол раси-

да, ба моҳияти зиндагии беадолатона ва пур аз азобу таҳқир сарфаҳм меравад. Вай мебинад ва эҳсос мекунад, ки вазъи ғуломонаи зиндагии одамон танҳо натиҷаи беадолатӣ ва зулму ситами золимону истибдодгарон аст. Фирӯзаро муҳити пур аз фаҳшу фуҷури сарватмандони разилу бедин ва ноинсоф ба риққат меоварад. Нависанда дар қиёс бо образи Фирӯза чеҳраи баъзе духтарони дигарро низ меофарад, ки ҳусну ҷамолашон боиси нокомии онон мешавад. Фоҷиаи зиндагии Савсани шонздаҳсола – духтари ҷигарбанди Ҳайдарқул бо он меанҷомад, ки пас аз поймол шудани қисматаш аз дасти бойи разил худро ба дарё меандозад. Шамсия, ин духтараки боақлу ботадбир, ки шеър ҳам мегуфт, бо ҳама зебоиҳое, ки дар дил дошт, аз он ки ба дӯстдоштааш Ашрафҷон расида натавонист, худро овехт ва ин ҷаҳони гирдгардонро бо ҳасрати беҳад падруд гуфт. Нозгул – онеро, ки зидди расму оини хурофотӣ исёни ҷасурона дошт, ба ҷувол андохта, бо чӯб мезананд ва ҷазо медиҳанд ва бар асари зарбу лат мемирад.

Фирӯза дар лобалои ҳамин фоҷиаҳо зиндагӣ дошт ва ба камол расид. Сахтиҳои рӯзгор ва тақдири ҳамсолони бадбахташ ӯро ҳам пухтаву ҳам дурандеш сохт. Ҷасорату бебокиаш низ дар ҳамин гуна муҳит парвариш меёфт. Аз хурдсолӣ ба озору алам тоқат надошт. Ҳама гуна беадолатию ситам ӯро озор медод ва онро ба касе намебахшид. Фирӯза чорчӯбаи расмшудаи хурофоти диниро бо камоли ҷасорат ва ғайюрӣ мешиканад, бе ҳиҷоб ба кӯчаву бозор мебароянд, муносибат ва алоқамандиаш бо Асо – шавҳари ояндааш поку беолоиш ва аз урфи рӯзгор дур аст. Самимият ва қаробати ӯву Асоро муҳаббати поку беолоишашон муайян мекунад.

Фирӯзаро «духтари оташ» гуфтани нависанда низ ба ин маънист, ки ӯ дар кӯраи оташи зиндагӣ пухта ба воя расида, дар оташи инқилоби табақахоҳи русӣ парвариш ёфта, дар оташи талошҳои ҳақшиносӣ ва адолатхоҳӣ ба камол расид. Дар ин гуна сангар воқеан ҳам, ба ифодаи нависанда «Фирӯза бо сарбанди қалғаи сурху сафед, бо куртаи чити гуланор ва бо чашмони оташбораш ба духтари оташ монанд буд...»

Дар роман образҳои дигаре низ ҳаст, ки дар тасвири нависанда хеле ҷолиб ба назар мерасанд. Оймуллои Танбӯр чеҳраи тимсолии занони бомаърифати тоҷик мебошад, ки дар ҳама давру замон буданд. Барои ин зани бомаърифат арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ моҳияти асосии зиндагӣ, кор ва амали ӯро муайян месозад. Вай дар дунёи тиразу тор равзанаи маърифат аст, ба занону духтарон баробари ахлоқи нек шеърхониву шеърфаҳмиро меомӯзонад, назари онҳоро ба воқеаияти зиндагӣ такмил мебахшад. Ин зани донову боадабро бо хислатҳои неки

омӯзгорию мураббигиаш, бо сарояндаи хуби сурудҳои классикӣ буданаш, бо сифатҳои неки инсониаш, аз ҷумла нисбат ба одамони табақаҳои гуногун раҳму шафқат доштанаш хонанда дӯст медорад.

Яке аз чеҳраҳои дигари мураккаби роман Муҳаррами Ғарч аст. Нависанда дар симои ин зан нуқсу монеаҳои замонаашро, ки боиси пайдоиши чунин афрод аст, нишон медиҳад. Замона ва шароити номӯътадили он боиси нокомилии Муҳаррами Ғарч барин зани доно, ҷасур ва бебок гардида, саранҷом ӯро гумроҳ месозад ва ба ҷазо мерасонад.

Муҳаррами Ғарч ба ифодаи муаллиф «зани мардсифат» аст. Вай хислати пурзӯре дорад, вале «зани ҳархела ва номаҳфум» аст. Бубинед, вай аз як тараф далаи амир аст, яъне духтарони боисматро барои амир ҳадя меорад ва бо миршабу қушбегӣ наздик аст, аз тарафи дигар қушбегӣ, миршаб ва писари ӯ Замонбекро ба як пул намегирад. Мо саранҷом аз тасвири нависанда ба хулоса меоем, ки ин зани донову боистеъдод ва зӯрманд дар ҷамъияти пурмакру ҳиял мавқеи худро ёфта натавонист ва нобуд гардид. Нависанда ба фоҷиаи зиндагии қаҳрамонаш «замонаш айбдор буд» гӯён хулоса мекунад.

Нависанда дар роман як силсила образҳои мардонро низ бо камоли маҳорат офаридааст, ки Ҳайдарқули моҳипаз яке аз онҳост. Сарнавишти ин мард дар тасвири нависанда ҳам нафратангез ва ҳам ибратомез аст. Он чи ки беадолатӣ ном дорад ва замона ба сари Ҳайдарқул фурӯ мерезад, боиси нафрат ва ғазаби хонанда мегардад. Роҳи қасос ва адолатхоҳиро пеша кардани Ҳайдарқул паҳлӯи ибратомӯзи фаъолияти ӯст.

Ҳайдарқул аз хурдӣ кордону боҳиммат ва раҳмдил ба воя расида буд. Вале имкон наёфт, ки маълумоти кофӣ гирад. Бинобар ин аввал касби оҳангариро омӯхта, сонӣ моҳипазиро пеша кард. Аввалҳо ҳаммоли моҳипази Қароқулибой буд. Баъди вафоти бой писари ӯ Ғаниҷон ба хотири духтари боҳусну малоҳаташ – Савсан хост Ҳайдарқулро ғулому банда созад. Ҳайдарқул аз банди ӯ гурехт, вале дар ҷанг бо фиристодаи бой Саиди Маст маҷрӯҳ шуд. Дар муддате, ки ӯ шифо меёфт, Ғаниҷон ба номуси Савсан даст дароз карда, боиси ҳалокати зан ва духтари Ҳайдарқул гардид. Ин озору алам Ҳайдарқулро ба роҳи қасос андохт. Симои Ҳайдарқул дар тасвири нависанда чун шӯълаи умеди додхоҳон дар муҳити бедодии амирӣ ба назар меояд. Шахсияти Ҳайдарқул зина ба зина такмил меёбад. Махсусан баъди ҳабсу бадарғаи даҳсола ва шиносоиаш бо Соколову Морозов, Смирнову Умарҷон ва дигарон ҷаҳонбинии ӯ такмил меёбад. Ба моҳияти адлу адолат ва ҷабру истибдод бештар сарфаҳм меравад. Ва ҳамчун марди инқилобӣ ба камол мерасад. Дар

чараёни фаъолияташ Ҳайдаркул бисёре аз ҷавонон, аз ҷумла Асою Фирӯза, Истаду Хадича ва дигаронро тарбия месозад.

Чунон ки хонанда пай бурд меъёри асосии назари нависанда ба воқеияти таърихӣ ва сарнавишти қаҳрамононаш хости синфӣ мебошад, ки мафкураи замони Шӯравӣ тақозо мекард. Акнун, ки арзишҳои умумиинсонӣ манфиатҳои синфиро як сӯ гузоштаанд, арзиши ин роман чист?

Ин роман новобаста ба тааллуқоти мафкуравиаш арзиши ахлоқӣ ва инсонӣ дорад, ки ҳеҷ гоҳ кӯҳна нахоҳад шуд. Сарнавишти Диломкампири озору алам дида, ҳуқуқҳои инсонии худро аз даст дода, Фирӯзаи ҳақшиносу адолатҷӯ, Ҳайдаркули таҳқирдида ва Фоҷиаи духтари нокоми ӯ Савсан аз ҷумлаи фикри пурарзиши адиб дар боби ҳимояи адлу дод ва одамият буда, арзиши бебаҳои ахлоқӣ ва маърифатӣ дорад. Фош сохтани заминаҳои иҷтимоии ноодамӣ ва беадолатии Қароқулбою писараш Ғаниҷон мавқеияти андешаҳои башардӯстонаи нависандаро собит месозад, ки низ арзиши фаровони ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дорад. Дигар арзишҳои маънавӣ ва маърифатии ин роман фарогирии воқеияти таърих, расму оин ва амалу кирдори одамон аст, ки чун қомуси зинда дар дасти хонанда боқӣ хоҳад монд.

**Романи** «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» асари дуввуми сегонаи нависанда буда, мазмуни китоб давоми воқеаҳои асари аввал аст ва ҳодисаҳои солҳои 1920–1922-и Бухороро дар бар мегирад. Ин солҳое буд, ки инқилоби таҳмилии Русӣ дар Бухоро ғалаба карда, муқовиматҳои азими сиёсиву синфиро дар ин кишвар ба роҳ андохт. Аз ин мавқеъ ин солҳои мураккабтарини таърихи аморати Бухоро ба ҳисоб меоянд. Дар роман воқеияти таърихии ҳамин давра тасвир шудааст. Воқеаҳои пурзиддияти ин давра назари одамонро низ ба инқилоб муайян мекард. Инқилоб дӯст ва душманро ҷудо карда, муборизаи сахти синфиро барангехт. Шахсони пешқадам чун Асою Фирӯза, Аббосу Каримҷон, Саидпаҳлавону Насимҷон бо рафти воқеият бел зада, ба дигаргуниҳои нави таърихии сарзамини Бухоро бо ҳусни таваҷҷӯҳ менигаристанд. Аммо гурӯҳи дуюми мардум, хоса тарафдорони амиру дину шариати исломӣ ба воқеияти нави инқилобӣ назари душманона доштанд. Дар садри ин гурӯҳ Асадмахсум меистод, ки бо худсарию зӯроварӣ ном бароварда буд.

Нависанда дар роман кӯшидааст, ки Асадмахсумро чун душмани хавфнок, вале пуриқтидори сохти нав тасвир кунад. Асадмахсум дар саҳифаҳои нахустини роман ҳамчун инсони пастфитрат, ки бо худкомагӣ

ба дараҷаи душмани ашаддии сохти нав расидааст, ба назар менамояд. Ба ҳар ҳол нависанда дар ҳаққи Асадмахсум ҳамин гуна назар дорад. Дар симои Асадмахсум адиб ба масъалаи ҷадидон ва моҳияти ҳаракати ҷадидия аз мавқеи муносибати давлати расмӣ ба ин ҳаракат наздик мешавад. Муаллиф моҳияти ҳаракати ҷадидонро бо образи Асадмахсум (қаҳрамони асосии роман) ва Низомиддин нишон медиҳад. Албатта назари муаллифи роман ба ҳаракати ҷадидӣ ва тарафдорони он манфӣ буда, як навъ ифодагари моҳияти сиёсати давр аст. Имрӯз бошад дар бораи ҷадидия андешаҳои мусбат гуфта мешавад.

Дар романи дуюми сегона образҳои Саидпаҳлавон ва Мирак мавқеи асосӣ доранд, ки ҳар ду ҳам чун қаҳрамони мусбат тасвир шудаанд. Саидпаҳлавон моҳияти дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятро аз гуфтаҳои Ҳайдарқул ба пуррагӣ дарк мекунад ва худаш низ ба навиҳои ҳаёт бетараф нест. Ин буд, ки вай ҳаёташро ба инқилоб бахшида, дар ин роҳ маҷрӯҳ низ гардид. Ӯ ҳамчун шахси меҳнаткашу инсони поквиҷдон дар ёдҳо мемонад. Писари Саидпаҳлавон Мирак низ аз паси падар меравад. Вай дурустӣ ва боэътимодии роҳи интихобкардаи падарро зуд мефаҳмад ва дар роҳи инқилоб бо Асою Фирӯза ва Ҳайдарқул ҳамдастӣ мекунад.

Дар қисми дуввуми сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» низ нависанда ба офаридани як силсила образҳои ҷолиби занон муваффақ шудааст. Дар ин қисмат низ образи Фирӯза дар такомули маънавию ахлоқӣ нишон дода шудааст. Мо дар ин бахш низ бо Фирӯзаи далеру кордон ва фидокор вомехӯрем. Мебинем, ки вай ҳаёташро баҳри манфиатҳои инсон, хоса занони кулфатзадаву берӯзӣ сарф кардааст. Дар роман симои зани маърифатхоҳ модари Ҳамроҳхон ва худи ӯ ҷолиби диққат аст. Агар модари Ҳамроҳхон бо саводнокию маърифатхоҳӣ ба образи Оймуллои Танбӯр монанд бошад, худи Ҳамроҳхон (Ойими шоҳ) бо ҳусну ҷамол ва фазилати шеърдониаш образи Шамсияро (аз «Духтари оташ») такмил медиҳад.

Образи дигари ҷолиби зан ин Анбари Ашк аст. Анбари Ашк бо хислат ва амалу кирдор идомаи Диломкампир мебошад. Ин зан низ хориҳои замонро бисёр дида ва афсурдаву дилшикаста нашуда, балки ҳамчунон далеру сухандон боқӣ мондааст. Ӯ низ мисли Дилоромкампир некбину некхоҳ аст. Вай қассоси одамони неку ҷабрдидаро аз бадкирдорон мегирад. Мисоли ин амали ӯ никоргириаш аз саркардаи амир ва Ҳоҷӣ Ҳасанбек мебошад. Ин сифатҳои ӯ қаробати ин образро бо Дилоромкампир нишон медиҳад.

«Тахти вожгун»-ро метавон сухани қотеъ ва сиёсатолуди нависанда дар бораи инқилобе номид, ки бо андаке ларзиш дастовардҳои он зери шубҳа қарор гирифт ва имрӯз тақрибан аз он касе ёд намекунад. Вале он чӣ ки аз қисми сеюми сегона дар хотир мемонад, шояд боби XI роман бошад, ки дар он нависанда дар бораи қадру манзалати инсон ва заҳмати он сухан мегӯяд. Андешаҳои фалсафии нависанда ба воситаи сӯҳбати машкоби пир – Бобо Умед ва Мирак – писари Саидпаҳлавон ифода шуда, дар таъкиди қадри инсони заҳматкаш аст.

Назари нависанда оиди ҳаракати ҷадидия дар ин қисми сегона низ комилан манфист. Адиб дар амалу кирдори ҷадидон фақат қабоҳату разолатро мебинад ва ин нияти худро бо тасвири симоҳои Низомиддинафандӣ, Наҷиб Ҳусейнов, Алиев, Қиличзода, Усмонхоҷа ва Шайх Рамазон ифода мекунад. Асадмахсум дар тасвири нависанда ҳамчун рамзи бебарории ҳама гуна кӯшиши зиддиинқилобӣ ба назар мерасад.

Дертар нависанда романҳои «Саргузашти Сафармахсум» ва «Сафармахсум дар Бухоро»-ро навиштааст, ки муҳаққиқон онро чун асари дугона – диология донистаанд. Ҷалол Икромӣ дар бораи ин ду романаш гуфта буд, ки қаҳрамони он «шахси воқеист ва дар арафаи инқилоби Бухоро дар вилояти Ҳисори Тоҷикистон зиндагӣ ба сар мебурд». Ба қавли нависанда, «ҳам характери қаҳрамон, ҳам воқеаҳо ва ҳатто марҳилаҳои асосии инкишофи сужет бофта нашудаанд, балки чунон ки мегӯянд, аз зиндагӣ гирифта шудаанд».

Нависанда дар вақти навиштани роман аз матераилҳои фолклорӣ фаровон истифода карда, барои ҷаззоб офаридани симои Сафармахсум аз саргузаштҳои аҷибу ғариби ӯ, аз осори фолклорӣ, хусусан аз рӯҳи хандаовари ҳикояҳои осори шифоҳии мардум ва насри омиёна баҳра бурдааст.

Ба қавли адабиётшинос М. Шакурӣ, «баъзе эпизодҳои ҳаҷвӣ ва мутоибавии роман аксаран» саҳначаҳои комедиявии театри халқии тоҷикон ва бозии масхарабозонро ба ёд меоранд». Икромӣ бо ин асараш хонандаро ба олами зарофатгӯӣ ва ақлу хиради халқ, ба олами ханда, латифаҳои хурсандибахш, афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, панду ҳикмат ва лирикаи ишқиву фалсафии классикӣ мебарад.

Нависанда ба воситаи ин ду роман хостааст шакли тозаи мубориза мардумро бар зидди бедодиву зулм тасвир кунад. Ханда ва истеҳзову тамасхур чунин шакли ифодаи эътироз ва норозигии қаҳрамон мегардад. «Олами ханда» дар тасвири нависанда бо тамоми қувва ба муқобили олами дурӯягиву нифоқ ва зулм мубориза мебарад.

Қаҳрамони асар Сафармахсум шахси зарофатгӯю ҳушёр аст. Ханда ва истеҳзои ӯ ҳадаф дорад ва дар ин роҳи мубориза танҳо нест. Шариконаш ба ӯ мададгоранд. Вай маҳз бо мадади онҳо шаклҳои аҷоибу ғароиби ниқоргириро аз муфтхӯрон, бадкирдорон ва амалпарастон меёбад. Ҳаҷви ӯ аксаран аз доираи истеҳзо берун омада, то дараҷаи писханд ва ришвахандӣ маҳвкунанда мерасад.

Ҷалол Икромӣ солҳои охири ҳаёташ романҳои «Зоғҳои бадмур» ва «Хатлон»-ро навишт, ки он қадар муваффақият пайдо накарданд. Вале дар маҷмӯъ эҷодиёти ин нависандаи маъруфи тоҷик арзиши фаровони ахлоқиву маърифатӣ дорад. Ҳарчанд аксари навиштаҳои ӯ бо назардошти сиёсати ҳизбу давлат оиди адабиёт навишта шудаанд ва моҳияти сиёсӣ дорад, вале сухани ӯ дар бораи инсон, инсони меҳнаткаш, ҳақталоши собитқадами вай арзиши ахлоқӣ дошта, хонандаро ба роҳи нек ҳидоят мекунад. Асарҳои таърихиаш моҳиятан синфӣ бошанд ҳам ҳарфи ҳақ дар бораи гузаштаи кишвар ва сарнавишти одамонанд. Аз ин ҷиҳат асарҳои таърихии адиб дар баробари арзиши ахлоқӣ аҳамияти маърифатию таърихӣ низ дошта, ба маънавияти имрӯзиён, хоса ҷавонон таъсири нек мерасонанд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ дар рӯзҳои фоҷиабори кишвараш бо ҳасрати зиёд ин ҷаҳонро падруд гуфт ва турбати ӯ дар қабристони Лучоби шаҳри Душанбе мадфун аст.

## ҶУМЪА ЧӢ ШУДА БОШАД?

*Порча аз повести «Аз Маскав чӣ овардӣ?»*

Дар дамгаҳи дара Ҷумъа набуд. Табар ҳар тарафро ҷуст, аммо аз вай дарак наёфт. Ниҳоят хаста шуд, қаҳраш омад: «Падарлаънат гурехтааст. Садқаи сарам! Танҳо меравам» гуфта аз хаёлаш гузаронду ба роҳ даромад.

Роҳи борик аз байни дара мегузашт. Ду тараф теппаҳои сабзу хуррам баланд шуда буданд. Фасли ҷавонии баҳор: лолаҳо рӯйида, гулҳои кӯҳӣ атрофро хушбӯ намуда буданд. Як-ду метр аз роҳ поён як ҷӯйчаи борике дароз шуда рафта буд, ки обаш монанди оина соф, овози шаршараш ба гӯш мефорид. Баъзан аз баландиҳо хониши кабк ба гӯш мерасид. Фароштурукҳо яке аз паси дигаре парвоз карда, дар ҳаво бозиҳои ғалатӣ мекарданд, гирам-гирам бозӣ менамуданд.

Ана, дар нӯги он харсанги калон пӯптиш (шонасарак) нишастааст. Ба сараш тоҷ дорад. Ҷомаи алочаи рангин пӯшидагӣ барин. Мегӯянд, ки амир ҳам ба сараш тоҷ мемондааст. Ҷомаҳои рангин мепӯшидааст. Хайр, набошад амир ҳам пӯптиш барин будааст-дия?! Не, охир... Амир золим будааст. Падари Табарро одамони амир зада-зада куштаанд. Ба модараш нон надодаанд. Онҳо гадой барин зиндагӣ кардаанд. Дар қишлоқ очаи Табар, падари Табар ва худи Табар баринҳо бисёранд. Ҳамаи инҳо аз дасти амир ва одамони амир ба рӯзҳои бад афтодаанд. Охир не, охир ҳамаи азобдидагон амирро аз тахташ афтонда пеш кардаанд, лекин пӯптиш мурғаки бегуноҳ аст. Ин ба деҳқонҳо, ба колхозчиён ёрӣ мерасонад. Аз заминҳо кирмҳои зараррасонро чида мехӯрад.

Ана, ана фохтак! Зану шӯ – ё ки ака-ука мӣ? Маълум не. Дар пеши як буттаи гиёҳе истодаанд. Эҳтимол дар зери бутта хона доранд. Ҳоло бача надоранд. Акнун тухм пахш мекунанд.

Ҳо, ана харгӯш! «давида гирифтан даркор! Ба Маскав савғо мешавад». Табар худ ба худ қарор кард ва ба тарафи харгӯш тохт.

Харгӯш ба даҳанаи як дараи хурде, ки ба ин дараи калон кушода шуда буд, меистод. Вай Табарро диду гӯшҳояшро сих карда ва ҷаҳида-ҷаҳида ба сӯйи боло давидан гирифт. Табар ҳам ба давидан усто буд. Вай ин дафъа аз паси харгӯш надавида, роҳро миёнбур карданӣ шуд.

Вақте ки Табар ба болои теппа баромад, харгӯшро гум кард. Аз харгӯш дарак набуд. Ҳарчанд ба болову поён синча кард, ягон ҷонзотро надид. Вай аз ин кораш хафа шудагӣ барин намуд – малӯл шуда ба ҳамон нӯги теппача нишаст. Дара ва теппаҳо аз кас холӣ, ба ғайр аз шар-шари маҳини ҷӯй ва баъзан хониши кабк садое шунида намешуд. Ин оромӣ ва бекасӣ ба дили хурсанд ва беғами Табар камтар хафагӣ овард. Худашро ғариб ҳис кард. Ва гумонаш буд, ки модараш ӯро ҷустуҷӯ карда, гиря мекунад: «Табарҷон! Табарҷон!» Овози модараш ба гӯш расидагӣ барин шуд. «Аз кораш гашта омадагист. Ман нестам. Когазро гирифта мебинад. Хати маро мешиносад, лекин ба зудӣ хонда наметавонад. Ҳиҷҷа карда, якто-якто ҳарфҳоро мебандад. Нон аз гулӯяш намегузарад. Ба чашмаш об чарх мезанад. Баъд чӣ кор мекунад? Шакаробро нахӯрда мехезаду ба тарафи ҳавлии раис метозад. Хати маро ба ҳама нишон медиҳад. Ҷумъа ҳам ба гирди одамҳои ҷамъ шудагӣ гашта аз ман хабар мерасонад – гурехта рафт. Маро ҳам бурданӣ шуд, нарафтам! – Мегӯяд. Майлаш хабаркашӣ кунад, кардан гирад. Гашта омада ҷазои вай дурӯғгӯро медиҳам...». Вай ба нуқтаҳои номаълум нигоҳ карда истода фикр мекард, ки аз пас, аз байни дарича овози гирями як бача ба гӯшаш расид. «Кӣ бошад?» Табар аввал

натарсид. Аз ҷояш часта нигоҳ кард, лекин ҳеҷ касро надид. Гиря боз баландтар шунида мешуд. Гоҳ-гоҳ «Табар – Табар» гуфтанӣ овозро ҳам мешунид. Якбора ба хотири Табар як чизи воҳиманок омад. Вай, аз хонаи Ҷумъа аз очакалони вай ҳикояҳои «Дев, Парӣ»-ро шунида буд. «Монанди бача гиря мекунанд... Очеш зада мӯяшро метарошад... Бачаҳои гиря мекардагиро гирифта мебаранд» мегуфт кампир. Вай ҳамон рӯзҳо аз муаллим ин гапҳоро пурсида, аз вай як-ду даҳан ҷавоб шунида буд, ки гӯё, ин «Парӣ, Девҳо» гапҳои хаёлӣ, дурӯғ будааст. Ин гапҳои муллоҳои кӯҳна, гапҳои босмачиён будааст. Вай азбаски муллоҳо, кампирҳои ҷалоҷин, босмачиён, боёнро аз ҷону дил бад медид ва ҳамаи кори онҳо, гапи онҳо ба вай нофорам ва маъқул набуд, бинобар он ба он гапҳо бовар накард. Парӣ, аҷина, дев гуфтанӣ гап нест мегуфт. Лекин ҳозир, чӣ шуда буд, ки дилаш меларзид. Ба пасу пешаш нигоҳ карда метарсид. На фаромадан, на гурехтан, на истоданашро намедонист. Аз тарафи дигар овози гиря баланд-баланд шунавида мешуд.

Худи дар ҳамон даме, ки вай тарсида ва ларзида меистод, ду қадам аз вай дуртар, аз таги як хорбутта харгӯши гум шудагӣ баромада якбора гурехта рафт. Хишир-хишир карда гурехта рафтани вай на ин ки диққати Табарро ба худ кашид, балки тарсу ваҳми ӯро зиёд карда, маҷбур ба нишастан намуд. Вай нишасту нигоҳ кард, ки аз байни ду теппа Ҷумъа омада истода ва гиря мекунад. Ҳамин ки чашмаш ба Ҷумъа афтод, як «оҳи» чуқур кашиду пойҳояшро ба поён ёзонд.

– Эй марг ба ту! – гуфт вай осуда шуда – барои ту шуда харгӯшро гурезондам.

Ҷумъа ҳанӯз Табарро надида буд. Вай гирён-гирён ба тарафи роҳи борики қишлоқ мерафт. Табар дид, ки Ҷумъа поён фаромада истодааст, бо садои баланд ӯро ҷеғ зад:

– Ҷумъа! Ҳо, Ҷумъа!

Овози вай ба теппаҳо чарх зада чанд бор такрор шуд.

Ҷумъа дар нӯги теппа Табарро дида истоду нобоварона нигоҳ кардан гирифт. Табар хандида ӯро ба пеши худ ҷеғ зад:

– Биё, биё!

Ҷумъа ин дафъа тамом бовар карду тохта-тохта аз он теппа ба теппаи Табар нишастагӣ гузашт.

Куҷо будӣ?

Ҷумъа ба суоли Табар ҷавоб надода омаду аз паҳлӯи вай нишаста монд. Нафасаш мекашид. Аз зӯри гиря кардан, ҳиккак шуда буд. Обҳои чашмаш ҳанӯз ҳам хушк нашуда буданд.

– Куҷо будӣ? Дар ин тараф чӣ мекардӣ?

– Ман, – гуфта боз як оҳи чуқур кашид Ҷумъа ва давом намуд, – ман истода будам, ки бобом аз шаҳр омад. Ман аз вай тарсида, боло гурехтам. Дар ин ҷо як роҳ буд, ки ман доим ба лаби дарё аз ҳамон роҳ мерафтам. Ин дафъа бо ҳамон роҳ рафта истода будам, ки аз дур овози туро шунидам. Хостам, ки пас гардам, аз дида мондани бобом тарсида, аз бероҳа ба тарафи ту омадам. Омадам-омадаму роҳро гум кардам. Дар байни теппаҳо танҳо монда тарсидам. Ҷеғ задам, фарёд кардам. Ҳеҷ кас ҳа нагуфт. Баъд тарафи қишлоқамонро нишон карда, роҳ гаштан гирифтам. Ана, туя дидам.

Табар гапҳои Ҷумъаро гӯш карда истода, монанди мардумони бофикр калла ҷунбониду заҳрхандае карда гуфт:

– Эҳ, Ҷумъа! Ту, бо ҳамин рӯзат ба Маскав меравӣ? Дар он ҷо, дар пеши пионерони Маскав обрӯйи маро мерезонӣ! Ту камтар ҳушёр шав, тарсончак нашав. Аз чӣ метарсӣ? Хай, бобот туро дида аз Маскав рафтанат хабар намепурсид-ку. «Куҷо будӣ? Чӣ кор мекунӣ?» Ана ҳамин суол, ту ҳам «бозӣ карда гаштем» мегуфтию ҷоната халос мекардӣ. Дар байн на ман саргардон, на худат! Набошад хез акнун равем, бевақт шуд. То шаб ба шаҳр расидан даркор.

Ҷумъа гап назада, аз паси Табар поён фаромадан гирифт. Онҳо боз аз роҳи борики байни дара ба сӯйи роҳи калони Сталинобод – Варзоб равона шуданд.

**Савол ва супориш:**

1. Ҷалол Икромӣ кай ва дар куҷо ба дунё омада, чӣ гуна соҳибмаълумот гардидааст?
2. Қадамҳои аввалини эҷодиашро чӣ гуна гузоштааст?
3. Нахустин офаридаҳои ӯро ном баред.
4. Муносибати Айнии устод ва Икромии шогирдро шарҳ диҳед.
5. Аввалин асарҳои калонҳаҷми нависанада кадомҳоянд?
6. Сабаби таълифи сегонаи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-ро дар чӣ мебинед?
7. Ҷолибтарин асари ин сегона кадом аст?
8. Образҳои мусбат ва манфии асарро номбар кунед.
9. Мавқеи ҳаҷвро дар эҷодиёти адиб ба воситаи кадом асараш метавон муайян кард?
10. Порчаро аз повести «Аз Маскав чӣ овардӣ» хонда, мазмунашро гуфта диҳед.

## Маълумот дар бораи жанри романи ҳаҷвӣ

Романи ҳаҷвӣ як намуди роман буда, нависанда дар характери қаҳрамон, рафтори инсон ва ё вазъиятҳои мушаххаси зиндагӣ чунин аломатҳоеро мушоҳида карда, тасвир мекунад, ки боиси хандахариш, истеҳзо ва тамасхур мегарданд. Масалан, дар романи «Дон Кихот» ба осиёби бодӣ, ки дар назари Дон Кихот паҳлавон менамояд, ҳуҷум овардани ӯ хандаовар аст. Ин ҷо пеш аз ҳама рафтори қаҳрамон хандаовар аст.

Ҳаҷв, махсусан шеърҳо ва рисолаҳои ҳаҷвӣ дар адабиёти гузаштаи тоҷик мақоми бузург дошт. Убайди Зоконӣ ва Сӯзании Самарқандиро аз намояндагони барҷастаи ин намуди осори бадеӣ шинохтаанд. Махсусан латифаҳои ҳаҷвии Убайди Зоконӣ моҳияти ахлоқиву иҷтимоӣ дошта, қабоҳат ва разолати табақаҳои гуногунро фош мекунанд.

Дар адабиёти муосири тоҷик «Марги судхӯр»-и устод Айнӣ намунаи барҷастаи повести ҳаҷвист. Дар ин асар нависанда бо тасвири ботин ва зоҳири хандаовари қаҳрамонаш Қорӣ-Ишкамба дунёи ситам ва бедодро, ки чунин типҳоро парвардааст, масхара мекунад. Романҳои Ҷ. Икромӣ «Саргузашти Сафармахсум» ва «Сафармахсум дар Бухоро» (бо ҳамқаламии Ҳабибулло Назаров) низ типи романи ҳаҷвист, ки қаҳрамони асар дунёи зулм ва бедодӣ ва худкомию бадахлоқиро масхара мекунад ва ба ин восита эътирози худро баён месозад. Ҳаҷви тезутунд дар чунин асарҳо воситаи мубориза аст.

# СОТИМ УЛУҒЗОДА

## (1911—1997)



Сотим Улуғзода 1 сентябри соли 1911 дар деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангони Ўзбекистон ба дунё омадааст. Падараш деҳқони камбағал буда, модараш хату савод дошта, гоҳо шеър ҳам менавиштааст. Вале модари шоиртабъ ва қиссагўяш зуд, яъне дар нўҳсолагии Сотим аз дунё мегузарад. Падар низ баъди як соли фавти модар вафот мекунад. Сотим Улуғзода дар даҳсолагӣ ятим монда, чанд муддат дар хонаводаи хешовандонаш зиндагӣ мекунад.

Баъди ғалабаи инқилоб вай дар интернат тарбия гирифта, соли 1925 баъди хатми донишкада, муддате дар он ҷо ба муаллимӣ низ машғул будааст.

Сотим Улуғзода ҳангоми таҳсил аз донишомўзони фаъол буд ва ба рўзномаи «Овози тоҷик» хабару мақолаҳо менавишт. Улуғзода ҳамон солҳо яке аз муаллифони фаъоли маҷаллаи «Раҳбари дониш» низ буд.

Вай соли 1930 ба Душанбе меояд ва дар рўзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекунад. Баъдтар нависанда он рўзҳоро ба хотир оварда навишта буд: «он замон (1930) ман ҷавони нуздаҳсола, ҷамадони арғамчинбанд дар китф, аввалинбор ба пойтахти республикаи навзодамон ворид шудам. Шаҳри Душанбе се кўча дошт, аз онҳо фақат кўчаи Ленинро навакак сангфарш карда буданд. Шаҳр ба майдончаи сохтмоне, ки ба он ҷо хишту сангу регу тахтаҳоро оварда партофта бошанд, монанд буд. Мо медонистем – дар ин ҷо шаҳри калон бунёд мешавад, – худамон ҳам биноҳо месохтем, дарахт мешинонидем ва дертар Кўли Комсомолро мекандем, аммо тасаввур карда наметавонистем, ки шаҳри ба ин андоза олиҷаноб, зебо ва бошукўҳ ба вуҷуд хоҳад омад. Акнун дар ин шаҳр ман китобҳо менависам, вай таваллудгоҳ ва макони нашъунамои фарзандон ва набераҳои ман аст».

Ў 24 июни соли 1997 дар Маскав аз олам чашм пўшид.

**Эҷодиёти нависанда.** Сотим Улуғзода фаъолияти адабиашро бо тарҷумаи асари М.А. Алексеев «Сом ва Дик» оғоз карда ва ин тарҷумааш бо дасти устод Айнӣ «бо сиёҳии сурх тасҳеҳ ёфта буд».

Нашри нахустини тарҷумааш ва дастгирии устод Айнӣ Улуғзодаро рӯҳбаланд сохта, ба тарҷумаи асари машҳури нависандаи англис Этил Лилиан Войнич «Ғӯрмагас» илҳом бахшид. Ин тарҷумаро низ Улуғзода дар зери таҳрири устод ба чоп омода сохт. Дастгирии устод Айнӣ ба Улуғзода илҳом бахшид ва ӯ минбаъд чун тарҷумони бомаҳорат шинохта шуда, дар тӯли умраш асарҳои бисёреро аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон ба тоҷикӣ гардонд, ки гаштаю баргашта чоп шудаанд.

Эҷодиёти бадеии С. Улуғзода асосан соли 1929 оғоз ёфта, ӯ ба навиштани мақолаҳо, аз ҷумла мақолаҳои танқидиву адабиётшиносӣ машғул мешавад. Ва баъзе аз мақолаҳои ӯ, бешак, ба пешрафти танқиди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик кӯмак кардаанд, ки намунаи онҳо «Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ», «Лоҳутии мо», «Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ», «Дар бораи шоирони Помир», «Дар бораи адабиёти бачагона», «Туфулият ва балоғати Деҳотӣ» ва ғайра мебошанд. Дар ин солҳо Улуғзода доир ба ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони адабиёти гузаштаи тоҷик, аз ҷумла Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш мақолаҳои адабиётшиносӣ навиштааст, ки ҳоло ҳам арзишманданд.

Солҳои сиюм нахустин ҳикоя ва очеркҳои адиб ба чоп расиданд, ки «Манзараи ҷонкании дунёи кӯҳна», «Солеҳ комсомол», «Устоди ҳосили баланд» ва ғайра намунаи онҳо мебошанд. Мундариҷаи асарҳои дар ин солҳо навиштаи адибро асосан муборизаи наву кӯҳна, таблиғи илму маориф, танқиди хурофот ва ғайра ташкил медиҳад. Асарҳои аввалини нависанда ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам маҳорати нависандагӣ аз камбудиҳо холӣ набуданд.

Дар ин солҳо С. Улуғзода дар навиштани асарҳои саҳнавӣ низ қувва меозмояд. Песаи «Лашкар ба дарвозаи Бухоро» намунаи аввалин асари драмавии ӯ мебошад.

Баъдтар ӯ песаи «Шодмон»-ро навишта, дар он масъалаи муносибатҳои навро ба кору зиндагӣ ба миён гузошт. Қаҳрамони песа Шодмон аввалин типи мусбат дар драматургияи тоҷик буд. Ҳамон солҳо нависанда яке аз песаҳои ҷолибаш «Калтакдорони сурх»-ро эҷод кард, ки мавзӯи мубориза барои ҳаёти навро дар бар мегирад ва ин асар солҳои дароз дар театрҳо намоиш дода шудааст.

Сотим Улуғзода аз нахустин қадамҳояш ба арсаи адабиёт ба таърих ва сарнавишти таърихии фарзандони халқ назари хос дошт. Қисмати намояндагони барҷастаи таърих ва маданияти халқ диққати ӯро ҷалб мекард. Песаи «Рӯдакӣ» аввалин кӯшиши ҷиддии ӯ дар роҳи эҷоди асари таърихии тарҷумаиҳолӣ буд. Баъд вай драмаи манзуми «Темурмалик»-ро навишт, ки аз таърихи муборизаи халқи тоҷик зидди истилогарони муғул ҳикоят мекард. Песаи «Алломаи Адҳам ва дигарон» низ идомаи ҷустуҷӯҳои ӯ оиди ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш буд. Дар ин мавзӯъ ӯ рисолаи номзадӣ низ навишта буд.

Таваҷҷӯҳи ӯ ба таърих ва мавзӯъҳои он нависандаро водор сохт, ки бо ҳамқаламии В. Виткович сенарияи «Ибни Сино»-ро нависад ва боз ба сарнавишти Рӯдакӣ бозгашта, сенарияи дигари «Қисмати шоир»-ро эҷод кунад. Монографияи «Пири ҳакимони Машриқзамин» ҷустуҷӯҳои адибро дар бораи Ибни Сино ҷамъбаст кард.

Аз номгӯи асарҳои дар мавзӯи таърих навиштаи адиб бармеояд, ки барҷастатарин шахсиятҳои таърихӣ диққати адибро ба худ кашидаанд. Нависанда бо эҷоди ин асарҳо кӯшиш кардааст, ки «марҳилаҳои асосии таърихи халқро аз давраи ташаккули вай то остонаи асри мо як бора дар бар гирад» (М. Шукуров). Ба ин маънӣ, нависанда дар ин гуна асарҳояш тамоми таърихи халқро аз ташаккули халқи тоҷик сар карда, то имрӯз фаро мегирад. Улуғзода бештар ба тадқиқи бадеии воқеияти таърихӣ пардохта, омӯзиши илмро то дараҷае дар асарҳояш маҳдуд сохт. Доираи ҷустуҷӯҳои ӯ аз ҷиҳати жанр низ васеъ гардида, аз роману повест сар карда, то драмаю кинодрамаро ташкил дод.

Дар ин замина романи «Восеъ» аввалин асари калонҳаҷми таърихии сирф бадеии ӯ буд. Мавзӯи асосии ин роман муборизаи балвогари шӯриши Восеъ барои ҳимояи адолати иҷтимоӣ мебошад, ки дар кӯҳистони ҷануби Тоҷикистон рух дода буд. Вале нависанда дар роман амалиёти қаҳрамононро дар ин доира маҳдуд накарда, онро ба Ҳисору Қаршӣ, Самарқанду Бухоро ва Кармина мекашад. Муҳимтарин нуқтаи ин роман ин аст, ки нависанда муносибати равшанфикрони пешқадамро бо халқ дар миён гузошта, «роли бузурги таълимоти маорифпарварони нимаи дуввуми асри XIX-ро дар бедории худогоҳии мардум» нишон медиҳад. Нависанда дар образи Восеъ на фақат қувваи азими хашму ғазаби халқ, балки ақли солим ва ҷаҳонбинии равшани онро низ таҷассум кардааст. Восеъ таҷассуми бадеии ақлу заковат ва маданияти ғанию ҳазорсолаи халқ мебошад. Нависанда дар симои Восеъ рӯҳи миллӣ, худогоҳӣ ва адолатҷӯйиву ватанхоҳии онро ғунҷонидааст.

Повести «Ривояти Суғдӣ» ҷустуҷӯҳои нависандаро дар мавзӯи таърих вусъат бахшид. Дар ин асар сухан аз воқеаҳои таърихии асри VIII меравад, ки ба истилои араб ва муборизаи шадиди иҷтимоию сиёсии ин давра алоқаманд мебошад. Агар дар асарҳои пешинаи Улуғзода асосан чеҳраҳои машҳури таърихӣ мавриди назар бошанд, дар повести «Ривояти суғдӣ» нависанда ба сарнавишти мардуми оддӣ диққат дӯхтааст. Қаҳрамонони асосии повест Виркан ва Ниниманча аз ҷумлаи ҳамин гуна одамонанд. Нависанда бо тадқиқи бадеии ин воқеа таъкид мекунад, ки ҳама гуна истило пеш аз ҳама ба сари мардуми оддӣ бадбахтӣ меоварад ва фоҷиаҳои сарнавишти Виркану падараш Ревахшиён, Ниниманчаю модари ӯ натиҷаи таассуфбори истилои аҷнабиёни араб аст.

Нависандаи бузург то охири умр аз таърихи халқ ва таҳқиқи бадеии он натавонист ҷудо монад. Дар солҳое, ки писараш Азиз хоки Шӯравии собиқро тарк гуфт, дар Тоҷикистон китобҳои ӯро чоп намекарданд. Вале дар ҳамон солҳои барои нависанда душвор романи ӯ «Восеъ» дар Тошканд нашр шуд. Дар мактабҳои кишвараш таълими эҷодиёти ӯро манъ карданд. Вале ин душманиҳо номи ӯро аз хотири хонандагонаш бурда натавонист. Хонандагони содиқ нависандаи азизашонро чун муаллифи беҳтарин ҳикоя – «Марги Ҳофиз», беҳтарин повест – «Ривояти Суғдӣ» ва ниҳоят беҳтарин роман – «Фирдавсӣ» мешинохтанд ва дӯст медоштанд.

Романи «Фирдавсӣ»-ро фақат дар Тоҷикистон не, балки дар Эрон низ қадр карданд. Нависандаи фақидро барои заҳмати судмандаш дар эҳёи таърихи фарҳангу худшиносӣ бо ҷоизаи тилло мукофотониданд.

Воқеан ҳам романи «Фирдавсӣ» падидаи тозае дар насри муосири тоҷик аст. Ин асар фақат натиҷаи тадқиқи бадеии ҳодисаҳои таърихӣ набуда, балки бо тору пудаш ба «Шоҳнома» ва сарнавишти муаллифи он мепайвандад. Аз ин рӯ барои фаҳмидани фикри бадеии нависанда хонанда бояд аз «Шоҳнома» хабар дошта бошад.

Сотим Улуғзода бо таълифи ин роман хостааст дар асоси ҳодисаҳои ҳазор сол пеш рӯйдода зиддиятҳои сиришти инсонро тасвир карда, ба ин восита гузаштаро бо имрӯз пайванд диҳад. Чеҳраи Фирдавсӣ барои адиб василаест, ки аз боби сифатҳои маънавии инсон гуфтугӯ кунад.

Нависанда то таълифи роман дар ин мавзӯъ ҷустуҷӯҳо ва корҳоеро анҷом дода буд, ки муҳимтаринаш таълифоти дуҷилдаи насрии «Достонҳои «Шоҳнома» мебошад. Ин корҳои ӯ заминае буд барои таъ-

лифи роман. Вале заминаи асосӣ ҳамоно «Шоҳнома» аст, ки бо сарнавишти Фирдавсӣ сахт алоқаманд буд. Мо алоқамандии воқеаҳои асарро бо сарнавишти Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар роман равшан мебинем. Дар бисёр маврид хонандаро лозим меояд, ки барои фаҳмидани фикри бадеии нависанда, ки аз забони қаҳрамони роман баён мешавад, ба «Шоҳнома» муроҷиат кунад. Масалан, Фирдавсӣ ба занаш Фотима чунин мегӯяд: «Панди шоҳони некӯсиришт ва додгар, ҳикматҳои Бузургмеҳри ҳакимро ман дар «Шоҳнома» ба назм зикр кардам ва хоҳам кард, то шоҳони ситампеша агар надонанд, бидонанд, ки баҳрашон дар ду олам лаънати худо ва нафрини халоиқ асту бас». Акнун ба хонанда лозим меояд, ки лоақал аз ҳафт базми Нӯширвон бо Бузургмеҳр ва мӯъбадон бохабар бошад.

Ӯ худ вақте Фирдавсӣ ба ҳаким Абдулқодири Меҳрон пандномаашро мефиристад, нависанда таъкид мекунад, ки «манзумаҳо ҳамон навиштаҳое буданд, ки хонандаи «Шоҳнома» дар он китоб меёбад...» Ин ду санад нишон медиҳад, ки роман бо сарнавишти Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» сахт алоқаманд аст. Алоқамандии дигарро миёни вазъи рӯҳӣ, дунёи андешаҳо ва муносибати Фирдавсӣ ва қаҳрамонони «Шоҳнома» мебинем. Масалан, дар фасли «Шаби гирифтани моҳ» ҳоли шоири ба қарматигарӣ айбдор шуда, хеле равшан ифода шудааст. Тасвири моҳ, гирифтории Бежан дар чоҳ ва гирифти табъи Фирдавсӣ бо риёкории шайх Абулқосим иртиботи рамзомез дорад.

Чунон ки аз номи роман низ бармеояд, қаҳрамони асосии асар Фирдавсии бузург аст. Дар тасвири нависанда Фирдавсӣ ҳамчун як нафар инсони соҳибдил, ихлосманд, дӯстпарвар, покрӯйу покрав, соҳибройу сарбаланд, волоназару қавирӯҳ ба назар меояд. Фирдавсӣ шахсиятест, ки тамаллуқу чоплусӣ, дузабонию дурӯягӣ ва суханчинию наммомиро ҳамчун ахлоқи аҳриманӣ намеписандад. Амал ва кирдори Фирдавсиро нависанда бо санадҳои таърихию хаёлӣ таъкид ва тасдиқ мекунад. Масалан, Фирдавсӣ ба надимаш Бобод мефармояд, ки аз даҳ хислати зишти гумроҳсозанда парҳез кунад. Он даҳ хислати аҳриманӣ инҳо будаанд: оз, ниёз, рашк, хашм, нанг, кина, наммомӣ, нопокдинӣ, носипосӣ, бедонишӣ. Ин сифатҳои нописандида монанди деве ёд шудаанд, ки зиндагии имрӯз ва дунёи охирати инсонҳоро тираву мардуд месозанд.

Фирдавсӣ дар тасвири нависанда инсони бовиқор ва сарбаланд аст. Ин хислатҳои ӯро баҳсаш бо шоири араб аз хусуси забони дарӣ ва арабӣ равшан месозад: «Шумо забони модарии худро бад дида, забони бего-

наро ба вай тарҷеҳ додаед, ин монанди он аст, ки кас аз модари худ рӯй гардонаду моядарро хуш кунад ва чунин кас, бешак, бадсиришт ва бадгавҳар аст».

Ин фикри Фирдавсӣ танҳо дар бораи Ватан ва забони модарӣ аст, ки ба шоири араб мегӯяд. Ин ниҳеби ватанпарастонаи Фирдавсӣ танҳо муқобили шоири араб нест, балки теғи сухани ӯ синаи садҳо мутаассибони дар роҳбарии давлат нишаста, монанди Ҳасани Майвандиро, ки вазир буд, Маҳмуди Ғазнавиро, ки султон буд, нишон мегирад. Ин шӯру исёни ӯ ба муқобили касоне буд, ки миллати худро нашинохта, ба ҷоҳу мансаб иваз карда буданд. Чунин назари ватанхоҳонаи Фирдавсӣ аз нигоҳи Маҳмуд «густохӣ» намуд ва дар ихтилофи шоиру шоҳ хилқати инсонии Фирдавсӣ хубтар кушода шуд. Дар ин маврид сухани Улуғзода аз маънӣ ва ҳарорати хос бархурдор аст. Хонанда ҳарфҳои зерини нависандаро хонда, бо дарди шоири бузург Фирдавсӣ ва ҳам нависандаи ҳақшинос Улуғзода шарик мешавад ва аз забони ӯ ба шоҳони ғосиб ва ҳақношиносу халқнописанд мегӯяд: «Дар «Шоҳнома» агарчи сухан аз бостонзамон меравад, онро ҳадиси куҳан ё фасонаи кӯҳан наметавон гуфт. Дар ҷаҳон чизҳое ҳастанд, ки кӯҳна шудан надоранд: панду ҳикмат, андарз ва ибрате, ки аз пешиниён ба пасояндагон мерасанд, ҳамеша наванд. Ҳар чи дар он рӯзгорон аз ниёгони мо ба зуҳур омадааст, хоҳ нек ва хоҳ бад, хоҳ савоб ва хоҳ хато – ҳама пандомӯз аст. Бузургон гуфтаанд, ки таърих дониш мефизояд ва панду ибрат парварандаи хирад аст. Банда бо ҳамин эътиқод ранҷи сиюпанҷсоларо таҳаммул карда «Шоҳнома» нигоштам».

Дар роман нависанда ба офаридани хислату характерҳои аҳли сухан, монанди Ҳамдуллоҳи Найсонӣ, Лабибӣ, Ҷавҳарӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ муваффақ шудааст. Симои ин шахсиятҳо дар пайвастагӣ бо ҳунарашон ва муносибати онҳо бо Фирдавсӣ таҳқиқ шуда, ба ин васила шӯру изтироб, соҳиброӣ, илова ба ин хушомадгӯиву чарбзабонӣ, ҷоҳу мансабталошии онон бо эътимод нишон дода шудааст.

Нависанда махсусан симои Унсурии шоирро пурихтилоф нишон додааст. Мо Унсуриро дар тасвири Улуғзода, ки ба ҳуҷҷатҳои таърихӣ асос ёфтааст, ҳам душман ва ҳам дӯсти Фирдавсӣ мебинем. Масалан, дар воқеаи аз номи ҳокими Ҳирот – Олтинтош азми сафари Ғазнӣ доштани Фирдавсӣ ва огоҳ шудани Унсурӣ аз ону музтариб гардиданаш рашку ҳасади ӯ ошкор аст. Ва ҳукми шоҳро дар бораи зери пойи филон андохтани Фирдавсӣ шунида, шоирро аз хавфи асорат хабардор кардани

Унсурӣ нишони одамияти ӯст. Ин тарзи офариниши характер табиӣ буда, ба асар ҳусн бахшидааст.

Романи Фирдавсӣ танҳо тахайюлӣ нест. Бисёр бобҳои онро мо ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ метавонем қабул кунем. Аз ин ҷиҳат роман барои идроки вазъи адабии давр ва хусусиятҳои он санади фаровон медиҳад. Масалан, фаслҳои «Шоири ноком», «Мулоқот бо маликушшуаро», «Баҳс бо Фаррухӣ», «Ранҷиши Унсурӣ», «Андеша ва илҳоми Унсурӣ», «Муошира», «Ҳасад», «Шоир ва шоҳ» ҳамин гуна рисолат доранд. Аз ин ҷиҳат романи «Фирдавсӣ» аҳамияти бузурги таърихӣ, илмӣ ва бадеию эстетикӣ дошта, хонандаро ба як давраи камоли фарҳангу адабии тоҷикӣ шинос месозад.

Забон ва тарзи нигориши романи «Фирдавсӣ» ҷолиб ва диққатангез аст. Нависанда дар роман забонеро корбаст кардааст, ки ҳам аз забони қадима бахра бурда, ҳам калимаҳо, ибораҳо ва таъбирҳоеро аз «Шоҳнома» истифода кардааст, ки дар фаҳмиши мақсади ӯ ба хонанда ёрӣ мерасонад. Ин усули тасвир заминаи таърихӣ ва устувории баёни муаллифро таъмин кардаанд. Гоҳо тасвирҳои нависанда бо нигоришоти муаллифи «Шоҳнома» ҳамранг шуда, ҳусни таълифро меафзояд. Масалан, Улуғзода дар фаслҳои «шаби эҷод» ва «шаби гирифтани моҳ» аз сабки тасвири Фирдавсӣ истифода карда, тасвирро ҷозиб месозад. Дар роман омадааст: «Баъди ним соат шамъу кӯзачаи шароб бо ду ҷоми нуқрагин ва анору гурунҷу биҳӣ – ҳама дар лаълӣ ниҳодаву чанг дар бағал, кадбону ҳозир шуд». Ин манзара бо чунин тасвири Фирдавсӣ монандие дорад:

Бирафт он бути меҳрубонам зи боғ,
Биёвард рахшанда шамъу чароғ.
Май оварду нору турунҷу биҳӣ,
Зудуда яке ҷоми шоҳаншаҳӣ.

Сотим Улуғзода бо беҳтарин асарҳояш аз ҷумла ҳикояи «Марги Ҳофиз», повести «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ» собит кард, ки аз нависандагони бузурги адабиёти асри бисти тоҷик аст. Вай дар роҳи таблиғи ғояҳои ҷовидонаи башарӣ хидмати бузургеро анҷом дод. Беҳтарин навиштаҳояш аз ғаразҳои синфию ҳизбӣ озод буда, ҳақиқати ҳаёт ва сифатҳои неки ахлоқию маънавиро васф кардаанд. Нависанда дар асарҳояш пойбанди сиёсат набуда, ҳақиқат ва адолатро ҳимоят кардааст. Арзишҳои умумиинсонӣ моҳияти консепсияи нависандагии ӯро ташкил медиҳанд.

## ШОИР ВА ШОҲ

*порча аз романи «Фирдавсӣ»*

Бо амри шоҳ дувоздаҳ нафар номдортарин шоирони дарборӣ барои шунидани қасидаи нави Фаррухӣ дар боргоҳ ҷамъ омада буданд. Қасидаро султон хеле хуш карда ва фармуда буд, ки дар маҷлиси шоирон хонда шавад. Султон дар пешгоҳ дар курсӣ ва шоирон дар ду тараф қатор нишаста буданд. Фирдавсӣ ҳам ба ин маҷлис даъват шуда буд. Фаррухӣ ба худ ровӣ нигоҳ намедошт, ашъорашро назди шоҳ худаш мехонд. Ӯ ба по хеста, ба хондани қасидааш, ки дар вай минҷумла султонро ба фатҳи вилояти Рай таҳрис мекард, шурӯъ намуд. Таҳриси ӯ дар қасида чунин ифода ёфта буд:

Райро баҳона нест, бибояд гирифт Рай,
Вақтест агар ба ҷанг сӯйи Рай кашӣ инон.
Ин ҷо ҳаме ягону дугон қарматӣ кушӣ,
З-инон ба Рай ҳазор биёбӣ ба як замон.
Бистонӣ он диёру бубахшӣ ба бандае:
Бахшидан аст одату хӯи худойгон.

Аз ҳозирон нидоҳои аҳсану офарин баланд гардид. Шоҳ мамнунона табассум мекард. Фирдавсӣ бошад дар ҳайрату даҳшат афтода буд: Фаррухӣ шоҳро ба куштани ҳазорон мардуми Рай даъват мекунад. Дар бораи ӯ нақл мекарданд ва Фирдавсӣ шунида буд, ки дар яке аз рӯзҳо Муҳаммад писари султон дар шикор саҳроро аз хуни оҳувон сурх карда ва Фаррухӣ аз дидани чашми зори оҳуе, ки дар тапиши ҷонканӣ будааст, ба ёди чашми сиёҳи ёраш афтода, чандон гиристааст, ки Муҳаммад ба вай раҳмаш омада барояш чанд оҳуи зинда фиристода будааст. Наход ин ҳамон шоири нозуктабъи раҳмдил бошад?!

Эътиқоди шоҳ ва атрофиёнаш бад-он буд, ки дар Рай амири он диёр ва ҳам аҳолӣ қарматиёнанд. Ва куштани қарматиёнро султон Маҳмуд ба номи дин вазифаи муқаддаси худ медонист.

Дар ин ҷо риштаи ҳикоят агарчи як дам канда шавад ҳам, мо воқеаи Райро нақл мекунем. Амирони бувайҳии Рай дар солҳои ҳукмрониашон хазинаҳои пурганҷ ниҳода буданд, ҳамин буд, ки ҳирсу тамаъи султон Маҳмудро меҷӯшонд. Фаррухӣ ба оташи ҳирси ӯ ҳезумкашӣ мекарду бас. Султон ба фатҳи Рай қарор дод. Бино ба хурдсолии амири Рай Маҷдуддавла ҳукумат ба дасти модари вай Сайида буд. Султон ба Сай-

ида ултиматум фиристод, ки писаратро ба Ғазнӣ фиристу мамлакатро ҷузъи шоҳаншоҳии мо бикун. Сайида расули султонро эъзоз кард ва дар ҷавоби ултиматум навишт ки: султон Маҳмуд шахси ғозӣ ва соҳибдавлат аст ва аксари Эрону замини Ҳинд ба вай тобеъ мебошанд; то шавҳарам Фахруддавла зинда буд, дувоздаҳ сол аз лашкаркашии султон метарсидам, ки шавҳарам вафот ёфт, дигар андеша надорам, зеро султон Маҳмуд подшоҳи бузург ва соҳиби номус аст – лашкар бар сари пиразане нахоҳад кашид; агар лашкар кашаду ҷанг кунад, муқаррар аст, ки ман низ ҷанг хоҳам кард; агар зафар ёбам, то домани қиёмат шӯҳрату шукӯҳ ба ман аст ва агар вай зафар ёбад, мардум хоҳанд гуфт, ки султон бевазанеро шикаст дод. Дар ин сурат султон ба мамлакатҳо чӣ гуна фатҳнома менависад? Султон дар ҷавоби ин номаи заифаи зарифа дармонд, «бозӣ»-ро бой дод ва аз қасди лашкаркашӣ ба Рай даргузашт. Ба ин тарз Сайида ҳафтдаҳ-ҳаждаҳ соли дигар истиқлоли амораташро нигоҳ дошт, то он ки вафот карду ҳукумат бар писараш қарор ёфт. Он гоҳ Райро аз дасти Маҷдуддавлаи ҷавони айёши сустиродаи шоирманиш ситонидан барои султон душвор набуд. Гӯянд, дар ҳарами Маҷдуддавла панҷоҳ нафар зан ёфтанд, ки вай аз онҳо сӣ фарзанд дошт.

Риштаи ҳикояро мепайвандем. Дар маҷлиси шоирон баъд аз қироати қасидаи Фаррухӣ султони хушҳолу мамнун сӯйи шоир гуфт:

– Мо ба ту ҳазор динор ато мекунем.

Фаррухӣ ба пеши пойи ӯ афтида замин бӯсид, шоирон ба султони атобахш ҳамду сано хонданд.

Пасон шоҳ шоиронро ҷавоб дод, вале Фирдавсиро фармуд, ки истад.

Вай чанд лаҳза хомӯшона ба шоир нигоҳ карда истоду баъд сухан оғоз кард. Суханашро канда-канда чунин гуфт:

– Ту... мӯътазилӣ ҳастӣ?.. Ё рофизӣ?.. Қарматӣ?.. Ё балки даҳрӣ бошӣ?

Фирдавсӣ дар ҳайрат монд, хотираш ошуфта гашт.

– Ин чӣ суолест, шоҳам? – гуфт ӯ. – Ман мусалмони покдинам ва...

– Шиъӣ? – сухани ӯро бурид султон.

– Оре, шиъии мусалмон, – ҷавоб дод шоир. – Худойгонро пӯшида нест, ки ба мусалмони покдин тӯҳмати баддинӣ ё бединӣ задан гуноҳ аст.

– Уламои Ғазнӣ дар «Шоҳнома»-и ту бидъатҳо дидаанд. Ба Зардушт таваҷҷӯҳ дорӣ... Ба Маздак ҳам... Донишу қариҳаатро ба чӣ сарф кардаӣ? Ба ситоиши маҷусон?... «Шоҳнома»-атро ба номи мо кардаӣ,

вале пеш аз он ки ба мо биёрӣ, то ки нахуст мо бубинем, онро мардумон дида ва хондаанд... Дар мадеҳаат ба ман насиҳатгар шудаӣ, ки додгар бошам, ростӣ пеша кунам, кажживу костӣ накунам. Гӯё ман додгар набудаам, росткор набудаам. Гӯё ман тифли мактабхон ҳастам ва ту муаллим...

Фирдавсӣ мисраъҳои худашро ба ёд овард: «Агар додгар бошӣ, эй шаҳриёр, бимонӣ ба гетӣ яке ёдгор... Ҳама ростӣ бояд оростан, зи кажжӣ дили хеш percостан». Оё султон худаш хонда бошад, ё ки наммомон ин мисраъҳоро ҳамин тавр ба насиҳатгарӣ маънидод карда ба вай расонидаанд? – ба дилаш гузаронд шоир.

Султон боз «айбҳо»-и ӯро шумурдан гирифт:

– Аз дидор кардан бо Исфароинии кофири неъмат ва Қутайби хиёнатпеша мақсудат чӣ буд? Оё ту хасми моӣ?... Агар хасм набошӣ, дӯст ҳам наӣ. Дӯстии ту бо шоҳони маҷусии Эрон аст... Хуб, бо ин ҳама мо ба ту сиёсат намекунем. Пири нотавон ҳастӣ, ба умед омадаӣ... Ба назми таърихи мулук бисёр ранҷ кашидаӣ. Силаи «Шоҳнома»-атро хоҷаи бузург ба ту мерасонад. Бигиру бирав ба ватани худ...

Ин ҳама тӯҳмату ҳақорат, ҳар як калимаи султон дашнае буд, ки ба ҷигари шоир мехалид. Фирдавсӣ чигунагии тинати Султон Маҳмудро дарёфт. Дар синааш аламу нафрат ҷӯш мезад, пушаймонии дардноке дилашро мефишурд, ки чаро «Шоҳнома»-ро ба номи ин ҳукмдори ҷоҳили мутаассиб, ин шоҳи камхиради аз мурувват бегона гардонд. Ба забонаш ҷавоби талх, суханони зананда меомаданд.

Султон мунтазир буд, ки шоир ба пойи ӯ афтида гиряву зорӣ мекунад, бахшоиш мепурсад. Вале ин тавр нашуд. Фирдавсӣ қомати ба таъзим нима хамидаашро рост карду бо аламу дард гуфт:

– Маълумам шуд, ки ба «Шоҳнома»-и ман нигоҳи чашмони каҷбин ғалтидааст. Аҳли ғараз назди шоҳ номи маро сиёҳ кардаанд. Дар умри ҳафтодсолаам бадхоҳонам ба ман бӯҳтонҳо зада буданд, вале на ба ин қабоҳату зиштӣ.

Ба ёди вай шеъри худаш омад:

Чунин гуфт Нуширвони Қубод,
Ки чун шоҳро сар бипечад зи дод,
Кунад чарх маншури ӯро сиёҳ,
Ки доно нахонад варо низ шоҳ,
Ситам номаи узли шоҳон бувад,
Чу дарди дили бегуноҳон бувад.

Қариб буд, ки ин мисраъҳоро бар забон ронад, вале худдорӣ кард ва сӯйи дар равон шуда, дар дами дар истоду ба як тараф рӯ гардонда, ин фикраро:

Чу бошад ҷаҳонҷӯй бо фарру ҳуш,
Набояд ки дорад ба бадгӯй гӯш!
Зи дастури* бадгавҳару гуфти бад
Табоҳӣ ба дайҳиму* шоҳӣ расад!

хонду берун рафт.

Ҳаво абр буд, резаборони тирамоҳӣ меборид, сабук-сабук шамоли сард мевазид. Абри боронӣ осмонро саросар фаро гирифта ва рухи офтобро ҳам дар паси пардаи хокистарранги худ пинҳон карда буд. Кӯю кӯчаҳо лой, дару бомҳо, дарахтон, сарутани роҳгузарон ҳама тари обрав. Вақт баъди пешин бошад ҳам, рӯз аз тирагӣ шомгоҳро мемонд.

Фирдавсӣ ду даст бар пушт, борону шамолро ҳис накарда, то буҷулаки пояш дар лою балчиқҳо ғӯтида, бо қадамҳои гарону оҳиста ба манзилгоҳаш расид.

Дар саҳни меҳмонсарои Моҳак ӯро Абӯ Дулаф ва Бобак пешвоз гирифтанд. Онҳо шоири хастаҳоли рангпаридаро дида ба хавотир афтоданд.

– Чӣ хабар, устод? Бахайр аст? Ба дарбор рафта будед? – безобита шуда пурсид Абӯ Дулаф.

Фирдавсӣ хомӯшона сар ҷунбонида ишорат кард, ки ҳеҷ гап не, хавотир накашед. Ба болохона баромаданд. Бобак абои устодро аз танаш кашонда ва саллаашро гирифта ба мех овехт. Фурсате гузашт, шоир ҳамоно хомӯш буд.

Ба ҳуҷра бошитоб Моҳак ворид шуд.

– Омадед, мавлоно? Аз дарбор? Султонро дидед?

Фирдавсӣ бо табассуми маъюсонаи дарднок суханони аз шоҳ шунидаашро нақл кард:

– Султонро бовар кунондаанд, ки банда ҳам мӯътазилӣ, ҳам рофизӣ, ҳам даҳрӣ ва ғайруҳу мебошам. Бо хоинони салтанат ҳамдостон будаам. Дар ашъорам насиҳатгари шоҳ шудаам. Ба илова, гуноҳи дигарам ин ки «Шоҳнома»-ро пеш аз тақдим кардан ба султон ба мардумон нишон дода ва шоеъ кардаам. Ва ғайруҳу ва ҳоказо. Хулоса, қариб душмани султон будаам.

– Э валлоҳ! – ба ҳасрат дасташро сахт ба зонуяш зад Моҳак. – Кори наммомон, ҳасудон! – гуфт ӯ, – кори он шайхи беимон!

Абӯ Дулаф дар ҷойи нишастааш, гӯё ки чӯкида, хурд шуда буд.

Бобак рӯй ва лабонаш пар мезаданд, мисли ин ки ҳамин замон гиряро сар медиҳад.

Ҳар се аз оқибати кор метарсиданд: мабод, ки султон шоирро уқубат кунад. Бо он айбҳои мудҳиш, ки султон бар шоир ниҳодааст, ӯро зиндон кунанд, кушанд ҳам чӣ аҷаб? Ин аз султони бедодгари хунхор ҳеҷ аҷаб нест.

Рӯзи дигар наздики қиёми офтоб як марди солхӯрдаи паҳнриш – навкари хазинадори султон ба ҳавлии Моҳак ду халтаи чарминро ба асп бор карда овард. Халтаҳоро фуроварда ба лаби суфа гузошт. Ба Моҳак ва Абӯ Дулаф, ки он ҷо ҳозир буданд, гуфт:

– Бист ҳазор дирам. Барои Абулқосим Фирдавсии шоир. Фирдавсиро садо карданд, вай аз болохона фуруд омад. Навкар гуфтаашро такрор кард.

– Дирам? – гашта пурсид Абӯ Дулаф. Барои «Шоҳнома» бист ҳазор тангаи дирам фиристодан хандаовар буд. – Чӣ магар хостаанд, ки шоирро масхара кунанд?

– Дирам набуда чӣ буд? Магар ман тангаро намешиносам? – ҷавоб гардонд навкар ба ровӣ.

Абӯ Дулаф даҳони халтаро кушода, як каф танга бароварда нигоҳ кард – ҳақиқатан дирам буд, дирами маскук аз мис, каме нуқра ва дигар фулузоти арзонбаҳо. Қурби дирам нисбат ба динори тиллоӣ даҳ бар як буд.

– Бубар, ба ман даркор нест; агар динор ҳам мебуд, даркор нест, – гуфт Фирдавсӣ ба навкар.

– Чӣ? Даркор нест? – ҳайрон шуд навкар. – Пул ба шумо даркор нест? Аҷаб! Ин хел бошад, худатон бареду ба хазинадор супоред. Ман гашта барам, ту ба одамаш нарасондӣ гуфта худамро гунаҳкор мекунанд. Ман овардам, ин тарафаш ба ихтиёри шумо. Акнун ба ман ягон хӯрок бароретон, ки гушна мондам, пагоҳ боз даҳанам як бурда нон надидааст; сонӣ ман ҳамаатонро як дуои хайр мекунаму меравам.

Хизматгори Моҳак барои ба навкари серҷоғ хӯрок овардан ба ҳавлии дарун рафт.

Фирдавсӣ ба Бобак фармуд:

– Баро, чизҳоро ғундошта ба хӯрҷин андоз, китобу коғазҳои маро ҳам андоз. Пӯшоки тозаи маро дар лӯнгӣ печонда биёр, пӯшоки худатро ҳам бигир, ҳаммом меравем.

Аз Моҳак хоҳиш кард:

– Хоҷа, фармоед, аспони моро зин кунанд. Мо бо шумо видоъ мекунем. Ман дигар дар ин шаҳр як рӯз ҳам намеистам. Хотираи неки ман фақат аз шумо, аз лутфу марҳамати шумо ва аз дӯстам Абӯсаъди Маншурист. Дар хонаи шумо ва Маншурӣ ман меҳмоннавозӣ ва меҳрубонии беҳад дидам, ки ёди он то умрам боқист, хотири маро шод мекунад. Ҳамаи умр миннатдор ва сипосгузори шумоям, хоҷаи азиз.

Ба Абӯ Дулаф рӯ овард:

– Колои моро, – гуфт, – ба аспҳо бор карда савор шаву ба гузари бӯрёбофон биё, дар пеши ҳаммом маро мунтазир бош. – Боз ба Моҳак муроҷиат карда, халтаҳои тангаро нишон дода бо овози паст, то ки навкар, ки дар як гӯшаи суфа баҳузур нишаста бо оши палави аз дишаб монда шиками гуруснаашро сер мекард, нашунавад, гуфт: – Ин пулро ҳамчу шукронаи оҷизонае барои некиҳои фаровонатон, ки ба ман ва ҳамроҳони ман кардед, аз банда қабул фармоед...

– На, на! – даст афшонда як қадам ақиб ҷаст Моҳак. – Ҳаргиз, ҳаргиз! Некии беқиёс ба ман аз ҷониби шумо буд, ки лутфан дар хонаи ман манзил кардед. Банда аз ҳамнишиниву ҳамдамии шумо ва аз «Шоҳнома»-и шумо он қадар ҳаз мебурдам, он қадар саодат насибам шуд, ки ба шукронааш агар ҳамаи давлатамро пеши поятон гузорам, садяки подоши он намешавад.

– Пас бифармоед, ин нақдина ба касе, ки фиристодааст, гардонда шавад.

Дар ин дам Бобак бӯхчаи пӯшок ба даст аз болохона фуруд омад. Фирдавсӣ дигар ба хоҷа фурсати сухан гуфтан надода бо вай хайрбоди бағалкаш карду ҳамроҳи пешхизмташ аз меҳмонсаро бадар рафт.

Ҳар ду ба гузари бӯрёбофон, ки аз сарои Моҳак чаҳор маҳалла дуртар дар ғарбии шаҳр буд, расида ба ҳаммом даромаданд.

Соате баъд, аз ҳаммом баромада, дар канори кӯча Абӯ Дулаф ва навкари хазинадорро бо аспи қантариистода диданд. Фирдавсӣ аз дӯкони машруботфурӯш, ки дар паҳлӯи ҳаммом буд, як коса шароб харида нӯшиду назди Абӯ Дулаф рафт. Аспи навкар зери бори халтаҳои танга буд.

– Хоҷа, ба шумо гардонда фиристоданд, – халтаҳоро нишон дода гуфт Абӯ Дулаф.

Фирдавсӣ ба чӣ фикре рафт, сӯйи дӯкони машрубот нигарист, сипас ба навкар гуфт:

– Халтаҳоро фуруд оред.

Навкар бори аспашро фуровард.

– Бобак, шарбатфурӯшро садо кун.

Мардак омад, Фирдавсӣ халтаҳоро ба вай аз навкар бардоронда худаш пеш даромад:

– Биёед!

Онҳо аз паси Фирдавсӣ рафта, ба бинои ҳаммом даромаданд. Дар даруни бино ҳуҷрае ҷойгоҳи ходими ҳаммом буд, халтаҳо бо фармоиши Фирдавсӣ ба он ҳуҷра дароварда шуданд. Ходимро садо карданд, мардаки лоғари бараҳнатан, сина ва китфонаш бо мӯйи сиёҳ ва авраташ бо лунгии сафеди чиркин пӯшида, ҳозир гардид (вай дар ҳаммом шоирро ҳам ходимӣ карда буд).

– Халтаҳоро ба кат холӣ кунед.

Тангаҳо ба рӯйи кат рехта шуданд.

– Инро ман ба шумоён бахшидам, ҳар сеятон баробар тақсим карда гиред, – фармуд Фирдавсӣ.

Он се тан бовар накарда, бо даҳони во ба шоир менигаристанд, то ки дар чеҳраи ӯ рост ё ҳазл будани ин ҳотамии ҳайратбахшро бихонанд. Шоир «хайр!» гуфта, рафтанӣ шуда буд, ки шарбатфурӯш ниҳоят забони лолгаштааш ба гуфтор омад:

– Шумо кӣ, бобоҷон?

Ба вай навкар ҷавоб дод:

– Ин кас шоир Фирдавсӣ ҳастанд.

Шарбатфурӯш оё пештар номи Фирдавсиро шунида буд ё не, маълум набуд, аммо вай дарҳол:

– Э тасаддуқашон шавам, хоки пояшон шавам, – гуфта ба пойи шоир афтиду домани абои ӯро бӯсида, ба чашмонаш молид; пас ходим низ ҳамчунин кард.

**Дастур** – вазир
**Дайҳим** – тоҷ

**Савол ва супориш:**

1. Рӯзгори С. Улуғзода чӣ гуна ҷараён гирифтааст?
2. Оғози фаъолияти адабии нависандаро шарҳ диҳед.
3. Мавзӯъҳои асосии эҷодиёти адибро муайян кунед.
4. Таърих ва шахсияти таърихӣ дар эҷодиёти адиб чӣ мақом доранд?
5. Арзишҳои ватанхоҳонаи осори адибро шарҳ диҳед.
6. Романи «Фирдавсӣ» чӣ мақоме дорад?
7. Арзиши таърихӣ ва адабии романро шарҳ диҳед.

## Маълумот дар бораи романи таърихӣ

Роман жанри бузурги асари эпикӣ буда, метавонад ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ва ҷамъият дахл кунад. Романи таърихӣ як намуди ин жанри эпикӣ буда, вусъати эпикии тасвири ҳаёт яке аз хусусияти он аст. Ин гуна роман дар пеши назари хонанда на фақат манзараҳои бепоён ва мухталифи ҳаёт, амалиёт ва мубоРизаи пуршиддати қаҳрамонон, балки таърихи ташаккули характерҳои инсонӣ ва роҳи паймудаи одамонро зинда месозад. Нависанда дар романи таърихӣ воқеиятро аз назари иҷтимоӣ таҳлил карда, ғояҳои пешқадами таърихиро ба миён мегузорад. Дар романи таърихӣ нависанда ба тадқиқи ҳаматарафаи ҳаёт пардохта, моҳияти ҳодисаҳои таърихиро муайян мекунад ва ба ин восита ҳаёти одамони гуногун, рӯҳияи онҳоро инъикос менамояд.

Нависандаи романи таърихӣ ба лаҳзаҳои муҳими замон, ба бӯҳронҳои ҳаёти ҷамъият дар ин ё он давра диққат дода, бо хаёли бадеияш тамоми миллат, муносибатҳои инсонҳои гуногунро фаро мегирад. Чунин инъикоси ҳодисаҳои бузурги таърихии ҳаёти халқ ва ё одамони алоҳида тасвирро пурра ва комил месозад.

Романи таърихиро аз рӯйи фарогириии мавзӯъ муҳаққиқон ба якчанд қисм ҷудо кардаанд: романи таърихии тарҷимаиҳолӣ, романи таърихии маишӣ, романи таърихии моҷароҷӯйӣ, романи таърихии психологӣ.



# ҲАБИБ ЮСУФӢ

## (1916—1945)

Ҳабиб Юсуфӣ соли 1916 дар шаҳри Самарқанд зода шудааст. Падараш Ҳоҷӣ Юсуф шахси бомаърифат буда, фарзандашро дар рӯҳияи шеърфаҳмию адабиётдӯстӣ тарбия кардааст. Таҳсил дар мактаби ибтидоӣ ва миёна лаёқати ӯро зиёд мекунад. Баъди хатми мактаби миёна Ҳабиб Юсуфӣ ба факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуда, онро соли 1940 хатм мекунад. Аввалин навиштаҳояш солҳои донишҷӯӣ чоп шуда, баъди хатми донишгоҳ алоқамандони адабиёт ӯро ҳамчун шоир, мунаққид ва тарҷумон мешинохтанд.

Бо кӯшиши вай хонандаи тоҷик бо тарҷумаи асарҳои Пушкин, аз ҷумла «Шоҳдухтари мурда ва ҳафт паҳлавон», «Қишлоқ», «Ба Чаадаев», «Мактуб ба Сибир», шеърҳои Лермонтов «Бодбон», «Се нахл», «Хайр, эй Россия» ва ғайраҳо ошно гардид.

Ҳабиб Юсуфӣ аз соли 1940 то соли 1942 ҳамчун ходими илмӣ дар Институти таърих, забон ва адабиёти Тоҷикистон кор карда, дар пешрафти илми адабиётшиносӣ, хоса танқид ҳисса гузоштааст. Ӯ соли 1942 бо хоҳиши худаш ба фронт рафта, умедвор буд, ки аз ҷанг бармегардад: «роҳи ман ба Сталинобод фақат бо роҳи Берлин хоҳад буд» – бо қатъият навишта буд ӯ. Вале дар арафаи анҷоми ҷанг риштаи ҳаёти ин шоири ватанпараст гусаст. Нашъи ӯ дар қабристони бародарии кишвари Полша монд. Вале осори боқимондааш ба ҳаёти ӯ идома бахшид. Имрӯз аз Ҳабиб Юсуфӣ як китоби осор боқӣ мондааст, ки мақолаҳои танқидӣ ва адабиётшиносии ӯро низ дар бар мегирад. Ин китоб шомили достони «Оби ҳаёт» низ мебошад, ки бо ҳамқаламии С. Айнӣ, М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ навишта шудааст.

Ҳабиб Юсуфӣ ба адабиёт бо диди хоси шоирӣ омад. Назари хосашро оид ба шеър дар мақолаҳояш низ ифода карда, «аз шеър ҳис, ҳаяҷон, самимият ва «ифодаҳои ҷоннок» талаб мекард» (Раҳим Ҳошим). Дар мақолаи «Боз якчанд калима дар бораи поэзияи имрӯза» таъкид карда буд, ки «барои шоир маълумоти васеъ ва ҳиссиёти баланд лозим аст, ки

ба моҳияти ҳар як ҳодиса пай бурда тавонад ва ҳар як тозагӣ, ғалаба ва пешравии ҳаётро бо тамоми ҳастии худ ҳис карда, аз вай завқ бурда, илҳом гирад». Вай бо ҷасорати тамом шоиронеро, ки бо асарҳои суст «моро доғдор мекунанд», маломат карда, таъкид мекард, ки ин гурӯҳи шоирон «ба нависандагони ҷавон ҳам зарар мерасонанд ва завқи хонандаро низ паст мекунанд». Меъёри назари ӯ ба шеър ва адабиёт ҳамин гуна буд ва худаш низ мувофиқи ҳамон талаботаш шеър мегуфт.

Ҳабиб Юсуфӣ ба нахустин маҷмӯаи ашъораш, ки соли 1939 чоп шуд, унвони «Таронаи Ватан»-ро дода буд. Интихоби ин ном ва дар шеърҳояш бо ҳарфи калон навиштани калимаи Ватан ифодаи ҳис, ҳаяҷон ва самимияте буд, ки шоир ба ватан дошт.

Дӯсти даврони бачагиаш, адабиётшиноси фақид Раҳим Ҳошим ӯро «ба тамоми маъно шоири лирик» номидааст. Дар ин замина олим таъкид мекунад, ки «шеърҳои лирикии вай (Ҳ. Юсуфӣ) ҳама адрес доранд, ки яке аз хусусиятҳои эҷодиёти ӯст ва дар назми онрӯзаи мо навигарӣ мебошад. Ҳамаи шеърҳои вайро риштаи мустаҳками ғоявӣ, рӯҳи ватанпарварии ҷанговар ва муҳаббати пурҷӯшу хурӯш ба зиндагӣ ба ҳам пайвастааст».

Ҳабиб Юсуфӣ ҳанӯз дар оғози фаъолияташ мароми шоириашро дар шеъри «Дар шаъни ҳаёт» дақиқ муайян карда, аз ҷумла гуфта буд:

Агар ҳаёт ҳамин асту дилбарони ҳаёт,
Бидеҳ маям, ки шавам масти ҷовидони ҳаёт!
Дило, зи ҷӯш намон, эй забон, хамӯш мабош!
Хазинаест ба дил омада зи кони ҳаёт...

Маҳз қудрати ҳамин муҳаббат буд, ки вай Ватанро дар шеър муҷассам сохта, дар амал сари ҷавонашро фидои Ватан кард. Умуман дар осори ӯ мафҳуми Ватан арзиши умумиинсонӣ дорад. Ӯ қисмат ва амнияту осудагии инсонҳоро бо амнияти Ватан алоқаманд медонад. Шояд ҳамин фикр ӯро таҳрик дода, ки тасвири образи Ватан асли моҳияти ҳар шеър ва ё тамоми эҷодиёти шоирро фаро мегирад. Ӯ ба ин масъала ишора карда гуфта буд:

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама пештар Ватан гӯяд.
Ватан, чу нағмасаро аст дил зи меҳри ӯ,
Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд.
Ту з-он қавӣ, ки ба ҳар ҷой халқи меҳнаткаш
Туро замини ману такягоҳи ман гӯяд.

Муҳаббати хурӯшони шоир ба Ватан, ба зиндагӣ ва зебоиҳои он нисбат ба душманони ин саодат дар дилаш адоватро бедор мекард. Ин

таассуроти шоир аз воқеияти зиндагӣ бархоста буд. Дар ибтидои солҳои чилум Ватани бузурги шоир, ки Шӯравӣ буд, ба хатари ҷанг гирифтор гардид. Ҷанг, ки дар тасаввури шоир мабдаи харобиву вайронгарист, оташи муҳаббати ӯро ба Ватан тез мекард. Ӯ дар пойи Ватан афтода иқрор мекард:

Ту он ки дар ҷаҳон ҷаҳон дода ба ман,
Танҳо на ҷаҳон, ки ҷисму ҷон дода ба ман.
Ҳурию биҳишти ҷовидон дода ба ман,
Роҳи зафару шараф нишон дода ба ман.

Ман дуд будам, ту худ шарар карда маро,
Ман санг будам, ту чун гуҳар карда маро.
Ман хок будам, вале ту зар карда маро,
Ман мӯр будам, ту шери нар карда маро.

Ин буд иқрори фарзанди содиқ дар назди Ватан. Ин иқрор омодагии ӯро ба ҳимояи кишвар низ ифода мекард ва дар шакли аниқтар дар ин пораи шеър таҷассум ёфт:

Вақти он аст, эй қалам, буррандатар гардӣ зи теғ,
Вақти он аст, эй сухан, ғуррандатар гардӣ зи барқ.
То ба душман ҳамла орам, решааш бурӣ зи бех,
То расӣ манҳус анчарро, кунӣ бешоху барг.

Дар тасаввури шоир Ватан аз ҳама чиз болотар ва муқаддастар аст, бинобар ин ҳам месазад, ки дар роҳи он қурбон шуд. Ба ифодаи шоир барои Ватан қурбон шудан ин маънии дифоъ аз шараф, номус ва бахти зану фарзандро дорад. Шоир эҳсосоти содда, вале самимиашро нисбат ба Ватан дар ин сатрҳои пурмаъни чунин ифода кардааст:

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.
Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст,
Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.

Ё худ:

Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,
Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунем.

Дар ин сатрҳои соддаву пурмаънӣ як олам фикру андеша ва муҳаббати беандоза нисбат ба Ватан хеле самимӣ ва дилнишин ифода шудаанд. Тасвири Ватан ва муҳаббат ба вай дар шеъри шоир ба шаклҳои гуногун ифода шудааст.

Мавзӯи Ватан ва саодати халқи он ба лирикаи ишқии шоир низ таъсири амиқ гузоштааст. Аслан ин ду мавзӯъ, яъне «ишқи ёру диёр»-ро аз шеъри ӯ наметавон ҷудо кард. Яке дигареро такмил ва тақвият бахшидааст. Бояд гуфт, ки дар аввалҳои фаъолияти эҷодиаш дар ашъори лирикии ӯ мазмуни ишқии такрор, лафзбозӣ ба мушоҳида мерасид, ки намунааш ин рубоист:

Эй шӯх! Даме ки чун ту дилбар дорам,
Ман бори ғаме чаро ба дил бардорам.
Бо меҳри ту чун ҷону дилам унс гирифт,
Мумкин набувад, ки аз ту дил бардорам.

Аммо ҳамин рубоӣ ҳам ба маънии дилрас диққатангез буда, шоирона гуфта шудааст. Хусусияти асосии лирикаи ӯро омезиши мавзӯю ғояҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ муайян мекунанд. Аз ин ҷиҳат ишқи ӯ меъёрест, ки «дил зи ҳастияш шод бувад» ва «Аз ғуссаву кулфату ғам озод бувад».

Мавзӯи озодии занон, фаъолияти иҷтимоии онҳо дар шеъри шоир мавқеи муҳим дорад. Шароити меҳнати озоди занону духтарон ва шинохтани тасаввуротҳои хурофотӣ оид ба зан ва мавқеи ҷамъиятии он тасаввуротро дар шеър низ оиди ӯ дигар кард. Чунончи шоир мегӯяд:

Хуррам ман аз он, ки дӯстдорам ҳастӣ,
Маҳбуб рафиқи ғамгусорам ҳастӣ.
Ман бо дилу ҷон аз пайи кори Ватанам,
Хуш он ки дар ин кор ту ёрам ҳастӣ.

Ҳамин гуна «ёр» қаҳрамони лирикаи ишқии шоир буда, дар эҷоди ин гуна образҳо шоир тозакориҳо дорад. Ин тозакориҳоро дар ифодаи мазмун ва ғоя мо дар шеърҳои «Ба духтари меҳнат», «Такя ба корат кунӣ» ва ғайраҳо мушоҳида мекунем. Чунончи:

Ту на он дилбар, ки фахр аз зеби рухсорат кунӣ,
Такя бар зебоии рӯйи чу гулзорат кунӣ.
Ту на аз он моҳрӯёнӣ, ки пеши ошиқон,
Ноз бар ширинии лаъли шакарборат кунӣ.
Аз тамоми дилбарон болотарӣ аз он, ки ту
Нозу фахру такяро бар донишу корат кунӣ.

Қаҳрамони лирикии ин гуна шеърҳои шоир занону духтаронеанд, ки «парвардаи меҳнат», «дилбари номдори меҳнат», «боиси ифтихор»-у «ободии мулк» ҳастанд.

Хонанда ашъори лирикии Ҳабиб Юсуфиро хонда, бештар бо андешаҳои кору зиндагӣ банд будани қаҳрамони шоирро пайхас мекунад. Ин гуна шеърҳо аз андешаҳои самимии маҳрамона ва хаёлангез, ки хоси шеъри ошиқона аст, дур мебошанд. Имрӯз ин ҳодисаро аз заъфи шеъри шоир медонем, ки бо таъсири идеологияи ҳукмрони сотсиализми вулгар ба миён омада буд. Ин назария аз одами зинда «винтик» сохта, ҳама гуна ғаму андешаҳои инсониро ҷуз меҳнату фидокорӣ намеписандид. Ҳабиб Юсуфӣ низ дар гирдоби ҳамин назарияи барғалат афтода буд.

Бо вуҷуди ин шеъри Юсуфӣ самимӣ ва шоирона буда, пораҳои дилангези шеърaш дар таърихи адабиёти имрӯз мақоми ҷовид доранд. Сарнавишти шоир ва маслаки ватанхоҳии ӯ низ ба сари худ шеъри ҳассос ва пурсӯз аст. То аввали соли 1945 мароми инсонӣ ва шоирии ӯро пораи зерини шеърaш хеле барҷаста ва кофӣ ифода мекунад:

> Он на ман бошам, амон бидҳад ба душман мушти ман,
> Он на ман к-ин дам фитам дар фикри кори дигаре.
> «Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,
> Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре».

Ӯ дар байти охири ин қитъаи шеърaш гӯё аз забони Саъдӣ фоли ҳолашро дида буд. Ва моҳи феврали соли 1945 дар корзорони атрофи Варшава қаҳрамонона ҳалок гардид. Вале сарнавишти инсонӣ ва шоириаш бароиояндагон намунаи ибрат хоҳад монд. Он чи ки дар боло гуфтем, ишораҳое буд, оиди лирикаи граждании Ҳабиб Юсуфӣ. Тағйироти сиёсӣ дар сохти ҷамъият ва ҷанги ҷаҳонӣ дар шеъри Юсуфӣ низ қаҳрамони лирикии навро ба майдон овард. Ин қаҳрамони хоси адабиёти ба истилоҳ сермиллати Шӯравии собиқ буд. Ин қаҳрамон инсонҳоро ба табақа ҷудо мекард ва ҳар ки бо ӯ набуд душман шинохта мешуд. Бисёре аз шеърҳои Юсуфӣ низ аз ҷараёни номатлуб ҷудо нестанд.

Дар эҷодиёти шоир ашъори пейзажӣ ё худ манзаравӣ низ мақоми хос дорад ва қисме аз осораш ба манзараҳои табиат бахшида шудааст. Тасвири манзара дар осори ӯ пеш аз ҳама оҳанги ватандӯстона дорад. Шеърҳои «Манзараи Кавказ», «Манзараҳои тирамоҳи ҷануб», «Ба ҳар куҷо равам, дил диёри ман гӯяд» ба ҳамин мақсад навишта шудаанд. Дар шеъри «Манзараи Кавказ» шоир ҳиссиёти дӯстдоштаашро аз «Ватани бузург» ифода карда, аз дидани як гӯшаи пурнури диёр на фақат сарфароз аст, балки мехоҳад:

> Чун дар канори ту дилам имрӯз хуррам аст,
> Хоҳам, ки ҷону дил бинамоям фидои ту.

Шеъри манзаравӣ дар эҷодиёти шоир танҳо бо тасвири манзара маҳдуд намешавад, балки василаи баёни афкори иҷтимоӣ низ мегардад, балки воситаи ҳалли масоили иҷтимоӣ низ мешавад. Дар шеъри «Манзараҳои тирамоҳи ҷануб» мо ҳамин нияти шоирро дарк мекунем. Тирамоҳ бо тамоми шаҳоматаш бо меҳнат, алалхусус бо «гулҳои сафед», ки рамзи ҳосили заҳмати пахтакорон аст, дилкашу зебост. Боғҳо ва дарахтони пурбор дар тасвири шоир мавҷ мезананд ва ҳама аз самари меҳнати деҳқон ёдоваранд:

Тирамоҳ фасли
Гулҳои сафед,
Бинед инҳоро!
Он гоҳ гӯед:
Тирамоҳи ҷануб
Чунон ҳам зебост!

Сабки нигориши Ҳ. Юсуфӣ хоси ӯст. Муҳимтарин хусусияти тарзи эҷоди ӯ соддагии забон ва ибораороӣ дар шеър аст. Аксари шеърҳои ӯ аз санъати шеърӣ холӣ набуда, шоир аз муболиғаву ташбеҳ ва истиора фаровон истифода кардааст:

Эй хомтамаъ, лашкари моро чӣ шумурдӣ?
Сад қувваи Сӯҳроб ба ҳар марду зани мост.

Истифода аз образҳои бадеии таъсирбахш, таъбирҳои нафис ва пурмаънӣ аз махсусиятҳои сабки эҷоди Юсуфӣ аст. Забони равону содда, мазмуни дилхоҳ ва ҳиссиётангези мисраъҳо шеъри шоирро малоҳати хос бахшидаанд. Ин мисраъҳо бо тасвиркории шоирона дар ёд мемонанд:

Ё аз тарафи ёр хабар меояд,
Ё бахт ба хуррамӣ ба бар меояд.
Ё бар сари боми ман қамар меояд,
Ё меҳри ҷаҳон маро ба дар меояд.

Ҳабиб Юсуфӣ дар пайравӣ ба шоирони рус, аз ҷумла Пушкину Лермонтов, Некрасову Маяковский дар сохти шеъраш низ тағйирот даровард. Ҳарчанд ӯ дар сабки суннатии тоҷикӣ, махсусан дар шаклҳои ғазалу рубоӣ шеърҳои хуб мегуфт, ба шаклҳои нав низ побанд буд. Шеърҳои «Манзараи тирамоҳи ҷануб», «Ишқи духтари Черкас», «Интиқом», «Муҳаббат ва ҳақиқат» ва ғайра дар ҳамин сабк гуфта шудаанд.

Вазн низ аз нигоҳи Юсуфӣ ҷузъи муҳими шеър ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин ҳам вай дар мақолаи «Барои поэзияи муносиби давр» таъкид карда буд, ки «дар масъалаи вазни шеърӣ як реформаи ҷиддӣ ба вуҷуд

овардан» лозим аст. Ва ин реформаро худаш низ амалӣ мекард. Шоир аз вазнҳои арӯзӣ «танҳо ҳамон вазнҳоро гирифтан» мехост, ки «онҳо суръати давр ва кайфияти шоду хурсандона»-ро акс карда тавонанд. Дар ин замина мо тағйиротҳоеро дар вазни шеъри ӯ мушоҳида мекунем. Оҳангҳои наве, ки аз рӯйи маъно мисраъҳоро тақсим кардаанд, шеърро таъсирбахш, хушоҳанг ва пурмазмун сохтаанд, ки намунаи ин гуна вазншиканиҳои шоирро дар боло зикр кардем.

### Ватан

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама бештар Ватан гӯяд.
Ватан,– чу нағмасаро аст дил зи ишқи ту,
Туро хазинаи илҳоми хештан гӯяд.
Ба ин таровату ин рангу бӯ, ки ҳастӣ ту,
Сазад саросари саҳни туро чаман гӯяд.
Дар оғӯши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд.
Ҳазор як сифататро адо нахоҳад кард,
Ҳазор шоир агар асрҳо сухан гӯяд,
Тамоми ҳастии худро фидо кунад ба ту халқ,
На сар, на қалб, на дида, на ҷон, на тан гӯяд.
Ту з-он қавӣ, ки ба ҳар ҷой халқи заҳматкаш
Туро замини ману такягоҳи ман гӯяд.
Хушам, чу ишқи ту Ширин шудастам, ар халқам
Маро дар ишқи ту Фарҳоди кӯҳкан гӯяд.
Бигираму бигузорам, Ватан: «Қалам бигзор,
Бигир теғу ба фарқи адӯ бизан» – гӯяд.

### Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар

Вақти он аст,
　　　　Эй қалам!
　　　　Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
　　　　Эй сухан!
　　　　Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
　　　　Решааш буррӣ зи бех,

То расӣ,
Манҳус-анчарро кунӣ бешоху барг!
Як ҷаҳон ишқи Ватан дорад дили халқи азим,
То ватанро дӯст дорад,
Дӯст дорад то абад.
Сад ҷаҳон нафрат ҳам аз баҳри разилони фашизм,
То фашистонро кунад,
Бо нафраташ гӯр оқибат!
Чун Ватан мардона дар ҷанг омадаст, имрӯз ман
Ин Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар!
Чун ман ин сон байни майдон пурдилу фирӯзманд,
Дорадам имрӯз аз ҳаррӯза ёрам дӯсттар!
Он на ман бошам амон бидҳад ба душман мушти ман,
Он на ман, к-ин дам фитам дар фикри кори дигаре.
«Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,
Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре».
Вақти он аст,
Эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
Эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
Решааш буррӣ зи бех,
То расӣ,
Манҳус анчарро кунӣ бешоху барг!

## Ишқи Ватан

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.

Ватанро бинозам, маро дар канор
Чу модар гирифту намуд бахтёр.

Ватан ҷони ман ҳам ҷаҳони ман аст,
Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.

Ватан чун маро ин ҷаҳони нав аст,
Дил аз роҳу фармони ӯ раҳрав аст.

Дило, давраи мо аҷаб давраест,
Ба таърихи олам чунин давра нест.

Ҷаҳон даври Ковусу Кай дидааст,
Валекин чунин давра кай дидааст,

Ки чун бӯстон дилбару хуррам аст,
Чу хуршед тобанда дар олам аст.

Чу мо рӯй бар меҳнат овардаем,
Дар оғӯши ин давра парвардаем.

Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,
Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунем.

Агар хасми мо қасд бар мо кунад,
Дари шӯришу фитнаро во кунад.

Биҷангем чандон барои Ватан,
Ки душман шавад зери пойи Ватан.

Чу мо рӯй бар корзор оварем.
Сафи душманон тор-тор оварем.

**Савол ва супориш:**

1. Овони ҷавонӣ ва мактабхонии шоир дар куҷо гузаштааст?
2. Мазмун ва мундариҷаи аввалини шеърҳои шоирро шарҳ диҳед.
3. Мавзӯи ишқи Ватан дар эҷодиёти шоир чӣ мақом дорад?
4. Шеъри шоир ба идеологияи расмии замон чӣ алоқамандӣ дорад?
5. Дар бораи сабк ва вазни шеъри шоир чӣ гуфта метавонед?

## Маълумот дар бораи лирикаи граждани ва манзаравӣ

Шеъри лирикӣ аз рӯйи ифодаи мавзӯъ ба гражданӣ ва манзаравӣ ҷудо мешавад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ин гуна осор одам, ҳаёти вай, фикру ҳиссиёти гуногуни ӯро хеле нозук тасвир намуда, образи барҷастаи инсонро ба вуҷуд меоварад. Шоире, ки ин гуна шеър мегӯяд, имкон дорад бо сеҳри сухан торҳои ниҳонии дили инсонро

ба садо орад ва тамоми ҳастии ӯро ба худи ӯ нишон диҳад. Шоири ин гуна шеър, хоҳ граждани бошаду хоҳ манзараві ба дунё, сарнавишти инсонҳо ва табиат, ки як ҷузъи ҳастии инсон аст, аз назари дили инсон нигоҳ мекунад.

Мазмуни лирикаи гражданӣ гуногун аст. Ин гуна шеър метавонад мавзӯъҳои таърихӣ, ҳозира ва шоду ношодро фаро гирад.

Назарияи адабиии замони Шӯравӣ рӯҳияи гражданиро дар шеъри лирикӣ аз тасвири сиёсат, корномаҳои меҳнатӣ, ҳаёти коргарон ва ғайра иборат дониста, аз бадеият ва маҳорат сарфи назар мекард. Ҳол он ки «иқтидори руҳияи граждании шеър аз мавзӯи он дида бештар дар сифати эстетикии он аст» (Е. Осетров). Дар ин маънӣ мунаққиди бузурги рус В.Г. Белинский низ таъкид мекунад, ки «шеър аз ҳама гуна андешаҳои зебо иборат набошад ҳам ба масъалаҳои муосир ҳар чӣ тамомтар муносибат накарда бошад ҳам, агар поэзия надошта бошад, дар он ҳеҷ гуна андешаҳои зебо ва ҳеҷ гуна масъалае буда наметавонад ва ҳамаи он чизе ки дар он ба назар мерасад, танҳо нияти нек аст, ки ифодаи муносиб ёфтааст». Дар шеъри тоҷикӣ намунаи ин гуна лирикаи хуби гражданӣ беҳтарин шеърҳои Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Қаноат, Лоиқ ва чанди дигар мебошанд.

Шеърҳоеро, ки ба тасвири табиат ва манзараҳои он бахшида шудаанд, лирикаи манзаравӣ мегӯянд. Дар шеъри лирикии манзаравӣ тасвири табиат ё худ манзараҳои он аз инсон ҷудо нест. Дар ин гуна шеър шоир ё манзараро бевосита тасвир мекунад ва ё таассуроти қаҳрамони лирикиро дар бораи табиат ифода ва омезиш медиҳад. Намунаи хуби лирикаи манзаравӣ шеъри Лоиқ «Борони тирамоҳ» мебошад. Дар ин шеър манзараи гӯёи резиши борони тирамоҳ тасвир шудааст ва шоир ба ин восита чанд ҷузъиёти воқеии зиндагиро шоирона зикр мекунад. Аз ҷумла дар банди дуюм аз баргҳои хазону ғуборолуди дарахтон чакидани қатраҳои боронро ба обилаи кафи даст ва ранги зарди онҳоро ба чакидани зардоб аз кафи пуробила монанд кардааст. Хонанда ба воситаи чунин тасвир на танҳо манзараи боридани борони тирамоҳро равшан тасаввур мекунад, балки онро пеши чашмонаш баръало мебинад, ба машомаш аз он бӯйи тирамоҳ меояд ва ҳавои тирамоҳро эҳсос менамояд.

Тасвири манзара дар шеъри лирикӣ бо мақсади кушодани рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ ва замону шароити тасвир низ истифода мешавад, ки пеш аз ҳама бояд зебо ва ҳунармандона бошад.



# ФОТЕҲ НИЁЗӢ

## (1914—1991)

Нависандаи ҷанговари тоҷик Фотеҳ Ниёзӣ 18 апрели соли 1914 дар шаҳри Самарқанд дар хонаводаи марди равшанфикр ба дунё омадааст. Соли 1929 омӯзишгоҳи педагогии Самарқандро хатм карда, баъд дар академияи омӯзгорӣ – ҳозира донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил намудааст. Дар як вақт ҳам хонда ва ҳам дар рӯзномаи «Ленин йӯли» кор кардааст.

Соли 1934 ба Душанбе меравад ва ҳамчун котиби масъули рӯзномаҳои «Газетаи муаллимон» ва «Тоҷикистони сурх» хидмат мекунад.

Вақте ки ҷанги ҷаҳонии дуюм оғоз меёбад, Фотеҳ Ниёзӣ бо хоҳиши худ ба фронт рафта, дар рӯзномаи фронтии «За родину» ва «Красноармейская правда» фаъолият пеш мебарад.

Баъди анҷоми ҷанг ҷонишини рӯзномаи «Фрунзоветс» – нашрияи округи ҳарбии Туркистон шуда кор карда, ҳамзамон дар шӯъбаи ғоибонаи факултети таърихи донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд таҳсил намудааст. Баъд ба Душанбе бармегардад ва дар маҷаллаи «Садои Шарқ» аввал котиби масъул ва аз соли 1952 чун муҳаррир кор мекунад. Дар вазифаҳои масъули роҳбарии Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон, радио телевизион низ хидмат кардааст.

Аввалин навиштаҳои ӯ солҳои сиюм ба чоп расидаанд. Он солҳо ба забони ӯзбекӣ шеър менавишт. Соли 1933 нахустин маҷмӯаи шеърҳояш «Маяк» ва баъдтар «Суруди вақт» ва «Муҳаббат» чоп шудаанд.

Тадриҷан мавзӯи ҷанг мавзӯи асосии эҷодиёти нависанда мешавад ва дар ин боб романи машҳураш «Вафо»-ро менависад. Китоби аввали ин роман соли 1949 ва китоби дуюмаш даҳ сол баъд чоп шуда, ба муаллиф шӯҳрат меоварад.

Нависанда қаҳрамонии халқро дар солҳои ҷанг васф карда, дар ин мавзӯъ барои бачаҳо низ асарҳои «Димаи диловар», «Рӯзномаи солҳои ҷанг» ва «Одамон ва вохӯриҳо»-ро менависад. Дар ин мавзӯъ песаи «Кӯпрук»-ро навиштааст, ки театрҳо ба саҳна гузоштаанд.

Мавзӯи ҳарбию ватандӯстиро идома дода, нависанда силсилаи ҳикояҳои «Мактаб дар таххона», «Алифбо»», «Хуррами хаткашон» ва ғайраро менависад. Романҳои «Ҳар беша гумон мабар, ки холист» ва «Сарбозони бесилоҳ» маҳсули меҳнати солҳои дарози муаллиф мебошанд.

Соли 1962 Фотеҳ Ниёзӣ ҳикояву очеркҳои дар давраи ҷанг ва баъди он навиштаашро бо таҳрири ҷиддӣ таҳти унвони «Ҳиссае аз қиссаҳои ҷанг» чоп кард. Ин очерку ҳикояҳоро метавон ёддошт ё худ мушоҳидаҳои ҷиддии нависанда аз ҳодисаҳои ҷанг номид. Дар образи таҳиягар – худи нависанда, яъне капитан Ниёзӣ низ ҳаст. Капитан Ниёзӣ дар ин очерку ҳикояҳо чун офитсери мушоҳидакор ва хайрхоҳу дилсӯз ба назар меояд. Вай чашми мушоҳидакор ва ҳисси рӯҳшинос дошта, олами рӯҳии сарбозонро хуб медонаду мешиносад.

Воқеаҳои ин китоб на дар майдони ҷанг, балки ҳангоми истироҳати кӯтоҳмуддати мудофеони Сталинград дар заминканҳо, дар ақибгоҳи наздик ва кӯчаҳои Москва мегузаранд. Ин усули эҷод ба нависанда имкон додааст, ки ба шахсияти инсонии сарбозон амиқтар назар дӯхта, чеҳраи инсонии онҳоро равшану аниқ нишон диҳад. Муҳимтарин хусусияти ин навиштаҳои муаллиф аз он иборат буд, ки вай ба таъсири амиқу ҳарҷонибаи шахсиятҳои ҷудогона дар майдони ҷанг пардохт. Яъне, ба воситаи ин тарзи нигоҳи нависанда ба воқеияти ҷанг, усули бадеии образи ҷанговар дар насри тоҷик дигар шуд.

Дар силсилаи ҳикояҳои ин китоби Фотеҳ Ниёзӣ ҳар дафъа як ҳодисаи воқеӣ, ки муаллиф шоҳиди он будааст, як лавҳаи ҳаёт ва ҳолати рӯҳии ҷанговарон тасвир мешавад. Нависанда бештар ба тасвири воқеияту муҳити замони ҷанг диққат дода, қаҳрамони реалии худро дар хатти дуюми фронт, ҳангоми фароғату истироҳат нишон медиҳад. Дар ҳар ҳикоя яке аз персонажҳо чеҳраи асосӣ буда, дахолати муаллиф ба сарнавишти онҳо пайванди маънавии силсиларо таъмин мекунад. Нависанда ба воситаи ифшои ҳолати рӯҳии ҷанговарон ҳақиқати талхи замони ҷангро нишон медиҳад. Бо ин усул вай чеҳраи ҷамъбастии ҷанговар ва симои ахлоқии ӯро меофарад. Хонанда аз тасвирҳои нависанда пай мебарад, ки ин одамони оддӣ бори масъулияти бузургро бар дӯш дошта, ҳар лаҳза омодаи қаҳрамонӣ ва ҷонфишонӣ ҳастанд. Шахсияти қаҳрамонони нависанда Хуррами хаткашон, Павел ва Собир, капитан Симаков, тирандоз Таисия, Шарофи шабгард, капитан-археолог Угримович, Мустафоюю Лилия ҷолиб буда, ҳар кадоме дорои сифатҳои умумӣ ва фардӣ мебошанд.

Фотеҳ Ниёзӣ мақсади аслиашро аз тасвири мавзӯи ҷанг ва ҷанговар ифшо карда навишта буд, ки «рӯҳияи умумии асарҳои солҳои ҷанг дар ин ифода меёбад, ки нависандагон ҳиссаи халқи худро дар муборизаи муқобили душмани бераҳм муайян карда, ҷанбаи қаҳрамонии характери миллиро нишон додан мехостанд... Кори ман ҳам дар ҳамин самт сурат мегирифт ва вазифаи нависандагии худро дар он медидам, ки ба мардум аз қаҳрамонии ҳамватанони худ хабар диҳам ва ба ин восита афсонаи дурӯғинеро, ки Осиёи Миёнаро маҳрум аз ҷасорати ҷангӣ медонистанд, он афсонаеро, ки аз замони тоинқилобӣ вуҷуд дошт, рад намоям».

Ҳамин мақсади нек нависандаро водор сохт, ки фикри худшиносии миллӣ ва қадри инсонро дар асарҳои ба мавзӯи ҷанг навиштааш ҷасурона ифода кунад. Ва романи «Вафо» дар ҳамин замина қадами ҷиддии адиб буд.

Дар роман мо симои Сафар, Дадабой, Нозим, Ермак, Осмухин ва дигаронро мебинем, ки ҳар кадоми онҳо худро дар назди ватану халқ масъул мешиносанд. Ҳамин масъулият онҳоро ба мубориза ва ҷонфишонӣ ҳидоят мекунад.

Сафар Одинаев қаҳрамони асосии роман аст. Вай аз ҷавонони фидокорест, ки барои ҳимояи ватан ҷонсупорона мубориза мекунад. Вай чун фарзанди содиқи халқу ватан аз нахустин рӯзи ҳамлаи Гитлер мекӯшад, ки зудтар ба майдони ҷанг равад ва ба муқобили душман мубориза барад. Нависанда образи Сафарро барои пурра тасвир кардан дар вазъиятҳои гуногун нишон медиҳад. Дар чӣ вазъияте набошад ӯ ба назари хонанда чун инсони комил ва ибратбахш ба назар меояд. Симои Сафар ба андозае табиӣ офарида шудааст, ки боре нависанда ба пурсиши хонандагонаш – Қаҳрамонони романатонро аз куҷо ёфтед? – чунин ҷавоб дода буд: «Қаҳрамонони асарҳои ояндаам дар майдони ҷанг ҳамеша ҳамроҳам буданд. Диққати маро махсусан яке аз онҳо ҷалб кард, ки Олим Ҷӯраев ном дошт. Муаллими қишлоқ, аз водии Ҳисор буд. Шахси ҷасур, хоксор ва самимӣ буд. Вақте ки истилогарони фашистӣ дар остонаи Волгоград дар арафаи торуморшавӣ буданд, Олим Ҷӯраев аз тири душман қаҳрамонона ҳалок гардид. Ба марги ӯ боварам намеомад. Ба назарам чунин менамуд, ки Олим Ҷӯраев ҳамеша ҳамроҳи ман аст ва мо бешубҳа, роҳи фронтро то ба Берлин баробар тай хоҳем кард».

Нависанда дар поси хотири ин ҷанговари шуҷоъ аввалин бор ҳикояи «Рӯймолча»-ро навишта корномаи ҷангии ин муаллими қишлоқро дар як лавҳаи бадеӣ нишон дода буд. Аммо сарнавишти ҷангии ин қаҳрамон

дар романи «Вафо» хеле муфассал ва шукӯҳманд тасвир мешавад. Хислати қаҳрамони асар дар майдони ҷанг, дар ақибгоҳ, дар амалиёти ҳаррӯзаи ӯ, дар муносибаташ бо рафиқон ва дӯстдоштааш Зебӣ кушода мешавад. Образи Сафар комилан бадеӣ буда, таҷассуми корнома ва тақдири ҳазорон нафар тоҷиконест, ки дар роҳи озодӣ ва истиқлоли ватан ва башар ҷонбозиҳо кардаанд.

Дар романи «Вафо» нависанда як силсила образҳои ҷолиби дигар низ ба вуҷуд овардааст, ки Дадабой, Мамадраҷаб, Нозими камаровӣ, Ермаков, Латиф Воҳидов ва дигарон аз ҷумлаи онҳо ҳастанд. Дар офаридани ин образҳо нависанда комёб шуд, онҳо хислат ва амалу кирдори хос доранд. Масалан, Дадабой яке аз симоҳои ҷолиби асар буда, аз дӯстони наздики Сафар Одинаев аст. Яке аз сифатҳои ҷолиби инсонии вай зиндадилию хушҳолӣ мебошад. Ин хислати нек ҳамеша ҳамсафари вай аст. Хислати дигари Дадабой дар он аст, ки вай азбаски ба қувваш бовар дорад, калонгап аст. Ин хислат низ аз зиндадилию рӯҳбаландии вай берун меояд. Вай ҳар қадар ки дилсоф аст, ҳамон андоза теззабон низ мебошад. Дадабой хушгӯӣ ва латифагӯиро дӯст медорад. Вале вай нисбат ба онҳое теззабону сахтгӯй аст, ки мисли Мамараҷаб беҷуръатанд.

Нависанда симои Мамараҷабро офарида, бо ин таъкид мекунад, ки вазъияти ҷанг ва воқеаҳои он на фақат сифатҳои одамон, ҷиҳати неку бади онҳоро нишон медиҳад, балки одамонро тарбият мекунад. Мамараҷаб дар қадамҳои аввал як ҷавони сустирода аст. Вай дар зери тарбияи амакаш Мирбадал, ки шахси зиёнкор буд, ба воя расида, бо ташвиқи ӯ аз хизмати ҳарбӣ рӯй тофтааст. Дар рӯзҳое, ки ватан ва осоиши мардум дар хатар буд, Мамараҷаб бо раҳнамоии амакаш фақат дар бораи осоиш ва роҳати худ фикр мекард. Рӯҳияи танбалӣ ва тарсончакии вай аз ҳамин хислати худпарастӣ сарчашма гирифта, аз рӯзҳои аввали хизмат низ танбал ва тарсончак буд. Вай аз рафиқони ҳамроҳаш худро канор мегирифт. Дар амалу кирдораш рӯҳафтодагӣ, инҷиқӣ, бечоранолӣ ҳис карда мешуд. Вале муҳити ҷанг ба ӯ бетаъсир намонд. Вай сабақи одамгарӣ, дӯстиву рафоқат ва далерию мардӣ омӯхт. Ваҳшонияти фашистон, марги одами бегуноҳ, аз ҷумла ҳамроҳон, вайроншавии шаҳру деҳи ободи чашми ӯро ба воқеият кушоданд. Ӯ дарк кард, ки инсон дар танҳоӣ наметавонад ба осоиш ва хушбахт бошад. Воқеияти ҷанг ҳамчун мактаби бузурги мардиву устуворӣ ва садоқату собитқадамӣ дар рӯҳия ва амалу кирдори вай таъсири ҷиддӣ расонид. Вай аз ҷавони сустиродаи беғайрат ба ҷанговари далеру шуҷоатманд табдил ёфт.

Нозир низ дар роман чун ҷавони серғайрату ҷиддӣ ва мисли Дадабой хушҳолу зарофатгӯй тасвир шудааст. Аммо вай мисли Дадабой калонгап не. Камгапии вай гувоҳи мулоҳизакорӣ ва тамкини вай аст. Вай инсони оддист, вале доно, дурандеш ва пухтакор мебошад, дар иҷрои вазифааш масъулиятнок. Ҳамин масъулият ӯро дар пойи шарафу номуси ватан фидо сохт.

Дар асарҳои Фотеҳ Ниёзӣ, аз ҷумла романи «Вафо» мавзӯи дӯстии халқҳо ҷойи муҳим дорад. Заминаи ин ҳодисаро нависанда дар як мақолааш шарҳ дода менависад, ки «ман дар қатори ҳазорон фарзандони фидоии ин диёри азизу зебо аз рӯзҳои аввали ҷанг либоси граждании худро ба либоси ҳарбӣ иваз карда, ба фронт рафта будам, дар ҳар қадами майдони ҷанг бо чашми худ медидам, ки ҷанговарони русу тоҷик, украину ӯзбек, белорусу қазоқ, грузину молдован, озарбойҷону латиш ва ғайра чун фарзандони як халқу як кишвар паҳлӯ ба паҳлӯ истода, бар зидди душманони ашаддӣ қаҳрамонона меҷангиданд, дар як заминкан зиста, аз як котелок хӯрок мехӯрданд, шарики ғаму шодии ҳамдигар буданд». Нависанда ҳамин ҳисси дӯстиву бародариро дар роман ба воситаи образҳои Осмухин, Ермаков, Балашев, Максимов ва дигарон ифода кардааст. Дӯстии афсари олирутбаи рус бо Сафар Одинаеви тоҷик рамзи ифодаи ҳамин ғоя аст. Ин дӯстӣ ба қавли муҳаққиқон аз дӯстии рафиқона гузашта, ба дараҷаи бародарӣ ва додарӣ мерасад. Фотеҳ Ниёзӣ самимияти бародаронаи Осмухинро бо Сафар хеле табиӣ нишон медиҳад. Ермакови рус ба Сафар муҳаббати софу самимӣ дорад. Ермаков ба Сафар рафоқат ва дилбастагии хос дорад. Сафарро чун командири худ эҳтиром мекунад. Муаллиф бо тасвири симои Осмухину Ермаков ва алоқамандии онҳо бо намояндагони халқҳои дигар таъкид мекунад, ки ҷанг ва шароити фоҷиабори он майдони зуҳури хислатҳои гуногуни инсонӣ, аз ҷумла дӯстиву муҳаббат, бовар ба ҳамдигар ва ғайра мебошанд.

Дар китоби дуюми романи «Вафо» мавзӯи ақибгоҳ ва сарнавишти иштирокчиёни фронти меҳнат тасвир шуда, ба сабаби воқеагароии маҳз чандон муваффақият пайдо накард.

Романи «Ҳар беша гумон мабар, ки холист» самараи ҷустуҷӯҳои чандсолаи муаллиф буда, дар он мавзӯи мубориза дар ақибгоҳи душман, ниқорталабии халқ аз фашистон таҳлил ва тадқиқ шудааст. Ин асар аз се қисм иборат буда, хати сужети ягона, қисмати персонажҳои асосӣ ва ғояи олии ватанхоҳӣ пайванди созмони асарро таъмин кардааст. Мо дар роман бо сарнавишти се насл – Султон – Давлат – Султон шинос

мешавем. Ин пайванди маҳзи наслҳо намебошад. Ин таъкиди идомаи анъанаҳои меросии ватанхоҳӣ ва масъулиятшиносии наслҳост. Султон Сафоев дар мубориза бар зидди босмачиён иштирок кардааст. Давлат аз падар ватандорӣ омӯхт ва аз аввалин рӯзҳои ҷанг ин хислаташ ошкор гардид.

Аксари қаҳрамонони роман, аз ҷумла Давлату Наталя, Климу Маҳмуд, Мочалову Тарасевич дар ҷанг ҳалок мешаванд. Вале хотираи неки онҳоро на фақат пайвандонашон (Бибигул, Султон, Оксана, ҳамяроқон Михайлов, Юзлар, Гуреевич, Мардонов) пос медоранд, балки ҳазорон ҳазор мардуми оддӣ ба онҳо эътиқоду имон меоваранд.

Воқеаҳои роман давраи дуру дароз, яъне аз муборизаи зидди босмачиёни Иброҳимбек, баъзе лаҳзаҳои ҷанги Финляндия, ҳаракати партизании Белорусия дар солҳои ҷанг, чанд соли баъди ҷангро фаро мегиранд. Вусъати уфуқҳои замонию маконии воқеаҳо ба нависанда имкон додааст, ки саргузашти қаҳрамон ва сарнавишти халқи тоҷикро бо тақдири тамоми мамлакати собиқи Шӯравӣ алоқаманд карда, таҳаввули маънавию ахлоқии қаҳрамонашро ба ин восита нишон диҳад. Нависанда бо тасвири фидокории наслҳо таъкид мекунад, ки анъанаҳои неки инсондӯстиву ватанхоҳӣ ва ободгарии наслҳо решҳои таърихӣ ва хунӣ дошта, барои наслҳои оянда ҳамчун маншаи некӣ хизмат хоҳад кард.

Дар романи сеюми нависанда «Сарбозони бесилоҳ» мавзӯи фидокории «армияи меҳнат» – онҳое, ки солҳои ҷанг дар сохтмонҳо ва заводҳои ҳарбӣ кор мекарданд, тасвир шудааст. Нависанда бо дарёфти маводи зиёд аз ҳаёти «ҷанговарони баталионҳои меҳнат», аз ҳаёти онҳое, ки дар шароити сахти зимистони қаҳратуни Урал ба маҳрумиятҳо дучор шуда, вале фидокорона меҳнат кардаанд, романи ҷолиб навишт. Қаҳрамони асосии роман Ориф Олимов моҳияти фикри нависандаро дар бораи қаҳрамонони фронти меҳнат чунин ифода мекунад: «Армияи меҳнат танҳо дар тан шинел надораду дар даст туфанг, дигар ҳамааш дар ҳақиқат мисли фронт аст». Ин суханон ҳам фидокориву устуворӣ ва ҳам интизому қавирӯҳии қаҳрамонони романро ифода мекунад.

Ориф Олимов дар тасвири нависанда роҳбари ҷиддии ҳизбӣ аст. Серталабӣ, дурандешӣ ва дилсӯзӣ хислати асосии ӯро муайян мекунад. Аз тасвири нависанда дар рафти воқеаҳо бовар мекунем, ки ӯ марди қавиирода аст ва миёни коргарон маҳз бо хислатҳои некаш обрӯю манзалат дорад.

Фотеҳ Ниёзӣ 1 сентябри соли 1991 аз дунё чашм пӯшид.

## ШОМИ ТОРИКИ МО САҲАР ШУД

*Порча аз романи «Сарбозони бесилоҳ»*

Бегоҳи худи ҳамон рӯз аъзоёни ҳайати роҳбарикунандаи комитети легиони Туркистон бо сардории Мустафо Чӯқаеву Валӣ Қаюм, бо роҳбаладии намояндагони гестапо ва вазорати корҳои Шарқ ба поезд нишаста, ба дидани асирони ҳарбии дар Полша буда рафтанд. Субҳи барвақт онҳо ба лагери калонтарини асирони ҳарбӣ Сувалки омаданд.

Агарчӣ фасли баҳор расида буд, аммо имрӯз ҳаво ҳамон тираи серрутубат буд, шамоли нофорами изғирин мевазид. Таги по лой, кас дар ҳар қадам мелағжид. Хусусан барои Олимҷон Идрисӣ, ки пойҳои дарозаш аҳён-аҳён меларзиданд, роҳ рафтан хеле душвор буд. Бинобар ин ӯ аз оринҷи Мустафо Чӯқаеву Валӣ Қаюм маҳкам дошта, бо эҳтиёт қадам мемонд.

Ҳангоме ки онҳо чандин дару симхорҳоро гузашта, ба лагер дохил шуданд, дар пеши назарашон дашти урёну бедолу дарахте намоён гардид. Дар байни дашт якчанд хонаҳои дароз-дароз, ки аз ҳар ду тарафашон сӯроххои чоркунҷаи бетиреза доштанд, мавҷуд буданд. Инҳо оғилхонаҳое буданд, ки дар вақташ помешикон гову гӯсолаҳои худро дар ин ҷо нигоҳ медоштанд.

Коменданти лагер ба посбонон фармуд, ки ҳамаи асирони ҳарбиро ба майдон пеш карда баророанд. Дар як мижа задан тамоми лагери то ин дам хомӯшу сокинро чунон доду фарёду ғул-ғула пахш намуд, ки ҳатто галаи зоғон, ки дар ҳар ҷо ҳар ҷойи дашт ғизо меҷустанд, хӯсида ба чор сӯ пароканда шуданд. Як вақт аз ҳамаи оғилхонаҳо пасопеш мардуме ба майдон кашол шуда меомаданд, ки аз дур одам ё ҷондори дигар будани онҳоро фарқ кардан амри маҳол буд. На дар тану по либосу пойафзоли бутун доштанд, на дар сар кулоҳе. Аксарашон ба қаландари ҷандапӯш мемонданд. Ришу мӯҳошон расидагӣ, афташон чиркин, дасту поҳошон варам. Аксарашон аз сару по, дасту гардан ярадор буданд. Докаҳое, ки бо вай яраҳошон баста шуда буд, аз чиркинӣ сип-сиёҳ метофтанд. Чӯқаеву ҳамроҳони вай баробари дидани ин манзараи даҳшатангез якбора ба вазъияти нохуш афтода, аъзои баданашонро ларза пахш кард.

– Наход ҳамаи инҳо аз Туркистон бошанд? – савол дод худ ба худ Валӣ Қаюм бо овози ваҳмангез.

Чӯқаев аз комендант пурсид. Комендант гуфт, ки инҳо боқимондаи солдатҳои генерали рус Власов мебошанд, ки ба тарафи Германия гу-

заштаанд ва азбаски инҳо то имрӯз ба мо таслим шудани худро эътироф намекунанд, ҳамчун асир дар ин ҷо нигоҳ дошта мешаванд. Дар байнашон ҳама гуна миллат ҳаст. Рус ҳам, украин ҳам, белорус ҳам, осиёӣ ҳам, кавказӣ ҳам, латиш ҳам.

– Ба мо танҳо туркистониҳо лозим, – гуфт Идрисӣ, ки беист даруннокӣ кимчиҳо мехонд.

Комендант ба тарафи издиҳоме, ки ба майдон ҷамъ омада, ба одамони сару либосҳошон озода, худашон тару тоза кунҷковона чашм медӯхтанд, ба овози дағали хирриаш дод зад, ки ҳар ки туркистонӣ бошад, се қадам пеш бараояд. Асирон ба ҳамдигар нигоҳкунон баъзеҳоро бо оринҷашон нихта мекарданд. Аз байни ин қадар одам танҳо як чанд нафар пеш баромада, ба сӯйи «меҳмонон» саволомез чашм дӯхтанд.

– Наход ҳамааш ҳамин бошад? – боварӣ наомад Чӯқаевро.

Валӣ Қаюм ба асироне ки се қадам пеш баромада буданд, наздик шуда пурсид:

– Аз кадом ҷойи Туркистон мешавед?

– Аз худи шаҳри Туркистон, – ҷавоб дод яке аз асирон ва ҳайрон ба шариконаш рӯй овард.

– Не, нафаҳмидед, – гуфт Валӣ Қаюм, – мо Туркистони кабирро, Туркистоне, ки ҳамаи мусулмонони Осиёи Миёнаро ба ҳам муттаҳид мекунад, дар назар дорем.

Комендант бо илтимоси Чӯқаев боз фармон дод, ки ҳамаи мусулмонони осиёӣ пеш бароянд. Дар байни асирон ғулғула хест. Ҳеҷ кас пеш намебаромад. Баъди дақиқае аз мобайн овози буррои шахсе ба гӯш расид:

– Ҳар чӣ гап доред, ба ҳамаамон шунавонда гап занед, ҷаноби намояндаи Туркистони кабир. Ба ҳар кас маъқул бошад, худаш ба наздатон меравад.

Билохир Мустафо Чӯқаев аввал суханро аз бисмилло сар карда, ҳамаи мақсаду нақшаҳои «комитети Туркистон»-ро бо тамоми маҳорати нотиқию гапдонӣ ҳикоя кард ва дар охир гуфт:

– Ҳар ки ба ин мақсаду нақшаҳо розӣ бошад, пеш аз ҳама аз ин ҳолати тоқатфарсои марговар халос мешавад ва сониян, сарбози қӯшуни озодиовари сарзамини поки худ, миллати наҷиби худ аз юғи болшевикон, кофирон мегардад.

Чӯқаев аз кисааш дафтарчаеро бароварда, қалам дар даст, умедвор шуд, ки ҳозир яке аз паси дигар мардум албатта шитобон худро ба дафтар менависонанд.

... Нависонданд, вале як чанд нафару бас. Инро дида, Валӣ Қаюму Олимҷон Идрисӣ низ ба ташвиқот даромаданд.

– Хоҳед-нахоҳед, шуморо дигар илоҷи зинда ба Ватан гаштан нест, агар бо ягон мӯъҷиза баргардед ҳам, болшевикон ҷисму ҷони шуморо дар Сибир пӯсонда, тӯъмаи зоғу заған мегардонанд.

Идрисӣ ҳам аввал аз қуръон сурае хонда, чизе мехост гӯяд, ки боз ҳамон овози буррои ҷавон баланд садо дод:

– Ҳамааш дурӯғ, сафсата! Лаънат, ҳазор лаънат ба шумо – ватанфурӯшони хоин! Заррае бовар накунед, рафиқон, ба ин косалесони фашист...

Аз аввали ин суханҳо дар байни асирон ҷунбишу ғалоғула сар шуда, торафт паҳн шуда буд, ки ногаҳон садои тири автомат баромаду калимаи охирини он шахс қатъ ёфт.

– Маъруф! Маъруф! – хитоб кард як марди чорпаҳлӯи қоматбаланд, ки дар шафати он ҷавон меистод.

– Гасенко, дӯсти азиз, агар туро зинда ба диёр баргаштан насиб гардад, аз ман ба ҳама ҳикоят кун. Гӯй, ки Маъруф то нафаси охиринаш ҷанговари советӣ буд. Вай дар дасти дӯсти ҳамяроқаш Василий Гасенко аз олам чашм пӯшид...

* * *

Чӯқаеву ҳамроҳонаш аз вазъияти ба амаломада бесаранҷом гашта, ҳамон замон лагерро тарк карданд. Коменданти лагер даҳҳо, садҳо асиронро ба қину азобҳои даҳшатовар ва истинтоқҳои ваҳшиёна гирифтор мекард. Вале кулли асирон ба азобу уқубатҳои нав тоб меоварданду ба хоинӣ заррае тан намедоданд...

Ҳамин тариқ, роҳбарони легиони Туркистонро тарбуз аз бағалашон афтида, чандин рӯз лагерҳои дигарро низ давр заданд ва охир бо тарсондану дӯғу пӯписа, бо таҳдиди несту нобуд намудан як идда асиронро ба доми худ афтонданд.

– Ҳамаи ин аз касофати он, ки немисҳо Москваро забт карда натавонистанд, – оҳиста гӯё ба бебарории кори худашон сабаб ҷустанӣ шуда, гуфт Мустафо Чӯқаев ба шарики боэътимодаш Идрисӣ.

Идрисӣ ҳам ба чор сӯ чашм давонда, ба гӯши Чӯқаев пичиросс зад:

– Оллоҳутаоло охирашро ба хайр созад, Мустафо...

– Охираш албатта ба хайр мешавад, муфтӣ, фаромӯш накунед, ки тамоми Аврупо ва нимаи зиёди хоки русҳо ҳанӯз дар дасти онҳост. Аз рӯйи гуфти Гимлеру Розенберг, немисҳо ба сари болшевикҳо дере нагузашта, рӯзи маҳшари аз ҳама сахттару даҳшатовар хоҳанд овард.

Идрисӣ:

– Илоҳи омин... Худоё, худовандо, шамшери наҷотдиҳандаи мо – мусулмонони ғарибу саргардонро бурротар кун! – гӯён даст ба рӯй бурд.

... Дере нагузашта, бо ҷидду ҷаҳди ҳамин мусулмонони ғарибу саргардон гестапо, аз ҳисоби гурезаҳои ҷангу хоинони наву кӯҳнаи Ватан, ба ташкили гурӯҳҳои диверсионӣ, ҷосусӣ ва қотилӣ, ки расман гӯё ба легиони Туркистон дахл доштанд, вале дар асл тамоман дар итоати шӯъбаи махсуси гестапо – абвер буданд, шурӯъ намуд.

* * *

...Рости гап, ҳарчанд умеде аз анҷоми ҷанг набуд, андеша аз он мерафт, ки ҳоло бори гарони ҷанг ба дӯши ин мардуми мо боз чӣ андоза тазъиқу фишорҳо хоҳад овард? Оё ҳама метавонанд то охир ба он тоб оваранд?

Ориф Олимов папирос паси папирос дуд мекарду ихтиёр ба мавҷи ин хаёлҳо дода, сар то сари хона қадам мезад. Вай ним соат пештар ба коргарони навбати дуюм, ки як қисмашон ба сохтмони корпусҳои нави корхона, қисми дигарашон ба сари дастгоҳҳои корпусҳои тайёри он кор мерафтанд, сӯҳбат гузaронда омад ва ҳамаи он фикру андешаҳо ҳосили ҳамин мулоқот буданд. Мардум аз он ки чор-панҷ моҳ пеш аз ин буданд, ба куллӣ фарқ мекарданд. Акнун дар чашмонашон ҳаросонӣ, дар чеҳраашон маъюсӣ баръало мушоҳида намегардид. Агарчи рӯзгори пурмашаққату талхи ҷанг кайҳо ба дилу дидаашон мӯҳри худро пахш карда буд, дар рафтору кирдорашон як нав тағйирот мушоҳида мегардид. Дуруст мегӯянд, ки дили одам аз шиша нозуктару аз санг сахттар аст. Кинаю адоват нисбат ба душмани баттол дили ҳамдиёрони Орифро ҳам имрӯз чунон сахту матин гардонидааст, ки акнун нолише аз он дилҳо ба гӯш намерасид.

**Савол ва супориш:**

1. Зиндагии Фотеҳ Ниёзиро шарҳ диҳед.
2. Фотеҳ Ниёзӣ фаъолияти адабиашро чӣ гуна сар кардааст?
3. Чаро Фотеҳ Ниёзиро нависандаи ҷанговар мегӯем?
4. Муҳимтарин асарҳои адибро дар мавзӯи ҷанг ном баред.
5. Аввалин романи нависанда дар мавзӯи ҷанг чӣ ном дорад ва қаҳрамонҳои асосии он киҳоянд?



# МӮЪМИН ҚАНОАТ

## (1932—2018)

Шоири навҷӯ ва дақиқназари тоҷик Мӯъмин Қаноат 20 майи соли 1932 дар деҳаи Курговади ноҳияи Қалъаи Хум, вилояти Бадахшони Кӯҳӣ ба дунё омадааст. Мактаб-интернатро дар ноҳияи Ғарми Тоҷикистон хатм карда, фаъолияташро аз кори рӯзнома шурӯъ кардааст.

Солҳои донишҷӯйиаш дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон нахустин шеърҳояш дар матбуот чоп шудаанд. Баробари хатми Донишгоҳ дар идораи маҷаллаи адабии «Садои Шарқ» фаъолияти кориашро сар карда, мудири шӯъбаи назм ва котиби масъули ин нашрия буд. Баъдтар муддате дар вазифаи муҳаррири калони нашриёти «Ирфон» кор карда, аз соли 1968 аввал ҷонишин, баъд котиби правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон гашт. Дар даврони Шӯравӣ яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёт ва сиёсат буда, борҳо депутати парлумони мамлакат интихоб шудааст.

Аввалин шеъру тарҷумаҳояш охири солҳои панҷоҳ дар матбуот чоп шуда, бо мазмун ва шакли тоза диққати хонандагонро ба худ ҷалб кардаанд. Дар тӯли панҷоҳ соли фаъолияти адабиаш Мӯъмин Қаноат осори зиёде чоп карда, шеъри ӯ бо мукофотҳои гуногун, аз ҷумла ҷоизаҳои ба номи Рӯдакӣ ва давлатии Иттиҳоди Шӯравии собиқ қадр карда шудааст. Муҳимтарин китобҳои ӯ «Шарора», «Ситораҳои замин», «Мавҷҳои Днепр», «Роҳҳо ва болҳо», «Сарҷӯйи сабз», «Тоҷикистон – исми ман», «Осори мунтахаб», «Ситораи исмат» ва ғайра ашъори дар солҳои гуногун сурудаи ӯро дар бар мегиранд. Муҳаққиқони адабиёт ба шеъри шоир баҳои баланд дода, достонҳои ӯ «Суруши Сталинград» ва «Тоҷикистон – исми ман»-ро дар қатори беҳтарин навиштаҳо ном бурдаанд. Достони таърихию фалсафии шоир «Гаҳвораи Сино» аз беҳтарин достонҳои назми муосири тоҷик шумурда шудааст. Ашъори шоир ба бисёр забонҳои дунё, аз ҷумла ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Мӯъмин Қаноат аввалин шеърҳояшро солҳои панҷоҳ гуфта, ашъори ондавраинаи вай оддӣ ва ба шеъри ондавраинаи тоҷик ҳамсон буданд. Вале соли 1953 шоир дар маҷаллаи «Садои Шарқ» як силсила шеърҳояшро чоп кард, ки диққати аҳли адаб, аз ҷумла мунаққидонро ба худ ҷалб кард. Баъдтар маҷмӯаи нахустини ӯ «Шарора» чоп шуд, ки гувоҳи эҳсоси қавии иҷтимоии шоир буд. Дар ин маҷмӯа монанди «Кӯҳи маъшуқ», «Иди бахт», «Оташ» шеърҳое буданд, ки дар онҳо оҳанги иҷтимоӣ бо ҳиссиёти шоир омехта, самимӣ ва пуртаъсир садо медоданд.

Беҳтарин шеърҳояшро дар ин давра шоир дар заминаи хаёл ва тасаввури шоирона гуфтааст. Вале хаёлу тасаввури ӯ аз воқеаият ҷудо набуда, бештар бо тасаввуроти халқ омехтааст. Масалан, дар шеъри «Иди бахт» ҳамин тасаввурот дар як замони дуру дароз тасвир шуда, зебоии иди Наврӯз ва тасаввуроту меҳри халқро ба ин ид ифода кардааст. Ин ид, ки дар тасаввури халқ зебову дилангез аст, дар шеър ҳам зебост. Шоир тасвири зебои онро дар шеъраш мекашад. Симои халқ бо тасвирҳои духтари он, ки нигаҳбони хонадон ва латифтарин маҳсули офариниш аст, комил мешавад. Ба ин сатрҳои зебову самимии шоир диққат диҳед:

> Духтари тоҷик он шаб сурмаи тар мекашид,
> Бофта мӯйи қаторӣ, шона бар сар мекашид.
> То ки ёбад бахтро.
> Ҳеҷ чизаш ҳам набошад аз либосу молу ҳол,
> Ё ба рӯйи ҷабҳаи пурнур меангошт хол,
> Ё ки марҷон мекашид.
> Ё ки якто тугма андар пеши бар медӯхт ӯ,
> Оташи Наврӯзро то субҳидам месӯхт ӯ.
> Буд ин кори савоб.

Дар ибтидо фазилати шоирии Мӯъмин Қаноат аз он иборат буд, ки вай бо ташбеҳу истиора, яъне санъаткорона шеър мегуфт. Суханаш ширадор буд ва аз шеърҳои хушку берӯҳ фарқ мекард. Ана бо ҳамин гуна сабк ва чеҳраи хоси шоирӣ Мӯъмин Қаноат ба шеъри тоҷикӣ қадам гузошт.

Солҳои шаст пурмаҳсултарин давраи эҷодиёти шоир буда, ӯ дар қатори шеърҳои дилангези лирикӣ, достонҳои «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Китобҳои захмин», «Суруши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман», «Гаҳвораи Сино» ва «Ситораи исмат»-ро офарид.

Мунаққидон ба ҳамаи ин достонҳо баҳои баланд дода, онҳоро «ифтихори назми Тоҷикистон» (Гулназар) шинохтаанд.

Вале ин сухан чунин маънӣ надорад, ки шеъри лирикӣ ё худ умуман шеър дар эҷодиёти шоир мақоми сазовор надорад. Баръакс, бесабаб Гулназар нагуфтааст, ки «ҳамеша дили ман кашоли шеърҳои хурди Мӯъмин Қаноатанд». Шеърҳои шоир мазмун ва мундариҷаи гуногун дошта, аксаран санъаткорона гуфта шудаанд.

Бисёр мавзӯъҳое ҳастанд, ки барои адабиёт умумианд. Мӯъмин Қаноат ҳам мисли дигарон дар мавзӯъҳои ватан, модар, мақоми шахсиятҳои таърихӣ ва ғайра шеър гуфтааст. Масалан, шоир дар аввалҳои эҷодиёташ дар бораи зани тоҷик мегӯяд:

Чанд бар гардани дил зулфи сиёҳи ту каманд,
Лона то кай биниҳад табъ ба он сарви баланд?
...Ман туро ин саҳарӣ дар сари майдон дидам,
Бо камарбанду сару кори далерон дидам.
Дасту по гум шуда дар назди ту мардон дидам,
Хештанро ба тамошои ту ҳайрон дидам.

Албатта ин оҳанг пештар ҳам ба воситаи шеърҳои Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ дар шеъри тоҷикӣ садо дода буд. Вале Мӯъмин Қаноат ҷиҳати фалсафии ин мавзӯъро ривоҷ дода, зан ва қаҳрамонӣ моҳияти фалсафии шеърашро ташкил карданд. Назари шоир дар шеъраш ба ин мавзӯъ тоза аст. Модар аз кор омада, кӯдакашро ба канор мегирад ва ин лавҳа дар тасвири шоир зиндаву басо дилангез аст.

Ба ифодаи мунаққид Аскар Ҳаким «шеъри «Модар» бо тамкин ва оромие суруда шуда, ҳайкалҳои атиқаро ба ёд меорад, ки ҳолати онҳоро одатан оромии бузургворона мегӯянд. Дар ҳақиқат дар ҳайкалҳои атиқа оромии бузургворона ҳаст». Дар ин шеъри шоири тоҷик низ бузургии модар суруда мешавад. Модаре, ки парварандаи ҳаёт асту тифли замонаро ширмаст мекунад. Симои модар ин шеъри орому бузургворона аст:

Модар зи кор омада, гӯё зи корзор,
Аз нав гирифт кӯдаки муштоқро канор.
Биншаст рӯйи сабзаҳо – зад такя бар замин,
Чинҳои рӯзи рафтаро бикшод аз забон...
Шири сафед мемакад он тифл бо нишот,
Оби ҳаёт мечашад аз чашмаи ҳаёт.

Мундариҷаи шеърҳои дар ин мавзӯъ навиштаи шоирро мавзӯи қаҳрамонии зан ҳам дар ҳаёти оддӣ ва ҳаррӯзаи ӯ – кор кардан, фарзанд тарбия кардан, пахта чидан ва ҳам воқеаҳои дар ҳаёти зан фавқулодда

аз қабили кайҳоннавардӣ, барои ҳифзи сулҳ ва номуси Ватан ҷангидан ва ғайра ташкил мекунад. Симои зан дар ин гуна шеърҳои шоир бо тамкину оромӣ, бе дабдабаю ҳангома ва шӯҳратхоҳӣ нишон дода шудааст.

Мазмунҳои оддии меҳнатро шоир дар шеъраш истифода мекард ва шеъри ҷолиб мегуфт. Масалан, дар шеъри «Бузургӣ ва хоксорӣ» шеърияти ҳақиқии меҳнати пахтачиндухтар тасвир шудааст. Шоир дар ин шеър шеърияти меҳнати пахтачиндухтарро кашф кардааст, ки нисбат ба ҳамаи суханбофиҳои ошиқона ба хонанда бештар таъсир мекунанд:

Ту дар ин саҳро миёни пахтазор,
На баландию на шӯҳрат кофтӣ,
Кор кардӣ аз дилу ҷон, хоҳарам,
Аз ҳамин пастӣ баландӣ ёфтӣ.

Дар ин шеър танҳо ифодаи «хоҳарам» саршори меҳрубониву самимият ва дилсӯзию тасаннои шоир аст, ки ба дили хонанда низ менишинад. Ин гуна шеърҳоро, ки меҳнати душвори инсонро бо муҳаббат васф кардаанд, мо дар эҷодиёти шоир бисёр дучор мешавем. Вале дар аввалин силсилаи шеърҳои ӯ «Ситораҳои замин» ин мавзӯъ ба воситаи тасвири симои зан оҳанг ва моҳияти нав мегирад. Симои зани меҳнаткаш, ҳаётофарин ва дудмони хонадон дар ин силсила ҳам зебо ва ҳам бузургу қаҳрамон аст. Барои шоир дар ин қабил шеърҳо зебоӣ ва бузургӣ мафҳумҳои ҳаммаъно буда, ҳамаи тасвирҳои зебо ва нигориши зебоӣ дар ашъори ӯ талқини ҳусни ботинист. Зебоӣ дар шеъри ӯ ҳусни боназокати зан, зебоии дил, орзую умед, кӯшишу мақсадҳо ва шуҷоату қаҳрамонӣ буда, дунё бо он барҷост.

Мӯъмин Қаноат гоҳо дар мусоҳибаву мақолаҳояш достонҳояшро таъриф карда, аз шеърҳояш боло донистааст. Вале ин пайбурди шоирро мо қабул карда наметавонем. Зеро шеърҳои ӯ дар ҷойи худ нотакроранд. Аз шеъри «Пири гулфурӯшон» сар карда, то «Обшор»-у «Гули бодом» хонданиву дар ёд гирифтанианд. Кайфиятеро, ки дар шеъри «Обшор» ҳаст, наметавон фаромӯш кард. Ин шеърест дилангезу ёдпарвар дар бораи бачагӣ, ишқи ёр, ишқи зиндагӣ, муҳаббат ва самимияти инсон ба зиндагӣ ва табиат:

Эй обшор!
Оинаи беғубори ман,
Ёри замони кӯдакии беқарори ман,
Аз рӯзҳои рафта туйӣ ёдгори ман,

Рӯзе, ки чун ду соҳили дарё ҷудо шудем,
Дарё садо намудаву мо бесадо шудем,
Дар торҳои шаршара ҳар ду наво шудем.

Дар шеъри «Гули бодом» дави асп ва майдони фарох басо шоирона тасвир шуда, ҳаёти зебо, вале даргузари инсон бо он алоқаманд карда шудааст:

Суми мармар, думи мухпар,
Пари кафтар, дави сарсар,
Миёне дастаи ханҷар,
Чӣ гардан, гардани духтар!
Аҷаб хушрӯю бозигар.
Гули бодом!

Дар мавзӯи ракс ва раққоса шоирон бисёр шеърҳо гуфтаанд. Вале дар шеъри «Марав қуи сафеди ман» Мӯъмин Қаноат образи зебо ва нотакрори раққосаро офарид.

Навоҳо об мегардад,
Ба рӯйи саҳна мерезад,
Садо аз мавҷҳои реза мехезад,
Ба нармӣ қуи зебое
Ба рӯйи мавҷ обӣ шуд,
Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.

Ҳунари шоирии Мӯъмин Қаноат аз шеъре то шеъре камол ёфта, суханаш усутвору мувофиқ, хаёлаш нозуку рангин мегардад, забони шеъраш такмил меёбад. Дар даҳ-понздаҳ соли аввали эҷодиёташ намунаи беҳтарини шеъри тоҷикиро гуфт. Ӯ дар ашъори лирикиаш пеш аз ҳама шоири тасвиркор аст. Маҳз ҳамин хусусият шеъри ӯро маҳбуби хонанда сохтааст. Ин гуна шеърҳоро шоир дар шакл ва вазнҳои гуногун гуфта, навҷӯйиаш дар шакл низ равшан ба назар мерасад.

Ҳамин кӯшиши навҷӯӣ ӯро ба гуфтани силсилаи шеърҳо водошт, ки «Ситораҳои замин», «Силсилаҳои Карпат» ва дертар «Созҳои Шероз» намунаи онҳост. Чунон ки ишора кардем, дар силсилаи «Ситораҳои замин» шоир дар шаъни зан, модар сухани нав гуфт. Қадри инсонии онро ба шеър овард. Дар «Силсилаҳои Карпат» таассуроти қаҳрамони лирикӣ тамошои сарзамини Карпат, манзараҳои зебои он диёр ва симои мардуми он ифода шудааст. Вале дар миёни силсилашеърҳои шоир

«Созҳои Шероз» мавқеи муҳим дорад. Камолоти маънавӣ, майл ва иштиёқи ӯро ба таърих зиёд карда, дар шеъри «Тахти Ҷамшед» шакли аниқ мегирад. На фақат дар ин шеър, балки дар шеърҳои дигари ин силсила низ шоир хонандаро бо дорой ва ифтихороти таърихии халқаш ошно месозад.

«Созҳои Шероз» таасуроти шахсест, ки бо Эрон пайванди рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ дорад, гузаштаю имрӯзи ин кишвар барояш азиз аст. Дар ин шеърҳо аз гузаштаи ниёгони мо, пайванди халқҳо ёд мешавад:

Забон як, достон як, рӯю мӯ – якранг,
Ба чашми ҷавҳарӣ ҳастем аз як санг.

Ин пайванд умуман дар шеъри Мӯъмин Қаноат на танҳо фақат аз «себи сурхи самарқандию ниҳоли шерозист», балки пеш аз ҳама аз Ҳофиз ва дигар бузургони сухан аст, ки миёни тоҷикону форсҳо баробар азизу мӯътабар ҳастанд.

Шоир Мӯъмин Қаноат дар жанрҳои суннатӣ низ бо маҳорати калон шеър эҷод кардааст. Маснавию ғазалҳои ӯ хазинаи илҳом буда, бо таровати худ ба чаман шабоҳат дорад. Мустазод, маснавӣ, рубоӣ, қитъа, мураббаъ ва мусалласҳои ӯ дар қолабҳои нави шеърӣ суруда шудаанд.

Мӯъмин Қаноатро метавон аз бузургтарин шоирони достонсарои адабиёти имрӯзаи тоҷик донист. Достонҳои «Мавҷҳои Днепр», «Достони оташ», «Китобҳои захмин», «Суруши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман», «Гаҳвораи Сино» ва «Ситораи Исмат» бо мазмуну мундариҷа ва услуби баён на фақат дар эҷодиёти адиб, балки умуман дар адабиёти тоҷик ҳодисаи наванд.

«Мавҷҳои Днепр», агар достони шогирдонаи ӯро, ки соли 1957 таълиф шудааст ва «Шоир ва шоҳ» ном дорад, як сӯ гузорем, аввалин достони шоир аст. Ин достон лирикӣ буда, шоир кӯшидааст, ки дар он образи маънавии кишвари Украин, таърих ва имрӯзи онро тасвир кунад. Ғояи дӯстии халқҳо мағз андар мағзи достонро фаро мегирад. Достон бо нигоҳи аввал аз шеърҳои алоҳида иборат буда, ҳар як шеър як масъалаи бо ин кишвар алоқамандро дар бар мегирад. Рӯди Днепр дар достон рамзи тавоноии халқи Украин аст. Шевченко рамзи чеҳраи маънавии ин кишвар. Дар достон мавҷи ғаллазорон, оҳанги лира ва суруди духтарони зебо, ҷанг ва қисмати тоҷикписарон ҳама дар якҷоягӣ панорамаи таърихи Украина мебошанд. Ин асари шоир инкишофи мазмун ва мундариҷаи «Силсилаҳои Карпат» аст. «Мавҷҳои Днепр» низ та-

ассуроти шоирро аз сафари Украина фаро гирифта, аз шеърҳои алоҳида иборат мебошад, ки ба воситаи образи шеърии «мавҷ» ба ҳам пайванд шудааст. Достон аз муроҷиати шоир ба Днепр оғоз шуда, пас аз ҳар шеъри он аз гузашта ва имрӯзи кишвари Украин ёд шудааст. Шеъри «Мавҷҳои бародарӣ», ки бобе аз достон аст, аз дилчасптарин намунаи шеъри имрӯзи тоҷик буда, ғояи умумиинсонии бародариву ваҳдатро хеле мӯъҷаз ифода мекунад.

Дертар ӯ «Достони оташ»-ро навишт, ки мавзӯи он корномаи барқиёни Норак ва ғояи достон ғалабаи нур бо зулмат мебошад. «Достони оташ» чун достони лирикӣ сужети ягона надошта, аз бобҳо ё шеърҳои алоҳида иборат аст ва дар ин бобҳо ғояи умумии достон, мақсади муаллиф бо ҳам мепайвандад. Ҳар боб давоми мантиқии боби дигар буда, мазмунан мустақил низ мебошанд. Достон аз воқеаҳои замони гуногун, аз ҷумла аз замони шӯриши Восеъ то бунёди дастгоҳи нурофарини Норакро фаро мегирад. «Достони оташ» аз назари шаклу услуб, банду баст ва баён низ ҷолиб аст. Барои мисол ба ин пора диққат диҳед:

Мепарид оташ зи наъли аспҳо,
Ҳар садо дар кӯҳ мешуд даҳ садо.
Гӯӣ дар ин роҳ даҳ фавҷи дигар
Буд онҳоро ниҳонӣ дар сафар,
Найзаҳо чун шӯълаҳо месӯхтанд,
Шомро оҳиста меафрӯхтанд.

Дар байти охир тасвир мӯъҷаз буда, маънии амиқеро низ ифода мекунад. Яъне, дар тасаввури шоир шом ҳам бегоҳ, ҳам шоми зиндагист, ки аз расидани найзаи инқилобиён равшан мешавад. Ин гуна тасвирҳои пурмаънӣ дар достон зиёд аст.

Мавзӯи ҷанг ва ситоиши рӯҳи тавонои халқ дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат мавқеи муҳим дорад. Вай дар шеърҳои ҷудогона, аз ҷумла «Гули бодом», «Хоби қаҳрамон» ва достони «Мавҷҳои Днепр» ба тасвири ин мавзӯъ даст зада буд. Махсусан шеъри «Гули бодом» аз беҳтарин шеърҳои шоир дар ин боб аст. Ин шеър арзи муҳаббати ҷанговари савора ба аспи худ – Гули Бодом мебошад. Ин аспи хушрӯю бозигар рӯзҳои сахтро аз сар гузаронида, аз офатҳои ҷанг гузашта, ниҳоят ба хуни хеш ғарқ мешавад. Он чи ки аз сари асп гузаштааст табиист, ки аз сари савораи он низ мегузарад. Ба ин восита шоир аз қаҳрамонии ҷанговар ҳарфе нагуфта, рӯҳи бешикаст ва фидокориҳои ӯро нишон медиҳад.

Ҷанг ва ғолибияти рӯҳи халқ дар он ғояи асосии асарҳои дар ин мавзӯъ эҷодкардаи шоир аст. Ин мавзӯъро ӯ дар балладаи «Китобҳои захмин» давом дода, мавзӯи ҷанг ва ҷанговарро аз назари дигар баён мекунад. Мазмуни мухтасари асар ин аст, ки муаллим ба ҷанг рафта, аз шаҳри Ленинград ба шогирдони деҳи дурафтодаи кӯҳистони тоҷик китоб мефиристад. Ин асари шоир гуфтори шоирона дар боби ваҳдати маънавии халқҳо мебошад.

Байту мисраъҳои пуртасвир вазъи замонаи ҷанг ва ҳолати рӯҳии қаҳрамонони хурдсоли достонро хеле барҷаста ифода карда, гувоҳи маҳорати шоиранд. Масалан:

Садои занги мактаб ин саҳар дар кӯҳ мепечид,
Навои зиндагӣ дар қуллаи андӯҳ мепечид.

Ё

Садои занги мактаб ногаҳ чун садои тирборон шуд,
Дар ин ҷо дарс поён шуд.

байти зер –

Сабақро чун табақ аз гушнагӣ дидем,
Алифро бо алаф хӯрдему сабзидем.

фаҳми талабаи замони ҷангро ифода карда, аз ҳама муҳимаш рӯҳияи бачагони он замонро таъсирбахш нишон медиҳад. Дар ин байт калимаҳои ҳамовоз – таҷнис мақсади шоирро хеле равшан ифода кардаанд. Номи асар – «Китобҳои захмин» низ ифодаи образнок ва сермаънист.

Асарҳои дар мавзӯи ҷанг навиштаи шоир барои эҷоди достони машҳури ӯ «Сурӯши Сталинград» замина фароҳам овардаанд. Ин асарро муҳаққиқон достони лироэпикӣ гуфтаанд. Он аз ҷиҳати ҳаҷм, доманаи замону макони воқеаҳо, сужети мураккабу мукаммал, банду басти қавӣ ва силсилаи образҳои мусбату манфӣ ҳам дар эҷодиёти муаллиф ва ҳам дар назми имрӯзаи тоҷик ҷойгоҳи хос дорад. Мавзӯи достонро ҳаёт ва марг ва ё нанг ва наҷот номидан мумкин аст. Калимаи сурӯш образи шеърӣ буда, мақсади муаллифро хеле равшан ифода мекунад. Сурӯшҳои достон садои фоҷиаи ҷонсӯз, садои қаҳрамонҳо, садои тифли ба дунё наомада, садои ҳаёт ва мамот аст. Ин сурӯш садоест, ки аз дили занҳо берун омада, маконҳою замонҳоро фаро мегирад. Дар достон шоир бузургтарин муҳорибаи ҷанги ҷаҳонӣ – қалъаҷанги Сталинградро тасвир мекунад.

Сурӯши аввали достон сурӯши як пораи замин Сталинград аст, ки аз номи тамоми кураи арз сухан мегӯяд. Азбаски қисмати сайёра дар ҳамин як пора замин ҳал мешуд шоир имкон дошт тақдири ҷаҳонро бо ҳамин пораи хок вобаста донад.

Агар дар бобҳои аввал Замин ва Дарё маркази фоҷиа бошанд, дар боби сеюм маллоҳи Баҳри Сиёҳ маркази фоҷиа аст. Дар ин боб фоҷиаи ҷанг дар сурати инсон ифода мешавад. Ин саҳна хислати қаҳрамонони асарро ошкор мекунад ва мо мебинем, ки шоир қаҳрамонони Сталинградро дар лаҳзаҳое, ки на фақат ҷон нисор кардани оддӣ, балки ҷонфидоӣ ва қаҳрамониро тақозо доранд, тасвир мекунад. Дар лаҳзаҳои душвор қаҳрамонони шоир сифатҳои инсониашонро зоҳир мекунанд. Масалан, Михаил Паникаху, Матвей Путилов зиракӣ ва мардонагӣ нишон дода, ҷовидонӣ мешаванд. Дар достон ду қувва – ҳаёт ва марг даст ба гиребонанд. Шоир бо мисолҳо пирӯзии ҳаётро бар марг нишон медиҳад. Масалан, дар ақибгоҳ тифли ба дунё омадаи Робиа мемирад, вале дар Сталинград тифле ба дунё меояд, ки ҳама ӯро Зина гӯянд, шоир Зиндагӣ меномад. Зина рамзи зиндагӣ, пирӯзии ҳаёт бар мамот аст. Образи Аҳмад низ ҳамин ғояро тақвият бахшида, барои пирӯзии ҳаёт ва хотимаи ҷанг мубориза мекунад.

Дар достон образҳои ташхисонидашудаи Замину Осмон, рӯду дарё бори маънӣ мекашанд, Замин рамзи офаридгор – модар аст ва ин хитоби замин овои дили модарон аст.

... Кунун гаҳвораам,
Аз тундгардӣ чаппагардонам,
Ба зери бори ман, ҷон медиҳад тифлам,
Бубардоред аз ҷоям!
Мадад, эй зодагони ман!
Ҳазар, эй қавмҳои ҷонситони ман –
Аз он рӯзе, ки ман бетифл меҷунбам!..

Модар образи ҷомеъи достон буда, асар бо монологи Модари Замин ва бо сухани Модари Инсон анҷом меёбад.

Мӯъмин Қаноат баъд аз достони «Исми ман – Тоҷикистон», ки мазмуни он таърихи созандагии кишвар аст, достони «Гаҳвораи Сино» навиштааст, ки таърихиву иҷтимоӣ мебошад. Достон дар ситоиши хирад ва тавоноии маънавии донишманди беназири тоҷик Абӯалӣ ибни Синост. Достон даҳ мушкилот дошта, дар ҳалли он Сино аз рӯйи тавоноии ақлӣ бо ҷаҳолату ҳамоқати инсонӣ мубориза мекунад. Дар боби

охири асар «Ҳалли мушкилот» шоир масъала мегузорад, ки муборизае, ки Сино бар зидди ҷаҳлу ҷаҳолат мебурд, ҳанӯз поён наёфтааст.

Достони «Гаҳвораи Сино» нишонаи муносибати сифатан нави шоир ба таърихи халқи худ, пайвастагии рӯҳониву маънавӣ ва худшиносиву камолоти маънавии вай мебошад. Ба ифодаи дигар, маърифати таърих дар ин достони шоир мақсади худшиносӣ дорад. Ғояи асосии достон ба воситаи нақши Сино баён шудааст. Сино дар достон посдори ақлу хирад, сулҳу сафо, адолату ростист. Ин ғояро ҳар боби достон таъкид мекунад. Достон саҳнаҳои зиндагиномаи Синоро дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва тахайюли бадеӣ зинда месозад. Масалан, дар мушкилоти як ду табиби рӯҳшинос дарди бедавои Нӯҳи Сомониро ба умеде даво мекунанд, ки шоҳ аз рӯйи хирад ба идораи мамлакат пардозад ва халқро хушрӯзу кишварро обод созад. Вале, баръакс шоҳ ватанхориву мардумозорӣ кард. Ва хулосаи донишманд аз ин бозии ҷаҳони гузарон ин аст:

Раҳи бозомаду рафтан,
Раҳи бедорию хуфтан
Раҳи вайронӣ, ободӣ
Раҳи инсофу бедодӣ
Амир аз роҳи охир рафт, вовайло
Бухоророю аҳволи Бухороро!

Маънии асосии достон ин аст: ҷаҳонро нури хирад ва чашми ақли инсонӣ равшан медорад. Агар чашмҳо биною ақлҳо кӯр бошанд ва ҷаҳлу нодонӣ маснаднишин бошад, замин бепоя ва зиндагӣ бе суд хоҳад шуд, низоми амну осоиш аз байн хоҳад рафт. Меҳвари андешаи Сино низ ҳамин маъниҳост. Бинобар ин ҳам табиист, ки шоир қаҳрамонашро дар душвортарин ҳолату вазъиятҳо месанҷад, аз «пули сирот» мегузаронад. На шикаст хӯрдани давлати пуриқтидори тоҷикон, на маҳрумию оворагардиҳо, на борҳо бо марг рӯ ба рӯ шудан – ҳеҷ чиз рӯҳи Синоро шикаста натавонист. Ӯ дар муборизаҳо обутоб ёфта, усули дармони иллатҳои замонро меҷӯяд. Вале, ба назари ӯ чун Нӯҳи Сомонӣ аз роҳи адлу инсоф берун рафта, дарди ӯ бедавост:

Фарри шоҳон чун зи мардон рафтааст,
Рустам аз майдон ба кайҳон рафтааст...

Ё

Сафар кард Рустам аз ин достон,
Навишта бад-ин хок аз бостон...

Сино дар тасвири Мӯъмин Қаноат як инсони зинда ва ҳолшинос ба қалам омадааст.

Дар достон Бухоро, ҳамон Бухорое, ки гаҳвораи тамаддуни тоҷик буд, бо меҳру муҳаббати фарзандӣ тасвир ёфтааст. Аз ҳар сатри достон меҳру муҳаббати беҳади Сино ба Бухорои азизу дилбандаш эҳсос мешавад. Ба ин маънӣ ин достонро муҳаббатномаи шоир ба Бухоро ва фарзандони барӯманди он низ мебояд донист.

Зиҳӣ гаҳвораҷунбоне, зиҳӣ инсони пурдоне,
Зиҳӣ шаҳри Бухоро бо чунин хуршеди тобоне.

Мӯъмин Қаноат рӯзгори пурмаҷрои ин донишманди фарзонаро аз Бухоро то Алванд фаро гирифта, кӯшиш ва ҷонфидоии Бӯалиро барои нашри маърифат тасвир карда, сиёсатбозиҳо ва ҷангталабиҳои ҳокимони замонро аз қарохониҳову ғазнавиҳо сар карда, то манфиатхоҳони Вашингтон маҳкум месозад ва ба достонаш рӯҳи замонӣ мебахшад. Достон пайванди ҷовидонаи халқро бо таърих, забон ва фарҳанги гузаштаю имрӯзааш таъкид мекунад ва мисраъҳои зерини шоир дар таъкиди ҳамин маънист.

Сароғозат Бухорою саровози ту Алванд аст,
Миёни ин ду манзил банд-банд, пайванд-пайванд аст,
Яке пайванди ҷисмонӣ,
Яке пайванди рӯҳонӣ.

Дар бораи тарзи истифодаи шоир аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва ба воситаи тахайюли бадеӣ офаридани образи Сино далели қавӣ чунин гуфтаи Мӯъмин Қаноат аст: «Аз ҳама сарчашмаҳои омӯхташуда танҳо ду-се нуқтаи шеър мешудагиро гирифтам. Баъд аз ишорати хушки таърихӣ боқимондаашро сохтан лозим омад. Масалан, баҳси Ибни Сино бо Майхониро худ бофтам. Мукотибаи таърихи Бӯалӣ бо Шайх Абӯсаид ба даст расид, ки ба назарам афсонавӣ мерасад. Аз ин рӯ ҳуҷҷатҳои дастрасшуда аксар сарфи назар шуданд. Бо гумони дил ва далели ақл бисёр саҳнаҳоро сохтан лозим омад ва ба ин масъала аз рӯйи назарияи идроки Сино ва идроки ирфонӣ наздик шудам. Чист, ки Синоро бо имрӯз васл мекунад. Онро аввал пайдо намуда, қариб аз ҳама ривоятҳо ва муҳобот тоза кардам».

Шоир дар роҳи офаридани ин достон ба тахайюли бадеӣ ва воқеияти ҳаёти донишманди бузург такя карда, симои ҷовидонаи ӯро офаридааст. Ин достон ифодагари хусусиятҳои асили ҳунари шоирии М. Қаноат ме-

бошад, ки лирикаи дилошӯб, дарки эпикии воқеият, забони образноку классикона аз ҷумлаи он аст.

Мӯъмин Қаноат дар тарҷума низ хеле ҳунарманд буда, асарҳои А.С. Пушкин, Вилям Шекспир, Фридрих Шиллер, Генрих Гейне, Адам Митскевич, Робиндронат Такур, Мӯсо Ҷалил барин адибони шинохтаи ҷаҳонро бо маҳорати баланд тарҷума кардааст. Дар тарҷумаҳои худ ӯ кӯшидааст, ки табиати шеъру забони тоҷикиро нигоҳ дорад. Чанд мисраи шеъри «Гарди хок»-и шоири барҷастаи ҳинд Робиндронат Такурро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки хеле муассир ва ҳаяҷоновар ба риштаи тарҷума кашида шудааст:

Ҳам рӯйи замину ҳам дили кӯҳ зебост,
Ҳам хоки сияҳ, ки дояи неъматҳост.
З-он пеш, ки оташам мирад, сард шавам,
Дар назди ғубори ин замин гард шавам...

Шодам, ки аз ин ҳаёти бигзаштаи ман
Як ҷавҳари асл ҷовидон мемонад.
Ман ҷинси абадият шавам, хок шавам,
Як гарди замини ҷовиди пок шавам.

Мӯъмин Қаноат бо беҳтарин шеърҳои лирикиаш, бо андешаҳое, ки арзиши фаровони ахлоқӣ ва башарӣ доранд, дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мақоми хос дорад. Ӯ аз тавонотарин шоири достонсарои тоҷик аст. Достонҳои ӯ бо арзиши ахлоқӣ, маънавӣ ва ҳунариашон барои наслҳо хидмат хоҳанд кард.

Мӯъмин Қаноат соли 2018 дар шаҳри Душанбе аз олам чашм пӯшидааст.

## Обшор

Эй обшор!
Оинаи беғубори ман,
Ёри замони кӯдакии беқарори ман,
Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман.

Оҳангҳои кӯҳнаро такрор мекунӣ,
Ёди бахобрафтаро бедор мекунӣ,
Рози маро ба лафзи худ изҳор мекунӣ.

Дорӣ ба ёд лаҳзае, марғуб манзаре,
К-омад ба об субҳидам он куртапарпарӣ,
Пойи бараҳна рӯйи гул он ҷӯҷаи парӣ?

Мӯйи сиёҳ бар қади мавзун чу обшор,
Чашме чу чашмаи сафо, рӯе чу навбаҳор,
Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор.

Гулхандаҳо мекарду гул дар об мефиканд,
Тифле ба об гавҳари ноёб мефиканд,
Сӯзе ба ҷони баччаи бетоб мефиканд.

Мерафту ранги равнақи гулзор мешикаст,
Меомаду аз омадаш хуммор мешикаст,
Лабташнагии ташнаи дидор мешикаст.

Он духтарак кӣ буд маро?
Балки хоҳарам,
Ӯ дар баҳори наврасӣ ӯ буд дилбарам?
Ӯ чун кабӯтари сафед ӯ буд ҳампарам?

Ҳар кас, ки буд,
Ӯ маро аз ҷон азиз буд,
Ҷонам зи ҷоми шарбати ӯ рез-рез буд...

## Ба ҳаводори забони тоҷикӣ

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо!

## Замин

Маро гаҳвора мегӯянд,
Чун гаҳвораи заррин,
Вале ман модари бечораам, хокам,
Агар тифле ба рӯям по ниҳад, шодам,
Чу модар дар азо бо синаи чокам,
Напиндоред бедардам, кафи хокам,
Ба даври хеш чун сайёра ҷунбидам,
Ба ҳар як хона чун гаҳвора ҷунбидам,
Ба рӯзи нек ҳамчун тифл хандидам.
Ба рӯзи бад чу марди пир ларзидам,
Баҳорон гул шудам,
Аз хеш рӯйидам.
Ба умеде, ки бӯедам,
Ғубори раҳ шудам дар роҳи дилёбӣ.
Ба умеде, ки пӯедам.
Ҷаҳон гардеду рози якдигар донед,
Маро модар,
Шумо, эй қавмҳо, худро писар хонед.
Чу модар аз бисотам
Бар шумо эъҷоз бахшидам,
Зи ҷазби худ гузаштам,
Бар шумо парвоз бахшидам,
Ки боре модари ғамхор гӯедам.

**Савол ва супориш:**

1. Сарнавишти инсонӣ ва шоирии М. Қаноатро шарҳ диҳед.
2. Мавзӯъ ва мундариҷаи аввалин шеърҳои шоирро бигӯед.
3. Мавзӯи зан дар эҷодиёти шоир чӣ мақом дорад?
4. Жанрҳои асосии эҷодиёти шоир кадомҳоянд?
5. Мақоми достонро дар эҷодиёти шоир муайян кунед.
6. Ғояи аввалин достони шоир чист?
7. Дар мавзӯи ҷанг ва ҷанговар чӣ гуна асарҳо навиштааст?
8. Ғояи асосии достони «Сурӯши Сталинград» чист?
9. Достони таърихию иҷтимоии шоир кадом аст?
10. Дар достони «Гаҳвораи Сино» чӣ гуна ғояҳо ифода шудааст?
11. Шеърҳои «Обшор» ва «Ба ҳаводори забони модарӣ» -ро аз ёд кунед.
12. Таассуротатонро пас аз хондани достони «Гаҳвораи Сино» нависед.



# ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

## (1928—1989)

Фазлиддин Муҳаммадиев аз нависандагони маъруф ва борикбини тоҷик буда, 15 июни соли 1928 дар шаҳри Самарқанд дар хонаводаи сарроф ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар ҳамин шаҳр хатм карда, муддате дар зодгоҳаш ҳисобчии колхоз шуда кор мекунад. Баъд ба Душанбе меояд ва дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» («Тоҷикистони Советӣ») ба сифати ходими адабӣ адои вазифа менамояд.

Сипас дар мактаби марказии комсомоли шаҳри Москва таҳсил карда, баъди хатми он дар идораҳои рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон кор мекунад. Пас аз анҷоми Институти адабии ба номи Горкийи Москва дар вазифаҳои масъули муҳаррири маҷаллаи «Хорпуштак», сармуҳаррири нашриёти «Ирфон», мудири шӯъбаи сарредаксияи «Энсиклопедияи тоҷик» иҷрои вазифа намудааст. Чанд сол дар вазифаи котиби правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кор кардааст. Соли 1989 дар натиҷаи ҳуҷуми гурӯҳи авбошон дар кӯчаи «Шараф»-и шаҳри Душанбе сахт маҷрӯҳ шуда, ҳангоми ҷарроҳӣ вафот кард.

Аввалин ҳикояву очеркҳои нависанда, аз ҷумла очеркҳои «Раиси нав», «Муҳоҷирон», «Дар роҳи нав» нимаи дуюми солҳои панҷоҳ нашр шудаанд. Нахустин маҷмӯаи очерк ва ҳикояҳои нависанда бо номи «Муҳоҷирон» соли 1958 чоп мешавад. Баъд паси ҳам повестҳои «Тири хокхӯрда», «Одамони кӯҳна» ва қиссаи воқеии «Зайнаббибӣ» нашр мешаванд. Нависанда барои повести «Дар он дунё» сазовори мукофоти ба номи Рӯдакӣ мегардад.

Фазлиддин Муҳаммадиев тарҷумони моҳир буда, асарҳои зиёде, аз ҷумла романи А. Стилл «Зарбаи аввал», М. Садовян «Ҷазираи гулҳо», песаи Н. Погодин «Достони саввуми муассир», повестҳои Чингиз Айтматов «Ҷамила», «Алвидоъ Гулсарӣ» ва романи ӯ «Рӯзи аз қарн ҳам дароз»-ро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Вай муаллифи мазҳакаи «Охи-

рин арӯсии Амиралмӯъминин» мебошад, ки дар театрҳо бо муваффақият намоиш дода шудааст.

**Эҷодиёти бадеии** Фазлиддин Муҳаммадиев бо очеркҳои «Раиси нав» ва «Фаттоҳ ва Музаффар» сар мешавад. Нависанда дар ин очеркҳояш доир ба муаммоҳои рӯзгор, қисмати одаму олам, имрӯзу фардои кишвар андеша меронад. Муаллиф ба масъалаҳои муҳими хоҷагию иқтисодӣ дахл карда, ахлоқи инсонро дар заминаи муносибатҳои хоҷагӣ ва робитаҳои инсонӣ мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Очеркҳои ӯ «ба эътибори шакли зоҳир ба ҳикояву повест боз ҳам наздиктар омадаанд» (М. Шукуров). Дар очеркҳояш нависанда бештар ба кушодани характер, хислат, рӯҳия ва ҷаҳоншиносии қаҳрамонон диққат додааст.

Баъди муваффақият пайдо кардани очеркҳои аввалинаш нависанда нахустин ҳикояҳояш «Мактуби дӯст» ва «Савдои умр»-ро нашр намуд, ки асоси онро зиддиятҳои характерҳо ва сифатҳои бемаърифатию бемаънавиятии қаҳрамонон ташкил медод. Дар ҳикояи «Мактуби дӯст» қаҳрамони ҳикоя Ҳайдарҷон ҷавони хоксор, пурбардошт ва меҳнаткаш ба тасвир омадааст. Аммо Сорохон хислати хуб надорад, вай мағрури ҳусну ҷамолаш аст. Ахлоқ ва сифатҳои ҳамидаи инсон дар назари нависанда аз ҳама муҳим мебошад. Қаҳрамони асосии ҳикоя Ҳабиб чашми Ҳайдарҷонро бо таҳқири Сорохон боз мекунад. Ҳабиб шахсест, ки ҳам таҳқиркунандагон ва ҳам ба таҳқир тоб меовардагиро нағз намебинад. Ҳабиб инсондӯст буда, қадри инсонро мешиносад.

Мазмуни асосии ҳикояи «Савдои умр» собитқадамии инсон дар роҳи мақсадҳои худ аст. Қаҳрамонони асосии ҳикоя Мурод ва Зӯҳро дар роҳи мақсадҳои худ устуворанд, вале хислати онҳо дигар-дигар аст: Зӯҳро собитқадаму суботкор, Мурод якраҳаю гарданшах. Хислати неки Зӯҳро Муродро ба роҳи дуруст ҳидоят кард. Мурод муомила ба одамонро бо таъсири Зӯҳро ёд гирифт.

Фазлиддин Муҳаммадиев аввал рӯзноманигор буд. Чунонки аз китоби ёддоштии ӯ «Писари газета» бармеояд, ин касб дар ташаккули истеъдоди нависандагиаш ёрии калон расонидааст. Муҳимтарин масъалаҳои иқтисоду фарҳанг ва ахлоқи муосирон маҳз дар ҳамин давра асоси мушоҳида ва таҳлили адиб қарор гирифтаанд. Ҷустуҷӯйи ҳақиқат ва нишон додани моҳияти неку бад масъалаи мавқеи инсонро дар эҷодиёти ӯ ба майдон овард. Нависанда аз мушоҳидаҳои рӯзноманигориаш ба чунин натиҷа расид, ки зиддиятҳои маънавию ахлоқии одамонро ба воситаи омӯзиши шариат ва аъмолу кирдори қаҳрамононаш нишон диҳад. Ҳаҷву мутоиба барои ин амал ба нависанда воситаи тасвири бадеӣ гар-

дид ва яке аз хусусиятҳои асосии эҷодиёташро муайян кард. Повести «Одамони кӯҳна»-ро адиб бо ҳамин усул эҷод кард. Яъне дар повест ҳаҷву мутоибаи нозук, зарофатписандӣ, хуштабъию хушгӯии нависанда барои кушодани хислати персонажҳо ёрии ҷиддӣ кардааст.

Дар повести «Одамони кӯҳна» нависанда сарнавишти ахлоқии пирони ҳафтодсолаву ҳаштодсола Аҳрорамак ва Зиёбоборо тасвир мекунад, ки зиндагии онҳо таҷассуми виҷдони пок, одамият ва собитқадамии инсон дар роҳи бунёдкорӣ ва ғояи олист. Ҳамаи иштирокчиёни повест аз Аҳрорамаку Зиёбобо сар карда то Иқболхолаю Заррина ва Оишахону Юсуф Сафозода мутоибаомез тасвир шудаанд. Нависанда бо лутфи тасвир хислати асосии қаҳрамононаашро ба хонанда шинос менамояд.

«Палатаи кунҷакӣ» романи аввалин ва ҷиддии Фазлиддин Муҳаммадиев буда, дар он масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқи инсон мавриди тасвир қарор гирифтааст. Сужети асар чунин аст, ки чор нафар тасодуфан дар беморхонае ҳампалата шудаанд ва миёни ҳам сӯҳбат доранд. Инҳо раиси комитети районии назорати халқ Носир Аббос, ветерани ҷанг Ивонамак (Иван Андреевич), коргар Каримҷонака ва оператори кино Иброҳимҷон Олимӣ. Инҳо ҳама бемори сактаи дил ҳастанд ва табиб Алихон Зардодхон дарди онҳоро тадқиқ кардан мехоҳад. Қаҳрамонони асосии роман Иброҳимҷони 27 солаест, ки аксаран хомӯшона ҳарфи мусоҳибонашро гӯш мекунад, бо онҳо баҳс намекунад, вале ҳамеша дар сари андеша аст.

Дар романи «Палатаи кунҷакӣ» нависанда ду хати сужетро нигоштааст. Яке саргузашти Иброҳимҷон ва Хиромон буда, қиссаи кору зиндагӣ ва ишқи онҳост. Дигаре амалу кирдор ва андешаронииҳои Носир Аббос, Иван-амак, Алихон ва Зардодхон ва дигарон мебошад, ки бештар хусусияти иҷтимоӣ дорад.

Қаҳрамонони роман шахсони андешаманд ва амалкунанда мебошанд. Онҳо барои ахлоқи пок ва идеалҳои олӣ аз худ гузаштаанд. Маҳз талошҳои ҳақҷӯйиву адолатхоҳиашон онҳоро бемору бистарӣ сохтааст. Фикри пешқадами онҳо дар ташаккули хислати қаҳрамони асосӣ – Иброҳимҷон роли муҳим бозидаанд. Ин аст, ки Иброҳимҷон ҳам ба масъалаҳои майда-чуйдаи рӯзгор, ҳам ба муқаррароти зиндагӣ ва ҳам ишқи созандаи Хиромон, ҳам ба масъалаҳои умуминсонӣ, ки ба амну осоиши башар алоқаманд аст, диққат медиҳад.

Нависанда дар «Палатаи кунҷакӣ» масъалаҳои ҷамъиятӣ, фаъолияти иҷтимоию ахлоқии инсонро ба миён гузошта, дар симои Носир Аббос

покии маънавият ва тозагии ақлу дили инсонро нишон медиҳад. Дар симои Хиромон покии ахлоқ ва андешаи зан, ки ҷамъиятро обод месозад, инъикос шудааст. Ивонамак тимсоли мазҳаби поки инсондӯстиву башарписандӣ мебошад. Нависанда ҳаққиқати зиндагиро равшан тасвир намуда, пардаро аз рӯйи қаллобону дуздон, дурӯягону маккорон боз мекунад. Моҳияти ахлоқию иҷтимоии ин романи адиб аз ҳамин иборат аст.

Повестҳои «Шоҳии япон» ва «Варта» охирин асарҳои калонҳаҷми нависанда мебошанд, ки ба масъалаҳои рӯз бахшида шудаанд. Дар ҳар ду повест ривоят аз забони шахси сеюм, аниқтараш муаллиф меравад. Нависанда бо чашми қаҳрамон ба атроф ва амалу кирдори қаҳрамонон менигарад. Аз ҳамин дидгоҳ муаллиф моҳияти назари қаҳрамони асосӣ Баракаро ба инсони муосир ва масъалаҳои ахлоқии муҳити тарбияи ҷавонон мекушояд.

Повести дигари нависанда «Варта»-ро мунаққидон «зинаи нав дар тафаккури бадеӣ ва эҷодиёти нависанда» (Ҷ. Бақозода) донистаанд. Мавзӯи асосии повест масъалаи масъулият ва мавқеи инсон дар ҷамъият мебошад, масъалаҳои дигар, аз қабили «муносибати коргару корфармо» бузургӣ ва пастии инсон, одамият ва ноодамӣ дар маркази диққати нависанда меистанд. Дар повест нависанда ба масъалаи муқобилати ашхоси худбину мансабхоҳ ва разил ва мардуми накӯкору фидоӣ ва ҳақталош эътибори ҷиддӣ додааст.

Дар повест қаҳрамони асосӣ Саидбек чанд соат дар вартаи ҳалокат меафтад. Ин варта дари андешаҳои қаҳрамонро ба хонанда мекушояд ва хонанда ба мароми зиндагии Саидбек шинос мешавад. Аз тасвири нависанда маълум мешавад, ки Саидбек инсони комил шахси меҳантдӯсту фидокор, шавҳар ва падари ҳалиму меҳрубон аст. Вале табиати ӯ мисли ҳар инсон сустиҳо дорад. Аслан одамиятро Саидбек аз бобояш Сангинбек мерос гирифтааст. Бобои бузургаш Саидбекро дар рӯҳи ахлоқи поки инсонӣ тарбия намуд, ӯро ба душвориҳои зиндагӣ тайёр кард. Сухани вопасини бобояш «мушкилиҳо дар зиндагӣ бисёранд, лекин мард будан лозим» шиори зиндагии набера гардид.

Дар асар мо симои Нигори ғамхору меҳрубон ва духтарчаи ӯ Райҳонакро мебинем, ки сабаби дилгармии Саидбек ба зиндагианд. Саидбек зан духтарчааш Райҳонакро дӯст медорад ва намехоҳад онҳо дар зиндагӣ хор шаванд. Нависанда дар муқобили образи Саидбек симои манфури Давидро офаридааст, ки рафтораш зидди ахлоқи ҷомеа мебошад.

Повести «Варта» ба шакли тозаю навоварона навишта шуда, паҳлӯҳои гуногуни олами бои зиндагии чанд наслро дар бар мегирад ва бешак, аҳамияти ахлоқию иҷтимоӣ дорад.

Ҳамин тавр асарҳои бадеии Ф. Муҳаммадиев бо образу типҳои мусбат, бо ахлоқи поку атвори одамони фидокор барои насли наврас намунаи ибрат хоҳанд буд. Нависанда дар баробари образу типҳои мусбат чеҳраи одамони манфурро хеле воқеӣ ва табиӣ меофарад. Аз ин ҷиҳат асарҳои ӯ «Палатаи кунҷакӣ», «Шоҳии япон», «Варта» дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи хос доранд. Асарҳои ӯ бо сабку услуби хос навишта шуда, навовариҳои ҷолиб доранд. Сарфи назар аз тамоюли сиёсие, ки нависандаро ба дарки бадеии воқеияти зиндагӣ побанд доштааст, ҷиҳатҳои ахлоқӣ ва инсонпарваронаи осори ӯ номи соҳибашонро зинда хоҳанд дошт.

## ПАЛАТАИ КУНҶАКӢ

*Порча аз роман*

Иброҳимҷон ба садоҳои борони баҳорон гӯш дода, номаълум ба хоб рафта буд.

Ҷисми ӯ, ба қавли ҳамхонаи наваш Ивонамак, ҳавосанҷ шудааст: соате қабл аз раъду барқ ва борони сел ба таги шонаҳояш, ба дасту поҳояш дард даромад, вале ҳамин, ки ҳиссаи аввали обҳои осмонӣ ба сари боми дару долу дарахт фурӯ рехт, дард пасанда шуд ва чашми ӯро ғанаб бурд.

Дақиқаҳои аввалин бедор шуданаш фаҳмида наметавонист, ки ҳавои нимторики палата оё ҳавои шомгоҳон аст, ё бомдодонро овози Носир Аббос бедор кард. Овози ҳо ана он беморе ки дар кати назди тирезаи дуюм мехобид. Балки намехобид, пояшро аз кат овезон карда, ба миёнҷои хона рӯй оварда гап мезад.

Дар рӯйи девор ва сақфи палата партави оташ мерақсид ва ҳавои хонаро ба як тарзи изтиробомез алвонҷ медод. Ин партави оташи ҷовидон буд, ки дар як гӯшаи боғи истироҳат дар сари мақбараи шаҳидон афрӯхтаанд ва тахмин дар шаст-ҳафтод қадам масофа дар он сӯйи девори табобатхона воқеъ гаштааст.

«Ин одамро дар куҷое дидаам... Дар куҷо?» – ба худ савол дода, ҷавоб ёфта наметавонист Иброҳимҷон.

– Оё дидаед, ки ба сари охирин донаи гӯгирд гоҳо чӣ ҳодисае меояд? – мепурсид Носир Аббос. – Донаи охирин, таъкид мекунам. Шумо дар саҳрои беканор ба сармои сахт ақаллан боре танҳо мондагистед?

Ба кӣ муроҷиат мекунад ӯ? Ба Ивонамак, аз афташ. Аммо Ивонамак садое набароварда, гӯш медиҳад. Услуби муқаррарии сӯҳбати эшон ҳамин аст, зоҳиран.

– Фарз кунед, ки нимишабӣ миёни дашти нопайдоканоре танҳоед. Ҳаво сард. Атроф – то чашм мерасад – биёбони барфпӯш. Дар таги девори оғили партове ё паси харсанге як порча ҷойи шамолпанаҳро аз барф тоза карда, он ҷо шохчаҳои хушк, коғазпора, хулоса, пешдаргирон ва ҳезуми гулханбоб тайёр карда мондаед.

Қуттии гӯгирдро аз киса бароварда мебинед, ки дар он фақат донаи охирин мондааст. Ба чашмонатон бовар накарда, он донаро боэҳтиёт ба даст мегиред ва қуттиро ба гӯшатон наздиктар оварда меафшонед.

Не, садое барнамеояд.

Акнун ба гӯшатон ҳам бовар накарда, ду кунҷи қуттиро, ҳамон ҷоеро ки гоҳо якдонагӣ гӯгирд дар ҷӯякчаҳои канорӣ пинҳон шуда мехобад, бо нохунатон кофта мебинед.

Не, дигар гӯгирд нест.

Донаро маҳкам дошта, аввал ба атроф менигаред, мунтазир мешавед, ки шиддати бод пасттар гардад. Ҳамин ки ҳамлаи он пасанда шуд, гӯгирдро оҳиста, бо як эҳтиёткории бузург ба паҳлӯи қуттӣ совида, доруи оташгирифтаро бо кафи дастонатон панаҳкунон ба сӯйи пешдаргирон мебаред.

Аммо ногоҳ ҷараёни бод қувват мегирад ва шумо бо дили ба изтироб афтода панҷаҳоятонро ҷафстар карда, оташаки нимҷони лаппандаи гӯгирдро дар мушти худ сахттар пинҳон мекунед. Вале, ҳайҳот, оташак ҳоло ранги табиии худро гум карда, кабудтоб гаштааст, оҷизак, ночизак, қариб ноаён шудааст ва гӯё худи ҳамин лаҳза тамом хомӯш хоҳад шуд.

Носир Аббос даме лаб фурӯ баст. Иброҳимҷон низ хеста, ба рӯйи каташ нишаст ва поҳояшро ба поён, ба рӯйи курсии холӣ дароз кард.

Нақли ин одам дар бораи оташаки нимҷони гӯгирди охирин мароқи ӯро бедор карда, карахтии баъди хобро аз вуҷудаш дур сохта буд. Мисли он ки сухан аз тақдири шахси шинос, ҳатто наздике мерафта бошад, ӯ ба давоми гапи Носир Аббос мунтазир шуд.

– ... Шумо чӣ кор мекунед? – савол дод ноқил ва дарҳол худ ҷавоб гуфт. – Шумо ба рӯйи он ягона манбаи ҳарорат ва равшанӣ беихтиёр

парӯ мешавед. Чунон ки марг ҳангоми хатар бар болои чӯҷаҳояш худро парӯ месозад.

Гӯгирди алаваш қариб хомӯшгаштаро оҳиста-оҳиста, бағоят эҳтиёткорона ба паҳлӯ мегардонед ва боқимондаи оташаки кабудшуда ва ба як тарафи гӯгирддона базӯр часпидаистодаро тоб дода, дар дил илтиҷо мекунед, ки хомӯш нашавад.

Зинҳор хомӯш нашавад.

Аз барои савоб, аз барои ҳаёт, аз барои ҳамаи муқаддасот хомӯш нашавад.

Оташак сонияе аз лаппиш бозмемонад, хаёле ҷон мегирад, қад меёзонад, ба худ ранги зард – ранги муқаррарии оташ, ранги офтобро мегирад. Баъд мадори тозае пайдо карда, ба ангуштонатон гармӣ ва ба атроф равшанӣ меафканад ва он гоҳ оташи аз нав зиндашударо бо умеди баргашта ба пешдаргирон наздик мебаред.

Пас аз дақиқае навдаҳои ғафсу дурушт, шоху буттаҳо қасар-қусур садо дода, часар-чусур шарора пошида, ба сӯхтан оғоз мекунад...

Иброҳимҷон, ки аз ибтидои сӯҳбат бехабар буд, намедонист, ки Носир Аббос ин суханҳоро ба чӣ муносибате мегӯяд. Бо нақли саргузашти гӯгирддонаи вопасин чӣ гуфтанист? Иброҳимҷонро аз палатаи ҳамшафат ба ин ҷо имрӯз баъди пешин кӯчониданд. Вай бо сокинони хонаи наваш зоҳиран шинос шуда бошад ҳам, аз хулқу хӯй ва фикру хаёлоти онон ҳанӯз воқиф нест.

Чӣ ҳодисае шудааст ба ҳофизаи ӯ? Ҳеҷ ба ёд оварда наметавонад, ки ин одамро дар куҷое дидааст. Кас ё чизи дар ягон ҷой дидааш, ё худ нақли шунидаашро осон ба ёд меовард. Хайр, агар ягон теоремаи аз китоби ҳандасаи фарз кардем, синфи нӯҳум хондаи кас пас аз муддати мадид, ба ёдаш наояд, аҷабе нест. Мағзи сари одам Роҳи Каҳкашон нест, ки ба гуфти мунаҷҷимон, ҳадду ҳудудаш ноаён бошад. Худро аз бори барзиёд, хусусан аз сарбориҳо озод карда метавонад. Ҳа гуфта, маълумоти тозабатозаро ҷой кардан гиред, якта-нимта камаҳамияташро аз шумо напурсида, оҳиста бароварда мепартояд.

Лекин ба Иброҳимҷон ҳанӯз чунин ҳоле рӯй надодааст, ки дар куҷо ва кадом вазъ дидани шиносеро ба хотир оварда натавониста бошад.

– Дуруст, – Ивонамак хомӯшии палатаро вайрон намуд. – Дуруст мегӯед, – андешамандона такрор кард ӯ. – Талош барои боздоштани ҷони ба лаб омада, талоше ки табибон ва дастёронашон бар зидди марг мебаранд, саргузашти ҳамин гуна охирин донаи гӯгирдро ба хотир мерасонад. Боз маҳз дар дашти кушод, зери ҳамлаҳои пайдарҳами бод.

Иброҳимҷон акнун фаҳмид, ки дар чӣ хусус сухан мерафтааст. Сухан аз мушкилию мураккабиҳои кори табибон, ранҷу машаққати онон мерафта бошад, дар воқеъ рост мегӯянд. Дар бадали чаҳор ҳафтаи охир борҳо шудааст, ки ҷони ӯ низ мисли алаваки кабуди ҳамон гӯгирддона ба мӯе овезон буд. Гоҳо дар як они воҳид дар ҷисмаш табаддулоте рӯй медоду ба косахонаи сараш гӯё ба ҷойи мағзи сурби гарму гароне мерехтанд. Пас аз як лаҳзаи дигар ҳис мекард, ки на фақат сар, балки ҳамаи узвҳояш баногоҳ сад маротиба, ҳазор маротиба гаронтар гардидаанд ва ҷуссаи ӯ ончунон вазнин мешуд, ки катро пахш намуда, парчини замин мекард, баъд аз фарш ҳам гузашта, мағз андар мағзи замини сиёҳ даромада мерафт.

Ӯ мехост фарёд занад, ҳеҷ набошад нидое бароварда, аз ҳамшираи шафқат имдод талабад, аммо бо алам ҳис мекард, ки оҷиз аст, наметавонад, фурсат ҳам надорад. Қувваи рафънопазире ӯро беамон ба коми замин кашида меравад.

Фақат баъзан даст ба сӯйи тугмаи сигнал бурдан муяссар мегардид. Аксаран бошад, ҳамхонаҳо аз тағйири вазъи ӯ огоҳ шуда, духтурро ба ёрӣ даъват мекарданд.

Ба ёд омада медид, ки ба дасту поҳояш сӯзандору мекунанд, ба биниаш ниқоб пӯшонида, ба шушаш зӯран кислород тела медиҳанд. Аввал пеши назараш як навъ сафедаи калавандаи абрмонанде пайдо мешуд, пас тафовут мекард, ки ин абри сафед не, балки сақфи палата, чароғи курашакли сафед, яктаҳу каллапӯшҳои сафеди духтарон аст, ки дар гирдаш ҷамъ омадаанд.

Не, Иброҳимҷон қадршинос нест. Медонед, ки чанд бор пояш ба лаби гӯр расида баргаштааст. Ва ин мӯъҷизаро маҳз табибон ато кардаанд. Лекин ба ӯ барномаи кори минбаъдаи духтараш маъқул нест. То ҳоло ҳамаи бемориони ҳар ду палатаи ҳамшафатро Алихон Зардодхон табобат мекард. Имрӯз Иброҳимҷонро ҳамроҳи кати функсиониаш, яъне кати дарозу кӯтоҳ, пасту баланд ва нишебу ҳамворшавандааш ба ин палата кӯчониданду баъд Зардодхон гуфт, ки ду нафар беморро, яъне Иброҳимҷон ва он марди хушандоми ба мӯйи сараш сафедӣ афтода – Носир Аббосро минбаъд аз тадқиқоти махсус мегузаронад. Тадқиқот барои кадом як муассисаи нави тиббӣ лозим будааст, ки онро ба қарибӣ кушодаанд, ё акнун мекушодаанд. Зардодхон духтури дуҳунара будааст. Чунон ки байни илмҳои физикаю химия, ё масалан, химияву биология кайҳо инҷониб физикаи химиёвӣ ё химияи биологӣ барин фанҳои муштарак пайдо шудаанд, Зардодхон низ дар баробари тера-

певт будан бо муолиҷаи бемориҳои асаб машғул мешудааст. Акнун ҳар ду бемор бояд аз таърихи касалии худ ба духтурашон батафсил нақл кунанд. Таърихи касалӣ на ба маънои расмиаш, на ба мафҳуми конселярии клиникиаш, балки ба он маъно, ки чӣ гуна воқеот, чӣ гуна шароити моддӣ, маънавӣ ва ғайра ва ҳоказо боиси пайдо шудани нахустин аломатҳои он беморие гардид, ки вай онҳоро оқибат ба кати бемористон расонид.

Зардодхон дар охир илова намуд, ки фардо аз корҳои ҷорӣ фориғ шуда, дар нимаи дуюми рӯз матлаби худро муфассалтар арз хоҳад кард.

Носир Аббос аз ин хабар заррае малул нашуд. Баръакс гӯё ин гуна як навидро кайҳо боз чашмдор бошад, зери лаб табассум карда монд.

Хӯш, мувофиқи реҷаи духтур, Иброҳимҷон саргузашти худро ҳикоят мекунад. Табиби мӯҳтарам ҳамаи қиссаро ҳарф ба ҳарф навишта гирифта, сипас байни ҳамкасбони худ дар конференсияҳои илмӣ, конгрессу симпозиумҳои дабдабанокаш нақл мекунад.

Иброҳимҷон боре китоби як донишҷӯйи институти тиброварақ зада буд. Дар сар то сари он китоб сурати гирифторони бемориҳои рӯҳиро дарҷ карда буданд. Яке ҷилди сафеди болинро ба шакли кулоҳи сегӯшаи фелдмаршалҳо қат карда ва ба сар гузошта, ба дастаи чӯби полшӯяк ҳамчун ба шамшери мурассаи шоҳона бо ғуруре такя карда нишастааст. Дигаре ба дарди ваҳмак гирифтор будааст ва сару рӯйи худро бо сачоқе печонида, ба таки кат даромада хобидааст.

Эҳтимол, ин тадқиқгари рӯҳи одамизод хоҳад, ки дар ягон китоби тоза сурати Иброҳимҷони маъюс бо ранги парида, чашмони нуррафта, гарданаки каҷ акс ёбад ва ба зери он бо ҳарфҳои ғафси сиёҳ чунин навишта шуда бошад:

«Бемор И.О. аз клиникаи духтур А. Зардодхон.

Намунаи патологияи* эҳсос».

Духтурҳо, бешубҳа, бояд тадқиқоту таҷриба гузаронанд. Бе таҷриба илм пеш нарафтаасту намеравад. Дар замони қадим олимони тиб шабона пинҳонӣ бо надимон ва шогирдон ба қабристон рафта, мурдаҳои ҳамон рӯз дафншударо берун меовардаанд ва ба гӯшае бурда, таҷриба мегузаронидаанд. Абӯалӣ ибни Сино, масалан, пули ёфтаашро ба ҳамин кори дар он айём мамнӯъ сарф мекардааст.

Ҳоло барои таҳқиқу тадқиқи касалиҳо ҳамаи шароит муҳайёст. Лекин табибони арҷманд маъзур медоранд, Иброҳимҷон вазифаи калламуши таҷрибавиро ба зимма гирифтан наметавонад. Барои ин хидмат ягон зоти соддатарро ёфтан лозим меояд.

Ҳм, ду каси ба як дард гирифторшударо ба як палата, ба ду кати ба ҳам сар ба сар оварда хобониданашон бечиз набудааст. Дар урфият мегӯянд, ки харбуза аз харбуза гирад ранг, ҳамсоя зи ҳамсоя гирад панд. Агар, мабодо, яке аз изҳори дарди дил гардантобӣ кунад, ё шарм дорад, дуюмӣ ибрат мешаваду кор осон мегардад. Кӯдак дар боғча хӯрок нахӯрад, чӣ корҳое намекунанд: ба паҳлӯяш бачаи пурхӯрро оварда менишонанд; худи мураббияҳо намунаи иштиҳои хубро намоиш медиҳанд. Зарур бошад, ҳатто зочаҳо бо завқ шавла мехӯранд.

Не, Иброҳимҷон ба ин нақшаҳо розӣ нест. Қиссаи бемориашро гуфта наметавонад.

Ӯ некиҳои табибонро ба ҷон эътироф мекунад. Ҳозир аст, сад бори дигар иқрор кунад, ки маҳз саъю кӯшиш, таҷрибаю дониши онҳо боиси зинда монданаш гаштаанд.

Аммо чизҳое ҳастанд, ки ҳатто дар бадали хайри беамсол низ гузашт намекунанд.

Касе хеста, чароғро дарнамегиронид. Партави оташи ҷовидон акнун боз аёнтар гашта буд. Дар палатаи ҳамсоя палатаи дувоздаҳум, ки ӯро аз он ҷо овардаанд, ин партав намерасид: ҳар ду тирезаи он ба тарафи кӯча менигарист. Палатаи ҳозира – хонаи кунҷакист ва як тирезааш ба сӯйи боғи истироҳат яла мешавад, дуюмаш ба кӯча.

**Савол ва супориш:**

1. Роҳи ҳаёт ва эҷоди Ф. Муҳаммадиевро шарҳ диҳед.
2. Аввалин очерку ҳикояҳои нависанда чӣ хусусият доранд?
3. Мавзӯъ ва ғояи аввалин навиштаҳои муаллифро муайян кунед.
4. Нависанда масъалаҳои ахлоқи инсониро дар кадом ҳикояҳояш ба миён мегузорад?
5. Мавзӯъ ва ғояи повести «Одамони кӯҳна» чист?
6. Романи «Палатаи кунҷакӣ» чӣ мавзӯъро дар бар мегирад?
7. Қаҳрамонони мусбати роман ва идеали онҳоро тафсир кунед.
8. Арзиши повестҳои «Шоҳии япон» ва «Варта» аз чӣ иборат аст?

**патология** – ҳолати ғайриоддӣ, ғайритабиӣ

## Маълумот дар бораи жанри очерк

Очерк жанри ҳамосӣ (эпикӣ) буда, аз рӯйи ҳаҷм ва нақли воқеа ба ҳикоя наздик аст. Вазифаҳои муҳиме, ки бар дӯши ин жанр аст, як қатор махсусиятҳои онро муайян мекунад. Дар очерк санади бевоси-

таи зиндагӣ фаро гирифта мешавад, ки аз мушоҳидаҳои худи нависанда берун омадааст. Ин воқеаи ҳаётӣ, ки нависанда тасвир мекунад, бояд типӣ ва муҳим бошад, нависанда онро аниқ инъикос кунад.

Гоҳо очерк дар муқоиса бо ҳикоя метавонад сужети аниқ надошта бошад. Вай метавонад баъзе хусусиятҳои типи муайянро тасвир кунад. Ин гуна очерк мумкин аст, ки махсусиятҳои ҷудогонаи зиндагии гурӯҳҳои алоҳидаро низ ҳамтарафа инъикос намояд.

Дар адабиёти тоҷик очерк солҳои сиюм – дар давраи Шӯроҳо ба вуҷуд омад. Вале солҳои панҷоҳ давраи инкишофи ин жанр дар адабиёти тоҷик буда, асоси ҷанговарона ва публисистии он бештар қувват гирифт. Дар адабиёт очерки масъалагузор ба миён омад. Аввалин чунин очеркҳоро Ф. Муҳаммадиев ва А. Сидқӣ навиштаанд, ки дар асоси очеркҳои онон масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ қарор дошт. Очеркҳои Ф. Муҳаммадиев «Раиси нав», «Фаттоҳ ва Музаффар», А. Сидқӣ «Ҷӯраи деринаи ман» ҳамин гуна асарҳо буданд. Як хусусияти ин гуна очеркҳо, ки масъалҳои иҷтимоиро ба миён мегузоштанд ин буд, ки қаҳрамони мусбат қаҳрамони асосии онҳо буд, шахсияти инсони ташаббускор ва серғайрат дар маркази диққат қарор гирифта буд.

Хизмати Ф. Муҳаммадиев дар инкишофи очерки тоҷик калон буда, ӯ дар очерк симои характерҳои барҷастаро, ки аз чанд ҷиҳат таҳқиқ шудаанд, эҷод кард. Фазилати очеркҳои дигари Ф. Муҳаммадиев он аст, ки вай бештар ба кушодани характер, хислат, рӯҳия ва ҷаҳоншиносии қаҳрамононаш диққат додааст. Очерк метавонад масъалаҳои муҳими таърихӣ, замонӣ ва ҳаёти одамони алоҳидаро инъикос карда, ба ҳалли мушкилоти таърихӣ, замонӣ ва ҳаёти ҷомеа ёрӣ расонад.

# ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

## (1941—2000)



Лоиқ Шералӣ аз ҳунармандтарин шоирони муосири тоҷик буд, ки бевақт зиндагиро падруд гуфт. Фоҷиаҳои кишвараш, ранҷу азобе, ки халқ аз ҷабри ҷангсолорон доштанд, умри шоирро кӯтоҳ кард. Он ҳама бори озору аламро ӯ дар шеъраш ғунҷонда, вале ҷисмаш онро бардошта натавонист ва 30 июни соли 2000-ум аз сактаи майна дар шаҳри Душанбе вафот кард.

Лоиқ 20 майи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби ҳаштсола дар омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент таҳсил карда, сипас факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанберо хатм кардааст. Пас аз хатми мактаби олӣ дар идораҳои радио ва телевизион, рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Садои Шарқ» кор кардааст. Солҳои тӯлонӣ сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» буд. Дар солҳои охири ҳаёташ раисии Бунёди забони тоҷикиро бар ӯҳда дошт.

Аввалин шеърҳои Лоиқ ибтидои солҳои шаст чоп шудаанд, ки гувоҳи истеъдоди фавқулодда ва назари тозаҷӯйи муаллифашон буданд. Нахустин маҷмӯаи ашъораш «Сари сабз» соли 1966 чоп шуд. Баъд маҷмӯаҳои «Илҳом», «Нӯшбод», «Соҳилҳо», «Резаборон», «Марди роҳ», «Варақи санг» ва ғайра яке паси дигар интишор ёфтанд. Лоиқ барои китоби «Хоки Ватан» ва силсилаи «Илҳом» аз «Шоҳнома» сазовори мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ гардидааст.

Лоиқ беҳтарин асарҳои назмии адабиёти рус ва ҷаҳонро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст, ки «Савтҳои форсӣ»-и Сергей Есенин, шеърҳо аз «Девони ғарбӣ»-и Гёте, шеърҳои ҷудогонаи А. Пушкин, И. Ҳайне, В. Гюго, У. Уитмен, П. Неруда ва ғайра аз он ҷумлаанд. Тарҷумаҳои китоби И. Милев «Диёри домани гардун», Қ. Қулиев «Шамшери худо», С. Капутикян «Шӯълаи моҳ», Э. Межелайтис «Андешаҳои роҳ» ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

Нахустин маҷмӯаи Лоиқ Шералӣ «Сари сабз» ном дошт ва аз шеърҳои ин маҷмӯа садои дили софу беғубори шоире шунида мешуд, ки ба хонанда сухани нав мегуфт. Ба қавли адабиётшиноси маъруф М. Шакурӣ шеърҳои Лоиқ пур аз ҳаяҷон буд ва «аз ин ҷиҳат ба шеърҳои шоири шаҳид Ҳ. Юсуфӣ ҳамоҳангие» дошт. Лоиқ бо шӯру шавқ ва мавзӯъҳои ҷолиби шеърааш диққати хонандагон ва мунаққидони адабиётро ба худ кашид. Шеъри ӯ муҳити маъниофарро дар шеъри тоҷик нав ва васеъ кард. Шоир бо шеърҳояш ҷаҳони ботинӣ ва рӯҳии инсонро амиқ ва пурғунҷоиш тасвир карда, ба мағзи андеша ва омоли инсон фурӯ мерафт, моҳияти ҷамъиятӣ, саҳму мавқеи ҳамзамонони худро дар пешрафти ҷомеа нишон медод.

Ишқи Ватан, ишқи ҷавонӣ аз мавзӯъҳои асосии аввалин шеърҳои ӯ буданд, ки бо эҳтироси шоирона ва хеле боҳунарона ифода шудаанд. Бинобар ин ҳам нахустин қадамҳои ӯ «дар лирика хеле хурсандибахш» буд. Лирикаи шоир монанди зиндагӣ рангин, пурҷӯш ва сермаъност. Махсусан аввалин шеърҳои ишқии ӯ таровати хос доштанд.

Мавзӯи дигаре, ки Лоиқ дар шеъраш ба он ҷойи зиёд додааст, тасвири олами фитрии инсон буд. Инсонро вай дар шеъраш яктарафа тасвир намекард. Вай инсонро бо тарафҳои мусбату манфиаш дар шеър фаро мегирифт. Дар ниҳоди одамӣ ду қувва – қувваи неку бадро медид, ки бо ҳам мубориза доштанд. Ин мавзӯъ дар адабиёт аз қадим ба тасвир меояд. Вале Лоиқ ба ин мавзӯъ аз мавқеи одами асри нав нигарист. Бадӣ дар назари ӯ муҷасамтар ва ҷонсахттар намуд ва бо қатъият гуфт, ки

То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,
То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,
...Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

Дар ин шеър ва тамоми осори шоир суруду қалам чун ифодакунандаи қувваҳои нек, ки шоир ҳимоякунандаи он аст, бар зидди рамзи бадӣ – тиру шамшер гузошта шудааст. Дар бисёр мавридҳо шоир аз воқеияти таърих сухан гуфта моро маҷбур мекунад, ки як лаҳзаи таърихро, ки дар он бадӣ бар некӣ ғолиб омада буд, ба ёд орем.

Лоиқ дар кадом мавзӯе, ки шеър гуфта бошад, шеъраш тозаву пурмаънист. Масалан, дар бораи Ватан чӣ қадар шеърҳо эҷод шудаанд! Вале фақат Лоиқ тавонист, ки дар бораи ватани худ бо муҳаббати бузург сухан гӯяд. Муҳаббати шоир ба Ватан самимӣ ва пурҳасрат аст. Шоир дар «Хоки Ватан» гузаштаи кишвар, ғарибии фарзандони онро бо оҳанги дардовар ифода кардааст:

Тоҷикистон – мазҳари ман,
Сарзамини камзамин,
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз,
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд.
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯйи бахти худ,
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.

«Хоки Ватан», ба эътирофи аҳли танқид, «яке аз беҳтарин шеърҳои Лоиқ» буда, бо мазмуни баланду образҳои тозаи шоирона, ғояи неку олӣ, вусъату амиқии тасвирҳо, вазни хушу оҳанги шинам имтиёз дорад. Шоир дар ин шеър ба таърих муроҷиат мекунад ва санадҳои таърихро барои ифодаи ғояи ватанхоҳӣ истифода мекунад. Ба маънии ин байт диққат диҳед:

Ҷумла дар кӯйи ғарибӣ хок гаштанд, эй дареғ,
Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту кӯҳ шуд.

Шоир дар ин байт ба бузургии маънавии халқ ишора карда, фоҷиаҳои аз сар гузаронидаи ӯро низ таъкид месозад.

Мавзӯи Ватан дар шеъри Лоиқ бо таърих сахт пайванд аст. Аз ин ҷиҳат шеърҳои ӯ «Таърих гувоҳ аст», «Айнӣ», «Китобҳои шаҳид», «Кӯҳистонӣ» ва ғайра ҷолиби диққатанд.

Шоир дар шеъри «Айнӣ» хидмати ин марди бузургро қайд карда, шоирона мегӯяд:

Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,
Аз ин рӯ ҳамчу машъал дар сари дасти замон мондӣ!

Таърих ва ифтихороти таърихӣ дар шеъри Лоиқ мақоми махсус дорад. Дар ин маврид ӯ шоири воқеъбин буда, ба таърих назари моҳиятҷӯ меандозад. Ӯро саҳифаҳои фоҷиаангези таърих ба риққат меоварад. Вай аз «камзамин» шудани кишвараш заҳрханд мезанад ва аз он ки «тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина» лашкар накашида ва «аз роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб бар фарқи саре найзаву ханҷар» набардоштааст, ёд мекунад. Ӯ аз марги «китобҳои шаҳид», ки саҳифаҳое аз таърих ва осори халқ буданд, нарм-нарм мегиряд.

Эҳсосоти пурдарди ватанпарварии Лоиқ дар силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» ва ашъоре мисли «Панҷаҳои Борбад», «Баъд аз ҳазор сол», «Тақлиди Мавлавӣ», «Араб гӯянд Синоро гурӯҳе», «Корези Фирдавсӣ»,

«Вопасин нафаси Хайём» ва ғайра бо таровat ва назокати хос фурӯ рехта, дарду ҳасрати ватанпарваронаи ӯро бо имрӯз пайванд медиҳад. Ин мисраъҳои пурдард танҳо дарди таърих нестанд:

Чӣ суд аз пардаи торам,
Агар аз рӯйи аъдо пардаи ҳилат набардорад?
Чӣ аз тарзахмаам суде,
Ки меҳру эътиқоди халқ хушкидаст?
Чӣ аз ромишгариям суд,
Гар як лаҳза оромиш надорад мулк?
Чи аз хунёгариам суд,
Гар хуни нажодам бар ҳадаф резад?

Мавзӯъҳои Ишқ, Ватан, Таърих, Модар, масъалаҳои Баду Нек, Ҳаёту Мамот аз масоили ҷовидонаи адабиётанд. Вале Лоиқ ин мавзӯъҳоро ба тарзи худ сабт кард. Мо шеърҳои ӯро хонда, симои азизи модарро дар зеҳнамон зинда мекунем, дардноктарин ва ширинтарин лаҳзаҳои зиндагиамонро пеши рӯ меорем, ба рӯзҳои бачагию беғамӣ бармегардем, саҳифаҳои боифтихор ва дар айни замон дардноку фоҷиаангези таърихи миллат пеши назарамон эҳё мешавад, имрӯз ва фардои халқ моро ба андеша мебарад.

Дар эҷодиёти худ Лоиқ ба мавзӯи модар таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст. Аввалин шеъри ӯ «Ба модарам» ном дошта, соли 1965 навишта шудааст. Дар шеърҳои ба модар бахшидаи шоир хусусияти миллию шарқии модари тоҷик ва ҳиссиёти беолоишу поки зан тараннум ёфтаанд. Аз ҷумла шеърҳои «Модар», «Суруди модар», «Қарз», «Қасидаи модар», «Ҷомаи гадоӣ», «Чордард», «Ту монанди замин танҳоӣ, модар», «Дар сари гӯр», «Ҳасрат», «Муноҷот ба модар» ва як қатор рубоиву дубайтиҳо ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудаанд.

Дар «Модарнома» ӯ сарбаландӣ ва шарафу номуси занонро дар madди аввал гузошта, бо соддагиву самимият моҳирона ба риштаи тасвир кашидааст.

Наёбад чашми камбинат ба ҷустан чашми сӯзанро,
Биларзад дасти пурэъҷози ту дар қабзаи пирӣ,
Валекин боз медӯзӣ ту дастурхони гулдӯзӣ,
Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ.
Чӣ дунёест дунёи умеди ту,
Аё модар, аё модар!

Як худи «Модарнома»-и Лоиқ сухани нав дар адабиёти мо буд. Лоиқ дар ин силсила симои азизу шарифи модарро чун тимсоли некӣ ва накӯкорӣ, меҳру шафқат ва бузургворӣ ба қалам медиҳад. Шоир ҳамеша ба ҷовидонагии рӯҳу ҷисми модар таъкид мекунад. Лоиқ дар шеърҳои ба модар бахшидааш тавонистааст, ки олами дар назар содда, вале мураккаб, сокиту ором, вале пурошӯбу пурсадо, андешаҳои оддӣ, вале пандомӯзи модарро нишон диҳад. Шеъри «Ба модарам», ки яке аз шеърҳои ин силсила аст, бо мазмуни баланд, самимият ва сабки зебои тасвир аз беҳтарин шеърҳои дар ин мавзӯъ навиштаи шоир аст. Мисраъҳои зер чеҳраи зебо, рӯҳи пурдард ва дили орзуманди модари тоҷикро ифода мекунанд:

Нарафтӣ берун аз як деҳ, надидӣ
рӯйи оламро,
Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ,
зиндагӣ кардӣ.
Ба гирди деҳа гӯё домани гардун бичаспида
туро барбаст роҳи нияту азми
ҷаҳонгардӣ.
Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту,
Аё модар, аё модар!

Дар шеъри «Ту монанди замин яктоӣ, модар» шоир дар тасвирҳои худ модарро ба замину осмон ва хуршеду моҳ монанд кардааст. Хуршеду моҳ ва замину осмон ягона аст. Мисли онҳо модар низ ягона буда, ба тамоми мавҷудоти дунё баробар меҳри худро тақсим мекунанд. Дар замири ин суханҳои ӯ маъноҳои васеъ мавҷуд буда, дар замони мо аҳамияти калон дорад.

Заминро қитъа-қитъа ҳар қадар фарзандони ту,
Барои ҳамдигар тақсим карданд,
Вале як рӯз донистанд,
Замин қисмат нахоҳад шуд.

Мавзӯъҳои ҳаёту мамот, некиву бадӣ, қадри марди ҳунар, сабақи таърих дар силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» бо диди хоси шоирона баён шудаанд. Дар ин силсила шоир ба қаҳрамонони Фирдавсӣ талмеҳ мезанад, барои ифодаи фикри худ аз Коваю Рустам, Таҳминаю Сӯҳроб мадад меҷӯяд. Навҳаи ҷонгудози Кова ва Таҳмина дар марги фарзандон бо воқеияти замони мо пайванд мешавад. Лоиқ образи Фирдавсиро

чун тимсоли қувваи бузург ва рӯҳи бешикасти халқ истифода мекунад. Шеъри «Писари ҳаждаҳуми Кова» фарёди ҷигарсӯзи шоири имрӯз бар зидди беадолатӣ, зулму ситам ва ҷаҳонхорист, ки ба воситаи образи Кова ва марги фарзандони бегуноҳи ӯ ифода шудааст. Хотимаи шеър ҳамчун ҳушдор садо медиҳад ва оҳанги шоир бар он аст, ки бояд амну осоишро дар ҷаҳон ҳифз кард:

Кова ҳушёртару зиндатар аст,
Муштҳо гурзаи пуртобтаранд.
Алҳазар, холигарони Заҳҳок
Писари ҳаждаҳумашро бибаранд.

Яке аз шеърҳои дигари пурсӯзи ин силсила «Навҳаи Таҳмина бар Сӯҳроб» ном дорад. Ин навҳаи модарест, ки аз марги бегуноҳии фарзандаш ҷигархун аст. Фарзанди ӯ қурбони ситам, ҷаҳондорӣ, сиёсатбозӣ ва беадолатӣ шуда, рӯҳи Таҳминаи модар аз Рустами падар то имрӯз домангир аст. Ин шеър ғояи баланди сулҳхоҳӣ ва инсонпарварӣ дошта, ҳама гуна ҷангу беадолатиро нафрин мекунад.

Дар шеърҳои силсила шоир ба образи Рустам зиёд талмеҳ мезанад. Рустам дар ин маврид ифодагари рӯҳи қаҳрамонии халқ, муҳаббати ӯ нисбат ба Ватан, мардӣ ва шикастанафсӣ барин хислатҳои неки инсонист. Дар шеъри «Фирдавсӣ ва Темур» шоир ба ҷовидонагии ҳунар, рӯҳи бешикасти халқ ва Фирдавсии бузург таъкид карда, ин байтро чун мақтаи пурҳикмат меоварад:

Фатҳи кӯҳ аз фатҳи рӯҳ осонтар аст,
Мурдаҳо аз зиндаҳо пурдилтаранд.

Лоиқ аз шоиронест, ки ҳам дар гуфтани шеърҳо дар шаклҳои анъанавӣ ва ҳам дар шакли нав қудратмандии худро нишон додааст. Ӯ шаклҳои анъанавии шеъри классикӣ, аз ҷумла ғазалу рубоӣ ва дубайтиву қасидаро комилан зинда кард ва дар ин шаклҳо беҳтарин шеърҳояшро суруд. Ӯ исбот кард, ки шакл дар адабиёт кӯҳнагӣ надорад, вале андешаю орои нав шаклро зинда медорад.

Бесабаб нест, ки ғазал имрӯз қисмати асосии осори шоирро ташкил медиҳад. Лоиқ дар ғазал мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафиро ғунҷонидааст. Ҳам дар сабк ва ҳам дар ифодаи мазмун таъсири ғазали классикӣ, махсусан Ҳофизу Мавлоно дар Лоиқ бештар аст. Вале ин таъсирбардорӣ огоҳона ва навоварона будааст. Садои поку

самимии шоиронаи ӯро дар кадом мавзӯе, ки ғазал нагуфта бошад, мешунавем ва аз садои дигарон фарқ мекунем. Ба ин чанд байти ошиқонаи як ғазали ӯ гӯш диҳед:

Ту хуштарин таронаи дили манӣ,
Ту умри шоиронаи дили манӣ.
Туӣ, ки барқ мезанад ҷавониям,
Ту нури ошёнаи дили манӣ.
Туӣ, ки ғарқи гул шудам дар ошиқӣ,
Ту боғи пурҷавонаи дили манӣ...
Фасонаҳои ишқи ман тамом шуд,
Ту охирин фасонаи дили манӣ.

Дар ин пораи ғазали дигар, ки ба модар бахшида шудааст, эҳсоси соддаву пок ва самимии қаҳрамони лирикӣ ба модар хеле дилрас ифода шудааст:

Замину осмони ман туйӣ модар, туйӣ модар,
Ҷаҳони беканори ман туйӣ модар, туйӣ модар.
Дар ин дунё, ки бераҳмиву бемеҳрист бунёдаш,
Ягона меҳрубони ман туйӣ модар, туйӣ модар...

Дар сабки классикӣ ӯ рубоӣ ва дубайтиҳои зиёде гуфтааст, ки бо шакл ва мазмуну мундариҷаи худ ҷолибанд. Шоир рубоиёташро таҳти унвони «Ҷоми Хайём» ва дубайтиҳояшро бо номи «Резаборон» чоп карда ва навиштани ин силсилаҳоро то вопасин рӯзҳои ҳаёташ идома дод. Лоиқ дар рубоиву дубайтиҳояш низ мавзӯъҳои иҷтимоиву фалсафиро ифода карда, андешаҳояшро дар бораи инсон ва мақоми ӯ баён намудааст.

Шояд Лоиқ аз шоироне бошад, ки шеъри ӯ беш аз ҳама хонда, суруда ва иқтибос мешавад. Мардум аз шеъри ӯ дар даъватномаи тӯй иқтибос мекунанд; шеъри ӯро дар санги гӯр сабт менамоянд; ҳофизон ашъори ӯро фаровон месароянд. Вай китоби хоси «Катибаҳо» навишт ва сабаби навиштани онро чунин шарҳ дода буд: «Ман боре гӯристонҳои Самарқандро зиёрат карда, дар санги қабрҳо байтҳои аҷиб хондам. Ман он вақт донишҷӯйи институт будам. Аз дилам гузашт, ки халқ ба катибаҳои ёдгорӣ эҳтиёҷ дорад». Ва Лоиқ ин китобро навиштаву чоп кард ва мардум аз он иқтибос мекунанд.

Агар тамоми мероси шоирро дар якҷоягӣ хонем, дармеёбем, ки на фақат катибаҳо, балки тамоми осори ӯ саршор аз афкори ҳакимона буда, метавонад дар ҳар маврид иқтибос шаванд, мисли ин пора:

То ном физой, нафси худро кам кун,
Одамгарӣ кун, валек бар одам кун.
Мегуфт даравгаре ба ман вақти дарав
Чун хӯшаи гандум ба замин сар хам кун.

Ва ё

Дар ҷаҳони душманонӣ, дӯстонро гум макун,
Дар миёни каҷравонӣ, ростонро гум макун.
Ҳар куҷое по ниҳӣ, дар пойи ту сар мениҳанд,
Ошу ноне хӯрдаӣ, он ошёнро гум макун...
Дастаи дар мекашад аз остинам ҳар саҳар:
Эй, ки берун меравӣ, ин остонро гум макун!

Лоиқ дар тамоми осораш беш аз ҳама дар бораи инсон андешидааст. Аз ин ҷиҳат андешаҳои инсонпарваронаи ӯ ҷовидонаанд. Ӯ то лаҳзаи вопасини зиндагиаш дар бораи қисмати ватан ва амну осоиши инсон меандешид. Китоби «Фарёди бефарёдрас»-и ӯ андешаҳои пурдарди шоирро дар бораи Ватани ҷангзадааш – Тоҷикистон ва ахлоқи муосирон фаро мегирад. Ин китоби шоир ҳуҷҷати қотеъест, ки ҷангу беадолатӣ, зулму ситам, ноҷавонмардиву ҳақношиносиро нафрин мекунад. Лоиқ девони мукаммали шеърашро аз ҷавҳари одамият ороста, ин сатрҳоро чун васият ба мо мерос гузоштааст:

Шеър гуфтам на аз барои худам,
То ба қадрам раседу бинвозед.
Шеър гуфтам барои он, ки шумо
Қадри худро дуруст бишносед.

### Волотар аз ҳама

Як дами ҷон костани модарон,
Беҳ зи ҳама мӯъҷизи пайғамбарон.

Як нигаҳи шӯълавари модарон
Беҳ зи ҳама анҷумани ахтарон.

Як сухани бонамаки модарон
Беҳ зи ҳама ҳикмати донишварон.

Як асари маслиҳати модарон
Беҳ зи ҳама доварии доварон.

Як ҳунари ҳамдамии модарон
Беҳ зи ҳама ҷодуи санъатгарон.

Як нафаси сӯхтани модарон
Беҳ зи ҳама сӯзи дили шоирон.

Як табу сӯзи ҷигари модарон
Беҳ зи ҷигардории сарлашкарон.

Як мадади фотиҳаи модарон
Беҳ зи мададгории соҳибсарон.

Як қадами беалами модарон
Беҳ зи ҳама шаш ҷиҳати бекарон.

Пас ба қадамҳои шумо, модарон,
Хок шаванд аз ҳама волотарон.

Пас ба қадамҳои шумо, модарон,
Қавну макон бод фидо, модарон!

## Гиряи Кова бар ҳабдаҳ писараш

Даруни синаи сардам дили садпора мегиряд,
Миёни хонаи бекӯдакам гаҳвора мегиряд.
Зи базми гарми шоҳон хандаи мастона меояд,
Ба чашми ман вале ҳар хишти бурҷу бора мегиряд.
Замин – бечора, медонам, фалак бечоратар аз ӯ
Ду бечора ба аҳволи мани бечора мегиряд.
Замину осмон танҳо, ба гардун ахтарон танҳо,
Хаёлам, бо мани танҳо ҳама сайёра мегиряд.

## Ҳамосаи бародарӣ

Мо – шӯълаи як оташ, шогирди як дабистон,
Гулҳои ранг-ранги як гулшани шукуфон,
Сарчашмаҳои як рӯд аз авҷи кӯҳсорон,
Ангуштҳои як даст, як дасти пуртавонем,
Ҳамбахту ҳамнасиба – ёру бародаронем!
Мо – узвҳои як тан, мо – чашмҳои як сар,

Мо – ганҷи як хазина, мо – шӯълаи як ахтар,
Мо – аскарони як саф, мо – рукнҳои лашкар,
Аз модари замона фарзанди тавъамонем,
Ҳамширу ҳамризоӣ – ёру бародаронем!..

**Савол ва супориш:**

1. Ҳаёти Лоиқ дар кадом муҳит гузаштааст?
2. Аввалин маҷмӯаи Лоиқ чӣ ном дошт ва мавзӯи шеърҳояш кадом масъалаҳоро дар бар гирифтааст?
3. Жанрҳои шеъри шоирро зикр кунед.
4. Сабаби ба навъҳои ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ рӯ овардани шоирро шарҳ диҳед.
5. Мавзӯи модар дар эҷодиёти шоир чӣ мақом дорад?
6. Моҳияти шеърҳои дар мавзӯи таърих навиштаи шоирро баён кунед.
7. Ғояи асосии силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» чист?
8. Шеъри ба модар бахшидаи шоирро аз ёд кунед.
9. «Модарнома»-и Лоиқро хонед ва тавсифҳои писандидаеро, ки ӯ дар васфи модар истифода кардааст, рӯнавис кунед.

## Лутфи сухан

Дар луғатҳо лутфи сухан гуфта, назокат ва балоғати суханро гуфтаанд. Дар тафсири ҳамин маънӣ байти Ҷомӣ ба мо мадад мекунад:

Мард бояд, ки ба лутфи сухану лутфи китоб,
Табъи арбоби ситамро зи ситам боз орад.

Яъне, агар сухани адиб, хоҳ шоир бошаду хоҳ нависанда лутф ва ҳусн надошта бошад, вазифаи худро то ба охир иҷро карда наметавонад. Ба ифодаи назариётчии шеъри қадимаи тоҷикӣ Шамси Қайси Розӣ «ҳар сухане, ки дар он маънии латиф набошад, табъи аҳли тамиз ба он майл намекунад».

Аз ин ҷиҳат муҳаққиқон осореро, ки дар он лутфи сухан ҳаст, бадеъ шинохта, онро бобалоғат донистаанд. Ва маънии балоғатро чунин шарҳ додаанд: «маънии балоғат он аст, ки он чӣ дар замир бошад, ба лафзе андак бе он, ки ба тамоми маънии он халале расад, баён кунад ва ба гуфтани зиёд эҳтиёҷ афтад, аз қадри ҳоҷат нагузаронад ва ба ҳадди малол нарасонад». Аз ин гуфта хулоса ин аст, ки назокат ва балоғати сухан дар лутфи он будааст ва баръакс, сухане, ки саршор аз лутфу назокат аст, низ сухани бадеъ ва болиғ аст. Аз

ин ҷо маълум мешавад, ки ин гуна осор бояд расо, рехта, бе бисёргӯӣ ва дар ҳадди талаботи маънӣ бошад. Ин гуна осор, ки саршор аз назокат ва балоғат аст, се навъ мешавад.

1. Эъзоз, ки дар он лафз андак, вале маънӣ фаровон;

2. Баробар будани лафзу маънӣ;

3. Шарҳи маънӣ ба воситаи алфоз, ки онро баст мегӯянд.

Чунон ки ишора шуд, лутфи сухан гуфта, агар аз як тараф назокат ва балоғати онро фаҳманд, аз тарафи дигар шевоӣ ва равонии онро медонанд. Яъне шеъре, ки фасоҳат дорад, норасо намешавад. Ба ифодаи дигар фасоҳат сухани хушу зебо буда, шарти асосии он раҳоӣ аз заъфи таълиф аст. Заъфи таълиф бошад, иборат аз душвории талаффуз ва хато.

Агар мо ба шеър ва ҳатто насри гузаштаи тоҷикӣ таваҷҷӯҳ кунем, ба моҳияти чунин тафсири назарӣ зуд сарфаҳм меравем.

Муҳаққиқони таърихи адабиёт шеъри Рӯдакиро «саршор аз лутфи сухан ва назокату балоғат донисста, илова ба ин онро саҳли мумтанеъ» шинохтаанд. Шеъре, ки чунин аст, пур аз маъниҳои латиф низ мебошад. Масалан, муҳаққиқон байти зерини Ҳофиз

Хез, то хотир бар он турки самарқандӣ ниҳем,
Аз насимаш «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»

-ро таҳлил карда, аз лутфи сухани Ҳофиз чунин натиҷа гирифтаанд: дар ин байт «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и устод Рӯдакӣ тазмин шудааст ва ибораи «турки самарқандӣ» дар он дар ҳадди ақл се маъно дошта метавонад:

а) ишора ба устод Рӯдакӣ ва дар ин ҳолат «турк» киноя аз хубию дилпазирӣ аст. Касе онро ба маънои аслӣ фаҳмад, ногузир маънои шеър таҳриф хоҳад шуд;

б) киноя аз ҷамоли зебои нозанинони турк, ки дар замони Ҳофиз дастае аз онҳо дар Шероз ҳам мезист;

в) «турки самарқандӣ» ишора ба Амир Темури кишваркушо. Осоре, ки ба ин тарз гуфта шуд, назокату балоғат дорад, дар воқеъ латиф буда, дар дилҳову ёдҳо сабт мешавад.



# ЎРУН КӮҲЗОД

## (1937)

Нависандаи шинохтаи тоҷик Ӯрун Кӯҳзод 15 январи соли 1937 дар қишлоқи Ғазаи ноҳияи Панҷакенти Тоҷикистон ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хатм карда, баъд дар шӯъбаи филологияи Донишгоҳи омӯзгории Душанбе таҳсил кардааст. Донишгоҳро соли 1959 хатм карда, муддате дар мактаби миёна ба муаллимӣ машғул шудааст. Солҳои тӯлонӣ дар муассисаҳои илмӣ ва матбуоти ҷумҳурӣ дар вазифаҳои масъул кор карда, сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» низ буд.

Аввалин ҳикояҳояш ибтидои солҳои шастум дар матбуот чоп шуда, маҷмӯаи нахустинаш соли 1972 бо номи «Сареву садое» нашр гардидааст. Баъд паси ҳам повестҳои «Ағба», «Писанддара», «Кини Хумор», «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз», романи «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим»-ро навишта чоп кард. Асарҳои солҳои охир навиштааш дар маҷмӯаи «Тоҷикони имрӯза» чоп шудаанд.

Ӯрун Кӯҳзод ба тарҷумаи осори бадеӣ низ машғул шуда, маҷмӯаи осори нависандаи турк Азиз Несин «Мактубҳо аз он дунё» ва романи нависандаи Колумбия Гарсиа Маркес «Хазони умри одамхудо»-ро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар ибтидои фаъолияти эҷодиаш ҳикояҳои ҳаҷвӣ менавишт ва аввалин китобаш «Сареву садое» низ фақат ҳикояҳои ҳаҷвии ӯро фаро гирифтаанд. Дар ҳикояҳои ҳаҷвиаш вай бештар камбудиҳои амалу кирдори одамонро ҳаҷв карда, хислатҳои манфии тамаллуқкорӣ, хушомадгӯӣ, танбалиро танқид менамуд. Ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда хусусиятҳои таҳлилӣ дошта, андешаҳои нависандаро дар бораи бемаънавиятию кӯтоҳназарӣ, ҷаҳолату ҳаромкорӣ ба тариқи ҳаҷву мутоиба фаро гирифтаанд.

Аз аввалин навиштаҳои нависанда маълум буд, ки ӯ дар бораи зиндагӣ, ҳодисаҳои муҳит андешаи муҳим ва амиқ дорад. Ҳам воқеаҳои атрофаш, ҳам ахлоқи одамон ӯро ба андеша мебаранд. Масъалаҳои

зиндагӣ ва ахлоқи одамон нависандаро ба ташвиш меоварад ва нависанда он ҳодисаҳоеро, ки ба инкишофи инсон, ба инкишофи ҳаматарафаи шахс халал мерасонанд, ба таҳлил мегирад. Дар ин таҳлил вай ба муборизаи наву кӯҳна, ҷонсахтии ҷаҳонбинии кӯҳна, андешаҳои нораво, гумону шубҳаи бемаънӣ, бадгӯӣ барин ҳодисаҳо диққат дода, заминаҳои рӯҳӣ ва иҷтимоии онҳоро ошкор месозад. Ин мавзӯву масъалаҳо ҳам дар ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва ҳам ҷиддии муаллиф муҳокима шудаанд.

«Достони муаллим» яке аз ҳамин гуна ҳикояҳост. Ин ҳикоя аз андешаҳои қаҳрамони беном – як нафар муаллим, ки фидоии роҳи маориф аст, ба ҳам омадааст. Андешаҳои муаллимро нависанда дар замоне ба қалам медиҳад, ки қаҳрамонаш дар дами марг буд. Яъне ӯ мебоист аз дасти босмачиён кушта мешуд. Нависанда дар ҳикоя образи босмачӣ – Табари қулдурро ҳамчун рамзи «ҷаҳолату торикӣ» меофарад. Табар одами оддӣ буд, вале тангназарӣ ӯро мутеъ сохт. Муаллими андешаманд ана ҳамин гуна хислатҳои норавои аҳли деҳаи Хунукчашмаро ба муҳокима мегирад, ки маънии маҳкумиятро дорад.

Кӯҳзод дар аксари навиштаҳояш маҳдудият ва тангназариро маҳкум месозад. Ба назари вай маҳз бебасарӣ, маҳдудияти фикру андеша боиси поймол шудани ҳуқуқи инсон, сабабгори таҳқир дидани ҳиссиёти вай мегардад, ки ниҳояти кор инсонро бемақсад, беирода ва оҷизу нотавон месозад.

Махсусан ин вазъиятро дар тақдири занони тоҷик нависанда бештар ба мушоҳида мегирад ва дар ҳикояҳояш муқобилати занонро ба маҳдудияти расму оини аҷдодӣ, ки аксаран боиси бадбахтии онон мешавад, тасвир мекунад.

Худро ба дарё андохтани қаҳрамони ҳикояи «Пули ларзон» – Нурбибӣ намунаи тасвири ҳамин гуна эътироз аст. Нурбибӣ бо ин роҳ худро аз зиндагии ҷӯривор, ки барояш ҳеҷ гуна хушӣ надошт, озод кард. Вале худкушии ӯ нишони оҷизӣ ва ноилоҷӣ буд, ки дар зимн исён дошт.

Нависандаи дақиқназар дар ин ҳикоя диққатро ба он ҷалб мекунад, ки падару модарон ба хотири дилбастагии ғуломона ба хешу табор, тарси соддалавҳона аз ғайбату таънаи мардум тақдири фарзандони худро насӯзанд. Падару модари Нурбибӣ эътибори хешу таборашонро ба назар гирифта, аз ғайбат ва таънаи мардум тарсида, ҳаёти духтари «қобилу баодоб ва баиффаташонро» сӯзонданд, онро ба хонаводае доданд, ки дасту по ва чашми занро мебастанд, ӯ озод набуд ва ҳеҷ гуна ҳуқуқ ҳам надошт. Нурбибӣ ин гуна зиндагиро нахост ва марги ӯ падару модар ва атрофиёнро водор месозад, ки тақдири фарзандашонро насӯзанд.

Дар муқобили ин ҳодиса нависанда дар ҳикояи «Никоҳ бо корд» образи Санавбари далеру нотарсро меофарад, ки рӯзи ба майдони ҷанг гусел кардани дӯстдоштааш вай бар хилофи расму оин «ба гардани Умар даст ҳалқа кард ва тез-тез се бор бӯсид». Дар муҳити деҳ ин кори Санавбар қаҳрамонӣ буд. Албатта, ин кори Санавбар ба ҳеҷ кас маъқул набуд ва ба қавли нависанда вай бо ин роҳ «муҳаббати худро ҳимоя карда тавонист».

Дар ҳикояи «Арафаи наврӯз» нависанда ба масъалаи муносибати мард ба зан диққат додааст. Қаҳрамони ҳикоя Миробид дар дами вопасини умраш аз кирдори худ, аз муносибате, ки солҳои ҳамхонагӣ ба занаш дошт, сахт пушаймон мешавад. Мутаассифона, Миробиди кӯрдил, дер фаҳмид, ки дар давоми чил соли ҳамхонагӣ бо зани марҳумаш «ҳамеша ҳамроҳ ва ҳамеша бегона будаанд». Вай дар баробари рӯҳи занаш ба гуфтугӯ медарояд, ки барои ӯ ва барои онҳое, ки аз чунин сарнавишт бояд ҳазар кунанд, сахт дардовар аст: «Ин шавҳари ношуд як умр аз пайи таъмини рӯзгор буд. Ғалла меовард, латта меовард, молу ҳол ғун мекард..., туро ҳам қатори молаш мешумурд. Рози дил намегуфт, баробари худ намедонист. Орзуву ҳавасатро намепурсид. Кӯдак гиря кунад, ба сари ту мушт мебардошт; нон сӯзад туро мезад; таом дер тайёр шавад туро дашном медод. Ва ту лом намегуфтӣ».

Дар ин монолог нависанда, нишонаҳои кӯрдилии «шавҳари ношуд»-ро (ифодаи худи Миробид) хеле аниқ овардааст. Албатта, ҳукме ки қаҳрамон дар ҳаққи худ баровардааст, ҳукми нависанда ҳам ҳаст.

Ғояи ислоҳи зиндагӣ ва ахлоқ дар повестҳои аввалини нависанда «Ағба» ва «Писанддара» ҳам ифода шуда буд. Нависанда ба воситаи ин асарҳо хостааст, ки қабоҳати зиндагии инсонро, ки маҳрум аз ормони олӣ аст, нишон дода, фаҳмонад, ки чунин зиндагӣ ба инсон ҷуз хорӣ ва маҳрумият чизи дигаре намеоварад. Дар ҳамин замина нависанда одатҳоеро, ки «замони нав ба муқобилаш қиём кард, ба қатори душманҳо» медарорад. Ва симою моҳияти ин душманро дар повести «Кини Хумор» мекушояд.

Нависанда дар ин повест аввалин бор баъзе масъалаҳои мактабу маориф, усули таълим, роҳҳои тарбияи кӯдаконро пеш мегузорад. Ӯ яке аз сабабҳои бадбахтии Хумор, тасаввуроти кӯтоҳбинона нисбат ба занро маҳз дар бекифоятии таълиму тарбия мебинад.

Андешаҳои қаҳрамони асосии повест Исфандиёр дар бораи мактабу маориф хеле ҷиддӣ буда, аҳамияти давлатӣ пайдо мекунанд. Исфандиёр дар ин бора меандешад, ки чаро Раҷаб аз фарзанди худ Хумор монанди занони чанд аср пеш зиндагӣ карданро талаб мекунад, чаро муаллим

Талбонов дар сари деги оши палав монанди паҳлавон асту дар навиштани як ҷумла чанд хато мекунад, чаро онҳое, ки дар назди халқу ватан барои тарбияи насли босавод ва хушбахт масъулият доранд, дар кори худ бепарво ва хиёнаткоранд?

Исфандиёр ҳамчун ҷавони дилсӯз, дорои ақли расо аз он тарзи таълими адабиёт, ки дар мактабҳо расм шудааст, норозист. Вай бисёр мехоҳад талабагон дар мактаб на фақат ҷой ва соли таваллуду вафоти нависанда ё сафарҳою вазифаҳои ӯро ёд гиранд, балки ба моҳияти иҷтимоию ахлоқии асарҳои нависанда, ба таҷрибаи маънавию ахлоқии мардум, ки дар тӯли солҳо дар адабиёт акс ёфтааст, сарфаҳм раванд. Зеро адабиёти ҳақиқӣ касро вайрон намесозад, балки ҳатто аз ноодаме метавонад одам созад.

Повести дигари Ӯрун Кӯҳзод «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» асари таърихӣ мебошад. Қаҳрамони ин асар устод Садриддин Айнист. Нависанда дар повест фақат як рӯзи зиндагии устод – 8 апрели соли 1917-ро, ки арафаи 75 маротиба бо дарра задани ӯ буд, тасвир мекунад. Ин рӯзи интизории ҷазо барои бегуноҳӣ шояд аз вазнинтарин лаҳзаҳои умри Айнӣ буд ва маҳз ҳамин рӯзро интихоб кардани нависанда бесабаб нест. Нависанда хостааст Айниро дар ҳоли беамалиётӣ, вале дар сари андешаҳои фаъол тасвир кунад. Айнӣ дар ин лаҳзаҳои душвор аз худ намеандешад, балки дар бораи Бухоро, равшанфикрони далеру нотавони он, таърихи фоҷиабори миллат меандешад. Повести Ӯрун Кӯҳзодро хонда, мо аз ботини шахсе огоҳ мешавем, ки он вақт, ки ҳанӯз шинохта набуд, барои халқ ва ояндаи он чӣ гуна месӯхту дар мегирифт.

Ӯрун Кӯҳзод аз нависандагони фаъол ва андешаманди тоҷик буда, ба сарнавишти халқ ва мушкилоти ҳаёти ҷомеа бепарво нест. Тозатарин китоби ӯ «Тоҷикони имрӯза» низ гувоҳи масъулиятшиносии адиб дар назди халқу ватан аст. Дар ин китоб нависанда фоҷиаҳои кишвари тоҷиконро, ки дар оғози солҳои навад рух дод ва боиси харобии мулку хонавайронии ҳазорон ҳамватанонаш гардид, ба тасвир мекашад. Таъсири манфии ин ҳодисаҳоро ба воситаи образҳои бадеӣ дар тақдири одамони гуногун нишон медиҳад.

Ӯрун Кӯҳзод дар адабиёти муосири тоҷик яке аз чеҳраҳои шинохтааст. Вай бо муҳимтарин асарҳояш, ки некиро ситоиш карда, бадиро, кӯрдилиро ва тангназариро маҳкум мекунанд, дар тарбияи маънавии мардум, махсусан ҷавонон ҳисса мегузорад. Ғояҳои олии ватандӯстӣ, халқпарварӣ ва инсондӯстиро ташвиқ мекунад. Арзиши баланди ахлоқӣ ва иҷтимоии осори ӯ мавқеи ӯро чун нависандаи дақиқназар ва масъулиятшинос дар адабиёт муайян мекунад.

## КИНИ ХУМОР

*(Порча аз повест)*

Дар Сарои Қамар фаслҳои солро амиқ ҳис кардан душвор аст. Ба назари Вера ҳамин тавр менамояд. Тирамоҳаш тобистон барин, зимистонаш тирамоҳ барин. Кайҳо баҳор даромадаасту имрӯз чунон хушкахунук шуд, ки дар хона беалов нишастан мумкин нест. Вера субҳгоҳон хунук хӯрда аз хоб бедор шуд. Хост хезад, ки истироҳат будани рӯз ба хотираш расид. Лӯнда шуд, худро печонид, аммо гармӣ надид. Ҷониби кати Тамара нигарист, ки як дасташро таги сараш монда, баҳузур хобидааст. Ба ӯ тақлид кард, боз гарм нашуд. Халаташро пӯшида хесту ҳезумҳои аз шаб боқимондаи пистаро ба печкаи тунука андохт ва ҳарчанд гӯгирд зад, дарнагирифт. Аз чоба ба қуттии консерв керосин рехт ва ба рӯйи ҳезум пош дода гӯгирд зад. Алов лаввос зад ва шӯълаи кабудчаи он як лаҳза хонаро фаро гирифт. Аз шуои ногаҳонӣ Тамара бедор шуд ва рӯйи кат нишаста чашмонашро молид:

– Вера, чӣ кор мекунӣ?

– Алов кардам.

– Хобат намебарад?

– Кайҳо рӯз шудагӣ.

Тамара кампалро ба китфаш гирифта, назди печ омад ва чорпояро ба Вера ҷафс карда нишаст.

– Мефаҳмам, – гуфт ва оҳ кашид.

– Чиро мефаҳмӣ?

– Набудани хоби туро.

– Ман хунук хӯрдам.

– Медонам, медонам. Дилат месӯзад. Ба одами нағз дили ҳар кас месӯзад.

Вера ҷавоб надод.

– Одами нағз буд, ҳайф мешавад, – боз гап сар кард Тамара. – Корҳояш хеле бад барин, аз рӯйи шунидам, – бо дилсӯзӣ илова кард ӯ.

– Ҳеҷ бадӣ надорад. Як каҷфаҳмии муқаррарӣ. Ҳамааш дуруст шуда меравад.

– Билфарз дуруст шавад ҳам, обрӯяш рехт.

– Ба тӯҳмат обрӯйи кас намерезад.

– А, ту мегӯӣ-дия. Инро як кас фаҳмад, даҳ каси дигар намедонад. Баъди ин қадар гапу овоза вай дар мактаб чӣ хел мегардад? Ба бачаҳо чӣ тавр дарс мегӯяд? Э, осон не.

Вера боз хомӯш монд. Печи тунука тафсида буд ва ӯ дасташро ба ҳаври он дошта тоб медод.

– Ман прокурор мешудам, худи даъвогар, худи шавҳари Хуморро ҷавобгар мекардам, – гуфт Тамара. – Айби худашу ба сари дигарҳо бор карда мегардад. Ман соли дуввум аст, ки дар ин ҷо кор мекунам ва феъли ӯро медонам. Ҷафо кунад ҳам даъвогар мешавад, ҷафо кашад ҳам. Ҳуқуқи худро нағз ёд гирифтааст, аммо ҳуқуқҳо ба зиммаи ӯ чӣ вазифаҳо мегузоранд, гӯё намедонад. Баъд, дилаш пур, ки гапаш мегузарад. Тағош одами обрӯманд. Ӯро пушт гирифта ҳар номаъқулӣ кардан мегирад.

– Тағош ин қадар аҳмақ набудагист? – гӯё маънӣ мекашида бошад, гуфт Вера.

– Мардум номи калонро доим ҳурмат мекунанд. Ҳатто андаке меҳаросанд. Баъд, ману ту аз куҷо медонем, ки вай аҳмақ аст ё не?

– Ман гуфтанӣ, ки тағош аҳмақ мешуд, ба як корхонаи калон роҳбарӣ карда наметавонист. Барои ҳамин, ба фикрам, ки он қадар кунд набудагист, ки манфиати шахсиро аз манфиати ҷамъиятӣ боло гузорад.

– Кӣ медонад?...

Боз хомӯшӣ ба амал омад ва боз Тамара хомӯширо вайрон кард:

– Хумора бин-а! Як одами мулоими гапгири сархам буд. Ҳеҷ кас гумон надошт. Не, ҳатто бovarии кас намеояд.

– Ҳалимӣ, ҳанӯз нишонаи мутеиву бечорагӣ нест, Тамараҷон!

– Ҳа, одамро шинохтан душвор. Гумон мекунӣ, ки Хумор куҷою шӯру исён куҷо?... Хуб кардааст-куя, лекин чаро ба Исфандиёр бастаанд?...

Мошине омаду дар баробари хонаи онҳо истод. Миёни сӯҳбати онҳо шикаст. Фаҳмиданд, ки мошин аз они кист, вале аз ҷой наҷунбиданд. Мавридҳои дигар мебуд давида пешвоз мебаромаданд, ки «Зокир омад», вале ҳоло аз ҷои нишастаашон наҷунбиданд, фақат ба назари савол ба якдигар нигаристанд. Лаҳзае пас шарфаи по то таги дар омад ва тақ-туқ шуд. Тамара ланҷона аз ҷойи хеста дарро кушод. Зокир бо бепарвоии сохта «ҳою ҳуй» карда даромад, вале духтарҳо рӯйихуш надоданд, Вера аз ҷойи нишасташ нахест. Тамара омада, дар ҷояш нишаст. Ба Зокир касе ҷойи нишаст нишон надод, Зокир сабаби ҳолро фаҳмид. Вай медонист, ки Вера аз ӯ гумонбар аст. Гумон дорад, ки ғавғои Хумор бо дасти Зокир ба сари Исфандиёр фурӯ рехтааст. Вале маълуми ҳол накард. Бо бепарвоии андаке ночаспон сатили холии ангиштро гирифту чаппа монда байни духтарҳо нишаст:

– Вера, як чой шавад.

– Тамара, чойи хушк дорем? – пурсид Вера.

Тамара ба чойҷӯш об андохта, болои печ монд, ки ҷаз-ҷазаш баромад.

Тамом, бо ҳамин, гӯё ҳама ба даҳон об гирифта бошанд, хомӯш монданд. Аз ҳама ногувотар ҳолати Тамара буд. Вай дар болои сӯзан нишастагӣ барин, бетоқатона меҷунбид, сулфаҳои базӯракӣ мекард, ҳар лаҳза оби даҳонашро фурӯ мебурд, ки садои қулт карданаш шунида мешуд.

Вера чашм ба печ дӯхта, зоҳиран бепарвою ором менишаст. Зокир ба қасди он омада буд, ки духтарҳоро мегираду сипас, хонаи Исфандиёр мераванд ва ҳама якҷоя ба ягон гӯшаи зебои табиат мебароянд. Зокир хабарҳои нав дорад, ки дар ҳамон оромиҳо нақл хоҳад кард. Аз Хумор ба инспектор баёнот омаданашро хабар медиҳад. Хабар медиҳад, ки кори Исфандиёрро хобониданд, ҳоло ин хел корҳои майда-чуйда ба гӯши касе ҳам намефорад. Чунки воқеаи ақлхиракунандае рӯй додааст. Хабари наве, ки вай оварда буд, дар ҳақиқат, ба нақл кардан меарзид.

Зокир аз Шафақ омада буд. Кӯчаҳои Шафақ, алалхусус, чойхонаву ошхонаву магазинҳо, чорраҳаҳо ва гирди обфурӯшу яхмосфурӯшон дар рӯзҳои истироҳат, ки мардум рӯзи бозор мегӯянд, одатан серодам мешуд. Аммо имрӯз одамон – хурду калон, марду зан ба кӯчаҳо баромада буданд, ё бо сабаби дар ошхонаву чойхонаву магазин кам даромадану кам нишастанашон ба назар чунин менамуд, ки ғайри одат буд. Ба ҳар навъ кӯчаҳо аз одам дуд мерафт ва одамон низ ғайри одат серҳаракаттар ва сергаптар буданд. Онҳо рӯ ба рӯ оянд, дастфишориҳои табрикӣ мекарданд, бо завқ аз кадом хусус гап мезаданд, ё аз ин тарафи роҳ истода шиносу ошнои дар он тарафи роҳ бударо «муборак шавад» мегуфтанд ва бо асрор лабу абрӯ паронида бошитоб роҳашонро давом медоданд, гӯё ки таъҷиле доштанду таъхирро намебардошт. Зокир дар гӯшаи чорраҳа мошинашро дошта тарафи универмаг рафт. Дар даромадгоҳи он гурӯҳ-гурӯҳ одамон меистоданд, ки вай ба як тӯда наздик рафта ба шиносонаш салом дод ва туфайли онҳо ба ҳамаи ҳозирон даст дода вохӯрӣ кард.

– Боб кардаанд-дия, – гуфт яке. – Ба даст афтонданашро гӯед. Ҳалол кор кардаанд.

– Мегӯянд, ки аз хонааш бист кило тилло ёфтаанд. Ягон шаввози аз таки бунаш бохабар будааст, ки ба ҳисоб гирифта мегаштааст.

– Дуздӣ чилрӯз паси саргини хар гуфтаанд. Як рӯз не, як рӯз бояд ба даст меафтид. Оқибати ҳамаи инҳо ҳамин аст.

Зокир аз нақли ҳамонҳо фаҳмид, ки ҳамин шаб, қарибиҳои саҳар хонаи Тӯрабоевичро муҳосираю мусодира кардаанд ва худашро ба ҳабс гирифтаанд. Вай дар ин фиребу найранг аз duздидану ғорат кардани моликияти ҷамъиятӣ танҳо набудааст, балегӯйҳо низ доштааст. Умуман, миёнаш дард накарда бошад, ки дилаш сӯзад. Инҳо, Тӯрабоевичҳо, бе ҳеҷ меҳнату заҳмат ба давлат расидаанд. Ба тайёраш баковул шуда омаданд ва коҳ барин бод дода мегарданд. Ҷояшон ҳам ҷост. Хуб шудааст, боб шудааст.

Зокир боз чанд муддат дар кӯчаҳо гашт. Вай интизор буд, ки дӯстони наздики Тӯрабоевичро ғамгину дилшикаста мебинад, аз рӯйи соф одамгарӣ, як-ду сухани таскинбахш мегӯяд, тасалло медиҳад. Вале ба ҳамаи ин ҳоҷат намонд. Дӯстони наздиктарини Тӯрабоевич бештар аз дигарон хурсанд буданд ва баландтар аз ҳама гап мезаданд. Ҳолу намуде доштанд, ки аз як балои сахти ба сарашон омада халос шудаанд.

– Ягон зарра одамгарӣ надошт, – мегуфтанд онҳо. – Аз худ рафта буд. Худо зад.

Зокир бисёр мехост, ки ин воқеаро нақл кунад, вале яхи ҳолатро шикаста натавонист. Онро ба мавриди мувофиқе мавқуф гузошту аз оринҷи Вера дошта гуфт:

– Ман ба ту, Вера, ваъда дода будам, ки мавриди мувофиқ афтад, азобҳои кашидаамро нақл мекунам.

– Он мавриди мувофиқ расид? – бо андаке пичинг пурсид Вера.

– Бале, расид.

– Дар вақте расидааст, ки ман ҳавсалаи шунидани саргузашт надорам. Чой ҷӯшид, Тамара! – изҳор кард Вера.

– Корҳои дунё ҳамеша нимбуд, Вера! Вақте ки ту шавқи шунидан доштӣ, ман ҳавсалаи нақл надоштам. Ҳоло баръакс.

– Маълум мешавад, ки чунин будааст, – бе ҳеҷ рағбат розӣ шуд Вера ва аз дил гузаронид, ки «чӣ хел ту кундӣ? Дида истодаӣ, ки ҳузури ту ба ман намефорад. Аз пайи кори худ равӣ намешавад?!»

– Лекин ман бисёр ташна ҳастам. То чой нахӯрам, намеравам, – гуфт Зокир, гӯё ки фикри аз дил гузаронидаи Вераро пай бурда бошад. – Ва алҳол, ки чой наҷӯшидааст, барои он, ки шумо зиқ нашавед, ягон гап задан даркор. Набошад, одам дилкаф мешавад. Хусусан, ман, ки фарзанди азизи падару модарам ҳастам ва ҳамон вақтҳо ҳам аз бетоқатӣ ду моҳ пеш ба дунё омадаам. – Гапи Зокир ғайричашмдошт оҳанги лутфомез гирифт ва чунин оҳанг ба худаш маъқул омад. – Падари раҳматии ман одами бисёр нозук, ҳассос ва бесабр буд. Аз бесабриаш ба ман ҳам

андаке мерос гузоштааст, вале ман ҳар рӯз ба сари он сад мушт мефарорам, ки аз тарбияи модарам омадааст. Беҳтарин дуои хайри модарам ин буд, ки «илоҳо, ба падарат монанд нашавӣ». Гумон накунед, ки модарам падарамро бад медид. Ҳаргиз ин тавр не. Вай шавҳарашро ҳоло ҳам дӯст медорад. Ҳоло ҳам ба ёди ӯ месӯзад, номашро бо эҳтиром ба забон меорад, вале намехоҳад, ки азоби ба сари фарзандонаш омада ба сари набераҳояш, ба сари писарони писараш низ биёяд.

Падари ман, аз рӯйи нақлҳои модарам, ба Исфандиёр шабоҳат доштааст. Зоҳиран не, феълан. Ана, ҳамин хел теззабон, масъулиятшинос, вале мавридшинос будааст. Калону хурд нагуфта танқид мекардааст. Кошкӣ, аз он феълу хӯй ба шахси худаш ягон манфиате расад. Барои ҳимояи манфиати дигарон худро дар чашми ҳамкорон бад карда мегаштааст. Оқибат даҳ бех дарахти буридаи кӯчаро баҳона карда, «одами эътимодбахш нест» гуфта ба ҳабс партофтаанд. Амакам дар рӯзнома мақола чоп карда, аз ӯ рӯ гардонидааст ва фамилияашро дигар кардааст. Баъдтар, падарамро сафед карданд. Баъди маргаш. Ҳуҷҷаташ дар дасти ман. Вале он ба оилаи мо чӣ душвориҳое овард? Моро модарамон ба сахтиҳои зиёде, ба дандон газида ба воя расонид ва доим дуо мекард, ки: «илоҳо умратон дароз шавад. Илоҳо ба падаратон монанд нашавед». Ман насиҳати ӯро азиз медорам. Ба Исфандиёр ҳам борҳо гуфтам, вале ӯ панд нагирифт... Вале ҳоло замона дигар аст. Корҳояш хуб хоҳанд шуд. Акнун хезед, меравему Исфандиёрро мегирем ва ягон ҷо ҳавои тозахӯрӣ меравем. Ман ҳикояҳои обнарасидае дорам, ки ба шумо мегӯям. Рафтем!...

* * *

Ҳодисаҳои фавқулодда дар Сарои Қамар аҳён-аҳён ба вуқӯъ мепайвандад ва боис ин аст, ки овозааш ба ҳама гӯшаи водӣ зуд паҳн мегардад. Гап-гапи тӯйи Зокир тавассути ба духтари раиси маъруф хонадор шудан ва аз хориҷа мошин овардани худаш ба даҳонҳо афтода буд, вале шӯру ғавғо надошт. Вақте ки хабари бо муаллимбачае аз хонаи шавҳар гурехтани зани фарзанддор паҳн гардид, тӯйи Зокир ба қатори воқеаҳои рӯзмарра гузашт. Аммо ин хабар достон шуд. Аз ин ваҷҳ бо асрор, бо ҳаяҷону ҳайрат нақлҳо мекарданд. Наҳ мезаданд ва намеписандиданд, ки аз ин рӯ бештар ҳам ғалоғула андохт. Аммо, чунон ки як ҳафта пеш ин овоза ногоҳ баромаду овозаи тӯйи Зокирро хира гардонид, хабари ҳабси Тӯрабоевичу ёронаш низ ғайричашмдошт ногаҳон паҳн гардид ва ба ваҷҳи аз фавқулоддаҳо ҳам фавқулоддатар будан, шӯри қиёмате буд, ки барпо гардид.

**Савол ва супориш:**

1. Ӯрун Кӯҳзод дар чӣ гуна муҳит ба камол расидааст?
2. Фаъолияти адабиашро аз навиштани чӣ гуна ҳикояҳо шурӯъ кардааст?
3. Мавзӯъ ва ғояи нахустин ҳикояҳои ӯро шарҳ диҳед.
4. Мавзӯъ ва ғояи аввалин повестҳои нависанда чист?
5. Масъалаҳои таълиму тарбия дар кадом повести нависанда ба миён гузошта шудааст?
6. Сарнавишти таърихии Айнӣ дар кадом повести Ӯрун Кӯҳзод тасвир шудааст?

## Романи психологӣ

Романи психологӣ як шакли асари бадеӣ буда, вазифаи асосии он характеристикаи психологии (равонии) ҳодисаҳо, амалу кирдорҳои иштирокдорони асар мебошад. Дар ин ҳолат психологизм фақат воситаи тасвир набуда, яке аз нишонаҳои муҳими бадеият низ мебошад. Меъёрҳои мураккаби психологӣ ва дороии маънавии инсон қимати ҷамъиятию эстетикии образҳо ва ғояи асарро ифода мекунад. Дар ин шакли роман аз ҷиҳати психологӣ асоснок будани характерҳои тасвиршаванда шарти муҳими тасвир аст. Дар романи психологӣ мафҳуми таҳлили психологиро танҳо ба воситаи тасвир ва мавзӯи адабиёт маҳдуд кардан мумкин нест, балки вай усули дарки бадеии инсон аз хусусияти муҳими адабиёти бадеӣ мебошад. Дар ин маврид психологизм ба масъалаи асосии адабиёт, ки шинохтани инсон ва офаридани характери ӯ мебошад, иртиботи қавӣ дорад. Аз ин ҷо тасвири ҷиҳатҳои психологӣ, рӯҳия, савияи фикру ҳис ва умуман таҷассуми сифатҳои хоси инсонӣ, он ҳолатҳое, ки дар дили ӯ мустақилона ҷараён доранд, нишон додани қудрату тавоноӣ, ҳиммату сустиҳои одам, дар шахсияти як кас зоҳир кардани чандин сифатҳо ва нозуктарин ҷунбишҳои қалбӣ, сар фурӯ бурдан ба олами мураккабу пурзиддият ба мақсади амиқ бурдани тадқиқи масъалаҳои иҷтимоӣ, асоснок кардани амалиёти инсон ва муайян кардани заминаҳои кирдору рафтори вай аз хусусияти асосии романи психологӣ мебошад. Ин тарзи тасвир дар чунин роман лаҳзагӣ ва берабт набуда, балки бо воқеият ва қонуниятҳои ҳаёти иҷтимоӣ сахт алоқаманд аст. Нависанда дар ин тарзи офариниш бояд қабл аз ҳама ба ошкор карда-

ни дорой, мураккабӣ ва мутаҳаррикии шахсияти инсон ба муҳити ӯ кӯшиш кунад.

Ҳамин тариқ романи психологӣ тасвири бадеии фикру андеша ва ҳиссиёти иштирокчиёни асарро, ки хислатҳои инсонии онҳоро муайян карда, бо торҳои хеле нозук ба афкори иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаи табиӣ дорад, дар бар мегирад.

Дар адабиёти тоҷик асари нависандаи маъруф Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳкорам»-ро муҳаққиқон нахустин романи психологии ахлоқӣ гуфтаанд. Мавзӯи ин роман ахлоқу одоби муосирони мо буда, зиндагии оилавии онҳоро ба тасвир мегирад. Нависанда дар ин асар мавқеи шахс, ҳолатҳои мухталифи руҳӣ, низои ахлоқию ботиниро нишон дода, ба муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷамъият аз назари ахлоқ баҳо медиҳад. Тарзи психологии тасвир дар роман чун ифодаи боварии қавӣ ба иқтидору имконияти инсон, шахсияти алоҳида ва чун эҳсоси масъулиятшиносии вай нисбат ба худ ва муҳит ба миён омад. «Ман гунаҳкорам» романи психологие буд, ки ҳам ба эътибори гузориши масъалаҳои ҳаётӣ, ҳам аз ҳайси дарки бадеии инсон, ҳам аз ҷиҳати тарзи тасвир ба насри тоҷик тозагиҳое овард. Бо ин роман таҳлили психологӣ чун хусусияти нави эстетикии насри тоҷик ба сифати як воситаи дарки ҳаёту инсон то андозае шакли мукаммал гирифт.

Дар романи психологӣ нависанда воситаҳои гуногуни таҳлили психологиро ба кор мебарад. Муҳаққиқон чунин воситаҳои маъмули таҳлилро дар романи психологӣ ҷудо кардаанд: монологи ботинӣ, сухани персонажҳо, фикру андеша, руҷӯъ, хаёлот, оҳанги гуфтор, тағйироти қиёфа, манзараҳои табиат ва тафсилоти нависанда.

Тафсилоти нависанда аз воситаҳои муҳими тасвиру тафсири ҳолати равонии инсон дар романи психологӣ мебошад. Яке аз воситаҳои дигари хеле маъмули тасвир дар романҳои психологӣ монологи психологист, ки нависандагон фаровон кор мефармоянд.

Таҳлил ва тасвир дар романҳои психологӣ тамоюлҳои гуногун дошта метавонад. Масалан, агар диққати нависандаеро беш аз ҳама тасвири характерҳо ҷалб кунад, дигараш ба таъсири муносибатҳои ҷамъиятӣ ва бархӯрдҳои рӯзмарраи ҳаёт эътибор медиҳад. Саввумиҳо алоқамандии ҳиссиёташро бо амалиёт ва чорумиҳо ба таҳлил ва тасвири эҳтиросот моил ҳастанд.

# БОЗОР СОБИР

# (1938—2018)



Бозор Собир шоирест, ки сабк ва салиқаи хоси шоирӣ дорад. Ашъораш бо маъниҳои баланд ва санъати шеърӣ аз беҳтарин саҳифаҳои шеъри имрӯзи адабиёти тоҷикро ташкил медиҳанд. Вай 20 ноябри соли 1938 дар деҳаи Сӯфиёни ноҳияи Файзободи Тоҷикистон ба дунё омада, баъди таҳсили миёна дар мактаб-интернати ноҳияи Ҳисор маълумоти филологиро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон гирифтааст.

Солҳои тӯлонӣ ҳамчун рӯзноманигор дар матбуоти кишвар, аз ҷумла дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (ҳоло «Омӯзгор») ва маҷаллаи «Садои Шарқ» кор кардааст. Аввалин шеърҳояш ибтидои солҳои шастум нашр шудаанд. Нахустин маҷмӯаи ашъораш «Пайванд» ном дошта, оғози солҳои ҳафтод ба нашр расид. Баъд паси ҳам маҷмӯаҳои «Оташбарг», «Гулихор», «Мижгони шаб», «Офтобниҳол», «Бо чамидан, бо чашидан...» ва ғайра чоп шуданд.

Фоҷиаҳои солҳои навади Тоҷикистон ба шоир ташвиши зиёд овард. Баъди асорати кӯтоҳмуддат ӯ хоки кишварашро тарк гуфт ва муддати тӯлонӣ дар Амрико зиндагӣ кард. Соли 2013 ба Ватан баргашт. Ашъораш пайваста дар Тоҷикистон нашр мешавад ва хонандагон ба ӯ ва шеъраш муҳаббати зиёд доранд.

Шоири тоҷик Мӯъмин Қаноат дар сарсухани ба аввалин маҷмӯаи шеърҳои Бозор Собир навиштааш гуфта буд, ки «Бозор Собир шоирест, ки дар синну сол ва суханварӣ ба камол расидааст. Пайвастагӣ ва дилбастагии шоир ба кӯҳ, деҳа ва рӯд чандон уствор аст, ки дар ҳар шеър зикри онҳо меравад». Мӯъмин Қаноат дар ин навишта ба мавзӯи аввалин шеърҳои шоир низ ишора мекунад. Воқеан ҳам мавзӯи асосии шеърҳои индавраинаи Бозор Собир табиат мебошад. Вале табиате, ки дар шеъри ӯ тасвир мешавад, аз инсон ҷудо нест. Табиат дар шеъри ӯ муҳитест, ки инсон дар он бо ҳиссиёти нозук, шавқу ҳаяҷон, зебопарастӣ, одамият ба камол расида, онро низ дӯст медорад. Ин та-

биатест, ки шоир дар он бо ҳиссу ҳаяҷони худ зиндагӣ дошт. Аз бачагӣ дар оғӯши вай буд, яъне табиат зиндагии ӯ, ҳастии ӯро ифода мекунад. Ин аст, ки унсурҳои табиат дар нигоҳаш ташхисонида мешаванд, сангҳо рафиқи бачагиаш мешаванд ва сари онҳоро бо меҳр сила ҳам мекунад.

Чунончи

Баҳорон бори дигар меравам ҳамроҳи кӯдакҳо,
Барои чӯҷаҳои кабки хушрафтор.
Таги ҳар буттаро бо даст мекобам,
Сари ҳар сангро оҳиста мемолам
Зи шавқу шодии тифлонаам саршор.

Дар шеърҳои аввалинаш шоир инсонро дар ҳамин гуна муҳиту вазъият тасвир мекунад. Вале ин инсон – қаҳрамони лирикии шоир ҳоло бо ҷамъият пайванди қавӣ надорад. Ин қаҳрамон барои хонандаи аввалин шеърҳои шоир барои он шавқангез буд, ки хотироти бачагиашро дар шеър зинда мекард, аз умеду орзу ва муҳаббати ҷавонӣ сухан мегуфт.

Ҳамин тариқ, таассурот дар нахустин шеърҳои шоир аз олами субъективӣ буда, ҳамаи ашё, мавҷудот ва олами ҳодис аз рӯйи таассуроти шахсӣ зикр мешавад. Ин усули эҷод ба шоир кӯмак кардааст, ки ба худшиносӣ ва худифшоӣ кӯшад. Дар ин гуна шеърҳо қаҳрамони лирикии Бозор бо табиат як шуда, балки аз он ҷудоӣ надорад, худро як ҷузъи табиат ва ҳар як унсури табиатро монанди худ мебинад. Масалан, дар шеъри «Суруди шабҳангом» мо манзараеро мебинем, ки кас аз дидани он ҳаловат мебарад, вале шоир ҳастии хешро аз он ҷудо тасаввур намекунад:

Дар кадомин лона имшаб
Қумрие хоб асту бедор,
Чӯҷаҳояш зери болаш,
Лонааш муште хасу хор
Хурраму осуда бод ин хоби ширин.

Шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир асосан бо мавзӯъҳои ватан, васфи табиат, ишқу таассуроти бачагӣ ва ғайра маҳдуд мешаванд. Вале ҳамин шеърҳо ба назар шогирдона намерасанд. Сабку сухан ва усули маъниофарии шоир дар онҳо пухта аст.

Аз маҷмӯаи «Оташбарг» сар карда, мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри Бозор Собир такмил меёбад. Таассуроти шоир бо воқеияти зиндагӣ ва тақдири инсонҳо омехта, ҳақиқати зиндагӣ ва сарнавишти инсонро бозгӯ мекунад. Ба ифодаи дигар, дар шеъраш рӯҳ ва ҳарорати гражданӣ боло мегирад. Шеърҳои «Антигона», «Пирамард», «Падарҳо», «То бу-

вад зинда яке хасми башар» ва ғайра ҳамин гуна хусусият дошта, сухани шоир аз сарнавишти инсон, аз талошу муборизаи вай аст. Дар шеъри «Антигона», ки илҳом аз муҷассамаи сангии «Модари Литва» аст, шоир сангҳайкалро бо сухан «зинда» мекунад ва аз номи ӯ «ба кулфати дунё» мегиряд, «барои ҷигаргӯшаҳои хеш», «барои шаҳидони навҷавон» нола мекунд ва ба сари онҳое, ки «дар паи шиканҷаи олам нишастаанд», борони хашму нафрин мерезад.

Ба ҷуз табиат, таассуроти зебо ва гоҳо ҳайратомези даврони бачагӣ, шоир таърихи миллатро бо ҳама бурду бохташ ва симои шахсиятҳои машҳур ба тасвир кашид ва дар ин замина шеърҳои хуби «Забони модарӣ», «Бухоро», «Теғи Сино», «Ман худамро кушта, кушта...», «Аҳмади Дониш», «Фирдавсӣ», «Борбад», «Китоби тоҷикон», «Муҷассамаи Айнӣ» ва ғайраро эҷод кард, ки хонандаро дар рӯҳи ватанпарварию миллатдӯстӣ ва қадршиносӣ тарбия мекунанд.

Бозор Собир ба зиндагӣ муҳаббати самимӣ ва хос дорад. Ӯ зиндагиро бо ғаму ғусса, шоду ношодаш дӯст медорад ва ба ҷон азиз медорад. Бинобар ин ҳам вақте ки дар бораи зиндагӣ сухан мегӯяд ҳамеша талқин мекунад, ки дар ҳар ҳол аз зиндагӣ розӣ бояд буд, аз он набояд домангир шуд, онро бо ифтихору сарбаландӣ ба сар бояд бурд, набояд аз он озурда шуд. Зиндагиро шоир бо хубию бадиҳояш дар шеър таҷассум месозад:

Зиндагист мисли кӯҳистон,
Ҳар хамаш сад хами дигар дорад.
Дар паси ағбаҳои мушкилгард
Ағбаҳои баландтар дорад.
Панҷаи роҳҳои борикаш–
Панҷаи сахти тангчашмон аст.
Арраи теғаҳои ӯ хунрез,
Арраи тези неши дандон аст.
Лек чун тифле синанодида,
Нест марди наҷиб домангир.
Метавонад ба пойи чӯбин ҳам,
Тай кунад роҳи хеш то охир.

Мо дар шеъри Бозор бо мафҳуми Ватан зиёд вомехӯрем. Ватан дар шеъри ӯ маънии ҷомеъ дошта, ифодагари забон, таърих, табиат, рӯду кӯҳистон, ёлаву талҳост. Ватан дирӯз, имрӯз ва фардои халқ аст. Дар шеъри «Хати сурх» муҳаббати шоир ба Ватан табиӣ ва равшан ифода шудааст. Ба назари шоир зиндагӣ дар Ватан ширин аст. Ҳатто дур аз Ватан мурдан ба шоир азоби азим менамояд.

Аз Ватан дур агарчи бисёр аст,
Зиндаю мурдаи баному нишон.
Лек осон набуду осон нест,
Аз Ватан дур мурдани мардон...
Мехазам синамол сӯйи Ватан
Бо сару дасту пойи хунрезон.
Қитъа ба қитъа мекашам хати сурх,
Аз паям то канори кӯҳистон.

Шеъри Бозор Собир маънии амиқи ватанпарварӣ дорад. Шавқу шӯри ватанхоҳии ӯ аз ҳар калима берун меояд:

Ватан, ватан, ватан, ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Касам агар каси туям
Хасам агар хаси туям.
Вуҷуди туст аз ду тан–
Тани замину ҷисми ман.
Ману туем ҳамбадан
Ватан, ватан, ватан, ватан.

Вале ҳанӯз ин шинохти комили Ватан нест. Ӯ аз гузашта ва имрӯзи Ватан шоирона ёд мекунад. Зикри номи Ватан, таърих ва аламҳои онро дар дилаш зинда мекунад. Маҳз эҳсоси ҳақгузорӣ ва шинохтани манфиатҳои халқу Ватан шоирро ба шеър гуфтан во медорад. Вале дар ин равиш ӯ ба нақлу тавсифи воқеаҳои рӯзгор таваҷҷӯҳ надорад, балки мекӯшад саҳнаҳои муассири зиндагиро ба воситаи образҳои шеърӣ зинда созад. Дар ҳама ҳолат бовар ва садоқати ӯ ба зиндагӣ, ба рӯҳи созандаи инсон ғолиб меояд. Ин меъёри аслии дили шоиронаи ӯ ба воқеияти дирӯзу имрӯз, ба сарнавишти ватан ва омоли фарзандони он аст. Масалан, дар шеъри «Худамро мебарам бар дӯши худ боз» ҳастиашро фоли бақои Ватан мешиносад:

Барои хоки ӯ дар ҷанги Гирмон,
Ман андар батни модар тир хӯрдам.
Маро бо тири Гирмон зод модар,
Намемирад Ватан, чун ман намурдам.

Дар ин шеър ва бисёр шеърҳои дигараш ранҷҳои ҷанг ва талафоти гарони он дар ақибгоҳ барои шоире, ки лаззати шириниву талхии он айёмро чашида буд, меъёри баҳои ҳақиқат гардид. Бисёр шеърҳои шоир аз муҳити деҳ мавзӯъ гирифта, ба замони бачагии шоир алоқамананд. Он давраи фоҷиабори таърихиро бо ғаму шодии кӯдакона зинда меку-

над. Шеърҳои пурдарди «Кӯдакӣ ку?», «Фарзанди деҳқон», «Бачаҳои деҳотӣ», «Асп», «Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст» саҳнаҳои пурдардеро аз бачагии замони ҷанги шоир ва қаҳрамони лирикии ӯ бозгӯ кардаанд.

Шеъри Бозор Собир оддӣ нест. Вай шеъри тасвирӣ мегӯяд. Ба ин далел сухан дар шеъри ӯ мақоми хос дорад. Беҳуда нест, ки шоир дар шеъри «Забони модарӣ» таърихи забони халқро ба ёд оварда, аз қадри сухан ҳарф мезанад:

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан.

Шоир дар ҳамин маслак, ки анъанаи устодони сухани ҳазорсолаи тоҷикист, содиқ монд. Муҳимтарин унсури шеъри ӯ сухан аст, ки ба маънӣ болу пар мебахшад. Маҳз интихоби сухан ва тозагӯиву тозаҷӯӣ шеъри ӯро тасвирӣ ва образнок сохт. Ӯ ба анъанаҳои адабии китобиву халқӣ рӯ оварда, ба шеъраш болу пар бахшид. Оҳанги таронаҳои духтарону писарони деҳотӣ аз бисёр навиштаҳои ӯ басо поку дилангез ба гӯш мерасад. Қиёсоти шоиронааш низ ба таҷрибаи маънавии мардум такя мекунад. Шеърҳои дилангези «Дилам месӯзад», «Бӯса ба дунё задам», «Доғнома», «Дареғо» ниҳоят ҳунармандона гуфта шудаанд. Ин шеърҳо саропо тасвирӣ буда, таҷрибаи ҳунарии ӯ аз саргаҳи поки фарҳанги мардумӣ ғизо мегирад, он ҳама ёфтаҳои шоир бо чамидану шамидану чашидан, ки заҳмати занбӯри асал аст, ба мо бозмегардонад.

Чунончи

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад.
Беҳ чашми маро намекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад.
...Вақте ки ғами ту мекунад дилгирам,
Мехезаму дафтару қалам мегирам.
Аз дафтару аз қалам алам мегирам,
Бар дафтару бар қалам дилам месӯзад...

Номи ҳамаи китобҳое, ки то ҳол Бозор Собир чоп кардааст, ба назари дунёшиносӣ ва усули эҷоди ӯ ишорат мекунад, ки яке аз онҳо «Бо чамидан, бо чашидан...» аст. Худи шоир низ ба ин мавзӯъ ишора карда гуфта буд, ки «мавзӯоти худро бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по

қаламӣ кардааст». Ин чунин маънӣ дорад, ки мо тасвирҳои шоиронаи ӯро бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по метавонем ҳам бинему ҳам ламс кунему ҳам чашему ҳам шамем. Яъне ӯ дар шеъраш рангу бӯйи зиндагиро чидааст. Табиист, ки аз хондани бисёре аз шеърҳои ӯ бештар ашёи тасвиршуда дар ёди мо мемонад, мо метавонем онро ламс ва дарк намоем. Шеъри «Тирамоҳ» намунаи ҳамин гуна шеър аст:

Мурғҳоро аз ҳаво тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро дарида,
Подаҳои бодҳояш сабзаву гулро чарида,
Тирамоҳи тира бар кӯям расида.
Селаи гунҷишки тар
Дар зери борон мезанад пар,
Ашки борон мечакад аз мижгони сабзи санавбар,
Ҳамчу аз мижгони духтар.

Ҳунари тасвиргарӣ дар шеър аз қудрати забондонӣ ва хаёлоти латифи шоир берун меояд. Забони шеъри Бозор Собир ҳам аз ҷиҳати луғат, ҳам аз ҷиҳати услуб қобили таваҷҷӯҳ аст.

Бозор ҳам дар шакли шеъри озод ва ҳам анъанавӣ бомуваффақият шеър мегӯяд. Бештарини шеърҳояш, аз ҷумла «Ватан», «Дар оғӯши кӯҳистон», «Бухоро», «Асри ХХ», «Забони модарӣ» ва ғайраро, ки мундариҷаи нав доранд, дар шакли шеъри озод гуфтааст. Шеърҳоеро, ки мавзӯъ ва таассуроташон анъанавист, дар шакли анъанавӣ мегӯяд. Масалан, «Жакон», «Мераванд абрҳои тобистон», «Барф», «Ғазали арӯсӣ», «Ошиқон» ва ғайра. Вале дар ҳамин шаклҳои анъанавӣ ҳам тасвирҳои ӯ тозаву пурмаъниянд.

Услуби Бозор Собир «яке аз ҷолибтарин ҳодисаҳое дар назми ҳозираи тоҷик буда» осораш бо мазмунҳои баланди ватандӯстиву инсонпарварӣ дар таърихи ин адабиёт мақоми хос дорад.

Бозор Собир соли 2018 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Савол ва супориш:**

1. Роҳи зиндагӣ ва эҷоди шоирро шарҳ диҳед.
2. Мавзӯи аввалин шеърҳои шоир кадом аст?
3. Моҳияти иҷтимоии шеърҳои Бозорро муайян кунед.
4. Мавзӯъҳои Ватан ва таърих дар эҷодиёти шоир чӣ мақом доранд?
5. Андешаатонро дар бораи ҳунари шоирии Бозор Собир баён кунед.
6. Услуби шеъри ӯ чӣ гуна аст?
7. Шеъри «Кулбаи модар»-ро маънидод намоед ва онро аз ёд кунед.

## Кулбаи модар

Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чака халтаи маҳтоб.
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот.

Шаб аз лаби боми кулбаи модар
Ҳамчун зари об мечакад маҳтоб,
Аз халтаи моҳу халтаи ҷурғот
Ҳамчун зари ноб мечакад зардоб...

Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам.

Як мушт ятими хуфтаро модар
Дар пахтаи дил гирифта мехобад.
Сар монда ба тахтаи дили модар
Сар монда ба пахтаи дили модар,
Бо чак-чака мебарад хобам,
Чун равғани маска мебарад хобам.

Дар ҷойгаҳи мо, ки тут мерезад,
Чун ҷола, ки моҳи ҳут мерезад.
Хамёза, ки мекашӣ, ба нохост
Шаб дар даҳани ту тут меафтад.

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар...
Дар хоби шабам ҳанӯз бехотир,
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш

Як мушт ятими хуфта мебинам –
Додар ба бағал гирифта додарро
Хоҳар ба бағал гирифта хоҳарро.

Вақте ки аз ин миёна бархезам,
На мушти ятими хуфта мебинам,
На дасти бағалгирифта мебинам.
На навдаи тути пахта мебинам.
На! На! На ба мушт донаи туте.
Танҳо ману мушти сахти калтуте.

Ман аз тани кӯдакии ман ҳар бор
Чун мурғи пагоҳӣ мешавам бедор.
Чун мурғи пагоҳӣ сина мекӯбам,
Чун мурғи пагоҳӣ мезанам фарёд.
Чун мурғи пагоҳӣ мекунам ку-ку:

Ку хоҳаракони хонарӯбам, ку?
(Сад соли дароз хонаноруфта),
Ку додаракони хонабонам, ку?!
(Сад соли дароз хона бесоҳиб),
Ку модараки сагерабонам, ку?!
(Сад соли дароз дег ношуста,
Дегу табақаш ба рег ношуста).

На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо.
Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб.

## Бачаҳои деҳотӣ

Нарм-нармак тарона мехонанд
Аз лаби бому аз сари девор,
Баччаҳо, баччаҳои деҳотӣ,
Соддаю хушзабону беозор.
Аз дарахтон шукуфа мерезад,
Бӯйи пудина мекунад дами бод.

Медаванд аз миёни майсаю об,
Баччаҳо побарҳнаву дилшод.

Аз паси кӯдакони бепарво,
Чун ҳаросак ситода бо сари хам,
Мекунам орзу, ки бори дигар,
Кошки ман ба тифлӣ баргардам.

Боз ман бошаму ҳавои баҳор,
Резаборону турнаҳои қатор.
Гузаронам чу мисрае аз ёд
Турнаҳоро ба чашм аз кӯҳсор...

## Чорпора

Ҳар шеър, ки пора-пора месозам ман,
Пайдост, ки чорпора месозам ман;
Ҳар пораи чорпораам – пораи дил,
Дилро дуҳазорпора месозам ман.

* * *

Ман одами сояшин набудам умре,
Дар сояи ону ин набудам умре.
Чатре ба сарам набуд аз сояи кас,
Ин чатри кабуди осмон буду бас.

* * *

Вақте ки чаковак аз ҳаво меояд,
Бигзор, ба рӯйи чашми ман фармояд,
Дар байзаи чашми ман, ки чун байзаи ӯст,
Биншинаду чӯҷаи чаковак зояд.

* * *

Рӯзе писарам чашмаи сероб кашид,
Бо ранги зулоли обии ноб кашид,
Бар он нигаристаму дилам об кашид,
Аз чашмаи ранг чашми ман об чашид.



# ГУЛРУХСОР САФИЕВА

## (1947)

Гулрухсор 17 декабри соли 1947 дар деҳаи Яхчи ноҳияи Дарбанди Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 1968 факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро тамом карда, дар вазифаҳои мухбири «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), мудири шӯъбаи матбуоти комитети марказии комсомол ва сармуҳаррири рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» фаъолият намудааст. Аз соли 1981 то 1986 котиби раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ муддате аз ҷумҳурӣ берун рафт. Ҳоло дар шаҳри Душанбе зиндагӣ ва эҷод мекунад.

Нахустин шеърҳояш дар матбуоти маҳаллӣ чоп шуда, аз маҳорати шоирии ӯ дарак медоданд. Баъд паси ҳам маҷмӯаҳои ашъори «Бунафша», «Хонаи падар», «Шабдарав», «Оинаи рӯз», «Оташи суғд», «Ихлос» ва ғайраро ба чоп расонд. Бештарин қисмати осораш ба забони русӣ ва забонҳои халқҳои собиқи иттифоқи шӯравӣ ва ҷаҳон тарҷума шудаанд.

Муаллифи достони «Мотами сафед» мебошад, ки дар бораи қисмати фоҷиабори афсарони аз ҷанги ҷаҳонӣ баргашта нақл мекунад. Ӯ муаллифи романи «Занҳои сабзбаҳор» низ мебошад, ки аз рӯзгори пурфоҷиаи занони деҳот дар солҳои ҷанг ва баъди он ҳикоят менамояд.

Гулрухсор муаллифи песаҳои «Озодӣ», «Ба мо бовар кунед», «Заминларза», «Ғори аҷинаҳо» ва ғайра буда, ҷоизаҳои ҷавонон ва ба номи Рӯдакиро дарёб кардааст.

**Эҷодиёт.** Гулрухсор шоираест, ки аз байни қаламкашони ҳамсолаш бештар дар байни хонандагон шӯҳрат дорад. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар камоли шеър ва ҳунари шоирии ӯст.

Биёед ҳамроҳ вориди ҷаҳони рангини шеъри ӯ шавем ва бубинем, ки дунёи шеъри ӯ чӣ махсусиятҳо дорад, шеъри шоира чӣ сирре дорад, ки ин қадар хонандаро ҷалб мекунад.

Китобҳои осори ӯро бо диққати тамом варақ мезанем ва аз саҳифа ба саҳифа, аз байт ба байт чун аз пайроҳае ба пайроҳае сайри дунёи шоирии ӯ мекунем. Аввалин таассуроте, ки аз ин сайр ҳосил мешавад, аз он аст, ки ин дунё ба мо шинос аст. Ин дунё низ «Ватан» ва «Замин» дорад, дар ин дунё «Тӯй», «Ҷангу сулҳ» мешавад, қуллаҳо моро мафтун мекунанд, «чашмаҳо» фаввора мезананд, одамон интизорӣ мекашанд, орзу мекунанд, ишқ меварзанд, гаҳвора меҷунбонанд, чароғакҳои зиндагӣ нурафшонанд.

Дар ин дунё муҳаббат сохтаву бофта нест. Ин муҳаббати поки шоираест, ки новобаста аз «миллату мазҳаб» ҳамаро дӯст медорад, нигоҳи ӯ ба сӯйи ҳама нигаронида шудааст:

Сӯйи ту меравам,
Чун хандаи баҳор
Ман қаҳрамони ҷанг не,
Ман қаҳрамони нанг.

Дунёи шеъри шоира аз муҳити кӯдакӣ, аз деҳе, ки он ҷо зода шуд ва парвариш ёфт, ҷудо нест. Дар ин муҳит диёри кӯҳистони ӯ, деҳаи Яхчаш бо осмони тоза, рӯди равон, гулу себаргаҳои адирҳо бо обу ранги тоза ҷилва мекунанд. Назари гарми шоиронаи ӯ дар як гӯшаи кӯҳистон, ҳар як гулу сабзаи онро барои мо зинда месозад:

Ман аз домони кӯҳистон
Чу аз домони чити модарам гул
чиданӣ будам.

Аммо тасвири кӯҳистон дар ашъори шоира яктарафа нест. Тасвири кӯҳистон дар баробари тасвири табиат, тасвири зебоиҳо, тасвири ҳаёт, таззодҳои рӯзгор, фалсафаи зиндагӣ, ифодаи дарду рози инсон ва муҳаббати ӯ ба Ватан аст:

Дар сари хирмани пурдона хафи каҳ дидам,
(Зиндагӣ боргар асту ману ту донаву коҳ!)
Ба дили хок кӣ афтад, кӣ сари бод равад,
Аз дили санг баҳорон, кӣ бирӯяд ногоҳ.

Осиёби деҳа дар шеъри «Осиё» рамзи зиндагӣ аст. Вай ҳайкали гушнагии дирӯза ва серии имрӯза мебошад. Ин шеър аз беҳтарин шеърҳои шоира буда, дар тимсоли осиёб ба воситаи образҳои шеърии нишонрас масъалаҳои зиёде бардошта мешавад. Ҳар як тасвир, образ дарди шои-

ра, фикру эҳсоси ӯро барҷаста ифода мекунад ва ҳар як образ мазмуни як паҳлӯи ҳаёти халқ ё қисмат:

Тифлии ман аз қафои чанг то Гирмон бирафт.

* * *

Гушнагиро кӯфт ҳамчун дони гандум санги ту.

* * *

Ман ба деҳа баҳри доруи хамушӣ омадам.

* * *

Осиёби ман ту дони ҳасратамро орд кун.

Гулрухсор нахустин шоираест, ки дар адабиёти тоҷик эҳсос ва таассуроти поку беолоиши занонаро дар мавзӯъҳои гуногун бо шавқи тамом ифода карда тавонист. Бинобар ин шеърҳое, ки ӯ дар мавзӯи Ватан, модар ва ишқи поки инсонӣ мегӯяд, ба андозае самимӣ ва нишонрас ҳастанд, ки дили хонандаро ба хурӯш меоранд.

Гулрухсор дар сархати ашъори ватанхоҳонааш ин рубоии мардумиро сабт кардааст, ки як навъ мазмун ва арзиши шеъри ӯро таъбир мекунад:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош гадо будӣ ба Канъон хуштар.

Гулрухсор пасу пеш бо Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар ва дигарон ба арсаи шеъру шоирӣ омад. Ӯ вақте бо эҳсоси ифтихор аз Ватан, гузаштаву имрӯзаи он ба адабиёт омад, ки дар ин мавзӯъ ба бисёр мавзӯъҳои ба худшиносии миллӣ алоқаманд шеърҳои пурмазмун ва ҳунармандонае гуфта шуда буданд. Вале он шеърҳо ҷойи шеъри Гулрухсорро танг карда натавонистанд. Зеро ки ин гуна шеърҳоро шоира бо камоли ҳунар суруда буд. Онҳо ба дили хонанда наздик буда, рӯҳияи калону хурдро хеле амиқ ифода мекарданд. Аз ин ҷиҳат ба дилҳо роҳ ёфта, аз китоб ба китоб иқтибос мешуданд. Дар ин замина шеърҳои «Ватан», «Хонаи падар», «Ватандор» аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққатанд.

Шеъри бисёр хуби ӯ «Ватандор» муҳаббати ватанро дар дили хонанда афзуда, ӯро ба ҳифзи арзишҳои бузурги ватанхоҳию ватандорӣ

омода мекунад. Хонандаи огоҳ аз сатрҳои зер танҳо сабақи дӯст доштани Ватан ва хидмати бедареғ ба онро меомӯзаду бас.

Санги кӯҳат заршиносам кардааст,
Ишқи ту пири сипосам кардааст.
Бефаноии ту дар даҳри фано,
Аз ғами мурдан халосам кардааст,
Эй Ватан, марзи садоқаткиштаам,
Эй Ватан, «Шоҳнома»-и нанвиштаам.
Носеҳонам нуктагирӣ мекунанд,
Деҳаи худро агар гӯям Ватан.
Мекунад таҳрири кач, таҳлили кач –
Качкулоҳе меҳру шеъру ҳарфи ман,
Мазраву деҳи диёри ман, Ватан,
Эй канори беканори ман, Ватан.
Дар нигоҳи нуктагири беҳунар,
Гар гули рухсори чурму иллатам,
Бо сари сабзу забони сурхи худ,
Духтари исёнпарасти миллатам! –
Дарди ман бо тоҷикӣ гирён шавад,
Шодиам бо тоҷикӣ хандон шавад.

Ва ин шодии шоираи ватандӯсту истиқлолхоҳ ин аст, ки дар дубайтии зер иқрор мешавад:

Надорам орзуи умри човид,
Ватан бигзор монад човидона.
Ҳамехонам ба ӯ баъди сари ман
Ватан монад, Ватан монад нишона!

Ва дар ин рубоӣ низ Гулрухсор Ватанро бо муҳаббати бемонанд дӯст медораду меситояд:

Торе, ки то Ватан нахонад, назанам,
Он дил, ки ғами Ватан надонад, шиканам.
Шамъе, ки бари Ватан насӯзад, бикушам,
Чашме, ки туро Ватан набинад, биканам.

Гулрухсор дар бораи Ватан шеърҳои амиқ ва рангин мегӯяд. Шояд дар ҳамин гуна шеърҳо эҳсоси амиқи тоҷикона, ки моломол аз муҳаббати Ватан, дарду доғи он аст, ба равшанӣ ифода шуда бошанд. Аз ин ҷиҳат ин гуна шеърҳои ватанхоҳонаи ӯ аз шеърҳои дигарон фарқ мекунанд. Дар ҳамин равиш назари ӯ ба таърих, сарнавишти маънавии халқ хеле амиқ ва пурмазмун аст. Номи яке аз китобҳои ашъори ӯ, ки «Оташи

суғд» аст, низ ба ин мавзӯъ ишора мекунад. «Оташи суғд» рамзи идомати зиндагии халқи ӯст. Ин оташ танҳо поси хотир нест, балки барои шоира ва хонандаи огоҳ ин оташ маънии амиқтаре дорад, ки шоира дарёфтааст:

Бароям суннати оташпарастӣ,
Бувад мерос аз бобои Суғдам.
Туро бо як нигоҳи гарм сӯзам,
Ман охир духтари Момои Суғдам.

Ин гуна шеърҳои шоира маънии амиқ, маънии аз ғунҷоиши як шеър фузунро ифода карда, дар замони гузарони мо ҳамин гуна шеърҳо арзиши зинда пайдо мекунанд. Вақте дар бораи арзиши намирандаи шеъри ӯ сухан мекунем, беихтиёр таронаи ба модар бахшидааш ба ёд меояд. Ин шеър дар нигоҳи аввал таронаи мардумиро ба ёд меорад, вале чун бодиққат онро мехонему мешунавем ва эҳсос мекунем, дармеёбем, ки ин шеър либоси хос дорад, ки ба танаш Гулрухсор пӯшонидааст. Бесабаб нест, ки ин шеър имрӯз аз ҳама бештар суруда мешавад ва якҷоя бо меҳри модар дар дили хонанда маъво гирифтааст:

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам.
Ганҷи ягонаам,
Хуршеди хоВарам.

Чун дасти орзу
Дасти ту дар сарам,
Бахти баланди ман,
Бахти ту доварам.

Эй духтари замин,
Эй модари ҷаҳон
То ҳаст зиндагӣ,
Ҳастӣ ту ҷовидон!

Аз ин шеър фақат овози шоира ба гӯш намерасад; он чӣ ӯ мегӯяд, рози дили ҳар фардест, ки модарашро азиз медорад.

Шеъри Гулрухсор маънии амиқи иҷтимоӣ дорад. Вай хоҳ дар бораи Ватан нависад хоҳ модар ҳадафаш як аст, ислоҳи ахлоқи ҷомеа; дар дили инсонҳо афрӯхтани муҳаббат ба ватан, модар ва умуман, ҳаёт. Вале сабақи ҳаёт паҳлӯҳои дигар дорад, ки шоираро ба гуфтани шеъри пурсӯзи ахлоқӣ ҳидоят мекунад. Яке аз мавзӯъҳое, ки консепсияи ахлоқии Гулрухсорро тарҳ медиҳад, танҳоист. Дар ин боб андӯҳи шоира чунон амиқ аст, ки маҷбур мешавад чунин хулоса кунад: «Бахти мо чун мурғи шабкӯр бо нигоҳи субҳ зор аст». Ин ҷо образи рамзии мурғи шабкӯр мазмуни иҷтимоӣ касб мекунад. Аз танҳоӣ шиква намудани шоира маънои бо мардум пайвастан ва талош барои якдилист. Ин маъниро ӯ тақвият дода, дар шеъри «Об бурд» навишта буд, ки «Иттифоқи мӯр

филҳоро кушад, Зиндагонӣ фарди танҳоро кушад» ва одамонро даъват мекунад, ки «ҷамъ бошанду нарм бошанд». Дар шеъри дигараш – «Замин аз дард меларзад» меафзояд:

Бидеҳ дастони кӯчакро писарҷон,
Ки дасти модари танҳо бигирем.

Нияти ахлоқии Гулрухсор дар шеър ва зиндагӣ мубориза барои покии виҷдону софии ахлоқ, шарафу номус ва обод доштани дунёст. Қаҳрамони лирикии шоира далеру собитқадам аст. Аз ин рӯ соҳиби ин қаҳрамон – Гулрухсор бо қатъият мегӯяд:

Байни маргу зиндагӣ монанди пул истодаам,
Ман, ки андар сахтӣ ҳамчун сангу нозук чун гулам.
Зиндагӣ мехоҳаму дар ҳифзи номи зиндагӣ
Қудрату мардонагии ман ба сад кас мерасад.

Нафақат Гулрухсор, балки қаҳрамонони шеъри вай, аз қабили Робеа, Индира Гандӣ ва дигарон низ муборизу исёнгар ва созанда ҳастанд. Гулрухсор гоҳ ба қаҳрамонаш сифатҳои маънавии хешро меафзояд (дар нисбати Робеа) ва гоҳи дигар сифатҳои қаҳрамонаш (Индира Гандӣ)-ро дар худ камол мебахшад. Дар натиҷа мо дар навиштаҳои ӯ ба инсонҳое вомехӯрем, ки ҷаҳон комили маънавӣ дошта, бебоку муборизанд.

Гулрухсор шоираи таърихписанд аст. Бисёр мехоҳад ба воситаи шеъраш таърихро дар хизмати имрӯз қарор диҳад. Дар ин замина ӯ амиқтар рафта, таъкид мекунад, ки имрӯз набояд «модари худ, решаи худ, хоки худро аз ёд бурд». Ҳам Гулрухсор ва ҳам қаҳрамони ӯ – Робеа сари ҳастӣ ва баҳои миллат андеша мекунанд. Яке аз унсурҳои баҳои миллатро шоира ва қаҳрамони ӯ дар забон мебинанд. Шоира боре навишта буд, ки «марги миллат аз марги забон сар мешавад, марги забон аз беномусиву бегонапарварии соҳибзабон». Ин матлабро қаҳрамони ӯ Робеа тақвият мебахшад:

Сари зиндаи беор ба дор бод,
Зиҳӣ сари буридаи номус.
Робеа мегӯяд:
Шеърҳои дар лаби ман куштаро,
Духтаре охир бигӯяд ҷойи ман.

Ва ин духтари ҷасур, бебок ва фидокор аст, ки ҳам шахсияташ, ҳам зиндагию рӯҳи исёнкораш, ҳам шеъраш давоми умри Робиаҳост.

Барои Гулрухсор зиндагӣ ва эҷод ягонаанд. Аниқтараш миёни ин ду шоира сарҳаде надидааст. Ҳамин аст, ки вай дар шеър бар зидди нозўриву ноодамӣ ва аъмоли бади инсонӣ мубориза дорад.

Достони пурмазмуни ў «Мотами сафед» давоми ҳамин равиши эҷодии ўст. Ин достон аз сарнавишти талхи зане ба номи Гулпарӣ ва даҳҳо шахсиятҳои неку бад ҳикояти пурсўзе мекунад. Шоира ба воситаи ин достон нақши фоҷиабори ҷангро дар қисмати инсон нишон медиҳад. Таъкиди ў бар ин аст, ки ҷанг пеш аз ҳама осоиши мардуми оддиро барҳам зада, нобакоронро бар сари кор меорад. Нобакорон аз ин фурсат барои худ истифода карда, ба бадбахтии мардум меафзоянд.

Қаҳрамони достон Гулпарӣ рўҳи бешикасте дорад. Ў рамзи фидокорӣ, ҷасорат ва бемаргист. Бинобар ин ҳам шоира дар ҳаққи ў мегўяд:

Бар ҳоли ў сўзад дилам,
Бар қудраташ тан додаам.
Унвони мардӣ гар якест,
Онро ба ин зан додаам.

Шоира бо тасвири воқеаҳои дар ақибгоҳ аз сари қаҳрамононаш гузашта, рўҳи тавоно ва имону одамияти онҳоро ситоиш мекунад. Фоҷиаи ҷанг дар ақибгоҳ фоҷиаҳои дигарро ба вуҷуд овард. Зиндагии инсонҳоро тира сохт. Рўҳашонро шикаст, захмашонро тоза кард. Сано – он дўстдоштаи Гулпарӣ аз ҷанг ланг баргашт. Вале барои Гулпарӣ ў чунин буд:

Сад пойи равон ба як асояш надиҳам,
Сад марди ҷаҳон ба як нигоҳаш надиҳам.

Ҳамчунонки Сано дар роҳи ҳимояи зиндагӣ дар ҷанг маъюб шуд, Гулпарӣ Санои маъюбро чун рамзи зиндагии захмхўрда, ки бошад шифо ёбад, дўст медорад, аз баҳри ў намегузарад. Дар сахттарин лаҳзаҳои зиндагӣ ном ва шарафи худро ҳифз кард. Ин ҳама ба хонандаи достон сабақи бузурги ахлоқӣ медиҳад, ки сарманшаи он худҷўйиву худшиносӣ, фидокориву собитқадамист.

Гулрухсор аз воқеияти ақибгоҳи ҷанг романе бо номи «Марзи номус» низ навишт, ки он баъдтар бо номи «Занони сабзбаҳор» машҳур гардид. Мавзўи роман ҳаёти вазнини сокинони ҷануби Тоҷикистон дар солҳои ҷанги ҷаҳонии дуввум мебошад.

Романи Гулрухсор романи тақдирҳост. Муаллиф ба таври боэътимод нишон медиҳад, ки ҷанг аз кишвараш хеле ва хеле дур воқеъ шуда

бошад ҳам, дасти манҳуси вай ба ин ҷо низ расида, боиси бадбахтиҳои зиёд гардид. Аммо ғаму андӯҳе, ки ҷанг ба сари мардум овард, иродаи онҳоро шикаста натавонист.

Қаҳрамони асосии роман занҳоянд. Дар байни онҳо Зебо бо фазилатҳои инсониаш фарқ мекунад. Зебо шахсиятест, ки дар ҳифзи иззати нафси худ ва дигар занон, дар ҳимояи ҳуқуқи инсонӣ, номусу шараф мардона мубориза мекунад. Маҳз чунин хислатҳо обрӯйи ӯро дар байни мардум зиёд кард.

Гулрухсор дар роман як силсила образҳои мардон, аз қабили Саид Алӣ, Тош, Амон ва ғайраро низ офаридааст, ки агар Саид Алӣ барин касон бо одамият ва фидокориашон фарқ кунанд, Тош баринҳо бо разолат ва қабоҳаташон. Аз ин ҷиҳат роман арзиши фаровони ахлоқӣ дошта, наврасонро дар рӯҳи одамият ва зиндагӣ тарбия мекунад.

**Савол ва супориш:**

1. Гулрухсор парвардаи кадом давра аст?
2. Мавзӯи асосии шеъри ӯро зикр кунед.
3. Мавзӯи Ватан, модар ва таърих дар шеъри ӯ чӣ мақом дорад?
4. Мавзӯъ ва ғояи достони «Марзи номус»-ро бигӯед.
5. Сифатҳои қаҳрамонони достонро шарҳ диҳед.
6. Кадом асари насрии Гулрухсорро медонед ва он чӣ арзиш дорад?

## Хонаи падар

Хонаи гарми падар гаҳвораи пурнози ман,
Олами зебои тифлӣ, байти бепардози ман.
Аз садои ҷунбиши гаҳвора, аз лабханди тифл,
Мерасад оё ба гӯшам хандаю овози ман.

Дар канори модару оғӯши пурмеҳри падар,
Қулла дар чашмам замину баҳр дарё менамуд.
Дар миёни чор девори ту бепарво будам,
Бехабар аз ҳастии неку бади атрофи худ.

Навниҳоли себи ҳавлӣ бор овард ин баҳор,
Кӯдаки дирӯзаат имрӯз соҳибхона шуд.
Соҳиби ҳамсояву ҳамкосаву ҳамдард шуд,
Соҳиби шамъи фурӯзону дару кошона шуд.

Рӯдҳои шӯхи кӯҳӣ сӯйи дарё меравaнд,
Сӯйи дилҳо меравам, аз оғӯши гарми ту ман.
Хонаи хурди падар як пораи хоки Ватан,
Олами танги ту дунёи кушодам додааст.

Ибтидои шеъри ман аз олами лоии туст,
Шояд аз ин рӯ бувад, дар чашми мардум ноаён!
Аз дами дарвозаи бикшодаат оғоз шуд,
Роҳи ман дар зиндагонӣ бар дили хурду калон!

## Зинда бодо, дӯстонам!

Боз шуд оғоз чашми арзу роз,
Душманамро ин саҳаргаҳ хаста дидам.
Боли качпарвози ӯ бишкаста дидам,
Чашмҳои тангбину кинахоҳаш,
Дар сари рухсораи худ баста дидам.
Чашми панд андохтам бар чор сӯям,
Хештанро аз ҳасад вораста дидам.

Дарк кардам, ки дар ин субҳи дурахшон,
Ранги рӯйи заъфаронам арғувон аст.
Чини абрӯям шикаста,
Хандаам нав,
Дӯстонам дар барам монанди ҷон аст.

Зинда бодо дӯстонам,
Душмани ман,
Гӯри ту дар ҳилаву кину камон аст,
Зӯри ман дар дӯстиву дӯстон аст!

# САТТОР ТУРСУН

# (1946)



Ин нависандаи соҳибҳунар 15 феврали соли 1946 дар деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсуни Республикаи Ӯзбекистон зода шуда, мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хатм кардааст. Баъди хатми шӯъбаи арабии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба сифати муҳаррири шӯъба ва ҷонишини сармуҳаррир фаъолият намудааст.

Аввалин навиштаҳояш солҳои донишҷӯӣ, яъне охири солҳои шасту ибтидои ҳафтод ба табъ расидаанд. Маҷмӯаи нахустинаш бо номи «Дили гарм» соли 1971, повесту ҳикояҳояш «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Аз субҳ то шом», «Барф ҳам мегузарад» нашр гардидаанд. Асарҳояш ба забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла ӯзбекӣ тарҷума шудаанд.

Ҳикояҳои аввалини нависанда соли 1971 дар маҷмӯаи «Дили гарм» чоп шудаанд. Мавзӯи ҳикояҳои нахустини Саттор Турсун таърихӣ, мубориза барои ҳаёти нав, зиндагӣ ва муборизаи халқи тоҷик дар солҳои ҷанг ва рафтору кирдори одамони бадаъмол будааст.

Дар ҳикояи «Хоҷамаст» нависанда нақл мекунад, ки Насимамак аз ҷанг баргашта, барои барқарор сохтани хоҷагӣ шабу рӯз меҳнат мекунад. Аммо хонаводааш тангдастӣ мекашад. Дар шароити танг Хоҷамасти фиребгару дузд ба ӯ ним халта гандумро эб надид. Дар ин бора қаҳрамони ҳикоя Музаффар андеша мекунад. Ниҳоят Хоҷамасти моли мардумхӯр моли давлатро дуздида, камомади зиёд мекунад. Вале Насимамак ба бадиҳои Хоҷамаст бо некӣ ҷавоб гардониданист: вай пули пасандозкардаашро ба Хоҷамаст медиҳад, то ки аз ҳабс озод шавад. Вале писараш Музаффар ба ин кори падар сахт муқобил аст.

Нависанда ба воситаи ин ҳикоя хостааст, ки се рафтори инсон: дили софу бекинаи падари меҳнатдӯст, нобакорӣ ва ноодамии Хоҷамаст, орият ва баномусии Музаффарро тасвир кунад.

Ин мавзӯъро нависанда давом дода, баъдтар ҳикояи ҷолиби «Ситораи корвонкуш»-ро навишт, ки аз ҷониби танқиди адабӣ баҳои хуб гирифт. Дар ин ҳикоя адиб образи инсони бадгуҳар – Назари манфурро офаридааст. Зиндагӣ ва сарнавишти ин мард пур аз макру фиреб буда, шахсияти вай сазовори ҳама гуна таҳқиру ҳиҷост. Нависанда барои хислат ва амалу кирдори қаҳрамонашро пурра нишон додан аз усули худфошкунӣ истифода кардааст.

Назар тамоми умр бо фиреб зиндагӣ карда, ҳамаи бадкирдориҳояшро хаспӯш карда, бе ҳисобу ҷавоб мондааст. Назаре, ки худро аз ҳама доно медонисту дигаронро ҳеҷ чиз ҳисоб намекард, дар охирин рӯзҳои ҳаёташ ба роҳи зиндагиаш назар андохта, баду некро ба андеша гирифт ва ба хулоса омад, ки тамоми ҳаёташ зоеъ шудааст. Пай бурд, ки қимати умри одам на ба молу чиз, балки бо номи неку кори нек будааст. Донист, ки ҳаёти ӯ хости умр, зиндагии беҳуда ва беақлона будааст. Тасвири зиндагии бесуд, бахиливу пастӣ, рашку ҳасад ва руҳияи худхоҳии Назарро дар муқоиса бо сарнавишти қаҳрамони дигари ҳикоя Туронтракторчии росткор, покдил ва нексиришт ба қалам додааст. Туронтракторчӣ умри гузаронидаи Назарро ба «дурахши назарфиреби ситораи корвонкуш» монанд мекунад: Умри гузаронидаи Назар «субҳи козиб, субҳи бардурӯғ буд, ҳеҷ гоҳ равшании ҳақиқӣ, ростӣ надошт».

«Сукути қуллаҳо» нахустин повести Саттор Турсун аст. Мавзӯи асар ҳодисаю воқеаҳо ва ҳаёту талоши мардуми деҳоти тоҷик дар солҳои ҷанг буда, ба ин восита нависанда бурдбории рӯҳӣ ва маънавии халқ, масъулиятшиносии ахлоқии инсонро дар солҳои сахту мушкили ҷанг нишон додааст.

Повести «Пайванд» дар эҷодиёти Саттор Турсун қадаме ба пеш буд. Нависанда дар ин асар ба ошкор сохтани маънии амиқи рафтору кирдор ва фикру эҳсосоти инсон кӯшиши ҷиддӣ кард.

Қаҳрамони асосии повест Фарҳод – астрофизики ҷавон аст. Вай дар Маскав таҳсил карда, номзади илм шудааст. Вале азобу ранҷи солҳои кӯдакиаш, ноинсофӣ ва ҷабру ҷафои падар ҳеҷ аз ёдаш намеравад. Бо гузашти солҳо ба зодгоҳаш меояд ва дар бораи зиндагии худ, падару модарандар ва додаракону хоҳараконаш андеша мекунад.

Нависанда падару писар – Ҳакиму Назарро аз ҳар ҷиҳат зидди якдигар тасвир кардааст. Падар ҷоҳилу нодон, дурушту дағал ва ноинсоф, писар оқилу доно, ҳалиму меҳрубон ва собитқадам аст.

Хонанда сабабҳои фарқияти ҷиддии хислати падару писарро донистанӣ мешавад. Барои ҷавоби дуруст додан ба ин савол нависанда ба

сарнавишти таърихии қаҳрамонаш руҷӯъ мекунад. Пеш аз ҷанг Ҳаким марди орому фурӯтане буд. Мағзи ӯ дар майдони ҷанг иллат ёфт. Илова ба ин вақте ки ба деҳа омад дид, ки занаш шавҳар кардааст. Ин ҳама ногуворӣ раҳму шафқатро аз дили Ҳаким бардошт. Зани дуюмаш ба шаттаю шалоқ ва бадхӯиҳои ӯ тоб наоварда, се фарзандашро ятим монда, дар синни бистуҳаштсолагӣ аз дунё гузашт. Тамоми хашму ғазаби Ҳаким ба сари ин тифлакони бемодар фурӯ рехт. Дами пирӣ фарзандонаш (аз зани сеюм) ба вай зӯрӣ карданду аз дамаш фуроварданд. Мӯйсафед маҷбур шуд, ки «рӯзгори сиёҳашро» ба андеша гирад, кардаю нокардаи худро ба мизони адолат баркашад.

Ҳаким сари қисматаш андеша карда, ба хулоса меояд, ки ба чунин ранг гирифтани зиндагиаш, аз як тараф ҷанг гунаҳкор бошад, аз тарафи дигар «толеи бадашро худаш бунёд намуда, кӯркӯрона то ба ин нофарҷомӣ» расонидааст. Нависанда фикреро таъкид мекунад, ки инсон ҳар қадар дар зиндагӣ сахтию душворӣ бинад, набояд расми одамиятро тарк гӯяд.

Дар повести «Камони Рустам» Саттор Турсун боз ба масъалаҳои ахлоқ, махсусан инъикоси ҳаёт ва амалу кирдори ҷавонон бозмегардад. Одамият ва ахлоқи накӯ мағз андар мағзи ғояи асарро ташкил медиҳад.

Фирӯз қаҳрамони асосии повест аст. Вай зоҳиран ба бадӣ муқобилат намекунад. Вале дилу рӯҳаш ором нест. Вай ба ҳама гуна бадтинатӣ қобил аст. Бинобар ин ҳам ӯ хонаводаи Наимовҳоро чашми дид надорад. Фирӯз ба муқобили Наимовҳо, ки одамони фурӯмояву пастанд ошкоро мубориза намебарад, балки бо амалу кирдори худ, бо ҳар кору сухани худ, тинати инсониашро нишон дод. Одамияти ӯ на фақат Наимов, балки бародари ӯро низ мағлуб кард ва кинаву адовати онҳо дар ҳаққи Фирӯз бенатиҷа монд.

Дар ин повест низ нависанда ғояи асари «Сукути қуллаҳо»-ро, ки маҳкуми ноодамӣ буд, инкишоф дода, мисли «Сукути қуллаҳо» дар ин асар низ муқобилати ботинии қаҳрамон ва худпарастию кӯрдилӣ муқобил гузошта шудааст.

Повести дигари нависанда «Мегӯянд, ки модарам...» дар мавзӯи модар, ватан ва ватандорӣ навишта шудааст. Қаҳрамони асосии повест Шодмон ном рассоми боистеъдод аст. Вай дар айни ҷустуҷӯҳои эҷодӣ мехоҳад, ки дар расмҳояш бӯйи хосу нотакрори деҳа, бӯе, ки бо хотираҳои пурдарди айёми бачагӣ омехтаасту Шодмон онро равшану возеҳ дарк карда наметавонад, таҷассум ёбад. Воқеаҳои асар аз номи Шодмон нақл мешаванд ва ӯ аз меъёри андешамандӣ ва гу-

заштаву имрӯзи зодгоҳаш Вандоб менигарад. Дар повест мо симои дӯсти бачагии Шодмон, инсони фурӯтану худшиносеро, ки омӯзгори мактаби деҳа аст ва ҳар гуна ҳамкориро чашми дидан надорад ва ҳам бо хотироти ибратбахши падараш гӯш медиҳад, ятимӣ, марги модар ва дарсҳои муаллими дӯстдоштааш Нусрати Давронро ба хотир меорад ва муқоиса мекунад, мебинем. Вай ба саволи зиндагӣ чӣ буду чӣ шуд ҷавоби аниқ меҷӯяд. Мавзӯи асосии повест Ватан, модар ва сарнавишти онҳо бошад ҳам, нависанда дар ин асар низ ба масъалаҳои одаму одамгарӣ, ахлоқи иҷтимоӣ, хотираҳои бачагӣ ва ҳофизаи таърихӣ эътибори зиёд додааст. Бо роҳи ҷустуҷӯйи симои модар бо ҷаҳони андешаи Шодмон шинос мешавем. Мо мебинем, ки қаҳрамон кӯшиши тасвири симои модар, гузаштаи деҳа, хулқу хӯ ва амалу кирдори беҳтарин одамони он, дарсҳои шоиронаи Нусрат, Даврони муаллим ва ғайраро дорад. Аз ҷустуҷӯҳои ӯ маълум мешавад, ки бобои модарии ӯ Қодир-тилмоч зидди дунёи кӯҳна мубориза карда, сохти навро бунёд ниҳодааст, падари Шодмон иштирокчии ҷанг будааст, модараш зани меҳнатӣ.

Ба ёд овардани симои модар боис мешавад, ки хотироти бачагӣ зинда шавад, таърихи Вандоб, муборизаи вандобиён ба муқобили муғулҳо, қиссаи талҳои сурх, бобои вандобиён Собир ва модаркалони онҳо, ки аз Сайроб будааст, оҳиста-оҳиста ёдбуди бачагиро ба ҳофизаи таърихӣ бадал месозанд. Ва масъалаи пос доштани ҳофиза ба миён меояд, ки чун воситаи баҳо додан ба ахлоқи инсон хизмат мекунад. Ҳофизаи таърихӣ оинаест, ки гузаштаро зинда медорад ва дар баробари таърифи қаҳрамонӣ хунхориву золимӣ маҳкум мешавад, ба ҷанг, ки боиси ҷавонмаргии модари қаҳрамон гаштааст ва умуман нисбат ба қувваи бадӣ нафрату бадбинӣ бедор мекунад. Баъд дарси таърих, сабақи гузашта ба чашми қаҳрамон баробари ифодаи анъанаҳои нек норасоиҳои деҳаро намоиш додаанд. Ба ин восита адиб худбинӣ ва ҳаромхӯриро фош месозад.

Китоби навини ӯ бо номи «Санг дар бағал бо тӯфон» соли 2002 рӯйи чопро дида, нависанда дар он аз зиндагии як марди мубтало ба васвасаи интиқом ҳикоят мекунад. Ӯ хонандаро огоҳӣ медиҳад, ки сияҳдилӣ, кудурат ва рафтан аз дунболи қасос чӣ балоҳо меоранд.

Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи хос дорад. Навиштаҳои вай бо мавзӯъҳои тоза, сабки дилкаш ва муаммоҳои ба миён гузоштаи адиб, ки аҳамияти иҷтимоиву ахлоқӣ доранд, дар таблиғи арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ муҳим мебошанд.

## САНГ ДАР БАҒАЛ БО ТӮФОН

*Порча аз қисса*

Ҳар дам ҷараёнашро тағйир дода, баъзан якбора фурӯ нишаста, ду шабу ду рӯз боз тундбод мевазид. Ва гоҳ қатъ гардидаву аз нав шӯриш карда, барфи реза меборид. Саҳарҳои бешумори кӯҳи Фарҳод ва талу пуштаҳои домани он, ки то ба канори дашти на чандон бузург тӯл мекашиданд, саросар ба кӯрпаи барф печида, ба дидан сард ва ҳавлангез метофтанд. Дашт ҳам, то ҷое ки чашм мерасид, сафед, бадқаҳр ва бегона буд. Дар сатҳи он як-ду соат инҷониб боди раҳгум бозпас хурӯш карда, худро тунду тез ба ҳар тараф мезад. Ва садди сангини кӯҳии баландро шикаста натавониста, ё ба кадом сабаб то охири дашт нарасида, гӯё аз ноилоҷӣ бошад, беш аз пеш дарғазаб мешуд, печутоб мехӯрд, сафир мекашид. Ҳатто гургвор нӯла меандохт. Бори чандум буд, ки барфи заҳрманд ҷавлонгаҳи худро ба дасти бод супурда, тадриҷан аз дамаш мегашт. Осмони паст ва дар назар меғолуд ба ин ҳама беэътибор менигарист.

Рашод аз шӯриши бод дигар бетоқат шуда, бари пӯстинро аз болои сараш бардошт. Як хамёза кашида, вазнин паҳлӯ гашт. Ва ҳамин тавр муддате беҳаракат хобида, ниҳоят чашм кушод. Аввал ба оташдон нигарист, – дар ҷойи чӯбу чахс ва саргине ки саҳар афрӯхта буд, танҳо хокистар боқӣ мондааст. Аз сақф, аз равзани кулбаи нимторик, ба сари оташдон зарра-зарра барф рехта, каме бошад ҳам, гирди онро сафед мекард. Фақат гирдашро... Зеро хокистар ҳанӯз гармӣ дошт, оби кумғон низ яқин сард нашудааст. Ва албатта, Рашод метавонад ҳоло чизе бихӯрад.

«Бо вуҷуди ин алав кардан даркор», – аз дил гузаронд ӯ. Ва пилки чашмонашро ба пушти даст молида, ба саросари кулбаи сангин бедимоғ назар давонд. Як сатили пачақ; ду-се машки холӣ, ки хушк шуда, дар кунҷак болои ҳам хобидаанд; дар буни девор даҳ-дувоздаҳ каду ва як таҳ пӯсти гӯсфанд; аил ва полони хар; камон, фонус ва хӯрҷини ало, ки ба се мехи бари девор овезонанд; дар пойгаҳ мӯкиву муғиёнӣ, халачӯб ва чанд таёқи заранг; дар кунҷи дигар чор-панҷ коса табақи чӯбин. Ва ниҳоят, дар пеши дар як саги зард. Дуртар аз дарзаи ҳезуму саргини гов, дар рӯйи қадре хас, кулӯла шуда хобидааст ҷонвар. Аз роғҳои дари фарсуда дам ба дам нафаси сарди бод зада медароянд.

Рашод чашм аз ҷониби саг наканда, фурсате ба хаёл рафт. Вай ин вуҷуди вафодор ва зиракро ҳанӯз дар бачагиаш аз як чӯпони қӯнғурот

талабида, ба дасти худ калон карда буд. Зуд мегузаштааст шабу рӯзи парвардигор. Ҳа нагуфта, аз он айём чор сол пушти сар шуд. Дар бадали ин чор сол, ки ҳоло ба пиндошти Рашод ҳам бисёр тӯлонӣ ва ҳам бағоят кӯтоҳ метобанд, ниҳоят, боақл, ҳушёр ва дар муносибат ба вай беҳад меҳрубон буд ҷонвар. Аз чанги чи балоҳое ӯро эмин дошт. Шабҳои дарози зимистон дар тарафи рама гашта, чӣ бехобиҳо мекашид. Ба чӣ гургони бӯрондида майдон гирифта. Чӣ тавр ҳамеша ғолиб меомад. Вале сад афсӯс – имрӯз, ана, ба доми кадом бемории қаттол печид. Аввал кам-кам тулак шуда, ба мӯйи ғафси ҷилодораш футур рафт. Баъд чашмони равшанаш гӯё ногаҳон тира гардида, оҳиста-оҳиста ба пӯсту устухон табдил ёфт. Давидан як тараф истад, акнун вай наметавонад ҳатто ба гашти ду саги дигари Рашод баробар пой монад. Канда-канда месурфад ва дар зери обу арақ тар шуда, худро аз ҳамҷинсонаш беҳолона канор мегирад. Ба назар чунин меояд, ки аз онҳо бисёр шарм медорад. Шарм дошта, ноилоҷ то ба гӯшае хазида, чашмони обраваш пӯшидаву дар гулӯяш омоси ғусса, бештар хоб меравад. Ӯ ки медонад, – ин дунёи равшанро на бинам ва на сӯзам гуфта, шояд худро ба хоб мезанад.

Бале, оқибат бемор шуд сагаш, афгору афтода шуд. Ҳаво агар хунук бошад, раҳмаш омада, Рашод вақтҳои охир ҷонварро дар кулба ҷой медиҳад. Ва ҳарчанд хорумол ва нигоҳубинӣ мекунад, беҳбуде намебинад. Рӯз то рӯз ҳоли ин махлуқи худо бадтар мегардаду беҳтар не.

Аз хаёли соҳибаш гӯё пай бурда, саг канда-канда ва бо азоб сурфид.

– Бебок! Ҳо Бебок... – аввал оҳиста, сипас баландтар чанд бор садо дод Рашод.

Аммо вай ё нашунид, ё мадораш набуд, ки сар набардошт. Ҳатто чашм накушод. Ҳамчунон ғунча шуда заифу ноҷунбон мехобид ҷонвар. Дар дами рашши боди сард, ки аз роғҳои дари вайрон зада медаромад, мӯи тунукаш ба ҷунбиш омада, эҳтимол бештар хунук мехӯрд.

Рашод аз вай ба хотири парешон чашм канда, пӯстинро аз болояш гирифт; кӯрпаро низ ба як тараф тела дод ва дар ҷогаҳаш хеста, пӯстинро пештар кашидаву оҳиста ба китф андохта, дар рӯйи пӯстаки нимқоқ, ки аз мағзи он омехта ба ҳам бӯйи ғализи чанг ва заҳ меомад, фурсате нишаст. Табъаш хира буд. Ба абрувони сиёҳи андак ғафс ва базеби ӯ гиреҳ афтида, чеҳраи гандумгунаш дар миёни кулбаи нимторик хеле тира метофт. Се рӯз инҷониб, алалхусус шаби гузаштаву аз саҳар то айни замон, хаёли Рашод ба ҳар сӯ дакка мезанад ва чунин вазъи ӯ бесабаб нест. Собир, ягона дастёраш, панҷ рӯз муқаддам ба деҳа раф-

та, то ҳол барнагаштааст. Вай аз рӯйи ваъда бояд се рӯз қабл меомад. Наход ба ягон бало гирифтор шуда бошад? Не-е, ҷавони боақл Собир, пухта, ба кору кирдори худ ҳушёр. Боз кӣ медонад, – олами ҳодис гуфтаанд. Ҳаво вайрон, роҳ ҳам чандон наздик не. Бар замми ин айни мастӣ ва тохтутози галаи гургон. Дар ҳар сурат беосеб баргардад, – кифоя. Бигузор бе ҳеҷ гуна хӯрданӣ пайдо шавад, барои Рашод курта-эзори тоза низ наорад. Вале сиҳат-саломат омада, аз нав дар паҳлӯи ӯ қарор гирад, худи ҳамин давлати калон.

Фикру хаёли Рашод аз як ҷиҳат ба Собир банд бошад, аз ҷиҳати дигар, чун кирми дарахт, ки асло оромӣ надорад, ба Раҳими Акбар мепайваст. Ва пеши ин дарди кӯҳнаро бастан кори осон набуд. Ба ҳар ҳол, агарчи нӯҳ сол боз сахт мекӯшид, соате бошад ҳам, Рашод наметавонист дилашро равшан дарёбад. Вуҷуди ӯ мудом нолида, ба рагу пайвандаш гӯё сӯзан мехалид, заҳр медавид. Ва гумонаш, ки ҳама хуни баданаш, ҳама мағзи устухонаш олуда мешуданд. Ботинашро ба монанди абри ғам зуд-зуд сиёҳӣ гирифта, гоҳо бисёр метарсид, – мабодо ки ба ин дарду доғ тоб наоварда, охирин меҳрашро низ дар нисбати зиндагӣ бой дода, ба ҷони ҷавони худ қасд кунад, ё дар балои дигар печад.

Рашод беихтиёр чашм ба хокистари оташдон дӯхта, дар бехи гӯшаш уллоси боди сарсон, як оҳ кашид. Илоҷ чист, ки рӯзҳои охир вай боз дар қабзаи чунин ҳолати нохуш метапад, ба мисли одами моргазида аз нав печутоб мехӯрад. Ва намедонад васвасаи ба дилаш раҳёфтаро чӣ тавр берун андозад, дарду алам ва нӯҳсола эҳсоси хориву залолати худро чӣ тавр фурӯ нишонад.

Саг базӯр ҷунбид ва фукашро қадре бардошта, боз канда-канда сурфид; шушаш қариб ба даҳон расида, ин дафъа дурудароз сурфид. Аз роғҳои дар ҳамчунон нафаси боди тез даромада, ҳавои кулбаи сангинро беш аз пеш сард мегардонд.

Рашод даст ёзонда, қумғонро аз рӯйи хокистар гирифт ва аз он ба як косаи чӯбин оби ширгарм рехта, дастархон кушод. Ба коса нон реза кард. Ва бо нони тар чор-панҷ бурда гӯшти яхнии серравған хӯрда, аз болояш об нӯшида, нафасашро то андозае ором намуд. Дастархонро ба боқимонда нону пораҳои гӯшт ғундошта, дар ҷояш гузошт. Ва хаёлу хотираи ошуфтааш ҳамон белаҷом, даст ба ришу мӯйлаби қиргуни кӯтоҳ қайчизадааш бурда, аз нав чашм ба хокистар дӯхт. Ягон-ягон зарраҳои рақсони барф чун пештара аз равзан фуромада, оҳиста ба гирди оташдон нишаста, ғаши ӯро меоварданд.

«Алав кардан лозим», – гашта аз дил гузаронд Рашод. Ва дар сурате ки пӯстинаш ҳоло ҳам ба сари китфони фарохаш буд, то поини чогаҳ лағжида, ба пойҳояш аз болои пайтобаи пашмӣ то қариби зону боз як қабат пайтоба печонд. Мӯғиёнӣ пӯшид, ки онро тирамоҳи порсол аз такагии хуб кирмакхӯрдаи бақувват махсус барои худаш дӯзонда буд. Сипас бархост ва пӯстинро низ пӯшида, камарчаҳояшро маҳкам баст. Ва ришу мӯйлабашро бидуни ихтиёр дубора молиш дода, гӯшакҳои телпакашро фуровард. Аз мехи бари девор камонро гирифта, ба сари китфи чап андохт. Ниҳоят, дар пойгаҳи кулба хам шуда, яке аз таёқҳои ғурмдори зарангро бардошт. Ва гӯё ба кадом андеша рафта, лаҳзае ба саг нигарист, ки ҳамчунон ба худ печида мехобид.

– Бебок! Ҳо Бебок...

Ҷонвар ин дафъа чашм кушод.

– Ғам нахӯр, бебок. Худо хоҳад, боз ба по мехезӣ. Боз ба ман аз пайи рама мегардӣ, ҷавлон мезанӣ.

Аз дидагони ба мисли гули вартоҷ зардаш об рафта, саг як нолиши паст баровард. Ба назар чунин менамуд, ки вай гиря дорад, ҳасрат мекунад.

– Беҳисоб аст нишебу фарози дунё, Бебок. Ҳоли ман ҳам хуб нест. Ман ҳам дард мекашам, азоб мебинам. Лекин чӣ илоҷ, тоб овардан лозим.

Рашод пушту паҳлӯ ва сару рӯйи сагро бо меҳр навозиш карда, оҳиста ба по хест.

– Ман аз гӯсфандон як хабар гирифта, зуд меоям. Омада, ба ту атола пухта медиҳам.

Гӯё ба маънии ризоият бошад, ҷонвар чашм ба ҳам ниҳода, бештар кулӯла шуд.

Рашод аз ду хат оби дидае, ки ба ду бари фуки вай «ширри» ҷорӣ гардиданд, дилаш бадард таҳ нишаста, дари кулбаро кушод. Ва ҳанӯз ба остона қадам нагузошта, ба даруни кулба боди тунд ҳамла овард. Қариб буд, ки дами тези он телпакашро аз сар барад. Бинобар ӯ филҳол берун омада, дарро аз пушташ маҳкам пӯшид. Ва аз сафедии беинтиҳои атроф чашмонаш хира шуда, дар назди кулба ғайри ихтиёр таваққуф намуд. Пас аз лаҳзае таёқро зери каш гирифта, гӯшакҳои телпакашро дар таки манаҳ ба ҳам баст. Тасмаи камонро ба китфаш дурусттар хобонд ва рӯяшро, ки ҳоло аз таъсири ногаҳони сармо қадре сӯзиш меовард, ба кафи даст молида-молида, бардам пеш рафт.

Агар бошад, қўраи гўсфандон аз кулба тахмин дар масофаи дусад қадам воқеъ буд.

Барф аз шасташ гашта, қариб намеборид. Ва инак атроф комилан дар тасарруфи боди тўфонӣ қарор дошт. Гўё рахгум зада, аз чапу рост мевазид дами дай. Гўё чӣ кор карданро надониста, аз зўри ғазаб ҳуштак мекашид, нўла меандохт, ба уллос меомад.

Рашод дар миёни ҳамин шўриш гоҳ-гоҳ калавидаву ба душворӣ қадам монда, аз дил мегузаронд, ки воқеан, Собир чӣ тавр метавонист баргардад. Вай беҳуда аз ў ранҷид. Наомаданаш ҳазор бор беҳтар. Дар чунин боду ҳаво осон нест роҳ паймудан. Аз даҳ кас як кас ба манзил мерасад. Бигузор ду нафар расанд, се нафар, ҳафт нафар... Аммо на ҳамеша бахти кас метобад. Бале, наомадани Собир авлотар. Дар акси ҳол ҳеҷ ҷойи баҳс нест, ки дар муҳити ин тўфони шадид роҳашро гум кунад; ё тобу товонаш рафта, қурбони сармо шавад; ё худ ба галаи гургони чилламаст вохўрда, муфт ҳалок гардад. Рашод, охир, ба бисту ҳашт қадам гузошта, то кунун надидааст, ки барфу бод ба монанди ҳамин ду шабонарўз тунд ба қиём омада бошанд. Зимистони имсол зимистон не, балои муаллақ шуд. Вабо шуд, тоун шуд. Як-ду ҳафта қабл низ ҳаво газанда буд. Чандин гўсфанд тап-тап афтида мурд. Ҳоло қариб тамоми рама аз гўшт фуромадааст. Бисёре аз мешҳо ё касаланд, ё аз лоғариву беқувватӣ базўр мегарданд. Пагоҳ чӣ хел ба чаро мебароянд онҳо? Чӣ тавр, бо кадом мадор ғизо ёфта мехўранд? Вақти тўлгирӣ фаро расад, ба сари ў, Рашод боз чӣ рўзҳои сиёҳ меоянд? Ниҳоят, чӣ фикр дорад ин Раҳими Акбар? Беш аз як моҳ мешавад, ки барои чӣ ҳатто суробашро нишон намедиҳад? Аз афти кор, вай ба ғайр аз хонаву дар ва зану фарзанди худ дигар ташвиши дунёро намеписандад. Албатта, чӣ даркор дамғасаи зиёдатӣ? Орому осуда бошад, серу пур бошад, – кифоя. Аз пулу мол низ камӣ надорад. Боз чӣ лозим ба номаш мард? Аслан ҳамин аст давлати бузург барои ҳар инсони боақл...

Рашод дар чунин аҳвол ниҳоят ба ҷасади Раҳими Акбар наздик шуд. Бадард ва канда-канда нафас кашида, фурсате ноҷунбон истод. Нигоҳи беқарори ў гоҳ ба асп пайвандад, гоҳ ба Холдор мекўчид, гоҳи дигар ба сатҳи барфи гирду пешаш мелағжид. Асп ёл меафшонд, даҳана мехоид, пой мекўфт. Холдор каме дуртар боз чукка нишаста буд. Барф гўё тадриҷан пардаи шомро аз боло, аз вусъати осмон ба сўйи худ кашида, дар сояи тунуки он моил ба ранги нил метофт. Охирин шафақи офтоб низ дар фарози кўҳи Фарҳод ба сурати шамъи сўхта хомўш мегардид.

Ё чашмони Рашод ҳамин зайл хира мебинанд?

Нохост назари вай дар паҳлӯи саги кунҷков ба таёқаш бархӯрд, ки қабл аз занозан бо Раҳими Акбар ғазаболуд ба як тараф ғуронда буд. Ҳоло сари ғурмдори он берун аз таки барф, худ баръало намуда меистод. Ба хаёли Рашод – ана ман, мегуфт; бигир маро, мегуфт. Вале дигар лозим нест ба вай таёқ! Инак, озод аст вай аз ҳама дарду ғами олам, дур аст аз тамоми кору бори дунё. Хунук хӯрда, дар ин сармое, ки акнун, рӯ ба шаб, дучанд заҳрогин мешуд, сари урёнаш ях баста, Рашод қадам бардошт.

Асп бетоқатона дар гирди худ чарх зад.

Холдор зуд аз ҷой хеста, гӯшу ҳуш гардид.

Раҳими Акбар гӯё заминро газида, як корди ғилофдор дар тасмаи шимаш, корди дигар то гулбанд дар бари гулӯяш, ҳамчунон дароз ва беҳаракат мехобид.

Рашод пештар рафта, сари зону нишаст. Ва камонро дар паҳлӯяш ба рӯйи барф монда, даст ба ҷасади Раҳими Акбар бурд.

Холдор боз дар ҷояш нишаст.

Асп сахт-сахт пой кӯфт, норозиёна ва ба назар қаҳролуд шиҳа кашид.

Вале Рашод, мисли он ки сайҳаи ашқарро нашунида бошад, ба ҷониби вай ҳатто нигоҳ накарда, ҷасади Раҳими Акбарро оҳиста ба пушт гардонд. Боз буданд чашмони рақибаш! Бо вуҷуди варами ҷигарранг калон-калон метофтанд дар партави барф, балки гарм ва зебо менамуданд. Ҳамзамон дар оинаи худ, дар миёни мижгонҳои зич то ба андозае ҳайрат доштанд, ки Рашод, дилаш таҳ кашида, як ҳаросид. Пас пилкҳои ба монанди ях сарди ӯро лаҳзае молида, ҳар ду дидаашро беозор пӯшид.

Асп бадтар бетоқат мешуд. Фиху фох карда, гӯё бинӣ афшонда, филизи даҳанаро дар зери дандонҳояш шақарос мезанонд. Ба кунҷи лабонаш пора-пора кафк медамид. Ҳангоме вай думи қадре шӯрбастаашро бардошта, дар гирди соҳибаш ёлафшон аз нав ба чарх омад, чашми Рашод – имрӯз нахустин бор – ба камони думилаи Раҳими Акбар афтид, ки он аз тасмааш ба кӯҳаи баланди зин овезон, нӯкаш аз таки паллаи хӯрҷин гузашта, як ваҷаб ба назар мерасид. Рашод сарашро ба кафи даст гирифта, худаш бехабар, ногаҳон гирист. Шояд ба оқибати Раҳими Акбар, мумкин аст аз ғояти дарду алам, балки аз шиддати сармо ва тасаввури мавҳум, – дар ҳар сурат фурсате ашк рехт. Агарчанд мағшуш буд, боз фикр кард, ки теғ дошт рақибаш, камон ҳам дошт. Вай, охир, метавонист ӯро бикушад, бисёр осон ба асфалусофилин фи-

ристод. Аммо ба корди худ даст набурд Раҳими Акбар, ба сӯйи камонаш низ натохт. Ин ҳодиса яқин аз рӯзи азал дар сарнавишти онҳо акс ёфта буд. Вагарна...

Рашод гоҳ ба барфи аз хун лолагун ва гоҳ ба чеҳраи ҳайратзадаи душмани худ як дами дигар чашм андохта, бе ҳеҷ дудидалгӣ телпаки ӯро аз сараш гирифт.

Асп шиҳакашон чароғпоя шуд.

Аз ин сайҳаи башиква тарсид магар, ки Холдор ҷаста ба канор рафт.

Рашод бархост ва он телпаки як лабаш каме хунолудро беэътибор пӯшид, гӯшакҳояшро дар зери манаҳ ба ҳам баст. Баъд чакмани Раҳим Акбарро оварда, ба рӯяш партофт. Бо азоб хам хӯрдаву боз нафасгардон шуда, камони худро аз пеши пояш бардошт. Тасмаи онро ба китфи чап андохт. Сипас қамчини рақибашро кофта, аз миёни барф ёфт; дар кафаш сахт фишурд. Ва аз чӣ бошад, ки хаёлманд як нафас ба муғиёниаш нигариста, ба тарафи асп қадам ниҳод.

Ашқар, ҷонвараки зебои Раҳими Акбар, гӯё ҳама ғазабашро фурӯ бурда, ҳоло андак сархам ва ором меистод, – фақат пойҳои борикашро сабук монугир мекард. Аммо нигоҳи чашмони амиқаш ханҷарвор тез ва гӯшҳои хурд-хурдаш сих буданд. Чунин менамуд, ки вай ба дуриҳои дур, ба кадом як шабаҳи бимовар назар дӯхта, ҳатто пасттарин садои гирду атрофро монанди оҳанрабо ба самъи худ мекашид. Гӯё каме бошад ҳам, мехоҳад ба асрори ин дашти махуф ошно шуда, ниҳоят қарор ёбад, озод нафас бигирад, дигар хавфе набарад.

Рашод ба ҳайбати асп чандон эътибор накард ва наздик рафта, акнун ба лаҷомаш даст ёзонданӣ буд, ки ҷонвар башаст тоб хӯрд. Ва аз мағзи дилу ҷигар сахт шиҳа кашида, худи ҳамон лаҳза ба сари вай ҷуфтлагад андохт. Рашод лоақал фурсати мижа задан наёфта, аз ҳар ду суми қафо парраи яке ба чаккааш рост омад. Ва ӯ ба ин зарбаи ногаҳон ва мӯҳлик аз ҷойи истодааш се-чор қадам дур парида, «гурси» ба рӯйи барф афтид; ҳатто садое набароварда, ба тахтапушт ғалтид.

Холдор, гӯё ба ҷонибаш санг ҳаво дода бошанд, тохта ба по хест. Мингос зад, дақиқае ҷакид. Ва бо як ғур-ғури паст лаб лесида, гашта дар ҷояш нишаст.

Асп дигар ба Рашод нигоҳ накард. Охирин маротиба дароз шиҳа кашида, дар атрофи ӯ ва ҷасади соҳиби худ муддате ба гардиш омада, ниҳоят истод. Такрор ба такрор сум кӯфт, ёл афшонд. Баъд сар афрохт ва гарданак зада, кафки даҳонашро ба ҳар сӯ пош дода, якбора чорхез гирифт.

Вақте ки Ашқар бе Раҳими Акбар аз миёни дашти пурбарф баъзан давида, баъзан ҳамвор пой партофта, рӯ ба деҳа роҳ мепаймуд, ҳине ки саги тарсу Холдор яқин гушна монда, аз дари кушода ба кулбаи сангин даромада, дар торикӣ қути лоямут меҷуст, соате ки чодари шаби зимистон авулгоҳро ба худ печонда, дар байни замину осмон ба ҳама кори олам бефарқ ҳукм меронд, – дар ин ҳангом Рашод ҳанӯз зинда буд, ҳоло нафас мекашид. Лекин чӣ ҳодиса рух дод, намедонист. Ҳофизааш билкул тира гардида, шуураш ба нестӣ мерафт. Ҷунбидан як тараф истад, вай ҳатто пилки чашмони қариб мурдаашро, ки чанд дақиқа муқаддам худ ба худ боз шуда, ба сатҳи осмон ва ситораҳои сарди он менигаристанд, наметавонист ба ҳам орад.

Фақат қабл аз вопасин нафас мағзаш андак равшанӣ ёфта, Рашод аз дил гузаронд, ки як замон дар ин дунё духтаре вуҷуд дошт ба номи Насрин. Аҷаб хандон, ба вай рӯймолча дода буд. Рӯймолчаи шил-шиладор... Баъд дар вусъатободи баланд қурси маҳтобро дид. Ба дараҷае наздик менамуд, ки хаёлаш, даст ёзонад, ҳамон дам онро ба рӯйи каф мегирад. Ниҳоят хира-хира ақида кард – чандин ҷуфт чашми хунин дар атрофаш чун кирми шабтоб дурахшида, ӯро торафт танг ба ҳалқа мекашанд. Гӯё аз дуриҳои ин дашти на он қадар бузург то ба самъаш як ғур-ғури мағшуш низ мерасид.

Пас аз лаҳзае Рашод рамаи гӯсфандонро пеш андохта, ногаҳон ба тӯфони сард даромехт, ба гирдбоди тунд печид. Ва дар ҳолати назъи равон охирин касе, ки дар лавҳи хотири вай нақш баст, сурати зебои Насрин буд. Вопасин садое, ки дар зери гӯшҳояш ба мисли нештар фурӯ нишаст, уллоси даҳшатангези гургро мемонд.



**Савол ва супориш:**

1. Саттор Турсун дар чӣ гуна муҳит ба воя расидааст?
2. Мавзӯъ ва мундариҷаи нахустин ҳикояҳои нависандаро бигӯед.
3. Моҳияти ахлоқии повести «Сукути қуллаҳо» чист?
4. Повести «Пайванд» кадом мавзӯву масъалаҳоро дар бар мегирад?
5. Ҳофизаи таърихӣ дар кадом навиштаи Саттор Турсун мақом дорад?
6. Ба повести «Мегӯянд, ки модарам...» пайравӣ карда, хотироти аввалинатонро дар бораи модар, ҷойи таваллуд ва одамони ба шумо алоқа дошта нависед.
7. Порчаро аз қиссаи «Санг дар бағал бо тӯфон» хонед ва нақл кунед.

# ҶОНИБЕК ҚУВНОҚ

## (1941—1990)



Ҷонибек Қувноқ 10-уми ноябри соли 1941 дар деҳаи Порашти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззахи ҷумҳурии Ӯзбекистон дар хонаводаи кишоварз ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 10-уми деҳаи Синтоби ноҳияи Нуратои вилояти Самарқанд соли 1959 ба факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод (Хӯҷанди имрӯза) дохил шуда, онро бо дипломи аъло хатм менамояд. Пас аз хатми мактаби олӣ дар мактаби миёнаи рақами 11-уми ба номи Бедил аз фанни забону адабиёти тоҷик ва таърих дарс мегӯяд. Солҳои 1964–1965 дар сафи армияи шӯравӣ хизмат карда, пас аз анҷомин хизмат боз ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул мегардад.

Ҷонибек Қувноқ аз соли 1966 то рӯзи фавташ (6-уми ноябри соли 1990) дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» аввал ба ҳайси тарҷумон, сипас дар вазифаҳои мудири шӯъбаи адабиёту санъат ва ҷонишини муҳаррир фаъолият намудааст.

Нахустин шеърҳояшро Ҷонибек дар замони донишҷӯйиаш навишта, онҳо дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» нашр шудаанд. Баъд паси ҳам чандин маҷмӯаи шеърҳои ӯ, аз ҷумла «Қарз», «Арзи дил», «Ифтихор», «Розҳо», «Занӯла», «Юрак тӯлқинларӣ» дар солҳои гуногун дар нашриётҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чоп шудаанд.

Ҷонибек дар баробари шоири тозагӯву ҳунарманд будан дар тарҷума низ маҳорати тамом дошт ва осори адибони тоҷику ӯзбекро ба забонҳои тоҷикву ӯзбекӣ баргардондааст. Аз ҷумла, маҷмӯаҳои шеърҳои М. Ҳакимова «Қуёш заррасӣ», «Даврамизга марҳабо», М. Турсунзода «Оташ посбони», маҷмӯаи дастҷамъии шоирони тоҷик «Хушхабар», «Сенга интиламан», ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ «Мақсуди дил» ва ашоъри М. Қаноат, Ш. Лоиқ, Гулназар, С. Маъмур, Н. Бақозода, Гулрухсорро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст, ки дар солҳои гуногун дар Тошканд нашр шудаанд. Ҳамчунин дос-

тони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Алишер Навоӣ, романҳои Я. Ҳакимов, М. Раҳмон «Дарбадар», «Ду тақдир», маҷмӯаи ҳикояҳои Ӯ. Ҳошимов «Нур дар соя», достони А. Орифов «Ҳаким ва аҷал», шеърҳои Э. Воҳидов, Б. Бойқобилов, Н. Нарзуллоев ва Назарматро ба тоҷикӣ баргардондааст.

Лоиқ навишта буд, ки Ҷонибек «шаҳпуле буд миёни тоҷикону ӯзбекон. Осори тоҷикиро ба ӯзбекӣ, осори ӯзбекиро ба тоҷикӣ тарҷума мекард. Миёни тоҷикону ӯзбекон ҳамеша тор метанид, ба хотири дӯстӣ, бародарӣ, ҳамдиливу ҳамзабонӣ, ваҳдати маънавӣ ва рӯҳонӣ...метапид, мекоҳид, месӯхт».

Нахустин маҷмӯаи шеърҳои Ҷонибек Қувноқ бо номи «Қарз» соли 1973 дар Душанбе нашр шуда, хонандагонро бо розу ниёзи шоири ормонҷӯ шинос кард. Ба ифодаи дигар ин китоб чеҳраи шоирии Ҷонибекро барои доираи васеи хонандагон муайя намуд. Ҷонибек дар яке аз аввалин шеърҳояш, ки «Навсафар» ном дошт, ҳадафашро аз шеъру шоирӣ хеле равшан баён карда буд:

Навсафар ҳастам агар дар роҳи шеър,
Шеър сар кардам, Ватан, бо номи ту.
Бехабар аз мушкилоти роҳи шеър,
Ман сафар кардам, Ватан, бо номи ту.
То наафтад кӯдаки навроҳгард,
Такя бар дастони модар мекунад,
Дил ба тоқи осмони меҳри ту,
Худфурӯзӣ ҳамчу ахтар мекунад.
Меҳри модар кӯдаки гаҳвораро
Тоб бахшад, ҳамраҳи мардум кунад.
Зикри номат, эй Ватан, рӯзе маро
Дар ҷаҳони шоирӣ маълум кунад.

Ин шеър аз оғоз ҳадафи шоирии ӯро дар ҷодаи адабиёт муайян карда буд, яъне хидмати содиқона ба Модар, ба Ватан. Бинобар ин дар нахустин шеърҳояш симои азизи падару модар ва шукӯҳу шаҳомати Ватан-гаҳвораи умеду орзу ва ормонҳои ҷовидонааш нақш ва ҷойгоҳи хос доштанд. Дар шеъри «Модарам» Ҷонибек симои азизу шарифи модари дилсӯзу меҳрубонро ҳамчун тимсоли ҷовидонаи меҳру шафқат ва бузургворӣ ба қалам дода, ба ин васила ному ёди модари бузургворро абадӣ гардондааст. Шеъри дар поён зикршуда яке аз беҳтарин нигоштаҳои ӯ дар ситоиши модари мушфиқу меҳрубон ва ормонҳои инсонпарваронавуояндасози шоир мебошад:

Хоҳам аз ҷон, ҷон фишонам пеши пойи модарам,
Лек ин гавҳар бувад худ аз атои модарам.
Гавҳари ҷонро нисори халқи ҷонпарвар кунам,
То шавад ҳосил муроду муддаои модарам.
Шеърҳои шаккарин иншо намудан орзуст,
То шавад боре баробар бо дуои модарам.
Ҳайкали меҳру муҳаббат сохтан азми ман аст,
То ки монад ҷовидон дар даҳр ҷойи модарам.
Амри модарро нидои рӯзгорам бишмарам,
Як нишон дар роҳи умрам ҳар имои модарам.
Ҳар ки хоҳад қадри умрам оварад пеши назар,
Баҳри ӯ оина бошад ҳар баҳои модарам.
Номи некӯ дод модар, то бимонам нек ном,
Баҳри ин номи накӯ ҷонам фидои модарам.

Дар шеъри дигар, ки «Эй падар» унвон дорад, чеҳраи падари азизу шарафманд ва дилсӯзу ғамхори фарзанд ҳунармандона тасвир шудааст, ки намунааш байтҳои поён мебошад:

Давлати ноёб ҳастед, эй падар,
Маҷмаи одоб ҳастед, эй падар.
Ҳарфатон дилро ба дил пайваст боз,
Ҷавҳари камёб ҳастед, эй падар.
Чун китоби панд бошад умратон,
Пири ҳар устод ҳастед, эй падар.
Умри ман бошад агар як сафҳае,
Матлаи ҳар боб ҳастед, эй падар.
Давлати дунё ба мо ноёб не,
Давлати ноёб ҳастед, эй падар.

Ҷонибек дар мавзӯъҳое, ки шеър гуфтааст, назараш оид ба ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ тозаву шоиронаанд. Дар ин гуна шеърҳо ӯ воқеанавис нест, балки таассуроти хаёлангезашро дар сурати тасвирҳои шоирона баён мекунад, ки таъсиргузор буда, хонандаро ба андеша во медоранд. Мавзӯи дигаре, ки дар шеъри шоир ҷойгоҳи хос дарад, Ватан ва ормонҳои ватансоз мебошад. Ватан дар шеъри Ҷонибек ба мафҳуми ҷуғрофӣ маҳдуд намешавад. Вай маънои васеи фарҳангӣ ҳам дошта, ба зодгоҳ, ба ватани фарҳангии таърихӣ низ талмеҳ мезанад, ки василаи тоза ва таъсиргузорест барои дарк ва шинохти моҳияти мафҳуми ватан ва ватандорӣ. Яке аз ҳамин гуна шеърҳои ӯ «Байти зодгоҳ» унвон дошта, моро ба дӯст доштани ватани хурду бузург, яъне ҳам зодгоҳ ва ҳам сарзамини ягона ва бошукӯҳи падриву модарӣ даъват мекунад:

Деҳаам, эй як кафи хоки Ватан,
Бохти ман, бурди ман, дунёи ман!
Боз сар бар доманат бигзоштам,
Қути ҷону дил зи ту бардоштам.
Боз ҳар санги туро болин кунам,
Сабзаҳоятро ба худ қолин кунам...
Нест ҷойи шиквае аз рӯзгор –
Рӯзгори бурдбору бобарор.
Мебарад аммо хумори рӯйи ту
Сангу чӯби ҳар дару ҳар кӯйи ту.
Кас мабодо ҳеҷ дур аз хеши худ,
То ба ҳам бинад ками худ, беши худ.

Шеъри дигари ӯ – «Самарқандам» низ идомаи ҳамин мавзӯъ дар шеъри ӯ буда, моро бо як пораи Ватан – Самарқанди қандманди бостонӣ ошно месозад. Шоир тавонистааст, ки дар ин шеър чеҳраи таърихӣ ва имрӯзии шаҳри қадимаро ҳунармандона таҷассум намояд:

Самарқандам!
Зи чашми шуъларези ту,
Аён гардад ҷаҳоне пеши чашмонам -
Ҷаҳони мардхези ту.
Ҷаҳоне, ки ҷаҳонро дод сайқалҳо,
Варо илму ҳунар омӯхт.
Дар он аҷдодҳои тоҷдори ман
Чароғи маърифат афрӯхт...

Дигар аз мавзӯъҳое, ки Ҷонибек дар фарогирии он дар шеъраш зиёд таваҷҷӯҳ кардааст, инсон ва мавқеи он дар ҷомеа мебошад. Инсони шеъри ӯ созанда ва хушахлоқ буда, сарнавишти ибратангез дорад, хонандаро ба роҳи рост ва бунёдкориву ояндасозӣ ҳидоят менамояд. Ин гуна ашъори ӯро ҳамчун даъватномаҳои ҳакимона метавон пазируфту баҳраи маънавӣ бардошт. Тариқи намуна чанд пораро аз ин қабил шеърҳои ӯ иқтибос меорем:

Ёру диёри худро зӯру мадор ҳастам,
Дар боғи зиндагонӣ файзи баҳор ҳастам.
Ҳаргиз нишонаи ман аз пастиҳо маҷӯед,
Фарзанди тоҷикам ман, лочиншиор ҳастам...
Ҳусни ҷаҳони мардӣ кори накӯю хайр аст,
То ҳаст зӯри бозӯ, ҳоҷатбарор ҳастам.

* * *

Ду қалб агар ҳамдаму ёвар нашавад,
Аз шарбати васл ҳеҷ лаб тар нашавад.
Ду санги тарозу гар набошад ҳамвазн,
Ду паллаи он ҳеҷ баробар нашавад.

Ашъори Ҷонибеки Қувноқ ба мо дарси одамият, худсозӣ ва ояндабинӣ омӯхта, мушкилиро осон менамояд ва роҳи саъодатмандиро нишон медиҳад. Дар шеъраш вақте дар бораи бадӣ, ноодамӣ ва пастфитратӣ сухан мегӯяд, ҳадафаш раҳнамоии инсон ба сӯйи одаму одамгарист. Аз ин ҷиҳат маънии иҷтимоиву ахлоқии ашъораш қавӣ буда, хонандаи огоҳро роҳи зиндагӣ ва одаму одамият меомӯзад.

Ҷонибек ашъорашро дар жанрҳои гуногун, аз ҷумла ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, мухаммас ва ғайра гуфта, дар ин ҷода низ ҳунармандиашро нишон додааст. Ӯ ҳам дар шаклҳои анъанавӣ ва ҳам шеъри нав бо тасвирҳои тозаву пурмаънӣ шеър гуфта, яке аз василаҳои пуртаъсири осори офаридааш мебошад. Сабки навишти ӯ низ аз муосиронаш фарқ дошта, бештар ба содданигорӣ ва истифодаи калимоти маъмулу ҳамафаҳм такя дорад. Ин равиш шеърашро дилпазир ва ҳамафаҳм кардааст.

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир чӣ медонед?
2. Дар аввалин шеърҳояш шоир кадом мавзӯъҳоро тасвир кардааст?
3. Мавзӯи Ватан дар шеъри Ҷонибек чӣ мавқеъ дорад?
4. Моҳияти мафҳумҳои ватани таърихӣ ва ҷуғрофӣ дар шеъри шоир аз чӣ иборат аст?
5. Тарзи нигориши шоир чӣ гуна аст? Аз забон ва воситаҳои тасвир ба чӣ тарз истифода кардааст?
6. Шеъри «Арзи фарзанд»-ро хонед, аз ёд ва маънидод кунед.

## Арзи фарзанд

Модар, сари қабрат омадам боз,
Бо меҳру муҳаббат омадам боз
То мужда зи фасли гул расонам,
Гул чинаму рӯйи қабр монам.
То пеши ту шарҳи ҳол гӯям,
Аз қисмати худ мисол гӯям...

Эй пораи қалб гуфта будӣ,
В-эй чораи қалб гуфта будӣ,
То заҳри азоби дил шавад нӯш,
Ҷӯ кандаву оби ҷӯйи худ нӯш.
Хоҳӣ, ки зи лавҳи ёди мардум
Номат нашавад дар ин замон гум,
Мебош мудом ғамбарораш,
Бардор ба дӯши хеш бораш,
Дар бар рухи пастҳимматӣ пӯш,
Аз баҳри баландномӣ мекӯш...
Ин панди ту гашт нардбонам,
То ки ба баланлӣ пой монам,
Бишкуфт ниҳоли орзуят,
Во гашт гиреҳи ҷустуҷӯят.
Ҳоло ҳама модарони дилбанд
Хонанд маро ба хеш фарзанд.
Гӯянд сухан, садоят ояд,
Савти нави муддаоят ояд.
Имдодгарӣ ҳанӯз моро,
Чун аввала чокдӯз моро.
Модар, ана боз омадам ман,
Бо рӯйи ниёз омадам ман.
Баргӯй чӣ кор карданамро,
Аз нав чӣ қарор карданамро...

# ЧОРШАНБЕИ ДЕҲНАВӢ

## (1948)



Чаршанбеи Деҳнавӣ 20-уми апрели соли 1948 дар маҳаллаи Гулободи ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарёи имрӯзаву Чағониёни таърихӣ ба дунё омадааст. Ӯ маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 22-юми ноҳияи Деҳнав гирифта, онро соли 1966 ба итмом расонидааст. Фаъолияти меҳнатиашро баъди хатми мактаби миёна оғоз карда, муддате омӯзгорӣ кардааст. Сипас ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1973 хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли 1974 то соли 2003 дар мактаби миёнаи рақами 21 аввал ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёт фаъолият намуда, баъдан дар вазифаҳои ҷониши директор ва директори мактаб кор кардааст.

Чун дар муҳите, ки барои инкишофи дузабонӣ шароит фароҳам оварда буд, ба дунё омада парвариш ёфтааст, осорашро низ аз оғоз ба ду забон – тоҷикиву ӯзбекӣ таълиф менамуд. Нахустин ҳикояашро бо номи «Эскирган излар» («Пайҳои гумшуда») ҳанӯз замони мактабхониаш эҷод карда, дар вақти донишҷӯ буданаш ҳикояҳои дигараш дар матбуоти Тоҷикистону Ӯзбекистон ба чоп расидааст.

Чоршанбеи Деҳнавӣ ду китоб нашр кардааст, яке «Талоши зиндагӣ» унвон дошта, онро нашриёти «Жайҳун»-и Тирмиз ба чоп расонидааст, дигаре «Шабе, ки осмон фурӯ рафт...» унвон гирифта, ба василаи нашриёти «Адиб» дар шаҳри Душанбе нашр шудааст. Дар ин ду китоб як повести хурд, ҳикояву новеллаҳо, рӯҷӯъҳои лирикӣ ва ришхандҳои нависанда фароҳам омадаанд, ки бо мазмуну мӯҳтаво ва ғояҳои худ диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунанд.

Ҳикояи «Ман дар хона нестам» яке аз аввалин эҷодҳои Чоршанбеи Деҳнавӣ буда, он тамоюли завқӣ, мавзӯӣ, ғоявӣ, ҳунарӣ ва хусусиятҳои тарзи нигориши нависандаро муайян мекунад.

Ҳикояи «Ман дар хона нестам» хулқу хӯйи афроди сустиродаву хомтамаъ, манфиатхоҳ ва норостро тасвир ва интиқоду мазаммат кардааст.

Мазмуни ҳикоя оддӣ ва аз воқеияти рӯзмарра буда, бархӯрди танзомези қаҳрамони он ба шахсиятҳои дигар моҳияти андешаи ахлоқии нависандаро ошкор месозад.

Дар китоби «Талоши зиндагӣ» бо номи «Чарҳо поянда нестанд» асари пурмӯҳтавои нависанда чоп шудааст, ки дар қавсайн «повести хурд» навишта шудааст. Дар ин асар хонанда бо шахсиятҳое рӯ ба рӯ мешавад, ки сурат ва сирати худро доранд. Муаллим Ғаниев Сӯҳроб ва нафарони дигар, ки баъзеашон лақаб доранд ва лақаб ҳам бозгӯи сиришти инсонии онҳост, ҳар кадом бо хулқу хӯй ва амалу кирдор намоёнгари шахсиятҳои ҳамранги худанд. Нависанда тавонистааст, ки дар оинаи воқеият камбудиҳои шахсиятҳо, мисли муфтхӯрӣ, фиребгарӣ, бемасъулиятӣ, бадахлоқӣ, чизпарастӣ, камсаводӣ, танбалӣ, ҳамчунин суст шудани пояҳои маънавии ҷомеаро ба таври боварибахш тасвир кунад, ки далели тавоноии ҳунарии ӯст.

Нависанда дар китоби «Талоши зиндагӣ» зери унвони «Ришхандҳо» як силсила ҳикояҳои воқеиро ба чоп расонидааст, ки дар заминаи воқеиятҳои зиндагии рӯзмарра эҷод шуда, намунаи таъсиргузори танзи иҷтимоиву ахлоқӣ ҳастанд. Бахусус ҳикояҳои «Ёрии таъҷилӣ», «Ҳамрешаҳо», Ду даст беҳ», «Ҳисобот», «Рӯбоҳӣ», «Маърӯза» ва «Вохӯрӣ» ҷолиб буда, мушкилоти ахлоқиву иҷтимоии ҷомеаро инъикос кардаанд. Дар ин ҳикояҳо сухан аз заминаҳои зуҳури ҳодисаҳои номатлуби иҷтимову ахлоқӣ ва амалу кирдори норавои инсонӣ меравад, ки монеъи пешрафти ҷомеъа мегарданд. Дар ҳикояҳои «Ҳамреша», «Рӯбоҳӣ», «Маъруза» ва дигар низ нависанда саъй кардааст, ки зимни тасвири воқеа ё масъалаҳои ҷудогона моҳияти иҷтимоиву ахлоқии ҳодисаҳоро ошкор намояд. Аз ин назар камбудиҳои ахлоқиву маънавии шахсиятҳо монанди айёрӣ, бемасъулиятӣ, бадахлоқӣ, камсаводӣ ва ғайраҳо ҳамчун омили тахрибкори муҳити иҷтимову ахлоқии ҷомеа нишон дода шудаанд.

Осори ҳаҷвии Чоршанбеи Деҳнавӣ аз ҷиҳати шаклу сохтор низ ҷолиби диққат буда, муколамаи ботинӣ ё худ худифшоӣ ҳикояҳоро таҳрикомезу таъсиргузор ва хонданбоб кардаанд. Тасвири номувофиқатии кору амал ва зарфияту тавоноиҳои инсон, ба ифодаи дигар ошкор сохтани раҳзаниву фиреби ҷомеа аз ҷониби шахс дар иҷрои амал ё кору фаъолият ҳадафи ҳунарӣ ва таълимии ин гуна навиштаҳои нависанда аст.

Дигар аз бартарии ин навиштаҳои Чоршанбеи Деҳнавӣ дар робитаи онҳо бо воқеиятҳои рӯзмарра мебошад, ки ҳикояи «Вохӯрӣ» намунаи беҳтарини он аст. Ин ҳикоя низ ба тарзи муколамаи ботинӣ навишта шуда, фоҷеаҳои ахлоқӣ ва ҳунарии рӯзгори моро инъикос кардааст,

ки таъсиргузор аст. Дар ҳикояи зикршуда муаллиф бо усули истеҳзо ва мутоиба харобии муҳити ахлоқӣ ва робитаҳои носолими иҷтимиро танқид карда, ба ин васила ормонҳои созандаашро нисбати беҳбуди авзои ҷомеа баён кардааст.

Дар китоби аввали нависанда «Руҷӯъҳои лирикӣ»-и ӯ низ чоп шудаанд, ки мавзӯъ ва масъалаҳои таъсиргузор доранд. Масалан, дар руҷӯйи лирикии «Ман ва Яъқуб пайғамбар» нависанда ба воситаи қиёсоти таърихӣ ва замонӣ (муқоисаи сарнавишти Яъқуб ва қаҳрамони лирикӣ) воқеияти пурдарди қалби қаҳрамонашро бозтоб додааст, ки арзиши маънавӣ дорад. Руҷӯъҳои «Ишқи аввал», «Зиндагӣ», «Марги Эзоп», «Фоҷиаи бемарг» ва чанди дигар низ бо ҳамин усул эҷод шуда, дидгоҳҳои хоси муаллифро ба воқеият ифода мекунанд.

Маҷмӯаҳои «Талоши зиндагӣ» ва «Шабе, ки осмон фурӯ рафт...» осори дар солҳои гуногун эҷод кардаи нависандаро дар бар мегиранд. Аз ҳарду маҷмӯаи нависанда маълум мешавад, ки дар кори нависандагӣ роҳу равиши худро дорад ва тарзи нигоҳаш ба воқеият тоза ва маънидор аст. Намунаи ҳикояҳое, ки дар маҷмӯаи сонӣ фароҳам омадаад, гувоҳи чашмандози васеи ӯ ба воқеаву ҳодисаҳо ва масъалаҳои гуногун ва доманадори зиндагӣ мебошад. Диққати ӯро, пеш аз ҳама, воқеаҳои зиндагии ҳаррӯза, қадри одамони иззатманд, падару модар, пайвандон, муҳаббати берӯю риё ва ормонҳои зиндагисоз ба худ кашидаанд. Ҳикояҳои «Сангҳои сурох», «Яке аз ҳазорон», «Шабе, ки осмон фурӯ рафт», «Гӯсола», «Шаби бӯронӣ», «Мактуб» ва чанде дигар аз ҳамин ҷиҳат имтиёз доранд. Дар ин гуна ҳикояҳо сарнавишти инсоне ба тасвир омадааст, ки дар зиндагӣ мавқеъ дошта, дар фарозу фурӯд ва мушкилоти ин рӯзгори каҷдору марез шикаста ва маҳв нашудааст, балки дар баробари ноҳамвориҳои зиндагӣ иродат, мустақилият ва устуворӣ нишон додааст.

Қаҳрамони ҳикояи «Сангҳои сурох» дар муҳити воқеияти муқаррарӣ тасвир шудааст, вале сарнавишти пурдарди ӯ оддиву бемаънӣ нест. Нигоҳи марди суратгар дар тасвири нависанда бозгӯи қиссаи пурдарду алами ишқи нотамоми ӯст, ки ёдномаи пурдарди зиндагии раҳо шуда аз ӯст. Достони сарпечидаи ишқи нотамоми қаҳрамон дар ҳикоя аз назари худаш, ки рассом аст, таъбиру тафсир мешавад, ки хеле пурдард аст. Нависанда зимни мушоҳидаҳои мушаххас симои маънавии рассомро пеши чашми хонанда падид оварда, ёди гузаштаи аз даст рафтаро низ зинда месозад, ки хеле пурмаънӣ ва таъсиргузор аст.

Яке аз ҷолибтари ҳикояҳо, ки номи китоб низ аз он гирифта шудааст, «Шабе, ки осмон фурӯ рафт...» мебошад. Ба василаи ин ҳикоя

нависанда тавонистааст, ки таърихияти фикрашро перомуни хотираҳо ва дарки гузаштаву имрӯза ифода кунад. Дар ҳикоя хотираи падар ва изтироби дили ӯ маводи асосӣ буда, дар андешаҳои вай тамоми зиндагиаш, робитааш бо атрофиён ва андешаҳояш дар бораи одамону масъалаҳои зиндагӣ инъикос ёфтаанд, ки хонандаро ба андеша мебарад. Ҳикоя на фақат сарнавишти пурдарди Мулло Аллабердӣ ва ёрони ӯст, балки фоҷеаи як наслро, ки қурбони фитнаву ғараз ва худкомагӣ шудаанд, инъикос мекунад, ки хеле пурдард ва воқеист. Воқеоти тасвиршуда ҷузъи сарнавишти худи нависанда низ ҳаст, ки ҳушдор ҳам дорад.

Пораи зерин аз суханони падар сияҳчолҳои замони пурфоҷиаи аз даст рафтаро бисёр ҳам саҳеҳ ва таъсиргузор таҷассум кардааст: «Ман дурӯғ гуфта будам, – мӯйсафед оҳ кашида эзоҳ дод, – хотири падарат. Дар асл маро бегонагон не, хешу таборони худам аз ватан беватан карданд. Истолин боғучорбоғӣ набуд, ки масҷиди бародари маро дида, муаззинии ӯро шунида бошад! Маскав куҷову Боғучорбоғ куҷо! Ҳа, ҷони бобо, кирм аз танаи худамон хест. Мулло Аллабердӣ ҷилои ватан кард. Ду сол ҷустам. Деҳа ба деҳа гаштам. Оқибат аз Деҳнав ёфтам. Ҳамин хел, мо деҳнавӣ шудем. Ҷанг сар шуду пайбурӣ суст гашт. Аз рабочи баталён баргашта истода ёди зодгоҳ кардам. Дар ҳавлиамон шахси ношинос мезист. Лангон – лангон ба боғ даромадам. Айни авҷи тобистон не-мӣ, себҳо суп-сурх, зардолуҳо заб-зард! Барои зардолуе дастдароз карда будам, ки он марди ношинос дастамро дошт. Чизе нагуфтам. Малолу музтар ба паям баргаштам. Ҳа, ҷони бобо, чӣ замонҳое нагузашт?! Аз боғи худат , ки як дона зардолу канда хӯрдан натавонӣ!.. Як навишта намебинӣ, ҷони бобо, шояд ҳушам ба боғам кашол аст, ки мурданам душвор. Ҳа, мусофир ватан хоб мебинад...»

Дар охирин лаҳзаҳои зиндагӣ ба муроқибаи дарднок рафтани қаҳрамони нависанда ва сарпечидагиҳои андешаву эҳсоси ӯ чаҳраи ӯро ҳамчун як нафар инсони ҳамиятхоҳ муҷассам месозад, ки раҳнамои инсони ҳушёр дар шарофатмандона зистан аст.

Қиссаи «Яке аз ҳазорон» ва ҳикояҳои «Гӯсола», «Шаби бӯронӣ», «Мактуб» ва дигарҳо низ бо ҳамин усул эҷод шудаанд. Тору пуди қиссаву ҳикояҳо аз воқеият ва хаёл ба ҳам омадаанд. Нависанда тавонистааст ҳамин мураккабии ҳиссу равону рӯҳияро тасвир карда, ба ин васила сарнавишти рӯҳӣ ва маънавии шахсиятҳои осорашро ба вуҷуд оварад ва муваффақ ҳам шудааст.

Чеҳраҳои Саъдиеву Мансуров (аз қиссаи «Яке аз ҳазорон»), Мӯҳсинтағову Собирҷон (аз ҳикояи «Гусола»), кампир ва Қосимҷон (аз ҳикояи

«Шаби бӯронӣ) ва модару писар (аз ҳикояи «Мактуб») теъдоди дидгоҳҳои муаллиф дар бораи зиндагӣ, мавқеияти инсонҳо, ки хуб ҳам ҳастанду бад ҳам, бурду бохти зиндагӣ, дарду дармон, ишқу армон ва ҳоли дирӯзу имрӯзу фардост, ки умедбахш ҳам ҳасту нигаронкунанда ҳам.

Яке аз беҳтарин навиштаҳои дигари нависанда ҳикояи «Набера» буда, дар он масъалаҳои муҳими ахлоқӣ ба миён гузошта шудааст. Ҷалол Икромӣ ин ҳикояро бо қаҳрамонони якрӯву устуворашон писандида, «образҳояшон сохта нест» гуфта, сифат кардааст. Тасвири воқеа ва амалу кидори қаҳрамонон дар ин ҳикоя табиӣ буда, ба хонанда таъсири мусбат мебахшад.

Бобо дар ин ҳикоя ба аёдати набераи бемораш рафта, ба садама дучор ва гирифтори азоби мурдан мегардад. Нависанда бо такгӯии дарунӣ ва истифода аз зеҳни муйсафед хонандаро ғайри мустақим дар ҷараёни афкори шахсияти аслии хикоя – муйсафед ва вокунишҳои ӯ нисбат ба масъалаҳои зиндагӣ ва муҳити атрофаш қарор медиҳад ва сайри андешаҳои ӯро дунбол мекунад, ки тозагиҳое дар тасвири бадеӣ дорад.

Қаҳрамони ҳикоя дар бистари марг қарор гирифта, афкор ва эҳсоси худро ба забон меоварад, дар боби зиндагӣ, воқеаҳои аз сараш гузашта, ахлоқу атвори инсонҳо ба муроқиба меравад ва хонандаро ба ҷараёни андешаҳояш шарик сохта, ба ин васила ӯро бо ҳадафҳояш ошно месозад то аз дарси зиндагӣ сабақи лозимиро барои худ гиранд.

Ин омил дар ҳикояи зикршуда таъйинкунандаи арзиши ҳунарии он аст. Зайли намуна пораи зерро, ки баёнгари ҳунари нависанда аст, аз такгӯиҳои мӯйсафед иқтибос меоварем:

«– Ман мурданӣ набудам. Мурданӣ будаму ин хел не. Васият карда... Омадӣ? Бале, бале. Нағз шудӣ? Бале, бале. Укол дард кард? Не? Бале, бале. Духтур амакат рафта дид? Ягон бор ҳам-мӣ?.. Акнун ман меравам, бачем. Туро интизор будам. Тоқии наватро пӯшида гир. Ҷомаи сиёҳатро ҳам. Бале, бале. Ана вай таёқро гиру гиря сар кун. Мурд бобом гӯ. Меҳрубон бобом гӯ. Ғариб бобом гӯ. Бале, бале. Бобои меҳргадоям гӯ. Не инаш нашуд. Бобои меҳрубонам гуфтан гир. Бале, бале. Аввал исто, ман ду даҳан гап дорам, бачем. Гузаштаҳоя фаромӯш накун. Духтур амакат мешавад. Пир шавад, хабар гирифта исто. Ба падарат меҳрубон шав. Вай туро гуфта, адои тамом шуд. Боз чӣ гуфтанӣ будам? Ҳа, амакат одами серкор. Барои омаду рафт кардан вақт надорад. Ту рафта омадан гир. Бачаҳояш бегона шуда нараванд. Акнун гиря кун. Бале, бале. Ба касе кордор нашуда. Ба падарат ҳам, ба амаки духтурат ҳам. Калонҳо кам мегирянд. Худат гиря кардан гир. Ман хоб рафта, шунидан мегирам. Бале, бале.»

Дар ин ҳикоя эҳсосоти одамон дақиқ тарроҳӣ шуда, ба василаи тасвири огоҳонаи нависанда аз дилҳои онон хабардор мешавем.

Дар ҳикояи «Гӯсола» ифодаи истеҳзоомези нависанда «то камбағала офаридан як парча санг меофаридӣ намешуд», баёнгари мавқеияти ӯ дар шинохти неку бад аст. Кӣ зиндагии шахсиятҳои ҳикоя – мардеву занеро табоҳ карда, дастнигари инсонҳои золим ва ситамгар сохтааст?! Дар ҳикоя нависанда хонандаро бо омилҳо ва шахсиятҳое рӯ ба рӯ мекунад, ки монеъи пешрафти зиндагии инсонҳои софдилу заҳматкашанд. Ба ифодаи дигар, инсон дар наздашон ҳеҷ қадру манзалате надорад. Хонанда ба воситаи ин ҳикоя чизҳое аз бадӣ ва ноодамиро дар ҷомеъа ва одамҳо кашф мекунад.

Дарунмояи аксари ҳикояҳову новеллаҳои адиб бархӯрди хубиҳо бо бадиҳост. Одамони хубу нексиришт бо шахсиятҳои шарир мубориза мебаранд ва мавзӯи ҳикояҳоро ба вуҷуд меоваранд. Дар асл дарунмоя ва зербинои фикрӣ ва иҷтимоии ҳикояҳо нишон додани одамият, бародарӣ, баробарӣ ва адолати иҷтимоист. Амалу кирдори Мақсудов (ҳикояи «Зилзила»), Зарифа-апа (ҳикояи «Аввали баҳор»), Камолиддин (ҳикояи «Дарз»), Султон ( ҳикояи «Барқ дамидан мегирад») ва чанде дигар намунаи масъулиятшиносӣ, одамият ва ҳақшиносӣ дар ҷомеаи инсонист. Дар баробари чеҳраҳои мусбат хонанда дар ҳикояву новеллаҳои нависанда бо шахсиятҳое низ рӯ ба рӯ мешавад, ки бадӣ ва бадкорӣ, худбиниву худхоҳӣ ва бемасъулиятӣ ҳамсафари зиндагии онҳо будааст. Ин гуна шахсиятҳоро нависанда ҳамчун монеъаи пешрафти ҷомеъа ба тасвир гирифтааст.

Насри Чоршанбеи Деҳнавӣ табииву воқеӣ ва ҳунармандона буда, аз ҷиҳати забон ва тарзи баён низ диққатангез аст. Махсусан истифодаи огоҳонаи ӯ аз забони зинда, зарбулмасалу мақолҳо, таъбироти халқӣ ҳусни баёни ӯро афзуда, навиштаҳояшро хонданӣ ва таъсиргузор кардаанд.

## МАКТУБ

*(Новелла)*

«Писарам, дидӣ, ман гиря кардам...»

Саҳарӣ дилам тахт буд. Вақте ки модарат туро ба оғӯш кашида, оби дида рехт, ман ҷанг кардам. Гуфтам, ки дили бачая ганда накун. Худоро шукр, замона тинҷӣ. Ду сол ду рӯз барин гузашта меравад. Ё не?

Модарат бо нӯки қарсаш ашкашро поккунон ба ошхона даромад ва як каф орд бароварда, ба сару рӯят чанг кард. Аз ин таомули қадима дилаш қувват гирифт магар, туро охирин бор бӯсида, рухсат дод.

Ту ба мошин савор шудӣ. Баъд амакат, Сироҷбой, ҷӯраҳоят, кадом яки онҳоро ном гирам, хулоса, як мошин шуда, ба ноҳия рафтем. Дар ҳарбихона одам меҷӯшид. «Раванда як касу баранда сад кас. Э, садқаи таомулат шавам, одам!» гуфтам дар дилам.

Ту назди ҳарбипӯше рафта, хабарномаро додӣ. Ҳарбипӯш гирифта, таъкид кард, ки дур наравӣ. «Хуб» гуфта, пеш гаштӣ, ки ман аз ӯ пурсидам:

– Дардат занад, додар, бачаҳоро куҷо мебаред?

Ҳарбипӯш хандид.

– Ба дур, падар. Харакӣ рафта наметавонед.

– Аз хоки ватан берун набаред, шуд, – гуфта аз паси ту рафтам. Ҷӯраҳоят шӯхӣ мекарданд. Ту завқ бурда механдидӣ. Овозатро шунавам ҳам аз худат чашм намекандам. Метарсидам, ки туро гум мекунам. Ҳа, писарам, дарвоқеъ, ту сабаби инро намедонӣ. Соли гузашта писари Сироҷбойро гуселкунӣ омадем. Он рӯз ҳам одам бисёр буд. Аз куҷое як ҳофиз пайдо шуд. Бай-бай, овозаш чӣ хел шира дошт?! Як духтар баромада рақс кард. Ростӣ дар телевизор ҳам монанди ӯ бозингар надида будам... Ба тамошо дода шуда, аз рафта мондани Ғаниҷон бехабар мондаам. Чунон шарм кардам, ки замин накафиду ман надаромадам...

Фурсате нагузашта, ҳарбипӯш омада:

Саф кашед! – гуфт.

Ту аз ҷӯраҳоят ҷудо шуда, пеш рафтӣ. Дар як дам сафи хушрӯе оростед. Ҳарбипӯш дафтарашро кушода, ҳозир-ғоиб кард:

Аллабердиев!

Ман.

Дар қарибии ман зане оҳе кашида, пичирос зад:

Кош, номи писари маро аввал мехонд.

Худамро якбора хушбахт ҳис кардам.

– Аллабердиев писари ман мешавад, хоҳар, – гуфтам ба зан, – аввал хондан чӣ маънӣ дорад?

Зан ба ман нигарист. Вай ҷавон буд ва аз модар дида бештар ба арӯсон шабоҳат дошт.

– Гагарин аввал парид, номаш аввал баромад...

Боз чизе гуфта, фикрашро тасдиқ карданӣ буд, ки ҳарбипӯш номи аскарбачаҳоро хонда шуда, митинг эълон намуд. Аввал раиси комис-

сариат нутқ эрод кард. Аз паси вай иштирокчиёни ҷанг. Дар охир ҳарбипӯш ба падару модарон мурочиат намуда пурсид:

– Кӣ хоҳиш дорад? Ба сухан барояд.

Издиҳом хомӯш монд. Дидам, ки касе гап намезанад, худам ба минбар баромадам.

– Рафиқо, – гуфтам раиси колхозамон барин гулӯ афшонда, – авлоди мо, тоҷикон, ҳама мард гузаштаанд. Шумо, бачаҳо, чунон хизмат кунед, ки касе ба ин шубҳа накунад!

Аз ҳаяҷон сухан намеёфтам. Хайрият, мардум қарсак заданд. Ҳалмамро рост карда, дубора ба гап даромадам:

– Шумо ҷангро надидеду набинед. Лекин падар, ака, хешу табори шумо дидаанд. Ҷанг кардаанд. Ҷон дода, хун рехтаанд. Номи онҳо дар китоби таърих навишта шуд.

Ман имрӯз дар сурати шумо, рафиқ, писарон, қаҳрамонҳои навро дида истодаам. Ростӣ! Дар оянда боз чандин номҳои тоҷикӣ дар саҳифаи таърих навишта мешаванд, он номи кадоми шумост, инро хизмататон, корнамоию ҷасорататон муайян мекунад…

Мардум боз қарсак зад. Аммо ман дигар чизе гуфта натавонистам. Ҳатто аз гуфтаҳоям пушаймон шудам.

Чаро мегӯӣ?

Соли авали ҷанг буд. Аз қишлоқамон якбора шонздаҳ нафар ба ҷанг рафтанд. Ман бошам, касал баромадам. Дилам сиёҳ шуд. Рост – дия! Ҳамсолонат ҷон дар каф ниҳода, ҷанг кунанду ту ҷудо шуда монӣ, алам намекунад магар?!

Рӯзе хунам ҷӯшида, ба ҳарбихона рафтам. Гуфтам, ки ман касал – пасал нестам. Бошам ҳам меравам! Агар тарсед, забонхат медиҳам.

Сардори коммисариат бо нармӣ гуфт:

– Таърихи бемориат ба мо равшан аст. Нағз шуда бошӣ, хеле хуб, ба колхоз баро. Колхоз ҳам фронт аст!

Бо ин гуна дилбардориҳо хуни ҷӯшидаам сард намегашт.

– Ҷангро аз колхоз фарқ мекунам, – гуфтам ба чашмаш теғ кашида, то ки қаҳраш омада, зудтар ба ҷанг фиристонад, – барои мо ғалаба зарур аст. Кор бошад, шудан мегирад.

– Дар фронт бе ту ҳам мурда мерасад!

Тарбуз аз бағалам афтида, ба хона баргаштам. Қисса кӯтоҳ, ҷанг тамом шуд. Вале дарди ман кам намешуд.

Як маротиба чӣ сабаб шуду Ҳодӣ Баззов «ту касал-пасал нестӣ, ту пора дода, ҷонатро халос кардӣ» гуфта таъна дод. Ҳар як суханаш сад

теғ гашта, ҷонамро шикофт. Лекин ман ба Баззов ҷавоб дода натавонистам. Мувофиқи таърихи бемориам ман бояд умри дароз намедидам. Вале ман то ҳол зинда будам. Ҳа, писарам, баъзан мешудааст, ки одам барои зинда монданаш, дар ҷойи он, ки хурсанд шавад, ғам мехӯрдааст!..

Дар чунин ҳолати тоқатфарсо ту таваллуд шудӣ. Бовар кун писарам, ту об шудию маро дар айни пажмурдашавӣ зинда кардӣ. Акнун зудтар калон шуда, ба армия (сафи ҳарбӣ) фиристодани туро мехостам. Хандӣ ҳам мегӯям, қадатро қариб ҳар рӯз чен мекардам ва аз оҳиста қад кашиданат чунон зиқ мешудам, ки... Эҳ ҳаждаҳ соли ту ба назарам ҳаждаҳ аср барин гузашт!

Митинг тамом шуда, маросими гусел расид. Ҷӯраҳоят туро як – як оғӯш карда, роҳи сафед хостанд. Сироҷбой васият кард, ки назди писараш равӣ. Ҳардуятон чақ-чақ карда, зиқ намешавед. Баъд, амакат хайру хуш намуд. Ниҳоят, навбат ба ман расид. Туро оғӯш кардаму дилам якбора об шуд. Оби чашмонамро дошта натавонистам. Чӣ хел ҳам тавонам?! Орзуям шикст!!! Худат тасаввур кун, писарам, беморе, ки ҳаждаҳ сол ранҷ кашидаасту якбора шифо ёфтааст, чӣ мекунад? Пеш аз ҳама гиря мекунад. Ин гиря гиряи оддӣ нест. Ин гиряи ғалаба, гиряи дилравшанкунанда аст...

Дар ҳамин лаҳза амакат омада, гуфт, ки мошин ба роҳ даромад, ба ту фотиҳа диҳам. Ман сар аз кифат бардошта гуфтам:

– Писарам, дидӣ, номи туро якум хонд?! Якум буданатро фаромӯш накун. Ин хоҳиши ман, хоҳиши модарат, амакат ва ҷӯраҳоят аст.

Ту «хуб» гуфтӣ. Ман бовар кардам. Мошин ба роҳ даромад...

Писарам, акнун фаҳмидӣ, ки ман чаро гиря кардам?

**Савол ва супориш:**

1. Чоршанбеи Деҳнавӣ дар чӣ гуна муҳите ба камол расидааст?
2. Дар бораи аввалин ҳикояҳои ӯ маълумот диҳед.
3. Мавзӯҳои асосии ҳикояҳои нависандаро шарҳ диҳед.
4. Масъалаҳои ахлоқӣ дар кадом ҳикояҳои ӯ тасвир шудаанд?
5. Мавзӯи ҳикояи «Набера» чист ва дар он нависанда чӣ масъалаҳоро ба миён гузоштааст?
6. Аз новеллаи «Мактуб» чӣ хулоса баровардед?

## Новелла ва хусусиятҳои он

Новелла яке аз жанрҳои хурди наср буда, аз ҷиҳати ҳаҷм ба ҳикоя монанд мебошад. Вале воқеаҳое, ки дар он тасвир мешаванд, аз ҳикоя фарқ доранд. Новелла дар бисёр масъалаҳо, аз ҷумла тасвири воқеа, ҳудуди жанр, тарзи образофаринӣ, хислати шахсиятҳо ва ғайра ба ҳикоя монанд башад ҳам, бо нишонаҳои зерин аз вай фарқ мекунад.

Аввал ин ки тарзи баёни новелла бағоят мӯҷаз аст. Дар он на танҳо ҷумла, балки калима ё ибораи қобили ихтисор набояд бошад. Сухан дар новелла мӯҷаз аст. Агар дар ҳикоя имкони тафсили ҷузъиёт бошад, дар новелла нест. Дигар ин ки новелла бештар дар мавзӯъҳои сиёсиву иҷтимоӣ, воқеии таърихӣ эҷод мешавад. Масъалаю воқеаи тасвиршаванда зоҳиран ҷузъист, ба одамони ҷудогона дахлдор асту бас. Аммо дар асл, моҳиятан ин тавр нест, воқеа ва масъала ба бехи ҷамъият, ба зиндагии имрӯза ва фардои халқ вобаста мебошад. Сониян зеҳният дар новелла мавқеи хос дошта, воқеа ё аз забони шахси якум баён мешавад, ё ҳодисаю ҳолат зиёда ҳаяҷонангез тасвир меёбад. Ниҳоят, новелла бохаёлпардозӣ қарин буда, аксаран дар асоси як воқеа сохта мешавад, дар ҳикоя ғайр аз воқеаи асосӣ лаҳзаҳои воқеии дигар низ истифода мешавад. Ғайр аз ин дар новелла саъй карда мешавад, ки санад ва ҳақиқати рӯйдод таъкид шавад.

Аз ҷиҳати сабк ва мундариҷа бисёр ҳикояҳои адибони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла асарҳои Саъдӣ ва Хоҷа Самандари Тирмизӣ, ҳамчунин баъзе ҳикояҳои «Калилаву Димна», «Синдбоднома» ва «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфӣ ба новелла монананд. Аз нависандагони муосири тоҷик Ҳаким Карим устоди новелла эътироф шудааст. Дар эҷодиёти Ч. Деҳнавӣ низ новелла бо сабк ва услуби ба худ хос оварда шуда, хонандаро бо хаёлоти маънавӣ раҳнамун месозад.

# НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ӮЗБЕК

Адабиёти муосири ӯзбек баъди инқилоб ба вуҷуд омад ва дар зери таъсири ғояҳои он ташаккул ёфт. Инқилоб қаламкашони худро ёфт ва илҳом бахшид, то сохт ва ҳаёти навро васф кунанд.

Аввалин намунаҳои шеъри нави ӯзбек низ бо таронаҳои мардумӣ ҳамоҳанг буд, зиндагии навро васф менамуд ва он ба қалами асосгузори адабиёти шӯравии ӯзбек – Ҳамза тааллуқ дошт. Шеърҳои Ҳамза «Мо заҳматкашонем», «Бедор шав» ва ғайра миёни мардум машҳур буданд. Ҳамза дар таърихи адабиёти ӯзбек на фақат чун шоир, балки ҳамчун драматурги барҷаста шинохта шудааст.

Ба ин давраи тараққиёти адабиёти ӯзбек эҷодиёти нависандаи бузург Абдулло Қодирӣ (1894–1926) тааллуқ дорад. Романҳои машҳури ӯ «Рӯзҳои мозӣ» (1926) ва «Каждум аз меҳроб» на фақат ба ташаккули насри ӯзбек, балки барои шаклгирии ин жанр дар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла адабиёти тоҷик мавқеи хос доштааст.

Дигар аз намояндагони барҷастаи адабиёти ӯзбек Ғафур Ғулом мебошад. Ғафур Ғулом дар адабиёти ӯзбек ҳамчун шоир ва нависанда мавқеъ дорад. Дар адабиёти муосири ӯзбек осори Ойбек ҷойгоҳи хос дорад. Вай фаъолияти адабиашро бо эҷоди шеър оғоз карда, аввал пайрави символистҳо, махсусан шоири рус Блок буд, сонитар вай ба воқеъияти давр наздик шуд, замона ва дастовардҳои онро васф кард. Солҳои бист ба адабиёти ӯзбек шахсиятҳои нав, аз қабили Уйғун, Ҳамид Олимҷон, Мақсуд Шайхзода, Ойдин ва ғайра меоянд, ки бо нафаси гарми эҷодиашон ба инкишофи назму наср мусоидат карданд.

Дигар намояндаи барҷаста Абдулло Қаҳҳор мебошад. Вай фаъолияташро аз эҷоди ҳикояҳои хурд сар карда, тадриҷан ба эҷоди асарҳои калонҳаҷм шурӯъ мекунад. Дар романи «Сароб» амали зиддихалқии миллатчиён тасвир шудааст.

Солҳои шастум ба адабиёти ӯзбек як зумра ҷавононе омаданд, ки бо сабку салиқаи хос миёни хонандагон шӯҳрат ёфтанд. Дар ин миён метавон номҳои насрнависон В. Ғафуров, Шӯҳрат, О. Ёқубов, Мирмӯҳсин, Ш. Холмирзо, Ӯ. Ҳошимов ва шоирони тавоно Абдулло Орифов ва Эркин Воҳидовро бо ифтихор ба забон гирифт. Махсусан пешрафти шеъри муосири ӯзбек ба номи ин дуи охир сахт вобастагӣ дорад, ки бо ҳаёт ва эҷодиёти яке аз онҳо – Абдулло Орифов ва Абдулло Қодирӣ ба воситаи ин китоб шумо шинос мешавед.

# АБДУЛЛО ҚОДИРӢ

## (1894—1940)



Абдулло Қодирӣ аз нависандагони бузурги адабиёти ӯзбек аст. Вай бо эҷоди асарҳои реалистона, махсусан романҳои таърихиаш дар адабиёти ӯзбек мақоми шоистае дорад. Асарҳои бадеии эҷодкардаи ӯ, аз ҷумла романҳои «Каждум аз меҳроб» ва «Рӯзҳои мозӣ» бо мавзӯъ ва мундариҷа, бо фарогирии ҳодисаҳои таърихӣ ва сарнавишти воқеии одамон, бо бадеият ва забони равону дилкаш дар байни хонандагон шӯҳрат доранд. Муҳаққиқи эҷодиёти нависанда Иззат Султонов ба эҷодиёти ӯ баҳо дода, аз ҷумла менависад: «Осори Абдулло Қодирӣ намунаи маҳорати суханофарист. Дар ин осор вай ғояи асосиро хеле равшан ифода мекунад, одамон ва шароити зисти онҳоро бисёр ҳам муҷассам ва боварибахш тасвир менамояд. Сужети асарҳояш ҷолиб буда, забонаш бою ширадор аст. Ба халқ писанд омадани ин асарҳо бечиз нест».

Ин нависандаи доно ва ҳаётшинос соли 1894 дар шаҳри Тошканд, дар хонаводаи тоҷир ба дунё омадааст. Падараш дар ибтидо тоҷир буда, баъд ба деҳқонӣ машғул шудааст. Абдулло Қодирӣ аввал дар мактаби кӯҳна таҳсил карда, сонитар дар мактаби русии туземӣ хондааст. Баъди хатми мактаб ба сарватмандон котибӣ карда, ба деҳқонӣ низ машғул шудааст.

Фаъолияти эҷодиаш аз соли 1909 шурӯъ шуда, аввалҳо як силсила шеъру мақола ва асарҳои ҳаҷвӣ, аз нимаи аввали соли 1917 шеърҳои «Аҳволи мо», «Ба миллатам», песаҳои «Бахти баргашта», «Ҷавонбоз» ва ҳикояҳои «Дар улоқ» ва «Базми ҷинҳо»-ро эҷод кардааст. Нависанда урфу одатҳои кӯҳна, хурофотпарастию ҷаҳолатро маҳкум менамояд. Дар шеъри «Аҳволи миллатам» шоир қисмати халқро нишон медиҳад.

Ба ҳоли мо нигар, чӣ гуна дар ғафлатем,
Агар лозим шавад виҷдонро ба пул бифрӯшем.
Фарзандонамон на адабу илм доранду на шуғл,
На худоро мешиносанд, на аз илм бӯе бурдаанд.

Биёед, ҷавонон, зиёиён, кунун ғайрат кунед,
Агар Қодир хуфта бошад, ӯро низ бедор кунед.

*(тарҷумаи таҳтуллафзӣ)*

Абдулло Қодирӣ нависандаест, ки ҳаёт ва эҷодиёташ дар замони инқилоб ва навсозии ҷомеа гузашт, барои таблиғи ғояҳои инқилобӣ хизмат кардааст. Бинобар ин ҳам баъзе асарҳои ӯ саршор аз ғояҳои синфиятгароӣ ва табақахоҳӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин осори ӯро маҳз ғояҳои башардӯстона ва озодихоҳонаву демократӣ зинда дошта, дар хизмати имрӯзу оянда қарор медиҳанд. Масалан, песаи ӯ «Бахтбаргашта» чунин хусусият дорад. Дар ин песа нависанда чунин масъаларо ба миён гузоштааст, ки қаҳрамони асар ба бойҳо тақлид карда, тӯйи калон ва серхароҷот мегузаронад ва дар натиҷа дар қарзи зиёд ғӯтида, сабабгори бадбахтӣ ва фоҷиаи зиндагии худ мегардад. Дар асар нависанда кӯшидааст, фарқияти синфии қаҳрамононашро нишон диҳад. Қаҳрамони песа Солеҳ аз хӯҷаинаш бо шарти вазнин пул қарз мегирад ва тӯй мекунад. Вале Солеҳ қарзро дар вақташ бозгардонда наметавонад. Ниҳоят ҷою маконашро бой ба ивази қарз соҳиб мешавад. Арӯси ҷавонаш ба ҳамаи ин бадбахтӣ тоб наоварда, худкушӣ мекунад. Дар ин драма нависанда образҳои ҳаммол, бойи судхӯр ва Домуллоимомро бо камоли маҳорат офаридааст.

Абдулло Қодирӣ дар кори эҷодӣ фарди масъулиятшинос буд. Аз ҳамин мавқеъ вай ба тасвир ва фарогирии воқеияти зиндагӣ ҷиддан эътибор медод. Вай ҳамчунон ки ба ҳақиқати зиндагӣ эътибор медод, ба тасвири бадеии ин ҳақиқат низ диққаткорона рафтор мекард. Осори адабӣ барои ӯ аз назари ҳам шаклу ҳам мазмун баробар эътибор дошт.

Абдулло Қодирӣ дар баробари фаъолияти нависандагӣ ба рӯзноманигорӣ низ машғул буд. Вай дар вазифаи сармуҳаррири нахустин маҷаллаи ҳаҷвии «Муштум» кор карда, фелетону мақола ва ҳикояҳои ҳаҷвӣ навишта, камбудиҳои зиндагӣ ва амалу кирдори муосиронашро фош мекард. Вай мувофиқи талаби замони нав асар офарида, мавзӯъ ва ғояҳои муҳими рӯзро таблиғу ташвиқ менамуд. Адиб соли 1924 ба Маскав рафта, дар институти давлатии рӯзноманигорӣ таҳсил кард, ки минбаъд ба эҷодиёти ӯ таъсири бафайз расонд. Аз Маскав бозгашта дар соҳаи матбуот фаъолона кор кард ва ба кори эҷодӣ ҷиддан машғул шуд.

Нависанда забони русиро хуб медонист ва солҳои 1927–1930 дар таҳияи луғати русиву ӯзбекӣ фаъолона иштирок намуд. Осори А.П. Чехов, Н.В. Гогол, Марк Твен, Эмил Золяро ба забони ӯзбекӣ тарҷума

кард. Ӯ аз эҷодиёти Л.Н. Толстой, Н.В. Гогол, А.П. Чехов, А.М. Горкий, А. Толстой сабки эҷод, тасвир ва офариниши характерҳои барҷастаро омӯхта, ба маҳорати таҳлили психологӣ даст ёфт.

Абдулло Қодирӣ дар ҳикояҳояш ба офаридани чеҳраи мусбати типи нави қаҳрамон муваффақ мешавад. Қаҳрамони ҳикояи «Шубҳа» Тӯйчибоев маҳсули ҳамин гуна кӯшиши нависанда аст. Дар ин ҳикоя воқеияти солҳои сиюми қишлоқ тасвир шуда, дар зимни ин воқеаҳо муборизаҳои синфии он солҳо нишон дода шудааст. Низои асосии ин ҳикоя дар атрофи ҷинояти вазнине, ки дар колхоз содир шуда буд, шакл мегирад. Ҷиноят содир шуд, вале ҷинояткор дастгир нашуд. Ҳатто комиссияи махсусе, ки аз шаҳр омад, қудраташ ба фош кардани ҷиноят нарасид. Ниҳоят ба хонаи Зуҳуров дӯсти шаҳриаш Тӯйчибоев меҳмон мешавад ва боиси шубҳа мегардад. Ва ниҳоят чеҳраи аслии унсурҳои зиёновар Солеҳ ва Холиқов фош мешавад.

Абдулло Қодирӣ дар адабиёти ӯзбек нахустин касест, ки жанри романро ба вуҷуд овард. Вай на фақат дар адабиёти ӯзбек, балки дар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ нахустин романнавис аст. Романҳои барҷастаи ин адиб «Рӯзҳои мозӣ» ва «Каждум аз меҳроб» дар миёни хонандагон, аз ҷумла хонандагони тоҷик шӯҳрати зиёд доранд. Аз ҷумла ба тозагӣ романи «Рӯзҳои мозӣ» аз тарафи нависандаи маъруфи тоҷик аз вилояти Сурхондарё Истад Қосимзода тарҷума шуда, бо сарпарастии нашриёти «Ирфон»-и Тоҷикистон бахшида ба 100 солагии зодрӯзи Абдулло Қодирӣ чоп шудааст.

Романи «Рӯзҳои мозӣ» соли 1919 навишта шудааст. Пораҳои нахустини роман соли 1922 дар маҷаллаи «Инқилоб» чоп шудааст. Сонитар ҳар қисми роман дар шакли китобчаи алоҳида чоп шудаанд.

Ин роман аз садоҳои зиндагисози одамони инсонпарвар, адолатхоҳ, вафодор, қаҳрамон, ки золимону хиёнаткоронро маҳкум месозанд, пур аст. Ҳамин оҳанг ғояи асосии романро, ки ободию ободгарист, муайян мекунад. Дар роман ҳаёти халқи мо, орзуву умед ва азобу машаққати он дар асри XIX ба тасвир омадааст. Аз ин ҷиҳат дар роман ғояҳои синфиятхоҳ – табақабандии аҳли ҷамъият, вобаста ба ин низои шадиди камбағалу бой, хону бекҳо ва фуқарою ҳаммолон мавқеи асосӣ дорад. Нависанда дар асар ҳаёти вазнини чӯпонон, ҷангҳои харобиовари хонигарии Қӯқанд ва ғайраро тасвир карда, қурбонии беадолатӣ ва фисқу фасод гардидани мардуми оддиро боварибахш тасвир мекунад. Махсусан нависанда азобу машаққати халқ, мубориза ва ҷангҳои бемақсади табақаҳои мухталифро моҳирона тасвир намудааст.

Ин роман аз ғояи инсонпарваронаю адолатхоҳ саршор буда, пеш аз ҳама аз ҳуқуқи инсонҳои беҳуқуқ ва поймоли ҷабру ситам гардида ҳимоят мекунад. Решаҳои ҷабру ситам ва беадолатиро дар ҷомеаи инсонӣ бо камоли диққат ва шафқату додрасӣ ошкор ва маҳкум месозад. Расму оини зиёноварро, ки боиси қафомонии ҷомеа мешаванд, одамонро аз инкишофи фикрию ҷисмонӣ боз медоранд, мавриди накӯҳиш қарор медиҳад. Нависанда дар тасвири воқеаҳо бетараф ва мушоҳидакори оддӣ нест. Гармии ҳиссу ҳаяҷон ва андешаи ӯ аз ҳар сатри роман эҳсос мешавад.

Сужети асосии романро саргузашти тоҷири тошкандӣ ва дӯшизаи марғилонӣ Кумушбибӣ ташкил медиҳад. Нависанда ба василаи тасвири қисмати ин ду ҷавон, ишқи сӯзони онҳо моҳият ва ҳадафи иҷтимоию сиёсии низоми шоеъи он даврро ошкор месозад. Отабек дар Марғилон на фақат асир ва дилбохтаи муҳаббати поку беолоиши Кумушбибӣ мешавад, балки ба ин восита бо муҳити пурфасоди хонигарӣ, ниятҳои фосиди одамони бадахлоқ, азобу машаққати мардуми бечора, зиддиятҳои хонаводагӣ, фоҷиаҳои ҳаёти занону духтарони ситамдида ва ҳуқуқи инсониашон поймолшуда ошно мешавад. Ӯ ба ин восита ҳолати типии воқеияти замони зиндагии қаҳрамононашро тасвир мекунад. Ба ин далел метавон гуфт, ки Абдулло Қодирӣ нависандаест, ки дар офаридани образҳои типӣ маҳорати хос дорад. Аз ин ҷиҳат хонанда ба қисмати қаҳрамонони асар Отабек, Кумушбибӣ, Юсуфбекхоҷӣ, Зайнаб, Ӯзбекойим, Ҳасаналӣ, Офтобойим, Мирзокарими қутидор, Ҳомид бетараф буда наметавонад. Ҳамчунон ки қаҳрамонони асосӣ бо сифатҳои хосашон диққати ӯро ҷалб мекунанд, персонажҳои эпизодии дигар, монанди Хушрӯйбибӣ, Тӯйбика, Ойболдоқ, Ҷаннаткампир, Саодат, усто Олим, Нусратбек ва ғайра низ сифатҳои хос дошта, ҷолиби диққатанд.

Нависанда ба воситаи образи қаҳрамони асосии роман Отабек моҳияти асосии ғояҳои даврро ифода мекунад. Аз ин ҷиҳат ақидаи Отабек пойбанди муҳити хонигарӣ нест. Вай пеш аз ҳама ватанро дӯст медорад, пешрафти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онро мехоҳад. Бинобар ин ҳам ҷангҳои феодалҳои маҳаллӣ ва бекҳо барояш бемаънӣ ҳастанд. Муҳаббати вай комил аст. Ба Ватан ҳам мерасад, ба маҳбубааш Кумуш ҳам. Вале роҳи зиндагии онҳоро шароити замон, ахлоқи нопоки гурӯҳе аз муосиронаш душвор месозад. Ин душвориро нависанда дар мисоли муносибати Отабеку Кумуш, Отабеку Зайнаб, Кумушу Зайнаб хеле равшан инъикос мекунад.

Аз тасвири нависанда ба назар мерасад, ки расму оини нописанд ва хурофоти гузаштаи хонаводагӣ боиси фоҷиаи зиндагии қаҳрамонони

роман мегардад. Отабек дар паҳлӯи дӯстдоштааш Кумуш бо тақозои падару модар Зайнаб палонч (кундош)-ро низ нигоҳ медорад. Ниҳоят Зайнаб ба Кумуш заҳр медиҳад ва ин ҷиноятро ҳазм карда натавониста девона мегардад. Ҳамин тариқ, Отабеку Кумушбибию Зайнаб ба муроду мақсади хеш намерасанд. Сабаби фоҷиаи ҳаёти онон шароити номусоид ва бераҳми замон ва урфу одати зиёновари гузашта асту бас.

Ҳарчанд зиндагии қаҳрамонони асосии роман бо фоҷиа анҷом ёфта бошад ҳам, роман дар маҷмӯъ рӯҳи дунёбезорӣ надорад. Марги арӯси номурод Кумушбибӣ ба сари худ айбномаест ба зидди сохти нобаробари иҷтимоӣ ва урфу одати зиёновар, ки боиси бадбахтии одамон, хоса ҷавонон мешавад. Хонанда бо фоҷиаи зиндагии Кумуш ошно шуда, ӯро чун нависанда дӯст медорад, аз сарнавишти ӯ сабақ мегирад.

Романи «Рӯзҳои мозӣ» бо рӯҳи миллӣ, забони равону ширадор, мазмун ва ғояи баланду моҳияти ахлоқиаш аз асарҳои дилпазири хонандагон буда, солиёни дароз дар тарбияи маънавии наслҳои баъд хизмат хоҳад кард.

Романи дуюми Абдулло Қодирӣ «Каждум аз меҳроб» соли 1929 нашр гардид. Нависанда дар оғози китоб мавзӯи аслии романро чунин муайян кардааст: «Дар роҳи хоҳиши худ қурбон кардани Худоёрхон, ки охирин намояндагони феодалони Туркистон буд, оммаи деҳқонон ва майдаҳунармандон – косибҳо, занон ва духтарони мамлакатро ба тавре ки мехост, тасарруф кардани ӯ ва ҳама гуна муқобилбароянадагони ба ин хоҳиши худро бераҳмона ҷазо додани ӯ мавзӯи роман аст. Аҳволи ботинӣ ва зоҳирии уламо, ки дар ин роҳ истинодгоҳи якуми Худоёр буданд, ахлоқи онҳо, ҳаёти мадрасагӣ ва оилавии онҳо, ба поён расидани ҳисси инсонӣ дар уламо ва дар зери пардаи разолат ба дараҷаи пайбурданошуданӣ расидани боқимондаи ин ҳис ба қадре, ки мундариҷа мегунҷонад, баён карда мешавад. Инҳо қаҳрамонони манфӣ – номарғуби романанд.

Дар тарафи дигар, синфи «паст» – камбағалон, ки ба муқобили қувваҳои сиёҳи мазкур меистанд, хуруҷи онҳо бар зидди сохти хонӣ ва қувваи сиёҳ – уламо, ахлоқ, саҷия, оила ва зиндагонии меҳнаткашон ва камбағалон, алоқа ва самимияти онҳо ба якдигарашон.

Албатта, ман кӯшиш кардам, ки ин қаҳрамонони дуюм – марғубро ба қадре, ки таърихи ӯзбек ҳазм карда битавонад, ба ҳоли худаш бигирам. Исёни онҳо ба муқобили хон ва уламо табиӣ – шаръист, зеро зиёда аз ин ба замми ин ки сохта мешуд, қимати китобро ҳам паст мекард. Ба воситаи тасвири муборизаи ҳамин ду синф ҳарами хон, занони ӯ, таърихи чилдухтарон ва лавҳаҳои этнографӣ, ҳаёти халқи

ӯзбек, ширинкории ӯ, танқидчигии ӯ, истеъдоди занон ва духтарони ӯзбек, шоирагон, латифагӯён ва боз бисёр нуктаҳои дигар гирифта шудаанд».

Ин нависандаи мӯътабар на фақат дар адабиёти ӯзбек, балки дар байни аҳли адаби тоҷик низ маъруф аст. Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Муҳаммад Шакурӣ менависад, ки «романнависи ӯзбек Абдулло Қодирӣ», хусусан «Рӯзҳои мозӣ»-и ӯ дар солҳои бист ба бисёр нависандагони Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон таъсири пурқувват расонидааст ва аз эҳтимол дур нест, ки барои муайян кардани баъзе самтҳои ҷустуҷӯйи эҷодии ӯ чанде аз онҳо роли муайян бозида бошад».

Абдулло Қодирӣ бо ҳама нафрате, ки нисбат ба беадолатӣ дошт, бо ҳама кӯшише, ки дар ҳимояи шаъну шарафи инсон равона карда буд, қурбони тӯҳмат ва беадолатӣ гардида, дар маъракаи шахспарастӣ соли 1940 кушта шуд. Фақат соли 1956 бегуноҳиаш исбот ва сафед карда шуд.

Халқ ба туфайли асарҳои безаволаш ёди ӯро зинда медорад. Ба номи ӯ мактабу кӯча, хиёбонҳо, китобхонаву хоҷагиҳо гузошта шудааст. Асарҳояш бо адади зиёд нашр мешаванд. Ҳукумат барои абадзинда сохтани номи ӯ Институти маданияти Тошкент, Институти олии педагогии Ҷиззах, яке аз нашриётҳои барӯманд ва кӯчаи маркази Тошкентро ба номи ӯ гузоштааст.

**Савол ва супориш:**

1. Даврони бачагии Абдулло Қодирӣ дар чӣ муҳите гузаштааст?
2. Аввалин асари адабии ӯро ном баред.
3. Нахустин асарҳои бадеиашро дар кадом жанр навиштааст?
4. Моҳияти романи «Рӯзҳои мозӣ» аз чӣ иборат аст?
5. Образҳои мусбат ва манфии асарро ҷудо кунед ва ба ҳар кадомаш характеристика нависед.
6. «Каждум аз меҳроб» чӣ ғоя дорад?

## «РӮЗҲОИ МОЗӢ»

*(порча аз роман)*

тарҷумаи *Истад Қосимзода*

Моҳ нав шуда рӯзҳои интизорӣ наздик расид. Аз Марғелон ҳам хабари ба роҳ баромадани Офтобойим омад. Аммо Кумушро сим-сим дард гирифта буд. Рӯзи аввали дард ӯ ба касе сир бой надод. Рӯзи дуюм

инро аввал Отабек баъд Ӯзбекойим пай бурданд. Отабек зери хатари ба худаш аён ба касе аз ин сир ёрои гап задан надошт, вале Ӯзбекойим ба зудӣ Ҳасаналиро ба назди момодояе, ки шаш моҳ пеш ният карда монда буд, фиристод.

Баъд аз омадани момодоя ҳавлии дарунро мардҳо батамом тарк гуфтанд. Кумушро гоҳ-гоҳ дард маҳкам меқапид. Момодоя ва Ӯзбекойим ҳарчӣ метавонистанд аз рӯйи урфу одат ба ӯ кӯмак мерасониданд. Қарибиҳои бегоҳ дард зӯрӣ кард. Акнун дард гоҳ-гоҳ не, тез-тез меқапид.

Дар берун Отабек набуд. Ҳасаналӣ байни дарвозаю меҳмонхона даст совида қадам мезад, такрор ба такрор ба саисхона даромада пушту пеши аспи тӯруқро хорумол мекард. Ҳоҷӣ бошад, бо эҳсоси номафҳум «далоил» мехонд, баъд аз ҳар панҷ дақиқа ба тарафи ҳавлии дарун гӯш меандохт ва гоҳо аз дарича Ҳасаналиро садо карда мепурсид: «хотирҷамъист?».

Вақти намози шомро хонда аз масҷид омадани онҳо Ойбадоқ хӯрок овард. Аз ӯ на Ҳасаналӣ чизе пурсиду на ҳоҷӣ. Дар сари таом ҳузур надоштани Отабек ҳам ҳис нашуд. Онҳо хомӯш ду-се луқма гирифтанду баъд дастҳояшонро пок карданд.

– Азони хуфтана хонданд? – пурсид ҳоҷӣ.

– Нашунидам... равем ҳам мешудагист, – гуфт Ҳасаналӣ. Дар ин асно шодбоши фавқулоддаи занҳо аз ҳавлии дарун садо дод. Ҳар ду ҳам ба он тараф гӯш андохтанд ва бо тарсу ҳарос ба якдигар нигоҳ карданд. Аз байни қи-чуи онон садои нафисе ҳам ба гӯш расид... Ҳар ду табассум арзонӣ доштанд, вале бо вуҷуди ин гӯё об ба даҳон гирифта буданд. Аз байни вақти зиёд нагузашта, аз ҳавлии дарун Ойбадоқ давида омад ва ба дарича наздик шуда «шодиёна диҳед!», – гуфт. Ҳоҷӣ даст бари дилаш ниҳода «алҳамдулиллоҳ» гуфт. Ҳасаналӣ бо лабханд даст ба ҳамёни худ зад ва:

– Писар аст ё ҳалво? – гуфта пурсид аз занаш.

– Писар!

– Боракалло, боракалло!

Ҳоҷӣ табассумкунон се-чор танга ва як дона тиллоро ба Ойбадоқ дароз кард, – «Тангаҳо аз худат, тиллоро ба момодоя бидеҳ!» гуфт. Ҳасаналӣ баъд аз додани шодиёнаи худ даст ба дуо бардошт: «Аллоҳи таоло умраш қатӣ дода бошад!». Баъд аз ин хотирҷамъ шуда, барои адои намози хуфтан рафтанд.

Отабек ба меҳмонхона наздик шуда, овози гиряи тифлро шуниду беихтиёр ба тарафи ҳавлии дарун равон шуд ва дар долон ба модараш

дучор омад. Торик бошад ҳам, нишонаҳои шодмониеро, ки аз чеҳраи Ӯзбекойим ҳувайдо буд, эҳсос кард.

– Писар муборак бошад, бачем!

– Худаш бардам аст?

– Бардам!

– Наздаш равам?

– Не, – гуфт Ӯзбекойим, – ба хонаи чилладор шабона аз кӯча баргашта даромадан хуб не... Хонаи дарун рафтанӣ бошӣ, рост назди Зайнаб даро. Падарат ҳамин ҷо?

– Худаш чӣ навъ?

– Нағз, хотирҷамъ бош! – гуфта Ӯзбекойим пас гашт. Отабек шарфаи пойи падараш ва Ҳасаналиро, ки аз роҳрави ҳавлии берун меомаданд, шунида ақиб нигоҳ карда бозистод ва ба фикр фурӯ рафт. Дар ин лаҳза аз рӯ ба рӯ шудан бо падараш шарм дошт. Ҳамон тавр чанд лаҳза дар долон таваққуф намуд, баъд ба ҳавлии дарун даромад. Вай ки хонаи Зайнаб мерафт, раҳорaҳ, чанд бор ба хонаи хоби Кумуш назар андохт.

– Писар муборак!

Зайнаб шавҳарашро бо ҳамин гап хандон пешвоз гирифт. Отабек низ бо табассум «худо муборак гардонад!» гуфт. Баъд аз нишастан Зайнаб таври худ хандид:

– Ҳамон як... – гуфт. Дигар давоми гапашро фаромӯш кард ё ба фикр рафт магар, ки ба ҳар ҳол гуфта наметавонист. Отабек бо лабханд ба даҳони ӯ чашм дӯхт ва баъд аз андаке интизорӣ – Хӯш, чӣ «ҳамон як?» – гуфта пурсид.

– Ҳамон як.

– Давомаш.

– Сабил монда чӣ ном дошт... ҳам, ош мехӯред?

– Мехӯрам.

– Хунук нашуда бошад-ку.

Отабек пагоҳӣ боз чизе нахӯрда буд.

– Фарқ надорад, – гуфт.

Ҳоло чеҳраи Зайнаб хандон бошад ҳам, вале дар замири ин чеҳраи хандон ким-чи гапе, ки ӯро бештар ва ҷиддитар саргарм гардонидааст, ниҳон буд. Зоҳиран шитобкорӣ ё наздик ба ин кадом – як маънӣ дар ниҳоди ӯ ниҳон буд. Отабек дар муддати понздаҳ дақиқаи муомила бо Зайнаб, мисли ин ки дар боло «фаромӯшхотирӣ»-ро баҳона кард, чандин баҳонаи дигарро низ эҳсос намуд ва ниҳоят маҷбур шуд, ки бипурсад:

– Чаро ҳоли парешон доред?

Зайнаб хандид:

– Чаро ҳолам парешон будааст?

– Ба назарам, парешон метобед.

– Дуруст, – гуфт Зайнаб, – тарсидам...

– Аз чӣ тарсидед?

– Аз таваллуд...

– Азоб кашид?

– Азоб ҳам гап, – гуфт Зайнаб, – ба чашми худ ки надидед, бовар намекунед.

– Модарам ин тавр нагуфт-ку?

– Аз шумо пинҳон доштаанд.

Дили Отабек тах кашид. Ин гап ки ҳатто палонҷро парешон сохтааст, ба Отабек чӣ гуна таъсир карданаш мумкин, тафсилоти зиёд намехоҳад. Дар ин хусус боз ҳам ба Зайнаб суол дода ҷавоб гуфтанӣ шуд, аммо тарсид ва зиёд истода натавонист. Чойро зуд-зуд нӯшиду ба ҷогаҳи тайёр даромада хобид. Зайнаб шамъро хомӯш кард. Ҳоло вақти хобаш нарасида буд. Зайнаб тарафи хонаи Кумуш назди занҳо гузашта рафт.

Отабек барои хоб дароз кашида бошад ҳам, аммо он гап имкон надод, ки роҳат бихобад. Ба дасти рост, ба чап, ба тахтапушт мехобид. «Азоб ҳам гап шуд?» гуфтани Зайнаб дар гӯшаш садо медод. Пасашон канда нашуда ба хонаи Кумуш даро-баро кардани занон ва ғурунг-ғурунги онҳо ба хоби ӯ халал мерасонд. Аҳён-аҳён садои гиряи кӯдак ба гӯшаш мерасид. Овози маъсумонаи тифл дар ӯ як навъ қаробат – ҳисси меҳру шафқати падарӣ пайдо намояд ҳам, байни хаёлҳои машъум зуд гум шуда мерафт. Бо вуҷуди ин бесаранҷомӣ ва ҳолати талху ширин хобаш рабуд. Он ҳама воқеаҳои байни ин як-ду рӯз рух дода дар сараш ба чандин ранг аксандозӣ мекарданд... Дар паҳлӯяш Кумуш... Як қад парида бедор шуд... Зайнаб он ҷо нест. Чашмонаш хоболуд сӯйи хонаи дигар гӯш андохта, боз ҳамон садо ба гӯшаш расид ва ба паҳлӯи рост гашту ба кӯрпа печид. Баъд аз ин хобаш сахт бурд...

Хоб медид: «Дар чаман гулҳо шукуфтагӣ... Ин чаман гӯё аз они худаш будааст... Ӯ аз гулҳои рангоранг чашм канда наметавонистааст... Аз атроф – аз душман хатаре таҳдид мекардааст... Ханҷар дар даст муқобили душман мебаромадааст. Душман рӯ ба фирор меовардааст... Байни душманон модараш ҳаст, аз куҷо падараш ҳам намудор мешудааст. Дубора ба чаман даромада медидааст, ки гове гулҳоро зери по карда, мечаридааст... Дар ин ҳолат ихтиёр аз даст дода, бо ханҷар сӯйи гов метохтаст, ки он гов не, балки мӯяш зард ҷине будаст... Ҳуш аз сараш парида, ханҷар аз

дасташ ба замин меафтодааст... Дунёро торикии зулмот фаро мегирифтааст... Яккад парида бедор шуд ва дид, ки Зайнаб дар паҳлӯяш хобидааст... Аз хобҳои мудҳиш дилаш гуп-гуп мезад, ба обу арақ ғӯтида буд. Оҳиста ба дасти росташ чаппа гашту рӯ ба ҷониби ҳавлӣ оварда хобид. Баробари паҳлӯ гаштани ӯ чашми Зайнаб оҳиста кушодаю пӯшида шуд.

Субҳидам фаро мерасид, паёпай бонги хурӯсон аз атроф шунида мешуд. Зарби гашти обҷувозе, ки дар он қарибиҳо воқеъ буд, заминро лап-лап меларзонд. Нури шамъе ки дар хонаи дигар месӯхт, аз роғи дар милт-милт ба чашм метофт, дигар садое ба гӯш намерасид. Гашта хобаш набурд! Фикру ёдаш ба азобҳои дирӯзаи Кумуш банд буд. Азони бомдодӣ баланд шуд ва оҳиста-оҳиста сапеда дамид, вақте ки аз масҷиди маҳалла ҳам овози азон баромад, ӯ барои таҳорат аз ҷояш хест.

Барои ин ки даромадан ба назди Кумуш душвор нашавад, нонушторо дар хонаи Зайнаб хӯрд. Барои даромадан Ӯзбекойим рухсат дода буд. Пас аз чои наҳор момодоя барои чанд лаҳза аз назди Кумуш дур шуд. Кумушро дар пешгоҳи хона хобонда буданд. Дар поёни пойи ӯ Ӯзбекойим тифлро дар бағал гирифта менишаст. Вақти даромадани Отабек Кумуш бо тарҳи рӯйи коста ва чашмони чуқур фурӯрафтааш табассумкунон ба ӯ нигарист. Отабек бо каме лакнати забон «муборак бошад!» гуфт. Кумуш ба ҷойи ҷавоб шарм дошта, рӯяшро зери кӯрпа пинҳон кард. Ӯзбекойим:

– Худо муборак гардонад, бишин! – гуфт.

Отабек сари болини Кумуш нишаст. Ӯзбекойим даст ба дуо бардошт. Сипас тифлро ба Отабек наздик оварда:

– Рӯбинони тойчаҳаки маро барор, дадеш! – гуфт. Отабек сурх шуда ба тифл нигоҳ кард. Кумуш боз ҳам рӯяшро зери кӯрпа пинҳон намуд.

– Шумо чутӯ, нағзед?

– Шукр...

– Азият кашидед гуфтанд...

– Таваллуд кардан ба гумони ту осон аст? – гуфт Ӯзбекойим. Кумуш Отабекро ба тарафи худ имо кард ва дар гӯшаш гуфт: – «Гуноҳи шумо-дия!»

– Хӯрок хӯрдед?

Ӯзбекойим:

– Бегоҳ боз як қулт ҳам дами гарм нахӯрдааст. Ба Зайнаб гӯям, атолаи башир бипазад! – гуфт.

– Ҳатман, – гуфт Отабек ва баъд як тилло шодиёна ба модараш тақдим карду хотирҷамъ аз хона берун рафт.

Баъд аз таоми нисфирӯзӣ Отабек дар меҳмонхона китоб мутолиа мекард. Ҳасаналӣ дар даҳлез нишаста лаҷоми кандашудаи аспро медӯхт, ҳоҷӣ куҷое рафта буд. Дар ин асно Ойбадоқ аз ҳавлии дарун назди Отабек омада гуфт:

– Бек, шумо як сари қадам дарун дароед.

Отабек байни китоб нишонае гузошту пӯшид.

– Хотирҷамъист?

– Хотирҷамъӣ... зудтар биравед!

Отабек бо Ойбадоқ пасу пеш тарафи ҳавлии дарун шитофт. Зайнаб дар ҳоле ки рангаш пахтаи кӯҳна барин парида буд, аз хонаи Кумуш баромад.

– Чӣ гап? – гуфта аз ӯ пурсид Отабек.

– Намедонам, – гуфт, – дили апаам беҷо шуда, қайъ мекунад.

Отабек ба дари хона наздик шуду чанде аз занҳо ба фаранҷии худ печида ба хонаи дигар гузаштанд. Ӯзбекойим косаи ҷомро дошта меистод. Кумуш сахт қайъ мекард.

– Чӣ шуд?

Кумуш ҷавоб дода наметавонист.

– Намедонам, беист қайъ мекунад, – гуфт Ӯзбекойим. Кумуш аз зӯри қайъ кардан беҳол шуда сарашро рӯйи болишт андохт. Чашмони аз зарби қайъ пуробшудаашро ба шавҳараш дӯхт:

– Ягон хӯроки нофорам доданд?

– Хӯроки нофорам нахӯрдааст, – гуфт модараш. – Ғайр аз ҳамон атола дигар чизе нахӯрдааст. Фақат ним коса хӯрду халос. Боқимондааш ана, дар токча...

Ӯзбекойим ҳанӯз гапашро тамом накарда, Кумуш сӯйи ҷом ишора кард.

Отабек сари ӯро дошт.

– Табиб фармоям?

– Бифармо. Дар дили ман ҳам ҳамин гап буд.

Отабек то гузаштани қайъи Кумуш маҳтал шуд, баъд давида берун рафт. Ҳасаналӣ ҳанӯз ҳам машғули кори худ буд.

– Падар, шумо зуд барои табиб равед!

Ҳасаналӣ корашро як сӯ монд:

– Чӣ гап?

– Келинатон беист қайъ мекунад.

Ҳасаналӣ барои табиб давид. Отабек гашта хона даромад. Тифл дар дасти Зайнаб, Кумуш ҳамоно қайъ мекард... Вай аз ҳолат рафта сар ба

болин ниҳод. Зери қавоқҳояш каб-кабуд, ёрои чашм кушода ба Отабек нигоҳ кардан надошт.

– Ба шумо чӣ шуд?

– Дилам...

Ҷисму ҷони Отабек ба ларза даромад, бо вуҷуди ин худдорӣ кард:

– Ҷурғот хӯрондед, ҷурғот? – пурсид аз модараш.

– Не.

– Ҷурғот фармоед!

То ҷурғот овардани Ойбадоқ Кумуш боз ба тарафи ҷом хам шуд. Ду-се бор зӯр зада қайъ кард, сипас бо обе, ки дар дасти Отабек буд, ба даҳонаш об гирифт ва аз пиёлаи ҷурғот ду-себ бор дам кашиду сар ба болишт ниҳод. Ҳарораташ баланд, задани дилаш фавқулодда тез шуда буд. Отабек ҷабини ӯро бо дасташ маҳкам медошт, ӯ андаке худро сабук ҳис кард. Ӯзбекойим аз дасти Зайнаб, ки дар як гӯшаи хона нишаста буд, тифлро гирифт ва фармуд, ки ҷомро холӣ карда биёрад. Дасти дар ҷабини Кумуш ниҳодаи Отабек тафсид, маҷбур шуд, ки дасти дигарашро ба он ҷо гузорад. Кумуш сардиро дар ҷабинаш ҳис карда чашм кушод.

– Дилатон ба худ омад?

Кумуш ҷавоб надода, аз болин сар бардошт. Ҷом набуд. Отабек шитобон аз тоқча шаҳкосаи чиниро гирифт. Кумуш қайъ кард. Ин дафъа қайъ омехтаи ҷурғот буд, рангаш кабуди зардчатоб. Баъд аз об гирифтани даҳонаш Отабек ба ӯ ҷурғот доданӣ шуд, нахӯрд ва худро ба ҷогаҳ партофт...

Хабари омадани табибро шунида, Отабек ҷон гирифт. Зайнаб ҷомро бардошта, ба дари хона наздик шуду ақиб гашт. Ӯзбекойим ҳам тифлро бардошта, аз хона баромад. Отабек ба ҳурмати табиб аз ҷой бархостанро фаромӯш карда, ҷабини Кумушро маҳкам дошта менишаст. Табиб баъд аз он, ки аз Отабек асли воқеаро пурсон кард, набзи Кумушро озмуда, лаби худро ба дандон газид ва қайъи шоҳкосаро бӯ карда ба он чашм дӯхт:

– Имрӯз чӣ хӯроке хӯрда буд?

– Атола.

– Аз он таом боқӣ монда бошад?

– Ҳаст! – гуфт Отабек ва аз он ҷое, ки модараш навакак нишон дода буд, косаро гирифта, ба дасти табиб дод. Табиб бо ангушт як лес аз он гирифта лесид ва зуд туф кард.

– Заҳр хӯрдааст!

Отабек як қад парид. Аз андомаш даҳшат meборид...

– Ин чи гап!

Табиб аз ваҷоҳати ин лаҳзагии Отабек ба даҳшат омад...

– Ман ҳозир барои рафъи он дору мефиристам, – гуфта аз ҷояш ҷунбид. Отабек ҳам баробари ӯ бархост:

– Заҳрро кӣ дод?

Табиб, ки чӣ гуфтанашро намедонист:

– Ман... ман... Худ бипурсед... Ман зуд дору мефиристам, зуд нӯшонед, фаҳмидед? – гуфт.

– Фаҳмидам, фаҳмидам! – гуфт бечора Отабек. – Зайнаб, Зайнаб, Зайнаб! Ифлос. Фиристед, зудтар фиристед!

Табиб рафт. Отабек бо шитоб сари болини Кумуш омад. Рӯйи ӯро боз карда, даст ба ҷабинаш ниҳод ва бӯса зад... Кумуш чашм кушуда, дасти чапашро ба гардани шавҳараш ҳалқа кард. Тифл дар дасташ Ӯзбекойим даромад.

– Зайнабро садо кун, Зайнабро!

Ӯзбекойим аз гапи табиб хабар дошт:

– Зайнаб! Зайнаб!

Зайнаб давида хона даромад. Рангаш ранги мурда сафед буд. Отабек Кумушро монду косаи атоларо аз замин бардошт:

– Инро бихӯр, бихӯр, нопок!

Зайнаб худро ақиб кашид... Отабек косаро ба тарафи ӯ гурронд... Сару либоси Зайнаб бо атола олуда гашт. Дар ин вакт аз даҳлез Юсуфбек ҳоҷӣ намудор гардид.

– Бирав, нопок! Талоқ шудӣ, талоқ! – наъра зад Отабек.

Сухани «Талоқ»-ро шунида чашми Кумуш ялаққос во шуду боз пӯшида гашт... Ҳоҷӣ воқеаро аз табиб шунида буд, бинобар ин дар ин саҳни пурфоҷиа ором нанишаст.

– Баро, Зайнаб, бирав! – гуфт ӯ ҳам, – лаънат ба ту барин зан!

Зайнаб якпаҳлӯ шуда, аз хона баромад... Ҳоҷӣ сари болини Кумуш омаду нишаст. Отабек ва модараш ба по хестанд. Чашмони Кумуш пӯшида, мӯйҳояш бари рухонаш парешон буданд. Ҳоҷӣ бо дасти худ торҳои мӯи ӯро ба тартиб овард, ранги кабудчатоби ӯро муоина кард ва даст ба ҷабинаш ниҳод...

– Моҳҷон, моҳҷон! – гуфт ҳоҷӣ. Кумуш чашм кушода бесаранҷом назар афканд ва ӯро шинохта... аз ҷояш хестанӣ шуд.

– Ором, бошед, моҳам... ором бошед!

Ашки Кумуш аз ду бари рӯяш таровид. Ҳоҷӣ ҳам худдорӣ карда натавонист, ашки Кумушро пок кард ва сарашро сила намуд:

– Худо шифо мебахшад, бачем!

Кумуш ба тарафи ҷом ишора кард, Отабек ба як зудӣ ӯро ба оғӯш гирифт, ҳоҷӣ ҳам сари ӯро маҳкам дошт... ҳоло қайъ ба хун табдил ёфта буд... Аз бинияш ҳам чанд чакра хун чакид. Баъд аз қайъ карда хобидан чашмонаш ялаққос равшан шуданд ва бетоқат шуда, ба атрофаш назар кард:

– Модар.., падар!.. – сипас, – беки ман! – гуфта баланд нолид.

... Рӯйи шавҳарашро ба рӯйи худ ниҳод ва аз ин гӯё шарм медошта бошад, чашм пӯшид...

* * *

Рӯзи дуюм маросими дафн анҷом гирифт. Дар ҷаноза қариб аз ҳамаи гузарҳои Тошканд одам омада буд. Танҳо одамони наздиктарини марҳума ба ин маросим омада натавонистанд.

Бечора модар, бечора падар!..

Рӯзи сеюм онҳо низ расиданд... Оё ҳоли зори кунунии онҳоро тасвир кардан метавон?!

Рӯзи ҳафтум хатми қуръон карда ба мардум ош доданд ва ҳамон рӯз ба тифл низ Ёдгорбек ном ниҳоданд.

Танҳо хешу ақрабои Кумуш не, балки хурду калони шаҳр, ки аз ин фоҷиа хабар доштанд, шому саҳар гӯшбақимор буданд, ки чи ҷазое ба Зайнаб дода хоҳад шуд. Иҷолатан, рӯзи сеюми фоҷиа хабари девона шуда, кӯ ба кӯю дар ба дар гаштани Зайнаб ва моҷарои дар кӯча даст гирифта, ба пояш кишан задани бародараш саросар паҳн гардид. Девонагии Зайнабро қозиён ва табибон ҳам тасдиқ намуданд, бинобар ин ҷазо маоф дониста шуд. Дар асл, аз ақл бегона шуда, кӯ ба кӯю дар ба дар гаштан ва ба пояш завлона задан барои Зайнаб ҷазои сабук набуд. Дар рӯзи бистуми фоҷиа боз ҳам хатми қуръон фармуданд, баъд аз ош додан ба тамоми мардуми атроф волидайни болупаршикаста дар тарадduди бозгашт ба Марғелон шуданд. Ёдгорбек дар бағали Офтобойим буд ва бо ӯ бояд мерафт, ба рафтани ӯ касе муқобил набуд. Охирин рӯзи видоъ фаро расид, Отабек, Мирзокарими қуттидор ва Офтобойим... дар рӯ ба рӯйи мақбараи нави хиштие, ки мобайни ду чинори хушкшудаи қабристон воқеъ буд, қарор гирифтанд. Мақбарае, ки дар санги он лавҳае кандакорӣ шуда буд, назаррабо метофт:

Ла ила ҳа ил-лал-лаҳу Муҳаммадан Расулаллаҳ.

Ҳазиҳил марқадул-мунавварату-лил мазлумат-ил-маҳ-ҳудатил-мағфирати.

Кумушбибӣ бинти Мирзокарими Марғинонӣ, таърихи таваллуд – 1248, вафот – 1269 ҳиҷрии ҷимод-ул-аввал.

Зи як дилпора ин лавҳа бимонда,
Ки қурбон гашта аз дасти палонҷаш.
Аё дунё, намудӣ ҷабр бунёд,
Ба чашмам нам, забонам пур зи фарёд.
Ҷудо кардӣ зи гулзори ҳаётам,
Бисӯхт ҷонам, бибурд хокистарам бод!

Бечора модараш тоқат карда натавониста, қабрро ба оғӯш гирифта, зор-зор мегирист. Отабек ҳам сари қабр ба зону нишаста, ба оби дида хоки марқадро тар мекард... Қуттидор рӯ ба рӯйи лавҳа қарор дошт. Баъд аз хондани навиштаҷоти он вай ҳам фирқ-фирқ ба гиря даромад. Тақрибан ним соат ба ин минвол нишастанд. Касеро ёрои он набуд, ки ояте аз Қуръон бихонад. Қорие, ки дар бинои шафат аз тарафи Юсуфбек ҳоҷӣ гузошта шуда буд, аз ҳоли онҳо хабар ёфт. Вай оҳиста-оҳиста аз қорихона хеста омаду чанде дуртар нишаста, оят хонд. Нолаҳои Офтобойим басанда шуда бошад ҳам, шаш қатор ашкаш ҳамоно мерехт. Танҳо вай ашк намерехт, дигарон низ гӯё хун мегиристанд. Баъд аз адои дуо қуттидор ва Офтобойим ба қорӣ пул доданд. Пас аз рафтани қорӣ ҳар кадомашон худро ба даст гирифта, алоҳида-алоҳида ояте хонда, ба арвоҳи Кумуш бахшиданд ва баъд оҳиста-оҳиста роҳ паймуда, бо қабр видоъ карданд. Гӯё Кумуш ба модараш: «Аз ман ризо бошед!» мегуфта бошад, Офтобойим ба ақибаш нигоҳ карда-нигоҳ карда, гирёну нолон баромада рафт...

Отабек онҳоро дар хона монду гашта сари қабр омад ва шаб ҳамон ҷо бимонд. Пагоҳи барвақт Ҳасаналӣ аробаро ба сафар омода кард, чизу ҷораи зарурӣ ба ароба бор мешуд. Аз ҳама охир Офтобойим либоси Кумуш ва Ёдгорбекро бардошта баромад, дертар ҳоҷӣ ва қуттидор намоён шуданд. Вақте ки қуттидор видоъ карда, ба ароба нишаст, аз он тарафи роҳ Отабек омадан гирифт. Омада ҷилави аспро дошт ва ба Ҳасаналӣ, ки сувори асп буд, «аз асп бифуроед!» гуфт. Ҳасаналӣ аз асп фуромад. Отабек ҷаҳида, ба асп савор шуд ва аз қуттидор пурсид:

– Аспро биронам!

Қуттидор ва ҳоҷӣ чизе нафаҳмида, ба якдигар нигоҳ карданд. Ӯзбекойим, ки дар долон истода буд, аз дарвоза ба берун чашм андохт. Қуттидор чизе нагуфт, Отабек худ аспро ба пеш ронд.

– Хайр! Хуш!

Ҳасаналӣ, ки бояд ба Марғелон сафар мекард, дар мобайни роҳ ҳайрон монда, ба ҳоҷӣ чашм дӯхт. Ҳоҷӣ зери чашм тарафи хонумаш зери долон нигарист... Отабек дигар ба ақиб назар накарда, ароба меронд...



# АБДУЛЛО ОРИПОВ

## (1941—2016)

Абдулло Орипов 21 марти соли 1941 дар ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё ба дунё омадааст. Номи қишлоқи таваллуд шудаашро шоир Некрӯз номидааст. «Маънои онро, – менависад Абдулло Орифов, – ман хуб намедонам. Ба ҳар ҳол як шохаи қадими ӯзбек бояд бошад. Воқеан ҳам модари бобои мо Амир Темур низ Некрӯзбегим ном доштааст».

Маълумоти ибтидоиро шоир дар зодгоҳаш гирифта, баъд дар дорулфунуни давлатии Тошкент таҳсил кардааст. Солҳои баъд дар нашриёт, маҷаллаҳои «Шарқ юлдузи» ва «Гулхан», вазифаҳои масъули Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ва роҳбари идораи ҳифзи ҳуқуқи муаллифии Республикаи Ӯзбекистон кор кардааст. Барои хидматҳояш бо мукофотҳои «Ҳурмат белгиси» ва ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза мукофотонида шудааст.

Шоир аввалин қадамҳояшро дар роҳи навиштани шеър ба ёд оварда, менависад, ки «бародари калониам, ки ҳоло профессори соҳаи хоҷагии қишлоқ аст, шеър навишта, доимо ба рӯзномаҳои бачагона мефиристод. Ҷавоберо, ки аз рӯзномаҳо меомад, пинҳон аз акаам мехондам. Дар хатҳо чунин гапҳо навишта шуда буд: «Абдураззоқҷон, мавзӯи шеърҳоятон хуб, вале қофияю вазнаш хато ва ҳоказо». Баъди ин барои донистани вазну қофия ман бисёр китоб мехондам.

Шеърҳои ондавраинаи ман ҳам аз ҷиҳати мавзӯю ҳам шакл тақлидӣ буданд. Ҳамаи шеърҳое, ки аз шоирон мехондам, дар бораи Сталин, Москва, Кремл буд. Ман ҳам «бисмилло» гӯён ҳамин хел ба шеърнависӣ сар кардам. Як рӯз роҳбарони район ба хонаамон меҳмон шуда, хуб мусалласхӯрӣ ҳам карданд. Баъзеи онҳо, ки шеърнависии маро медонистанд, даъват карданд, то шеър хонам. Ман «Девори Кремл» ном шеърамро ботантана хондам. Яке аз меҳмонон, ки Ҳамроқул ота Мамедов ном дошт, «писарам ту Кремлро дидаӣ?» – гӯён пурсид. Ман «Не»

гуфтам. Набошад «дар бораи чизе ки надидаӣ, нанавис!» – гуфта монд. Ин эроди ӯ то имрӯз бароям сабақ аст.

Нахустин шеърҳояш дар рӯзномаҳои ноҳия, вилоят ва рӯзномаи бачагонаи «Қушча» чоп шудаанд. Дар давраи таҳсил дар донишгоҳ ва баъд аз он шеърҳояш дар матбуот зуд-зуд чоп мешуд. Аввалин бор шеърҳои «Муноҷот мекунам» ва «Уқоб»-ро дар мушоираи шоирон хонда, сазовори илтифоти Абдулло Қаҳҳор гардид. Дар қатори шогирдони зиёди Миртемир аз ӯ сабақ гирифт. Дар паҳлӯи Шайхзодаи донишманд аз минбарҳо шеър хонд. Маҳз дар ҳамин давра китобҳои аввалинаш чоп шуд.

Абдулло Орипов дар бораи тарзи шеърнависӣ ва моҳияти сабки шоирияш мегӯяд: «аввал ҳамин чизро бояд таъкид кунам, ки ҳар шеъри ман дар асоси як воқеаи маълуми ҳаёт навишта шуда, ҳар кадоме сабабе ва асосе дорад. Масалан, шеъри «Зан» ба зани бевамондаи амакам бахшида шудааст. Ман изтироби онҳоро дида, хомӯш буда натавонистам.

Абдулло Орипов ба тарҷума низ машғул будааст. Вай тарҷумаи шоҳасари адабиёти дунё «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Дантеро оғоз карда, қисмати «Дӯзах»-и онро нашр намуд. Аз осори шоирони рус, тоҷик ва дигар халқҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ низ ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

Мазмун ва мундариҷаи осори ӯ гуногун ва бой буда, аз ҷиҳати ғоявию бадеӣ пурқувват аст. Барои ҳамин ҳам вай ҳамчун шоири реалист, ростгӯй, ватанпарвар ва халқпарвар ба халқ манзур аст. Дар вақташ ба ҳамин хусусияти ҳунари шоирии ӯ ишора карда, Абдулло Қаҳҳор гуфта буд: «Абдуллоро як хислаташ ба ман маъқул. Вай фақат дар бораи он чи мебинад ва медонад, менависад». Ва аввалин образи шеърие, ки бо шаҳомати тамом дар шеъри ӯ ба назар мерасад, Ватан – Ӯзбекистон аст. Муҳаббат ба Ватан ва халқи заҳматкаш ғояи асосии мундариҷаи осори ӯст. Шоир муқаддас будани Модар-Ватанро таъкид карда, ба ҳеҷ чиз ивазнашаванда будани меҳри онро низ бо муҳаббати тамом баён мекунад. Вай дар китоби «Пули висол» дар бораи Ватан бо ҳисси дӯстдориву садоқат сухан гуфта, мисли модар яккаву ягона будани онро таъкид меварзад.

Дар ин дунёи песа Ватан яктост,
Ва модар низ дар ин дунё яктост.

Дар шеъри Абдулло Орипов мавзӯи асосии тасвир Модар-Ватан – Ӯзбекистон ва қаҳрамони асосӣ халқи меҳнаткаши ӯзбек аст. Вай ин

равишро бо мазмуни «ман дар ин олам чизеро дӯст намедорам, фақат бо халқам мағрур ҳастам», ифода кардааст. Шоир дар эҷодиёташ ба ин мавзӯъ гаштаю баргашта муроҷиат карда, паҳлӯҳои нави ҳаёт, таърих ва ахлоқу шарофати халқу ватанашро тасвир мекунад. Аз хислатҳои меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, ватанхоҳӣ ва созандагии халқи меҳнаткаш мафтун шуда, дар шеъраш чеҳраи умумиятёфтаи халқро меофарад, характери миллии халқи ӯзбекро бо меҳр ва ғурур тасвир менамояд:

> Ситораҳо, шумо халқи маро намедонед,
> Чунин заҳматкаш дар арсаи замин кам аст.

Дар шеърҳои «Ман чаро Ӯзбекистонро дӯст медорам?», «Сароб», «Чашми Ӯзбекистон», «Аз мост», «Баҳор», «Лаклаки теппаи Манори калон», «Савғо» ва қасидаи «Ӯзбекистон»-и шоир истиқлоли Ватан, қисмати он, дарду армони «дар милён ҷилд намеғунҷидаи ӯзбек»-ро ёд мекунад. Ин шеърҳо ва бисёр дигар шеърҳои дар ин мавзӯъ навиштаи ӯ як оҳанг ва ғояи умумӣ доранд, ки он ҳам муҳаббати Ватан ва халқ аст.

Умуман халқ ва дарду ташвиши он, мавзӯи Ӯзбекистон дар эҷодиёти Абдулло Орипов мазҳари муҳаббат аст. Мавзӯи Модар – Ватан дар эҷодиёти шоир мақоми нотакрор дорад. Шоир дар кадом мавзӯе, ки шеър нагӯяд ҳама вақт дар пеши назари ӯ халқи меҳнаткаш, муаммоҳо ва ташвишҳои зиндагии ӯст. Қаҳрамони лирикии вай Ӯзбекистонро бо муҳаббати оташин дӯст медорад. Хусусияти аслии чунин шеърҳо аз он иборат аст, ки онҳо мадҳияҳои урёни баландпарвоз нестанд, балки муҳаббати сӯзони Ватан бо эҳсос ва андешаҳои қаҳрамони лирикӣ омехта, симфонияи бошукӯҳ ва пур аз ҳисси садоқати ватандорию ватанхоҳиро ташкил медиҳанд.

Мавзӯи дигаре, ки дар эҷодиёти шоир мақоми хос дорад, инсон ва қадру манзалати ӯст. Дар шинохтан ва муайян кардани моҳияти ҳастии инсон мафҳумҳои Ватан, забон, миллат, башар, ки арзишҳои умумиинсониро низ фаро мегиранд, ба шоир кӯмак карда, таваҷҷӯҳи ӯро ба қадри «одами аср» ва ҷойгоҳи он ҷалб мекунад. Бо тасвири образи инсон шоир афкори иҷтимоию ахлоқии худро талқин мекунад. Дар шеърҳои «Чеҳраи инсон», «Илтимос», «Зоти ғалатӣ», «Савоб» ва ғайра инсонро баркамол дида, муаммоҳои ахлоқ ва маънавияти покро ба миён мегузорад.

Мо шеърҳои дар ин мавзӯъ эҷодкардаи ӯро хонда, инсонеро тасаввур меунем, ки дар ҳақиқат, ба ифодаи шоир «гули тоҷи гардун» аст. Барои ин гуна инсон модару Ватан сарманшаи андешаҳои зиндагисозанд.

Дар ин гуна шеърҳо шахсияти шоир бо қаҳрамони лирикӣ меомезад, яъне дар маҷмӯъ инсоне пеши назар меояд, ки ҳолшинос, дардшинос ва қадршинос аст.

Дар шеъри «Офтобрӯ» шоир хотираҳояшро рӯгардон мекунад: яъне қаҳрамони лирикии шеър инсонест, ки модар барои ӯ қадрияти хос ва бебадал аст. Ӯ, ки ба қадри модар мерасад, ба қадри ҳар он чи, ки азиз аст, низ мерасад. Ин шеърро хонда кас дар бораи модар, меҳрубониҳои ӯ, ҳасрати дидораш, шафқати инсониаш наандешида наметавонад:

Шишта дар офтобрӯ танҳо
Рӯзҳои баҳор модари ман,
Сӯйи тирукамон назар мекард,
Мешуд аз нав ҷавон ҷаҳони куҳан.
Модари ман вале набуд ҷавон,
Чун камон буд қомати хами ӯ.
Гарчи пурнур буд чароғи баҳор,
Табъи ман хира дар ғами ӯ.
Охирин рӯзҳои умраш буд,
Гирди ӯ давр мезадам хомӯш.
Фақат аз дури дур меомад.
Акси овози турнаҳо бар гӯш.
Модарам рафт як саҳар аз даҳр,
Рӯзи ман шуд сияҳ чун шаби тор...
Худ кунун мисли ӯ ба танҳоӣ
Шиштаам зери офтоби баҳор.
Як сарамро бувад ҳазор хаёл:
Гоҳ ёрон ба ман шуданд ағёр.
Худ кунун ранҷ мекашам чун лом,
Хира метобад чароғи баҳор.
Резаборон зи абр мерезад,
Қатра-қатра чу ашки модари ман.
Ҳамчун он офтоб пинҳон аст
Модари ҷони ман зи манзари ман.

(тарҷумаи *Саидалӣ Маъмур*)

Абдулло Орипов ба маънии томи сухан шоири миллист, чунки дар эҷодиёти ӯ дар навбати аввал ҳаёти миллиаш, кайфият ва орзуву омоли он, маърифат ва мавзӯъҳои ба ин монанди имрӯза пурра инъикос шудаанд. Вале шоир бо ин қаноат карда наметавонад. Дар як вақт ашъори ӯ моҳияти байналмилалӣ низ дорад. Вай дар бораи халқҳо ва масъалаҳои муҳими ҳаёти онҳо низ менависад.

Мавзӯи дӯстӣ ва ҳамбастагии халқҳо дар шеъри ӯ мақоми хос дорад. Масалан, шоир дӯстӣ ва ҳамбастагии халқҳои ӯзбеку тоҷикро дар шеъри «Ӯзбеку тоҷик» бо самимияти том васф мекунад:

Ёру бародар аз азал,
ӯзбеку тоҷик,
Чун шоҳбайти як ғазал,
ӯзбеку тоҷик.
Ҳайрони он рафоқатам,
ҷӯям ба он қиёс,
Авло бувад он аз асал,
ӯзбеку тоҷик.

Шеърҳои «Арманистон», «Қазоқистон», «Диёри қирғиз», «Савғо» ва ғайра низ аз ғояи дӯстиву бародарӣ саршоранд. Ҳамин тариқ, дар эҷодиёти Абдулло Орипов оҳангҳои милливу байналмилалӣ бо ҳам пайванд шудаанд. Шоир ҳақиқати ҳаёт ва ҳақиқати бадеиро аз назар гузаронида, ҳамеша ба ғояи дӯстии халқҳо содиқ мемонад.

Абдулло Орипов аз шоирони мумтози имрӯзи ӯзбек буда, шеъри ӯ сарнавишти шоирии ӯст. Вай бо андешаҳои неки ахлоқӣ, бо афкори инсондӯстонааш метавонад дар пешрафти маънавияти халқу кишвари соҳибистиқлоли Ӯзбекистон хидмат кунад. Шеъри ҳунармандона гуфтаи ӯ дили хонандагонро ба адабиёт, ки мақсади аслиаш ислоҳи ахлоқ ва омоли бади инсонист, метавонад солиёни дароз ба зиндагӣ гарм созад.

Абдулло Орипов 5-уми ноябри соли 2016 аз дунё чашм пӯшид.

Тарҷумаи *Паймон*

## Ӯзбекистонро ҷаро ман дӯст медорам

Ӯзбекистонро чаро ман дӯст медорам,
Аз чӣ хокашро ба чашмон мегузорам ман,
Ин замину осмонро чун Ватан умре,
Аз чӣ танҳову муқаддас мешуморам ман.

Дар ҷаҳон андар асолат чист, к-он танҳост,
Пунба оё дар замини халқи дигар нест?
Офтобаш, ишқу меҳрамро сабаб бошад?
Шояд, аммо Осиё худ ҷумла хуршедист.

Ӯзбекистонро чаро ман дӯст медорам,
Меситоям боғҳои дилкушояшро.
Ҳамчу ҷонам мепарастам, гарм мебӯсам;
Ин Ватанро, хоки поки ҷонфизояшро.

Аз азал, бешак, табиат бахш бинмуда,
Бо адолат ин замину хокро яксон.
Фурқат аз чӣ боз баҳри ин замин бигрист,
Хоки Қашқар буд оё камбаҳо аз он?!

Пас, чаро ман дӯст дорам Ӯзбекистонро,
Чун сабаб пурсанд з-ин андешаву розам.
Назди халқи худ сари таъзим хоҳам бурд,
Қабл аз он ки шеър аз ҳарфи неку созам.

Дасти торих ар туро, ай халқи маҳбубам,
Мефиканд андар яхистонҳои ҷовидон.
Гар макон меёфтӣ аз барфистонҳо,
Дил намебастам магар бар он Ватан аз ҷон?

Гул кунанд, ай кош, кишварҳову миҳанҳо,
Боғҳо рӯянд низ андар яхистонҳо.
Ай Ватан, парвардааст гар баҳри сарватҳот
Дӯстат дорад наёмурзаш варо, асло!

## Армони солҳо

Гуфтем агар нек якеро, ай дӯст,
Як умр зи мо ба ранҷ фарде дигар аст.
Як қадр ҷавон будем дирӯз, вале,
Имрӯз-чи, айёми балоғат ба дар аст.

Ҳар гаҳ чу зи умр одам андеша кунад,
Бидҳанд қусури рафта з-ӯ ранҷаш бас.
Он арзи сипосе, ки нагуфтаст ба ҳин,
Он узр, ки мондааст ногуфта ба кас.

Бас хостем ин ҷаҳон мукаммал бошад,
Як зарра нагаштем худ аммо комил,
Ай ҳасрати солҳои бигзашта зи ман,
Армони фузунтар аз шумо нест ба дил.

Чун нест замон ба одамизода мутеъ,
Андар дили ӯ кулли аламҳо бинуҳуфт
Бар ҷумлаи он фақат яке таскин ҳаст,
Бахт аст агар тавонад афсӯс бигуфт...

## Забони модарӣ

Ҳар гаҳе, ки садои булбулро
Бишнавам, медиҳам қарор аз даст.
Лек бар ҳоли тӯтӣ ҳайронам,
Пешаи ӯ ҳамеша тақлид аст.
Чун ту ҳастӣ забони модари ман,
Мисли булбул тарона мехонам.
Нагузорам, ки ту равӣ аз байн,
То ки бечора тӯтиро монам.

**Савол ва супориш:**

1. Қадамҳои аввалини шоирро ба адабиёт шарҳ диҳед.
2. Мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир аз чӣ иборат аст?
3. Мавзӯи Модар-Ватан дар эҷодиёти шоир чӣ мақом дорад?
4. Ғояи шеъри «Ӯзбеку тоҷик»-ро бигӯед.
5. Шеъри «Ӯзбекистонро чаро ман дӯст медорам»-ро аз ёд кунед.

# НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН

Адабиёти муосири ҷаҳон баҳреро мемонад, ки ба қаъри он расидан хеле душвор аст. Вале, барои он, ки мо аз моҳияти ин адабиёт бохабар бошем, ҳатталимкон бояд аз равишҳои муҳими он бохабар шавем. Махсусан дар рӯзгори мо, ки даврони адабиёт, адабиёти хушбину зиндагисоз аст.

Нависандагон ва шоирони ҷаҳони имрӯз бар онанд, ки бо ёрии сухан ва образҳои бадеӣ ба растагорӣ даст ёбанд. Номи ин гуна нависандагон дар тамоми ҷаҳон машҳуранд. Эрнест Ҳеменгуэй, Ги де Мопассан, Антон Чехов, Томас Ман, Шервуд Андерсон, Фронтис Кафко, Вилям Фокнер, Албер Камю, Эдгар Алан По, Габриел Гарсиа Маркез аз нависандагоне ҳастанд, ки ҳар кадоме ҷаҳони хоси бадеии худро кашф кардаанд. Ин нависандагон ҷаҳони бадеии худро офарида, онро дар муқобили ҷаҳони мавҷуди хонанда мегузоранд ва ба ӯ ёдовар мешаванд, ки ҷаҳони гирдогирди ӯ танҳо яке аз ҷаҳонҳои мумкин барои зистан аст. Имкони дигаргуна зистан ҳамон озодӣ аст, ки аксари нависандагони асили дунё барои даст ёфтан ба он асар менависанд, фалакро сақф мешикофанд, унсурҳои нописанди ин ҷаҳонро аз ҳам ҷудо месозанд, то аз ин резаҳо ҷаҳони мақбуд созанд, ҷаҳони писандидае, ки инсон тавонад сохтан ва дар он зистанро таҷриба кунад, аз ҷаҳони ҷабру бедодӣ раҳоӣ ёбад, ба озодӣ ва камоли ахлоқ бирасад.

Нависандагони бузурги ҷаҳони имрӯз дар паи нишон додани шароити зиндагӣ ва мавқеияти одамӣ, бештар ба тасвир ва падид овардани ҳолат, рӯҳия ва амалу кирдори инсонҳо мепардозанд. Нависандаи англис Ҷеймз Ҷуйис дар ҳикояи «Мурдагон» бо ҳамин усул қаҳрамонашро бо ҳамаи касоне, ки то имрӯз зистаанд, ҳамдард мебинад. Сиришти қаҳрамони ӯ воқеан ҳам аз ҳам пошида мешавад ва аз миёни пораҳои он инсоне нав, огоҳ ва дардшинос сар бармедорад.

Дар ду асри охир аз Пушкину Достоевский сар карда, то Чехову Эрнест Ҳеменгуэй ҳадафи асосии нависандагонислоҳи ахлоқи ҷомеа ва шароити зиндагии инсонҳо будааст. Ҳамчунон, ки Достоевский адолати иҷтимоиро муҳимтарин рукни афкори бадеиаш қарор медиҳад, Эрнест Ҳеменгуэй низ мехоҳад ҷаҳони иҷтимоӣ ва ахлоқие созад, ки инсон мувофиқи табъи дил дар он кору зиндагӣ кунад.

Дар ҳикояи «Пирамарди ба сари пул» хонанда нафрати нависандаро бар ҷанг эҳсос карда дармеёбад, ки ҷанг барои гурӯҳе боигарию вазифа

тақдим мекунад, ҳарчанд дар паҳлӯ хатари марг низ ҳаст – барои мардуми бечора ба ҷуз дарбадарӣ, талафоти ҷонӣ ва бенавоӣ чизи дигаре намеорад.

Аксари нависанда ва шоирони бузурги ҷаҳони имрӯз адабиётро воситаи муҳими худҷӯйиву худшиносии хонанда мешиносанд. Мо осори Шервуд Андерсон, Ги де Мопассан, Антон Чехов, Томас Мор, Кафка, Фокнер, Маркез ва даҳҳои дигарро хонда, ба ҷаҳони зебои бадеии офаридаи онҳо дил мебандем, худ ва ахлоқамонро дар қиёси хостаҳои умедбахши онҳо ислоҳ мекунем, аз осори онон сабақи одамвор зистан, дӯст доштан ва кор карданро ёд мегирем.

Аз ин олами бопоёни маърифат мо ду нафарро интихоб кардем то аз сармояи маънавии онҳо шумо, хонандагони азиз, баҳраёб шавед. Инҳо нависандаи ҷаҳонии қирғиз Чингиз Айтматов ва адиби бузурги Эрон Нодири Нодирпур мебошанд.

# ЭРАҶ МИРЗО

## (1874—1926)

Эраҷ Мирзо, мулаққаб ба Ҷалолулмамолик, моҳи октябри соли 1874 дар Табрез ба дунё омадааст. Насаби ӯ ба шоҳзодагони Коҷор мерасад. Падари Эраҷ Ғуломҳусайни Мирзо бародарзодаи Фатҳалишоҳи Коҷор буд. Падари Эраҷ Ғуломҳусайн, бобояш Малик Эраҷи Коҷор ва бобокалонаш Фатҳалишоҳ низ шоир буданд.

Эраҷ дар Дорулфунуни Табрез таҳсил карда, соҳиби маълумот шудааст. Дар ҳамин давра ӯ мантиқ, фалсафа, маони ва баёнро мукаммал меомӯзад.

Эраҷ Мирзо соли 1890 дар синни 16-солагӣ хонадор мешавад. Баъд аз ду сол падари шоир ва баъди се сол занаш вафот мекунанд. Аз вафоти падар шоири ҷавон андӯҳ кашида марсияҳо менависад:

3-он ҳама уммедҳо, ки будам дар дил.
Нест кунун ғайри ноумедӣ ҳосил.
Мурд ҳаме садри шоирон падари ман,
Як-ду се моҳ пеш аз ин ба нохушии сил.

Ва ё:

Падаро, рафтиву ман баъд аз ту,
Марсият гӯям, хокам ба даҳан.

Эраҷ баъди вафоти падар барои таъмини маоши оила аввал дар дарбор хизмат мекунад ва баъд дарборро тарк карда, дар идораҳои гуногун ба кор машғул мешавад. Баъд шоир ҷиддан ба омӯхтани зиндагӣ ва аҳволи халқ машғул шуда, бо ин мақсад ба гӯшаҳои Эрон сафарҳо мекунад. Соли 1909 ба Россия низ сафар карда, кишварҳои Қафқозро тамошо мекунад.

Эраҷ Мирзо аз вазъи нобасомони мамлакат, ба хусус аҳволи тоқатфарсои мардум ошуфта, ба ҳокимони ҳамонвақтаи Эрон муқобилат мекунад. Дар давоми 34 соли фаъолияти эҷодиаш ӯ ба фош сохтани нуқсонҳои иҷтимоӣ мепардозад.

Шоир дар як шеъраш ба вазъи молии зиндагиаш ишора карда мегӯяд:

Баъди си сол қаламфарсой,
Навкарӣ, «киссабурӣ», муллоӣ.
Гоҳ ҳоким шудану гоҳ дабир,
Гаҳ надими шаҳу гаҳ ёри вазир.
Бо сафарҳои паёпай кардан,
Ноқаи роҳати худ пай кардан.
Гарди сардории султон рафтан.
«Бала қурбон! Бала қурбон!» гуфтан.
Боз ҳам кисаам аз зар холист,
Киссаам холию ҳиммат олист.

Маълум мешавад, ки ӯ шоҳзода бошад ҳам бандавор ва гоҳо гадоёна зиндагӣ карда будааст.

Соли 1916 ба Теҳрон меояд ва дар вазорати молия ба кор медарояд. Вале зуд ба сари шоир кулфати азим меояд. Писари калониаш Ҷаъфарқулимирзо бо сабаби номаълум худашро мекушад. Баъди ин фоҷеа шоир Теҳронро тарк гуфта, Машҳадро маҳалли зист интихоб мекунад. Баъди соли 1924 боз ба Теҳрон бозмегардад.

Мӯҳтоҷӣ ва зиндагии ноором тани шоирро пурдард сохта ва ниҳоят тобистони соли 1926 дили гарми шоири бузург хомӯш мегардад. Мувофиқи васияташ ӯро дар қабристони Шамирон ба хок супориданд.

Бар санги мазораш чанд байт аз шеъри пеш аз вафоташ гуфтаи ӯ сабт шудааст:

Эй накӯён, ки дар ин дунёед,
Ӯ аз ин баъд ба дунё оед.
Ин ки хуфтаст дар ин хок, манам,
Эраҷам, Эраҷи ширинсуханам.
Мадфани ишқи ҷаҳон аст ин ҷо,
Як ҷаҳон ишқ ниҳон аст ин ҷо.
Ошиқи буда ба дунё фани ман,
Мадфани ишқ бувад мадфани ман.
Ман ҳамонам, ки дар айёми ҳаёт,
Бе шумо сарф накардам авқот.
Баъд чун рахт зи дунё бастам,
Боз дар роҳи шумо биншастам.
Гарчи имруз ба хокам маъвост,
Чашми ман боз ба дунболи шумост.

Бинишинед бар ин хок даме,
Бигузоред ба хокам қадаме.
Гоҳе аз ман ба сухан ёд кунед!
Дар дили хок дилам шод кунед!

Мероси адабии шоир. Мероси адабии Эраҷ Мирзо он қадар бузург нест. Ҳамаи осораш қариб чор ҳазор байт аст. Худи Эраҷ бештар ҳамон асарҳояшро писандидааст, ки дар даҳ соли охири умраш эҷод намудааст, ки онҳо беш аз ду ҳазор байтанд.

Касби асосии Эраҷ шоирӣ набуд. Вай барои таъмини маоши оила умрашро дар хидмат гузаронда, афсӯс мехӯрд, ки

Ҳайф бошад, ки маро фикри баланд,
Сарф гардад ба хурофоте чанд.
Ҳайф, к-имрӯз гирифторам ман,
В-арна маҷмӯаи афкорам ман.
Он чиро гуфтаам аз зишту нафис,
Нест фурсат, ки кунам покнавис.

Худи Эраҷ низ дар ин бора ёддошт медиҳад, ки «ман ҳамеша шоир нестам ва ба навиштани шеър ҳеҷ гоҳ худро маҷбур намекунам. Баръакс, ҳангоме ки илҳомам меоянд, ман ба он итоат мекунам».

Давраи дар Хуросон буданаш пурмаҳсултарин давраи эҷодиёти ӯст. Ашъори «Инқилоби адабӣ», достони «Орифнома», таркиббанди пас аз шӯриши Хуросон навиштааш, қитъаи «Дӯстдори Эрон» ва чанд шеъри дигарашро шоир дар ҳамин давра эҷод кардааст.

Шеърҳои Эраҷ самимона ва дилпазир гуфта шудаанд. Жанри асосии осораш ғазалу қасида, рубоӣ ва қитъаву таркиббанд мебошанд. Бештарини ашъорашро вай дар равишҳои лирикӣ ва ҳаҷвӣ гуфтааст. Шоир дар тамоми ҷараёни эҷодиёташ кӯшидааст, ки шеъри равон, воқеӣ ва ба дарди мардум мехӯрдагӣ бигӯяд. Бинобар ин таъсири воқеияти Эронро дар андешаву орои шоир равшан ҳис мекунем.

«Орифнома». Яке аз муҳимтарин асарҳои Эраҷ достони ҳаҷвии «Орифнома» мебошад. Ин асар бо маҳорати тамом навишта шуда, иллат ва нуқсонҳои ҷамъияти онвақтаи Эронро фош месозад. Эраҷ Мирзо дар ин достон беадолатӣ, нобаробарҳуқуқӣ ва асорати занон, макру фиреби рӯҳониёни ҷоҳилро маҳкум менамояд. Бар зидди омилҳое, ки монеаи пешрафти ҷомеа мешаванд, сухан мегӯяд.

Шоир таассуроти аз зиндагӣ ва воқеияти Эрони ибтидои асри бист гирифтаашро дар ин достон ҷамъбаст менамояд. Ориф шояд қаҳрамони шартии достон бошад, вале шоир ба воситаи ин образ хостааст, ки иллатҳои замонаашро фош созад.

Дар «Орифнома» ҷамъияти Эрони онрӯза ба се тақсим шудааст. Гурӯҳи аввалро аъёну ашрофи ватанфурӯш, ҷоҳилу худситои давлат, ки шарафу номус ва инсофу адолатро аз даст додаанд ва душмани халқу ватан мебошанд, ташкил медиҳанд. Ба гурӯҳи дуюм онҳое мансубанд, ки тамаллуқкору бешараф, дастёрони бевиҷдони ҳукуматдорон буда, аз ҳисоби давлат ва халқ, зиндагии бофароғат доранд. Табақаи сеюм, ки шоир аз онҳо бо муҳаббат ёд карда, ғамашонро мехӯрад, мардуми бечора ва деҳқононанд:

Раоё ҷумлагӣ бечорагонанд,
Ки аз фақру фано оворагонанд.
Зи зулми молики бедин ҳалоканд,
Ба зери пойи соҳибмулк хоканд.

Шоир дар ин достон дар бораи занон бо муҳаббати хос сухан гуфта, хориву беҳуқуқии ононро маҳкум менамояд. Ҳиҷобро мояи кулфати занон дониста, бо ҳаҷв ин амалро маҳкум месозад.

Шоир занонро аз тазйиқу фишори рӯҳониёни мутаассиб наҷот додан мехоҳад. Дар ин боб мегӯяд:

Зани рӯбастаро идроку ҳуш нест,
Театру ресторан номускуш нест.
Чи зан таълим диду дониш омӯхт,
Равоқи ҷон ба нури биниш афрӯхт.
Ба ҳеҷ афсун зи исмат бар нагардад,
Ба дарё гар биафтад, тар нагардад.
Агар зан нест, ишқ андар миён нест,
Ҷаҳон бе ишқ агар бошад, ҷаҳон нест.

Эраҷ Мирзо ашъори иҷтимоиашро дар шаклҳои гуногун, ғазалу рубоӣ, қитъаву таркиббанд гуфтааст.

Модарномаи Эраҷ Мирзо. Шояд дар адабиёти форсӣ ҳеҷ шоире ба дараҷаи Эраҷ дар ҳаққи модар шеър нагуфта бошад. Воқеан ҳам шеърҳои дар васфи модар гуфтаи ӯ содда, равон, пурмаънӣ, самимӣ ва дилпазиранд. Ин гуна шеърҳои шоир муҳаббати гарму самимии фарзандро ба модари

мушфиқу меҳрубон ифода карда, масъулияти фарзандро дар назди модар бузург мешиносанд.

Модар дар шеъри Эраҷ тимсоли некӣ, накӯкорӣ, меҳру шафқат ва бузургист. Вай ба ивази хидматҳояш чун шахси ҷовидон тасвир ва тасаввур мешавад. Дар ин равиш шеъри «Модар» бо соддагӣ, равонӣ, пурмаъноӣ ва самимияташ бемонанд аст. Ин шеърро фарзанди дилбанд ва қадршинос дар ҳаққи модари азиз, меҳрубон ва шарафманд гуфтааст. Ин фарзанди боҳиммат ва қадршинос Эраҷ аст, Эраҷи ширинсухан. Шояд ҳеҷ шоире ба ин самимият, ба ин ҳунар дар ҳаққи модар шеър нагуфта бошад, ки Эраҷ гуфтааст:

Гӯянд маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гаҳвораи ман,
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.
Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Ба ғунчаи гул шукуфтан омӯхт.
Як ҳарф-ду ҳарф бар забонам,
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.
Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

Эраҷ Мирзо дар шеърҳои ба модар бахшидааш пеш зи ҳама қадри модарро мешиносад, аз хидматҳои бедареғи модар ёд мекунад. Шеъри «Муҳаббати модар», қасидаи қадршиносии фарзанд аз модар аст, ки «кашад ранҷи писар бечора модар», барои он ки фарзандаш осудаву бароҳат хобад «нахобад то саҳар бечора модар». Шеъри «Муҳаббати модар» чандон калонҳаҷм нест. Вале дар ин шеър шоир сарнавишти пуразоби модарро тасвир карда тавонистааст. Ҳоли воқеии модар дили хонандаро ба риққат меоварад, муҳаббати модар дар дилаш тоза мешавад. Имкон надорад, ки байтҳои зерро мо бо дилсардӣ хонем. Ин байтҳо муҳаббати воқеии моро нисбат ба модар зинда месозанд, чеҳраи модари азизу бошарофатро бароямон боз ҳам азизтару шарафмандтар ҷилва медиҳанд:

Писар, рав қадри модар дон, ки доим,
Кашад ранҷи писар бечора модар.

Шеърҳои «Дили модар», «Меҳрубон модар» ва ғайра ин мавзӯъро дар эҷодиёти шоир такмил мебахшанд. Чеҳра ва хилқати инсонии модарро бошарафтару дилпазиртар ҷилва медиҳанд.

Сабк ва шакли ашъори шоир. Ҳамаи муҳаққиқоне, ки дар бораи Эраҷ сухан рондаанд, ӯро аз шоирони бузурги нававари садаи бист донистаанд. Эраҷ ҳарчанд суннатҳои гузаштаро дар шеъраш комилан риоя мекунад, вале шеъраш ҳамоно содда ва дилписанд аст. Мо луғатҳои мубҳам, таркибҳои нохушояндро дар шеъри Эраҷ дучор намешавем. Эраҷ ҳаддалимкон кӯшиш кардааст, ки бо сабки содда ва ҳамафаҳм шеър гӯяд:

### Ватани мо ба ҷойи модари мост

Мо гурӯҳи ватанпарастонем
Гар расад душмане барои Ватан,
Мо нахустин ҳарифи майдонем.
Дар раҳи иззату бақои Ватан
Ҷону дил ройгон биафшонем.

### Муҳаббати модар

Писар, рав қадри модар дон, ки доим,
Кашад ранҷи писар бечора модар.
Бирав, беш аз падар хоҳаш, ки хоҳад
Туро беш аз падар бечора модар.
Зи ҷон маҳбубтар дораш, ки дорад
Зи ҷон маҳбубтар бечора модар.
Нигаҳдорӣ кунад нӯҳ моҳу нӯҳ рӯз,
Туро чун ҷон ба бар бечора модар.
Аз ин паҳлӯ ба он паҳлӯ нағалтад,
Шаб аз бими хатар бечора модар.
Ба вақти зодани ту марги худро,
Бигирад дар назар бечора модар.
Бишӯяд кӯҳна, орояд наватро,
Чу камтар коргар бечора модар.
Тамузу дай туро соат ба соат,
Намояд хушку тар бечора модар.
Агар як атса ояд аз димоғат,
Парад ҳушаш зи сар бечора модар,

Агар як сурфаи беҷо намоӣ,
Хӯрад хуни ҷигар бечора модар.
Барои ин ки шаб роҳат бихобӣ,
Нахобад то саҳар бечора модар,
Ду сол аз гиряи рӯзу шаби ту,
Надонад хобу х(в)-ар бечора модар.
Чу дандон оварӣ, ранҷур гардӣ,
Кашад ранҷи дигар бечора модар.
Сипас чун по гирифтӣ, то наяфтӣ,
Хӯрад ғам бештар бечора модар.
Ту то як мухтасар ҷоне бигирӣ,
Кунад ҷон мухтасар бечора модар.
Ба мактаб чун равӣ, то боз гардӣ,
Бувад чашмаш ба дар бечора модар.
Агар як руббъи соат дер ой,
Шавад аз худ бадар бечора модар.
Набинад ҳеҷ кас заҳмат ба дунё,
Зи модар бештар бечора модар.
Тамоми ҳосилаш аз заҳмат ин аст,
Ки дорад як писар бечора модар.

**Савол ва супориш:**

1. Даврони наврасии Эраҷ дар куҷо гузаштааст?
2. Шоир дар куҷо таҳсил дидааст?
3. Чаро Эраҷ шоҳзода буду камбағалона зист?
4. «Орифнома» ва моҳияти иҷтимоии онро шарҳ диҳед.
5. «Модарнома»-и Эраҷ кадом шеърҳои ӯро дар бар мегирад?
6. Шеърҳои «Модар» ва «Муҳаббати модар»-ро аз ёд кунед.

# ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ

# (1928—2008)



Чингиз Айтматов яке аз нависандагони бузурги асри мо буда, 12 декабри соли 1928 дар деҳаи Шакари ноҳияи Кирови Ҷумҳурии Қирғизистон ба дунё омадааст. Чингиз дар очерки тарҷимаиҳолии «Қайдҳо дар бораи худам» менависад, ки «Бобоям Айтмат баъди сӯхтани осиёбаш бо падари ман Торекули 12-сола барои кор ба сохтмони тунели роҳи оҳани наздикии Маймак рафтааст. Падарам дар ҳамин ҷо, дар мактаби русӣ-туземии шаҳри Авлиёота (ҳоло Ҷамбул) таҳсил мекунад. Солҳои аввали инқилоб падари ман аз шахсони босавод ва яке аз нахустин коммунистони қирғиз ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ кор карда, аз сиёсат ва адабиёт огоҳии тамом дошт. Модарам Наима Ҳамзаевна Айтматова низ зани замонавӣ ва босавод буд. Маҳз онҳо маро бо маданияти рус, забони русӣ ва адабиёти бузурги он ошно карданд. Модаркалонам нисбат ба забони модарӣ дар дили ман муҳаббат ва дӯстдориро бедор намуд».

Чингиз аз хурдӣ забони русиро хуб ёд гирифта буд. Ӯ ба ёд меовард, ки дар синни 5 солагиаш бори аввал чун тарҷумон хизмат намуда, «луқмаи гӯшти обҷӯшро» чун ҳаққи хизмат гирифтааст. Ин воқеаро ӯ чунин нақл мекунад: «Чун ҳамасола тобистон ҳамроҳи модаркалонам дар кӯҳ зиндагонӣ мекардам. Ногоҳ як аспи колхоз, ки аз Россия харида оварда буданд, алафи заҳрнокро хӯрду касал шуда мурд. Ҷӯпонони қирғиз аз тарси ҷавобгарӣ аз марказ намоянда даъват намуданд. Намоянда забони қирғизиро намедонаду ҷӯпонон русиро. Ҳамин вақт ба ёдашон мани 5 сола мерасам ва онҳо мегӯянд, ки ӯ аз шаҳр омадаву забони русиро медонад. Маро назди намоянда оварданд ва ман матлаби ду тарафро ба якдигар тарҷума кардам».

Зиндагии баосоиши хонаводаи онҳо дер давом накард. Соли 1937 падарашро, ки корманди ҳизбӣ ва шунавандаи Институти профессории

Москва буд, репрессия намуданд. Сарсониҳои аҳли оила аз ҳамон сол оғоз ёфт. Дере нагузашта ҷанг сар шуд ва соли 1942 Чингиз хонданро қатъ намуда, ба деҳа бозгашт. Дар синни 14 солагиаш ба вазифаи котибии шӯрои ҷамоа пазируфта шуд. Сонитар дар солҳои душвори ҷанг ҳамчун корманди шӯъбаи молия ва ҳисобчии бригадаи тракторӣ кор кардааст. Соли 1946 баъди хатми синфи ҳашт ба омӯзишгоҳи байтории шаҳри Ҷамбул дохил шуда, онро бо баҳои аъло хатм кард ва ба институти хоҷагии қишлоқи Қирғизистон дохил гардид. Институтро низ бо баҳои аъло тамом кард.

Ба адабиёт аз хурдӣ рағбати зиёд дошт, вале таърихи нависанда шудани ӯ низ аҷиб аст: «ман бисёр мехостам, ки дар бораи ҷанг ва қаҳрамонии халқи Шӯравӣ асарҳо хонам, ба ёд меоварад нависанда. – Дар адабиёти қиргиз ин мавзӯъ он вақт амиқ баррасӣ нашуда буд. Ман асарҳои «Писари полк» ва «Тӯси сафед»-ро тарҷума карда, ба нашриёт бурдам. Вале аз ходимони нашриёт фаҳмидам, ки ин асарҳо кайҳо тарҷума шудаанд, ин ҳодиса бароям ногувор буд, вале чун ибтидои фаъолияти адабиам азиз аст».

Баъд аз ин воқеа нависанда ба ҳикоянависӣ шурӯъ мекунад ва ҳикояҳои аввалинаш дар вақти байториаш эҷод шудаанд. Соли 1956 дар курси олии адабии Институти ба номи Горкийи Москва таҳсил карда, соли 1959 баъди хатми институт муҳаррири маҷаллаи «Литературный Киргизистан» таъин мешавад ва дар як вақт тайи 5 сол ҳамчун мухбири махсуси рӯзномаи «Правда» хизмат мекунад.

Чингиз Айтматов асарҳояшро бо забонҳои русӣ ва қирғизӣ менависад. Ҳар он чи ки ӯ то имрӯз навиштааст, бевосита бо таърих, воқеияти зиндагии мардум, шоду ғами халқаш алоқаманд мебошад. Чунон ки ишора кардем, Чингиз фаъолияти эҷодиашро аз хабару мақоланависӣ ва тарҷумаи осори адибони рус шурӯъ намудааст. Нахустин ҳикояаш бо номи «Рӯзномафурӯш Дзюдо» соли 1952 чоп шуда, дар он қисмати рӯзномафурӯш ва душвориҳои заҳмати ӯ ба тасвир омадааст. Баъди дар байни хонандагон шӯҳрат ёфтани ин ҳикоя паси ҳам ҳикояҳои «Ҳошим», «Сепоячӣ», «Борони сафед», «Ҳарифон», «Дар замини лалмӣ», «Дар соҳилҳои Бойдамол» ва қиссаи «Рӯ ба рӯ» чоп шуданд.

Вале повести «Ҷамила» барои нависанда шӯҳрати ҷаҳонӣ овард. Ин повест соли 1958 нашр гардида, зуд ба забонҳои гуногун тарҷума ва дар олами адаб машҳур гардид. Номи аввалини ин асар «Наво» буд, вале дар маҷаллаи русии «Новый мир» бо номи Ҷамила чоп шуд ва минбаъд бо ҳамин ном шинохта шуд. Повести «Ҷамила» қиссаи пуршӯри ишқи

поки беолоиши ду дилдода – Ҷамилаву Дониёр мебошад, ки бо услуби хос таълиф шуда, аз ҷиҳати бадеият, банду баст ва моҳияти бадеиву ғоявӣ дар адабиёти қирғиз собиқа надошт.

Худи нависанда ба қаҳрамони асосии повест Дониёр чунин баҳо медиҳад: «Ӯ инсоне буд ниҳоят ошиқ. Ман ҳис мекардам, ки ӯ ҳамту ба инсони дигар ошиқ набуд. Ин ишқи дигару бузургтар буд ба зиндагӣ, ба замин. Бале, ӯ ин муҳаббатро дар худу дар навои худ ҳифз мекард ва бо он мезист. Инсони хунсард чунин суруда наметавонист, чунин овое намедошт». Бинобар ин ҳам нависандаи машҳури Франсия Луӣ Арагон ин повестро «беҳтарин қиссаи муҳаббат дар ҷаҳон» номида буд. Нависандаи машҳури қазоқ Мухтор Авезов хусусияти ин асарро «аз ботин тасвир кардани одамон ва нишон додани муносибатҳои онҳо» донист. Тозагии диди нависандагӣ ва усули тасвири хосро дар повестҳои машҳури нависанда «Рӯ ба рӯ», «Сарвқади рӯймолсурхаки ман», «Чашми шутур», «Муаллими нахустин», «Майдони модар», «Алвидоъ Гулсарӣ», «Пас аз афсона», «Турнаҳои барвақтӣ» дидан мумкин аст.

Повести «Сарвқади рӯймолсурхаки ман» аз ҷиҳати мавзӯъ ба повести «Ҷамила» қаробат дошта, дар ин асар низ нависанда аз ишқи нобарори дилдода Илёс ва Асал ҳикоя мекунад. Ба воситаи тақдири ин ду қаҳрамон нависанда хостааст рӯзгори муосирони моро бо тамоми мураккабиҳову ихтилофоташ нишон диҳад. Қаҳрамонони ин повест Асал ва Илёс осон ба ҳам дил баста, оила бунёд мекунанд. Вале кӯтоҳандешии Илёс боиси хонавайронии онҳо мегардад. Дар ҳар ду повест ҳам нависанда таблиғгари ахлоқу одоби нек аст.

Воқеан ҳам вақте ки Чингиз Айтматов повести «Ҷамила»-ро навишт, дар адабиёти Шарқ чунин образ вуҷуд надошт. Дар осори нависандагон зан мазлум, оҷиз ва ҳақир тасвир мешуд. Вале Чингиз Айтматов тавонист, ки анъанаи пойбандии зан ба урфу одати суннатиро шикаста, образи занеро ба вуҷуд орад, ки ба анъанаҳои бесуд пойбанд нест. Шавҳари ба ҷанг рафтаашро интизор нашуда, каси дигарро дӯст доштану зиндагии тоза оғоз намудан ҳодисаи фавқулодда буд.

Повести дигари нависанда «Муаллими нахустин» аз қисмати нахустин муаллими авули Куркурев – Душени хоксору фурӯтан ҳикоят мекунад. Душен дар солҳои пуразоб дар дурдасттарин авул мактаб кушода, ба наврасон савод меомӯзад, то ки роҳи зиндагиро шинохта, сиёҳро аз сафед фарқ кунанд. Образи Душен тимсоли онҳоест, ки ба мардум хату савод омӯхта, пойдевори ҳаёти босаодатро гузоштаанд ва нақди зиндагиро дар ин роҳ бохтаанд.

Повести «Роҳи каҳкашон»-ро мунаққидон қуллаи нави эҷодиёти нависанда шинохтаанд. Қаҳрамони ин повест зани оддии қирғиз Тулғаной буда, ғояи он одаму одамгарист. Тулғаной боре бо азоби бисёре аз ҳамавулҳои гурусна охирин боқимондаҳои гандуми тухмиро ҷамъ карду бегоҳӣ ҷуволҳоро дар сари марза гузошт, то ки пагоҳии барвақт кишт сар кунад. Шабона Ҷавшангули гуреза гандумро дуздид. Ин яке аз лаҳзаҳои драмавии сужети повест буда, ба нависанда имкон додааст, ки ноодамии хоинеро бо қувваи азиме зоҳир кунад ва дар ҳаққи ӯ ҳукми халқро барорад. Дар ин асари Ч. Айтматов Ҷавшангул, ки шавҳари гурезаашро пинҳон ва ҳимоя кард, низ ба ҳукми бераҳмонаи дили халқ гирифтор шудааст.

Образи ҷолиби ин асар Тулғаной буда, вай тимсоли модарони аламзада ва аз балои ҷанг фарзандгумкарда мебошад. Матонати рӯҳӣ, поквиҷдонӣ, одамият ва некбинӣ ин занро маҳбуби хонандагон гардонидааст.

Дар эҷодиёти Чингиз Айтматов повестҳои «Алвидоъ, Гулсарӣ», «Киштии сафед», «Саги алое, ки лаб-лаби баҳр метозад» ва романҳои «Дуроҳаи Бӯронӣ»-ю «Зеркунда» мавқеи хос доранд. Ин асарҳо гувоҳи камолоти ҳунари нависандагии ӯ буда, адиб ба воситаи масъалаҳои муҳими ахлоқию иҷтимоӣ ва маънавиро ба миён мегузорад.

Чингиз Айтматов бо як қатор кашфиётҳои бадеии худ, аз ҷумла Модарғизол – аз «Киштии сафед», Манқурт – аз «Дуроҳаи бӯронӣ», кӯдак аз «Саги алое, ки лаб-лаби баҳр медавид» ва ниҳоят Модагург Акбара – аз «Зеркунда» дар сафи бузургтарин нависандагони дунё ҷой гирифт.

Дар ин миён романи «Дуроҳаи бӯронӣ» бо мавзӯъ, ғоя ва образҳои тозаву ҷолиб мавқеи хос дорад. Бо таълифи ин роман нависанда инсониятро хушдор дод, ки гузашта, суннатҳои ахлоқию маънавии пешиниёнро фаромӯш накунад. Ба воситаи ин роман нависанда луғати «манқурт»-ро ба забони муосирон ворид сохт ва акнун мо ононеро, ки ба муқаддасот эҳтиром надоранд, аслу насабашонро намешиносанд, манқурт мегӯем.

Кашфиёти дигари нависанда дар ин роман образи «одами меҳнаткаш» аст. Бинобар ин ҳам образи Едигей Жангелдин аз образҳои таъсирбахшу хотирнишини роман мебошад. Дар бораи ин образ нависанда чунин мегӯяд: «Образи Едигейи Бӯронӣ – муносибати ман ба принсипи асосии реализми сотсиалистӣ мебошад, ки умдатарин объекти тадқиқоташ одами меҳнаткаш буд ва хоҳад монд».

Нависандаи бузург дар тафсири образи асосии роман Едигей менависад: «Одами заҳматкашро дар урфият одами шоиста медонанд. Ба ин маънӣ Едигей Жангелдин (ба қавли шиносонаш Едигейи Бӯронӣ) заҳматкаши асил аст. Аз ҷумлаи касонест, ки пуштибони заминанд. Вай ба назарам, бо замони худ робитаи қавӣ дорад, фарзанди замони худ аст». Ба назари нависанда Едигеи Бӯронӣ на фақат аз рӯйи табиат ва касбу кораш заҳматкаш аст, балки ҷону ҳастии вай бо меҳнат сиришта шудааст. Дар ин тоифа одамон ҳамеша банди муаммо аст. Дигарон бошанд, ба ин қабил муаммо доимо ҷавоби тайёр доранд ва аз ин сабаб кореро ба хубӣ анҷом диҳанд ҳам, онро бидуни ҳавсала мекунанд ва рӯзгорашон аз хобу хӯру сайру тамошо иборат аст. Вале Едигей аз ин зумра нест. Вай дар сари ҳастии инсон, мушкилоти зиндагии вай, тазодҳои иҷтимоию сиёсие, ки ҷомеаро бо бӯҳронҳои иқтисодию сиёсӣ рӯ ба рӯ мекунад, меандешад. Вай мусибатомезтарин тазоди асри XX-ро дар он мебинад, ки заковати бани одам ҳадду ҳудуд надорад, аммо вуҷуди монеаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва нажодӣ, ки дар дунёи имрӯз ҳаст, барои ҷомаи амал пӯшидани он имкон намедиҳад. Вай алам мекашад, ки чаро захираҳои моддию нерӯйи хиради инсон ба истеҳсоли яроқи қатли ом сарф мешаваду хуни инсон дар ин ё он ҷойи ҷаҳон мерезад, кӯдакон мемиранд ва дар паси он ҷинояти мудҳиш инсонҳо – роҳбароне ҳастанд, ки ба ин амали зишт фатво медиҳанд, вале аксаран беҷазо саҳнаи сиёсатро тарк мегӯянд.

Едигей дар муқобили манқуртҳо ҳофизаи устувор дорад. Бо ёди баду неки гузашта зинда аст. Ва дар бораи одамоне, ки беёд ҳастанд, чунин меандешад: «Инсоне, ки аз ёди гузаштаҳо маҳрум аст, одаме, ки водор аст мавқеи хештанро дар олам ҷустуҷӯ кунад, шахсе, ки аз таҷрибаи таърихии халқи худ ва халқҳои дигар бебаҳра аст, аз идроки эҳсоси рӯзгори оянда низ бенасиб мемонад ва аз ҳамин рӯзу ҳамин соати худ дуртарро дида наметавонад».

Едигей аз ҷумлаи он одамонест, ки мехоҳад маънии азалӣ ва томи мафҳумҳои торафт беқурб шудаистодаи ахлоқи одамӣ, махсусан виҷдон, адолат, шафқат барин рукнҳои абадии ахлоқро барқарор кунад. Қаҳрамонони дигари ӯ Қазонқопу Елизаров низ ҳамин гуна инсонанд. Едигей каси беёд нест, вай гузашта ва имрӯзаро баробар азиз медонад. Бинобар ин ҳам расму оини динӣ барояш маънии хос дорад. Едигей аз ҷумлаи ононест, ки худовандро воситаи зуҳури ахлоқ, виҷдон ва худшиносӣ медонад. Тамоми фикру андешаи ӯро монологи дар сари гӯри Қазонқоп баён кардаи ӯ ифода мекунад: «Касе намедонад ва ҳеҷ

гоҳ нахоҳад донист, ки худо ҳаст ё не. Яке мегӯяд, ки ҳаст, дигаре талқин мекунад, ки нест. Худи ман бовар кардан мехоҳам, ки ту ҳастӣ ва ту дар ёду хаёли манӣ. Ва ҳангоме ки ман дуо хонда, ба ту мурочиат мекунам, дар асли ҳол ба ту не, балки ба худи худам муроҷиат мекунам... Ва дар ин рӯзу соат ман бояд тавре фикр ронам, ки гӯё худи ту, аё яздони пок, фикр меронда бошӣ. Пӯсткандаи гап ана дар ҳамин ҷо! Ҷавонон бошанд дар ин бора фикр ҳам намекунанд ва низ дуою фотиҳаро бад мебинанд. Вале дар вақти фавт онҳо ба ту ва дигарон чиҳо гуфта метавонанд? Ба онҳо раҳмам меояд, онҳо сиришти инсонии хешро чӣ гуна дарк мекарда бошанд-а?».

Едигейро худоношиносӣ, беимонӣ ва ниҳоят аз ёд бурдани суннатҳои неки ахлоқи гузаштагон сахт ба ташвиш меорад. Вай дар сари муаммоҳои ахлоқию маънавии бани башар меандешад. Ба ин восита нависанда дар роман консепсияи ахлоқию фалсафии роҷеъ ба ҳифзи ахлоқи нек, табиат ва ҷамъиятро амиқ ба миён мегузорад. Вай дар мисоли кашфи коинот ва тадқиқи асрори он пешрафти илмиро мебинад, аммо ҷамъиятро аз хавфи бузурги он огоҳ месозад.

Дар романи «Дуроҳаи бӯронӣ» образи дигаре ҳаст, ки номи инсониаш Собитҷон ва сифаташ манқурт аст. Собитҷон манқурти муосири мост, ки ду дипломи маълумоти олӣ дорад, вале дил надорад, на фикру андешаи солим ва на ҳофизаи таърихӣ дорад, нонро хӯрда, ба намакдон туф мекунад. Барои ӯ фарқ надорад, ки падарашро дар қабристон гӯр мекунанд ва ё дар дашти беканор чуқурие кофта, аз болояш хок мекашанд.

Асарҳои дигари нависанда «Пораабри сафеди Чингизхон» ва романи «Зеркунда» низ ба масъалаҳои муҳими ҳаёти инсон, сарнавишт ва қисмати башар бахшида шудаанд.

Романи «Зеркунда»-ро мунаққидон аз беҳтарин таълифоти нависанда донистаанд. Дар ин роман нависанда масъалаҳои ҳифзи табиат, дин ва ахлоқи ҷомеаро ба миён мегузорад.

Образи гургҳо Акбара ва Тошчайнар дар роман образи рамзии кулли табиат аст. Онҳо ба ҷойи инсонҳо дар бораи ҳифзи табиат андеша меронанд, барои нигоҳ доштани наслашон мекӯшанд, ба ҳоли инсоне, ки ба табиат дасти зӯрӣ кардааст, дилашон месӯзад, ба инсони золиму бечора раҳм мекунанд. Вале ҷуфти гургҳои романи «Зеркунда» аз дасти инсонҳо ба дод омада, фарзандонашонро қурбон кардаанд ва лонаи худро аз даст дода, дар кӯҳу даманҳо овора гаштаанд. Нависанда ба ин тимсол таъкид карданист, ки табиат зӯровариро намебахшад, балки

миёни инсону табиат пайванди азалӣ ҳаст ва яке бе дигаре буда наметавонад.

Нависанда ба воситаи образи Авдий Калистратов, Исои Масеҳ ва Понтии Пилат андешаҳои фалсафию ахлоқиашро дар бораи инсон, дунё ва муҳити зист баён мекунад.

Нависанда аз забони Авдий фоҷиаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаро ба миён мегузорад. Яке аз ин фоҷиаҳо ба қавли Авдий нашъамандист, ки фоҷиаи иҷтимоӣ мебошад. Авдий ба мақсади ислоҳи ин фоҷиа аз паи ёфтани решаи он бо як гурӯҳ авбошон ҳамроҳ шуда, роҳи дашти Моюнқумро пеш мегирад ва бо моҳияти рафтору кирдори нашъамандон ошно мегардад. Ӯ азобу уқубати дастрас кардани нашъа ва таъсири инсонкуши онро эҳсос карда, мехоҳад ин фоҷиаро ислоҳ кунад: «Дерест, ки маро як андеша азоб медиҳад, – мехоҳам дар дилу шуури ҳамсолонам пайраҳаи номакшуферо кашф кунам. Ман вазифаи хешро дар тарғиби некӣ мебинам». Авдий Калистартов одамонро ба боварӣ, эътимод ва эътиқод даъват мекунад, мехоҳад онҳо хештаншинос бошанду дигаронро низ дӯст доранд.

Дар роман мо шоҳиди муборизаи шадиди Ҳастию Нестӣ, Некию Бадӣ ва Ҳаёту Мамот мешавем. Понтии Пилат, Обер Кандалов, Бозорбой Нойгутов, Қучқорбоев – аз як тараф, Исои Масеҳ, Авдий Калистартов, Бостон ва Модагург Акбара аз сӯйи дигар дар ин мубориза иштирок мекунанд. Яке бо некӣ машҳур, дигаре бо бадӣ зишт мегардад.

Понтии Пилат ва Обер Кандалов ҳомиёни бадиянд. Образи онҳоро Қучқорбоеву Нойгутовҳо, ки аз раҳму шафқат, шарму ҳаё ва донишу фаросат бебаҳраанд, пурра мекунанд. Ба инҳо сардори дастаи бангиён Гришан низ ҳамроҳ аст. Авдий Калистратов мехоҳад Гришан ва Обер Кандаловро ба роҳи дуруст ҳидоят кунад. Вале Понтии Пилату Обер Кандаловҳо ҳокими мутлақи тан ҳастанд. Онҳо сабабгори бемории ҷомеа мегарданд. Ин типи инсонҳо дар кадом мақоме, ки бошанд ва ҳар коре ки кунанд, ҳаргиз ба хотири некӣ нест. Дар ниҳояти кор ҳамаи инҳо як образанд, образи ҷомеъ ки Бадӣ ном дорад.

Нависанда муборизаи Инсон ва Табиатро дар роман нишон дода, таъкид мекунад, ки ин мубориза ғолибу мағлуб надорад. Ин муборизаро нависанда ба воситаи тасвири амалҳои зиддиинсонӣ ва зидди табиати Бозорбой нишон дода, қасоси гургҳоро аз инсон барои бачаҳои рабурдаашон огоҳие ба муосирон медонад, яъне табиат метавонад аз инсон қасос гирад. Вале дар баробари образи Бозорбой, ки вайронкор ва душмани табиат аст, мо бо чеҳраи инсонии Бостон вомехӯрем ва

мебинем, ки вай «Тошчайнарро пӯст наканд, аз баҳри пӯсташ гузашт, ӯро мисли инсон гӯр кард». Ин тасвири риққатангез ва воқиаи тифли Бостон Кенгешро рабудани Акбара моро ҳушдор медиҳад, ки ба табиат ҳамчун бо як ҷузъи тани худамон муносибат кунем.

Нависандаи бузургро зӯроварии инсон ба табиат сахт ба ташвиш оварда, дар ин замина образи рамзии Акбараро ба дараҷаи Модар – Замин, Модар – Табиат мебардорад, ки аз паи ҳифзи ҳаёти фарзандонаш аст. Вале инсони зӯровар намегузорад, ки ин Модари бузург побарҷой бошаду фарзандонаш дар он зиндагӣ кунанд.

Дар асари бадеӣ истифода кардани асотир, афсона, ривоят, масалан, латифа ва монанди онҳо анъанаи дерин дорад. Нависандагон бо мақсади ифодаи барҷастаи фикри худ аз ин воситаҳо истифода мекунанд. Мо ба ин хусус истифодаи бомақсади асотиру афсонаро дар эҷодиёти Чингиз Айтматов барои таъкиди ғояи асар мушоҳида мекунем. Масалан, дар повести «Киштии сафед, ки зерномаш «пас аз афсона» аст, нависанда афсонаро истифода мекунад, ки гӯё ҷадди қирғизҳои кунунӣ фарзандони Модаргавазни чанбаршох будаанд. Нависанда бо дасти типи иҷтимоии хавфнок Орозқул Модаргавазни чанбаршохро мекушад ва бо ин таъкид мекунад, ки сарват, ҷаҳолат ва шӯҳратпарастӣ ба решаи аҷдод теша зада ҳофизаи таърихиро, ки ёди гузаштагонро зинда медорад, барбод медиҳад. Сужет ва образҳои асотирӣ дар осори Чингиз Айтматов барои ифодаи фикри бадеии нависанда ва равшан сохтани ғояи асар хизмат мекунанд. Афсонаи оид ба манқурте, ки ному нишони худро аз ёд бурда ва ҳатто модари худро мекушад, дар романи «Дуроҳаи бӯронӣ» барои офаридани образи манқурти муосири мо – Собитҷон мавқеи муҳим дорад. Дар ин роман боз як образ – мурғи асотирии Доненбой тасвир шудааст, ки ду маротиба пайдо мешавад, вале ғояи асарро равшан мекунад. Вақте ки қаҳрамони манқурти нависанда модарашро бо тири кушанда кушт, рӯймоли сафеди Найманона аз сар парид ва дар ҳаво ба мурғе мубаддал шуда, фиғонкашон гуфт: «Ба ёд биовар, ки худ кистӣ? Чӣ ном дорӣ, э ҷон, чун зистӣ?»

Ҳамин мурғи сафеди асотирӣ, ки номи одамӣ – Доненбой дорад, дуввумин бор вақте пайдо шуд, ки Едигейро ба қабристони Она-Байт роҳ надоданд. Чингиз Айтматов бо вохӯрии мурғи Доненбой ва Едигей нишон медиҳад, ки бар хилофи онҳое, ки таърих, насаб ва ҳофизаи таърихиро пос намедоранд, дар байни гузаштаю ҳозира, дар байни инсон ва коинот алоқаи ногусастанӣ ҳаст.

Дар романи «Зеркунда» низ асотир мавқеи хос дорад. Масалан, нависанда асотири Понтии Пилат ва Исои Масеҳро бо мақсади нишон додани муборизаи Некию Бадӣ истифода кардааст. Афсонаи Модагург Акбара ва Тошчайнар, аз ҷониби Модагург рабудани фарзанди Бостон низ дар таъкиди ғояи асосии роман аст.

Чингиз Айтматов аз нависандагони бузурги замони мо буда, осори ӯ ба аксари забонҳои дунё тарҷума шудааст. Ӯ ҳанӯз дар синни 35 солагиаш арзишмандтарин ҷоизаи давлати Шӯравӣ – ҷоизаи Ленинро соҳиб шуда буд. Шоири тоҷик Мирзо Турсунзода гуфта буд, ки «таърих акнун ду Чингизро медонад. Чингизи аввал мехост ҷаҳонро бо шамшер гирад, вале худ бадноми ҷаҳон гашт. Чингизи дуюм – Айтматов ҷаҳонро бо сухан тасхир кард ва некноми ҷаҳон гашт».

Чингиз дар давоми умраш вазифаҳои зиёдеро иҷро карда, мукофотҳои фаровоне гирифтааст. Вале бузургтарин мукофот барои нависандаи бузург муҳаббати хонандагонаш аст, ки зиёд мешаваду кам не.

Ин нависандаи бузург дар дили хонандагони тоҷикзабон низ мақоми арҷманд дорад. Ҳамаи асарҳои ин нависанда ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд ва дар дили хонандагон ҷой доранд. Асарҳои ӯро ба тоҷикӣ нависандагон ва тарҷумонҳои маъруф Ф. Муҳаммадиев, Ҳ. Аҳрорӣ, Сорбон ва дигарон тарҷума кардаанд. Дар бораи эҷодиёти ӯ адабиётшиносони шинохта М. Шукуров, А. Турсунов, А. Сайфуллоев ва шахсони дигар мақолаҳо навиштаанд. Чингиз Айтматов бо адабиёт ва аҳли адаби тоҷик алоқаи хос ва дӯстона дорад.

Чингиз Айтматов соли 2008 аз олам чашм пӯшид.

## ДУРОҲАИ БӮРОНӢ

*Порча аз роман*

Ӯ ки аз ғавғои бардавом гӯшҳояш маҳкам шуда буданд, ба занаш рӯй овард:

– Ҳа, чӣ шуд?

Зан нигоҳи изтиробомезе афканду чизе гуфт. Едигей ҷунбиши лабҳои ӯро дида бошад ҳам, садое ба гӯшаш нарасид. Бо вуҷуди ин фаҳмид. Бале, гумони худаш ҳам ҳамин буд.

– Биё, ба дарун дароем. Ин ҷо шамол, – гуфт ӯ ва занашро ба кулба ҳидоят намуд.

Аммо аз даҳони зан ба тасдиқи гумони бадаш ҳанӯз чизе нашунида, хотираш аз як чизи дигар мушавваш шуд. Едигей пештар ҳам медид, ки занаш пир шудааст, лекин ин дафъа ба ҳоли ӯ дилаш сӯхт: Уқубала аз шиддати тохт нафастанг шуда буд, аз даруни синааш садоҳои гирифтаю хиррӣ берун меомаданд ва китфҳои лоғараш ба як тарзи ғайритабиӣ, хеле башаст болову поин мешуданд. Чароғи равшани электр дар кулбаи майдаяки деворҳояш аз оҳак сап-сафед баногоҳ дар рухсори тираи кабудчафомгардидаи Уқубала ожангҳои дигар ҳеҷ гоҳ рафънашавандаро баръалоина намоиш дод (ва ҳол он ки айёме буд, ки пайкари нарми рехтааш гандумгин буд ва чашмони сиёҳаш дурахши дилрабое доштанд)... Боз ин дандонҳои афтода... Умри зан ба охир расаду лекин як рӯз ҳам бедандон намонад, бо забони ҳол мегӯянд онҳо. (Кайҳо Уқубаларо ба истгоҳи калон бурда, аз ҳамон дандонҳои зормондаи оҳанӣ шинондан лозим буд, ҳозир пиру ҷавон ҳамин хел дандонҳо месозонанд)... Бар болои ин боз торҳои сап-сафеди мӯй аз таки рӯмол фаромада, ба рӯяш парешон шудааст. «Эй, занаки ман, чӣ хел пир шудаӣ ту!» – аз дил гузаронид ӯ ва ҳис кард, ки дар ин ҳол гӯё худаш низ гунаҳгор аст ва қисси ин гуноҳ дили ӯро фишор медиҳад. Вай пай бурд, ки дилаш аз эҳсосоти сипосдорӣ моломол мегардад ва ин эҳсосот подоши ҳамаи зиндагонист, ки солҳои бисёре ба ҳам дидаанд ва хусусан подоши хидмати ҳозирааш аст, ки нимишабӣ рӯ-рӯйи роҳи оҳан то ба дарунтарин нуқтаи дуроҳа аз рӯйи эҳтиром, аз рӯйи қарзи одамӣ давида омадааст. Чунки Уқубала медонад, ки ин хабарро ба Едигей расонидан бисёр зарур аст. Едигей бояд бидонад, ки пирамарди бадбахт, мӯйсафеди бекас Қазонқоп дар кулбаи хилвати похсагинаш чашм аз олам пӯшидааст. Уқубала медонад, ки дар тамоми дунёи равшан фақат як нафар одам ҳаст ва он ҳам Едигей аст, ки аз мурдани одами яккаву танҳо ғамгин мешавад ва ҳол он ки марҳум ба вай на хеш мешавад, на табор.

– Шин, нафасата рост кун, – Едигей вақте ки ба кулба даромаданд.

– Худат ҳам шин, – гуфт Уқубала.

Ҳар ду нишастанд.

– Чӣ шуд?

– Қазонқоп мурд.

– Кай?

– Аз аҳволаш хабар гирам, шояд ягон чиз лозим бошад, гуфта, навакак даромадам. Даромадам, чароғ даргирон, дар ҷогаҳаш хоб, фақат ришаш саҳле инту ба боло сих задагӣ барин. Наздиктар рафтам. Қазаке гуфтам, ҳой Қазаке, чойи гарм лозим бошад, гӯед, гуфтам. Бинам, ҷавоб

нест, кайҳо тамом шудагӣ. – Уқубала банохост хомӯш гардид, чашмони сурхшудааш аз ашк пур шуданд, пилкҳои бо мурури замон тунук шудааш ларзиданд ва ҳиқ-ҳиқ ба гиря сар кард. – Мана оқибат! Чӣ хел одам буд-а! Ҷон додаасту як кас нест, ки манаҳаша бандад, – ҳасрат мекард ӯ гиряомез. – Оқибати одама бин. Ҳайфи ҳамту одам... – Ӯ мехост бигӯяд, ки саги бесоҳиб барин хору зор шуда мурд, лекин нагуфт, ҳоҷати шарҳ набуд, бе ин ҳам вазъият маълум буд.

Едигей ҳанӯз аз айёми баргаштанаш аз ҷанг дар дуроҳаи Бӯранлӣ, яъне Бӯронӣ, хидмат мекард ва аз ин сабаб ҳама дар ин ноҳия ӯро Едигейи Бӯронӣ меномиданд. Вай дар рӯйи тахтакати худ бо сари хам, чеҳраи гирифта, дастони решаи дарахт барин дурушт ва калон-калони вазнинашро рӯйи зону гузошта менишаст. Лапари фуражкаи фарсудаи равғанолуд ба чашмонаш соя меафканд. Ба хаёл рафта буд Едигейи Бӯронӣ.

– Чӣ кор мекунем акнун? – садо баровард занаш.

Едигей сар бардошта, ба занаш бо захрхандае нигоҳ кард.

– Чӣ кор мекунем? Чӣ кор мекунанд дар ин ҳолат? Дафн мекунем. – Вай чун одаме, ки ба як қарор омадааст, аз ҷой бархост. – Ту, занак, медонӣ-чӣ? Ту зуд баргард. Аввал ба гапи ман гӯш кун.

– Гӯшам ба ту.

– Усмона бедор кун. Сардор бошад ҳам, майлаш, бедор кун, дар пеши аҷал мартабаи ҳама бад-баробар. Бигӯ, ки Қазонқоп аз олам гузашт. Чилу чор сол дар як ҷо кор кард вай. Вақте ки Қазонқоп ба ин ҷо омада кор сар карда буд, сага аз сар то пояш тилло резӣ, ба ин гӯшаи Сари Озек намеомад. Қади умри мӯйсафед аз ин ҷо чӣ қадар қаторҳо гузаштаанд, шумурам гӯй, мӯйи сарат намерасад... Бигӯ, ки фикр карда бинад. Ана ҳамту бигӯ. Исто, боз гӯш кун...

– Гӯшам ба ту.

– Ҳамаро аз як сар бедор кун. Тирезаҳояшона тақ-тақ зан. Худамон чӣ қадарем – ҳамагӣ ҳашт хонавода... Ҳамаро бедор кун. Ҳамин хел як одам мурдааст, имшаб ягон кас набояд хоб кунад. Ҳамаро бедор кун.

– Рафту ҷанҷол кунанд, чӣ?

– Кори мо хабар додан, ҷанҷол кунанд, кардан гиранд. Бигӯ, ки ман фармудам, ки ҳама бедор шаванд. Виҷдон ҳам даркор ба кас. Исто!

– Боз чӣ?

– Аввал ба пеши навбатдор даро. Имшаб Шоймардон диспетчер. Бигӯ, ки воқеа ана ҳамту, фикр карда бинад. Шояд ба ҷойи ман ягон касро ёбад. Сонӣ ба ман хабар диҳад. Фаҳмидӣ, ана ҳамту бигӯ!

– Мегӯям, мегӯям, – ҷавоб дод Уқубала, баъд ба мисли он ки чизи аз ҳама муҳимтари бемаврид фаромӯш кардаашро ба ёд оварда бошад, бо оҳанги гунаҳкорона гуфт: – Ана халос! Бачаҳояш чӣ? О аввал ба онҳо хабар расонидан лозим. Албатта! Падар мешавад-а...

Едигей ин гапро шунида, абрӯвонашро гиреҳ кард, андомаш боз тиратар гардид. Чизе нагуфт.

– Хоҳ нағз бошад, хоҳ ганда, фарзанд-дия, – таскиномез суханашаро давом медод Уқубала. Вай медонист, ки гапҳо ба гӯши Едигей намефорад.

– Э худам ҳам медонам, – даст афшонд Едигей. – Чӣ, ба хаёли ту ман ҳеҷ фаросат надорам? Медонам, ки бачаҳояшро хабар додан лозим. Лекин агар ихтиёр ба ман мешуд, намемондам, ки пайи қадамашон ба ин ҷоҳо расад!

– Едигей, ин тарафаш кори мо не. Мон ки биоянд, бо дасти худашон гӯру чӯб кунанд. Набошад, сонӣ гапу гапча чунон мӯл мешавад, ки ...

– Хайр, ман чӣ гуфтам? Не гуфтам? Омадан гиранд.

– Писараш аз шаҳр расида омада метавониста бошад?

– Дилаш бошад, метавонад. Ҳанӯз парерӯз вақти ба истгоҳ рафтанам, тилгиром фиристода будам. Гуфтам, ки аҳвол чатоқ, падарат дар дами марг. Боз чӣ даркор! Худаша ин қадар доно метарошад, наход нафаҳмад!..

– Хайр, инту бошад, майлаш, – ба гапҳои шавҳараш розӣ шуд Уқубала, вале азбаски дар замири дил ҳанӯз андешаҳои изтиробангезашро давом медод, бо оҳанги ташвишомез гуфт: – Хуб мешуд, ки ҳамроҳи занаш меомад. Ба ҳар ҳол бегона не, падаршӯ мешавад...

– Ун тарафаш кори худашон. Инту кун, инту накун гуфтан чӣ ҳоҷат? Кӯдак не-ку!

– Ҳа, рост, ҳамту-куя, лекин бо вуҷуди он... – гуфт Уқубала дар ҳоле ки дилаш ҳанӯз аз шубҳа озод нашуда буд.

Онҳо муддате хомӯш нишастанд.

– Хайр, ту бирав, вақт нагузарад, – хотиррасон кард Едигей.

Аммо занаш ҳоло дар дил гап дошт.

– Духтараша мегӯям-а, Ойзодаи шӯрбахта мегӯям... Вай дар истгоҳи калон... Шӯяш як арақхӯри худо задагӣ, бачаҳояш лӯла-кулӯла... Охир вай ҳам бояд ба маросими дафн расида ояд.

Едигей беихтиёр табассум намуд, ба китфаш занаш навозишкорона даст расонид.

– Ана халос... Акнун ту аз барои ҳар кадомаш алоҳида ғам хӯрда, сӯхта мешинӣ... Роҳи хонаи Ойзода як қадам, саҳарӣ ягон кас ба истгоҳ рафта, хабар мерасонад. Меояд, албатта. Лекин ту, занак, ақлата кор фармо – ҳам аз Ойзода, ҳам аз Собитҷон, хусусан аз Собитҷон, бо вуҷуди он ки писар мешавад, мард ном дорад, як пула нафъаш намерасад. Ана мебинӣ, меоянд, ҳа, роҳа ёфта меоянд, аммо меҳмон барин дар як гӯша рост меистанд, мурдая боз худамон гӯру ҷӯб мекунем, ҳа, кори мешудагӣ ҳамин... Бирав, бирав, корҳои ман гуфтагия кун.

Уқубала аз кулба баромад, баъд аз роҳ гаштан бозмонда, даме хаёломез рост истод ва сонӣ боз ба раҳаш идома дод. Вале ин дафъа ӯро Едигей аз роҳ дошт:

– Аз ёдат набарор, аввал ба пеши навбатдор даро, ба пеши Шоймардон, ба ҷойи ман ягон касро фиристонад, ман сонӣ ба ҷойи вай кор мекунам. Худораҳматӣ дар хонаи хилват хобидааст, дар пешаш ягон кас нест, нағз не... Ана ҳамту бигӯ...

Занаш ба аломати ризо сар ҷунбонду ба роҳаш рафт. Ин дам дар рӯйи лавҳаи дистансионӣ асбоби хабардиҳанда чароғаки сурхашро даргиронида, ба ғурриш даромад. Ба дуроҳаи Бӯронӣ қатораи наве наздик меомад. Аз рӯйи супориши навбатдор ин қаторро аз роҳи эҳтиётӣ ҷой додан лозим, то ки қатори дигар, ки аз тарафи муқобил меояд ва низ ба дуроҳа наздик расидааст, бемалол он сӯ гузашта равад. Кори муқаррарӣ.

То даме ки қаторaҳо ба роҳи худ гузашта рафтанд, Едигей гоҳ-гоҳе ба сӯйи Уқубала назар меафканд, ки аз паҳлӯи роҳ равон буд. Гӯё боз ягон гапи таъйиннокардааш монда бошад. Гапи мегуфтагӣ, албатта, ёфт мешавад. Маросими дафн кори ҳазл не, ҳазор як майда-чуйда дорад. Аммо Едигей на аз барои ин сӯйи занаш нигоҳҳо меафканд. Вай акнун, худи ҳамин дам бо алам пай бурд, ки занаш вақтҳои охир хеле пир шудааст, қоматаш хам гаштааст ва инро дар партави зарди чароғи сари роҳ надидан мушкил буд.

«Пир шудем-дия, – аз дил гузаронид ӯ, – Мана оқибат: чолу кампир!». Саломатӣ, шукр, бад нест, тану ҷон ҳоло бақувват, лекин синнаш ба ҷое расидааст, шастсола шудааст, аниқтар ҳисоб кунад, ба шасту як қадам монд. «Ана-мана нагуфта, ду-се соли дигар мегузараду эҳтимол ба нафақа баро, гӯянд» – худ ба худ гуфт Едигей бо заҳрханда. Аммо вай медонист, ки ба ин қарибиҳо ба нафақа намеравад. Ба ҷойи вай дар ин ҷоҳо одам ёфтан кори осон нест. Едигей нозири роҳ ва коргари таъмиргар аст, баъзан, агар ягон кас нотоб шуда монад ё ба таътил

биравад, вазифаи роҳкушоро ҳам худаш адо менамуд. Ба ҷойи вай кӣ меояд? Магар ки ба хотири музди иловагӣ биояд, ки барои дурафтода ва беоб будани ин ҷоҳо медиҳанд. Аммо гумон-дия. Дар байни ҷавонҳои ҳозира ин хел одам ёфт мешавад?

Барои зиндагӣ кардан дар дуроҳаи Сари Озек дили бутун даркор, набошад, нобуд мешавӣ. Дашт ҳадду каноре надорад, одам дар пеши вай як зарра. Даштро ба ҳоли ту коре нест, аҳволат хуб аст ё бад, барои вай бадбаробар. Ана ҳамин хел аст дашт ва дигар ҳам намешавад, аммо инсон ба ҳоли дунё бепарво буда наметавонд, ғам мехӯрад, хаёл мекунад, ки дар ҷойи дигар, дар миёни одамони дигар мешуд, кораш барор мегирифт ва бахташ баргашта будааст, ки ба он ҷоҳо афтодааст... Ва, инак, дар пеши салобати дашти бузурги бешафқат дил бой медиҳад, яъне аккумулятори мотосикли сечархаи Шоймардон барин мадори дилаш хушк мешавад. Соҳибаш он мотосиклро эҳтиёт мекунад, на худаш савор мешавад, на ба касе медиҳад. Мошин бекор-бекор мехобад ва ҳамин ки зарур шуд, мотораш дарнамегирад, чунки қуввати оташдиҳандааш тамом шудааст. Одами ба дуроҳаи Сари Озек афтода ҳам ба мисли ҳамин, агар ба кор начаспад, дар ин дашт реша наронад, одат накунад, – тамом, тоқат карда наметавонад. Баъзеҳо аз тирезаи вагонҳои даргузар нигоҳ карда, гиребонашонро медоранд: ё тавба, мегӯянд, одамон дар ин ҷо чӣ тавр зиндагонӣ мекарда бошанд?! Ба ҳар тараф, ки бингарӣ, фақат дашту уштур, дашту уштур! Хайр, чӣ илоҷ, зиндагӣ мекунанд. Сабру тоқаташ чӣ қадар ки бошад, ҳамон қадар зиндагонӣ мекунад. Се сол, ё зӯраш расад, чор сол бардошт медиҳад. Баъд ариза дода, ҳисобӣ мекунаду меравад. Тамом, вассалом.

Дар дуроҳаи Бӯронӣ фақат ду кас ҳамаи умри худ тоб оварда тавонист: Қазонқопу вай, яъне Едигейи Бӯронӣ. Дар ин муддат чӣ қадар одамон омада рафтанд! Дар бораи худ чизе гуфтанаш мушкил, дандон ба дандон монда, тоқат мекард, сар хам намекард, аммо Қазонқоп дар ин ноҳия чиҳилу чор сол заҳмат кашид. На барои он ки аз дигарҳо гӯлтар буд. Ба Едигей бигӯянд, як худи Қазонқопро ба даҳ каси дигар иваз мекунӣ? Не мегӯяд... Мана акнун вай ҳам бирафт. Нест дигар Қазонқоп...

Қаторҳо ба роҳҳои худ гузашта рафтанд. Яке ба шарқ бирафт, дигаре ба ғарб. Дуроҳаи Бӯронӣ муддате холӣ гардид. Ва ҳама чизе ки дар атроф буд, баногоҳ равшантар аён шуд. Ситораҳои осмон гуё дурахшонтар, ба назар намоёнтар шуданд, бод ҳам шасти худро афзуда, дар сари пуштаи роҳ, миёни шпалҳо ва сангрезаи байни релсҳое, ки

аранг-аранг ғуввос мезананд ва гоҳ-гоҳ садои шиқиррос заданашон ба гӯш мерасид, сайри худро давом медод.

Едигей ба кулбааш надаромад. Ба симчӯб такя намуда, ба хаёл рафт. Дар пеш, дар он сӯйи роҳи оҳан шабаҳи хираи уштуронро дид. Онҳо зери партави моҳ дар мобайни дашт ноҷунбон истода, шабро мегузарониданд. Ва аз байни онон Едигей уштури каллакалони дукӯҳони худро шинохт, ки дар Сари Озек тавонотарин ва хушрафтортарини уштурон буд ва бо соҳибаш ҳамлақаб буда, Қаранори Бӯрониаш мехонданд, Едигей онро дӯст медошт, фахр мекард. Дар нерӯ беназир буд, аммо, рости гап, идора карданаш ҳам осон набуд. Чунки Қаранор айғир буд, Едигей дар хурдиаш ахта накард, сонитар ба кор дасту дилаш нарафт.

Едигей дар дилаш гуфт, ки фардо дар қатори дигар корҳо бояд барвақттар Қаранорро ба хона оварда, зин занад. Барои саворӣ бояд дар маросими ҷаноза даркор мешавад. Ба сари Едигей боз ҳар гуна андешаҳо меомаданд.

Сокинони дуроҳа ҳанӯз дар хоби роҳат буданд. Қасабаяки Бӯронӣ аз чанд бинои хурди идора, шаш хонаи бомаш шиферпӯш, ки як вақтҳо идораи роҳи оҳан сохта буд, аз хонаи бо дасти худ бинокардаи Едигей ва кулбаи похсагини Қазонқоп иборат буду бас. Оташдонҳои дар саҳни ҳавлиҳо, ҳар гуна хонача ва анборҳои ин ҷо-он ҷо воқеъгашта, ҳисоракҳои девораш най барои нигоҳ доштани чорво ба ин ҳисоб, албатта, намедароянд. Дар мобайни қасаба бинои насоси обкашак воқеъ шуда буд, ки онро бод ба гардиш меовард ва ҳар гоҳ лозим шавад, ба кор меандохтанд. Дар худи ҳамин ҷо обкашаки дастӣ ҳам буд, ки солҳои охир пайдо шуда буд.

Хулосаи гап, ки ин қасаба дар сари роҳи бузурги оҳан, дар миёнаи дашти бузурги Сари Озек воқеъ гашта буд ва ҳалқаи майдаяке буд дар силсилаи чун рагҳои хунгузар сершохаи дуроҳаҳо, истгоҳҳо марказҳо ва шаҳру қарияҳои дигар... Ҳа, дар як ҷойи кушод, дар гузаргоҳи ҳама бодҳои олам ва хусусан бодҳои зимистонӣ воқеъ гашта буд, ки бӯронҳои он манзилгоҳҳои Сари Озекро то ба тиреза аз барф пур мекард ва дар сари роҳи оҳан теппаҳои гарони барфин месохт... Ана аз ҳамин сабаб ин дуроҳаи даштӣ Бӯронлӣ – Бӯронӣ ном дошт ва лавҳаи номаш ҳам ба ду забон навишта шуда буд: ба забони қазоқӣ Бӯронлӣ, ба русӣ – Бураный...

Пеш аз он, ки дар роҳҳо ҳар гуна мошинҳои барфтозакунак – мошинҳое, ки барфро фурӯ кашида, сонӣ тирвор ба як тараф пуф мекунанд ва мошинҳое, ки бо теғҳои азимашон барфро тела дода, ба канор

мебароранд, қабл аз он ки ин хел ва дигар гуна мошинҳо пайдо шаванд, ба Қазонқоп ва ӯ лозим омада буд, ки бо барфтӯдаҳои сари роҳ ҷони худро ба каф гирифта талош кунад. Гӯё ки то ҳамин қарибиҳо аҳвол чунин буд. Зимистони солҳои панҷоҳу якум ва панҷоҳу дуввум басо қаҳратун омада буд. Дар майдони ҷанг гоҳо ҳамин гуна ҳоле ба миён меомад, ки одам бояд ҳаёту мамоти худро ба адои як супориш харҷ кунад, масалан, барои як ҳамла, барои як даста граната партофтан ба зери танки душман... Дар ин ҷо ҳам аҳвол ҳамин гуна буд. Касе дар қасди ҷони онон наафтода бошад ҳам, худашон ҷон ба каф гирифта, кор мекарданд. Чӣ қадар барфтӯдаҳоро дастӣ бел мекарданд, бо чанаю чигинаҳо мекашониданд ва ҳатто дар километри ҳафтум, он ҷое ки роҳи оҳан аз пастӣ, аз мобайни теппа бурида мегузарад, барфро ба халтаҳо андохта, ба боло ба сари теппа мебароварданд. Ва ҳар дафъа ба назарашон чунон мерасид, ки ин охирин талоши онҳост бо гирдбоди бӯронӣ ва аз ин сабаб рамақе ба ҷонашон намонад ҳам, бояд талош кунанд, коре кунанд, ки фарёди парвозҳоро дар ин дашти бекарон «Роҳ диҳед! Ро-оҳ!» гӯён дод гуфтани онҳоро дигар нашунаванд!

Аммо он барфҳо об шуданд, он қаторҳо ва он солҳо гузашта рафтанд... Акнун касе ёди онҳоро намекунад. Гӯё афсона барин, буду набуд. Кормандони роҳ акнун ба ин ҷо аз маврид ба мавриде меоянд. Инҳо, бригадаҳои нозирону таъмиргарон ҳамагӣ одамони серғавғоянд. Нақл кунӣ, бовар намекунанд, ба худ тасаввур карда наметавонанд, ки роҳи оҳанро дар дашти Сари Озек барф зер мекардаасту фақат чанд нафар бел дар даст онро тоза мекардаанд! Муҳобот накунед-е! – мегӯянд онҳо. Баъзеҳошон рӯйирост масхара мекунанд: чӣ зарур буд ба ҷонатон? Кӣ шуморо маҷбур кард, ки худатонро азоб дода, ҷон ба таҳлука андохта, ин корро кунед? Ба хотири чӣ? Ҳамин корро ба мо супоранду ҷавоб шунаванд, ҳа! Бардоред дову дастгоҳатона, ба саратон занед, мегуфтему ба ҷойи дигар мерафтем, ки тартибу интизом бошад. Яъне фалон қадар кор кардӣ, марҳамат, ҳаққата бигир. Мабодо ягон кори фаврӣ баромада монад, марҳамат, мардумро ҷамъ кунед, аммо ҳаққи иловагиро тайёр кунед... «Шумо пиракиҳоро аҳмақ ёфтаанд, сазои саратон, ҳамин тавр гӯлу гумроҳ мурда меравед!..»

Аз ҳамин қабил маҳмаддоноҳои «ҳақшинос» яке ҳамсӯҳбат шавад, Қазонқоп ба суханҳояшон аҳамият намедод, гӯё ба ӯ дахл надошта бошад. Фақат худ ба худ заҳрханда мекард, гӯё дар дилаш гапе дошта бошад, ки ақли онҳо намерасад. Аммо Едигей тоб оварда наметавонист, оташин мешуд, мешӯрид, баҳс карда, дили худашро худаш хун мекард.

Лекин Едигею Қазонқоп байни худ дар ҳар хусус сӯҳбатҳо мекарданд. Ҳам дар бораи он корҳое, ки ин зотҳои роҳгузари савори вагонҳои назорату таъмир масхара мекарданд, ҳам дар хусуси бисёр дигар масъалаҳо. Аз солҳои пеш бо ҳам дарди дил изҳор мекарданд, ба қадре ки фаҳмашон мерасид, дар бораи зисту зиндагонӣ андешаҳои худро ба ҳамдигар мегуфтанд. Он вақтҳо ин маҳмаддоноҳо ҳанӯз кӯдак буданд, мавизро кака мегуфтанд. Ҳа, онҳо бисёр солҳо инҷониб – аз худи соли чилу панҷум то ба нафақа баромадани Қазонқоп роздони ҳамдигар буданд. Қазонқоп ба нафақа баромаду кораш барор нагирифт: акнун дар хонаи писарам зиндагонӣ мекунам, гуфта ба шаҳр рафту баъди се моҳ баргашт. Ана ҳамон вақт онҳо дар хусуси пасту баландиҳои олам сӯҳбати дурударозе доштанд. Марди хирадманде буд Қазонқоп. Дар хотири Едигей бисёр чизҳо мондааст... Ва Едигей банохост возеҳу равшан дарк намуд, ки акнун аз дӯсташ фақат хотирае боқӣ мондааст ва дилаш аз хурӯҷи дарду ҳасрат лабрез шуд...

Ӯ ба кулба ворид шуд, аппарати овоз шириқ-шириқ садо бароварду микрофон ба кор даромад. Аз даруни ин асбоби фалакзада аввал садои тундбод барин ғур-ғур фиш-фиш паҳн шуду сонӣ овози одам баромад:

– Едике, алё Едике, – хиррос мезад Шоймардон, диспетчери навбатдори дуроҳа, – овозамро мешунавӣ? Гап зан!

– Ҳа, мешунавам!

– Ту овозамро мешунавӣ?

– Ҳа, ҳа шунида истодаам!

– Овозам чӣ хел шунида мешавад?

– Аз он дунё гап задагӣ барин!

– Барои чӣ аз он дунё?

– Надонам.

– А-а... Яъне мӯйсафеди Қазонқоп унзайлин шудааст-дия!

– Изайлин!

– Яъне ки мурдааст. – Шоймардон зӯр мезад, ки суханҳои ба маврид муносиб дарёбад. – Чӣ гӯям? Яъне ки унзайлинаш, вай, ҳоло номаш чӣ буд, роҳи бошарафонаи зиндагиаш ба охир расидааст.

– Ҳа, – мухтасар ҷавоб дод Едигей.

«Мур, ту ҳайвони бемағз, – аз дил гузаронд ӯ, – дар хусуси марги инсон ҳам одам барин гап зада наметавонад».

Шоймардон дақиқае хомӯш монд. Аз микрофон садои боз ҳам баландтари хиш-хишу ғиҷиррос ва фаш-фаши нафаскашӣ баромад. Пас боз хирроси Шоймардон шунида шуд:

– Едике, акаҷон, лекин ту унзайлин накун, сари мана гаранг накун. Хайр, мурдааст, акнун чӣ, илоҷ... Ман одам надорам. Ба пеши мурда рафта шиштанат чӣ лозим? Мурда гашта унзайлин, яъне ки зинда намешавад-ку, ба хаёлам...

– Ба хаёли ман, каллаи ту кор намекунад! – ба ғазаб омад Едигей. – «Сарама гаранг накун» мегӯяд-а! Ба омадани ту ду сол шудааст, ману вай дар ин ҷо сӣ сол ҳамроҳ кор кардем. Ту каллая кор фармо. Аз миёни мо як кас вафот кардааст. Мурдаро дар хонаи хилват танҳо намемонанд, мумкин не.

– Вай аз куҷо медонад, ки унзайлин аст, яъне ки танҳо аст.

– Вай надонад, мо медонем!

– Хайр, мӯйсафед, дӯғ назан, унзайлин, мағал макун!

– Ман ба ту фаҳмонида истодаам.

– Хайр, охир чӣ мехоҳӣ? Ман одам надорам. ба он ҷо рафта, чӣ кор мекунӣ? Аз ду сар шаб торик, ҳеҷ кас нест.

– Ибодат мекунам. Расму оина адо мекунам. Дуо мехонам.

– Дуо мехонӣ? Ту, Эдигейи Бӯронӣ?

– Ҳа, ман. Ман дуоҳоя медонам.

– Ана халос. Ҳокимияти Советӣ, унзайлин, шастсола шудаасту...

– Гапа дароз накун, Ҳокимияти Советӣ ба ин ҷо чӣ дахл дорад! Аз замони қадим як одам мурад, дигарҳо ба арвоҳаш фотиҳа мехонанд. Инсон мурдааст, фаҳмидӣ, ҳайвон не!

– Хайр, фотеҳа хон, фақат унзайлин накун, дӯғ назан. Ба Одилбои дароз одам мефиристам. Розӣ шавад, меояд. Ба ҷойи ту унзайлин, навбатдорӣ мекунад. Ҳозир унзайлин кун, яксаду ҳабдаҳум наздик меояд, ба роҳи дуввуми эҳтиётӣ гузарон...

Овози Шоймардон қатъ гардид, садои шириққӣ кардани аппарати гуфтугӯ шунида шуд. Эдигей ба ҷойи роҳкушоӣ равон шуд. Ӯ бо кори худ машғул буду дар дилаш фикр мекард, ки оё Одилбой розӣ мешуда бошад, оё меомада бошад? Як назар дид, ки тирезаи баъзе хонаҳо равшан шуд, дар дилаш умед пайдо гардид. Одамон, охир виҷдон доранд. Мана ак-аки сагҳо ба гӯш расид. Пас, занаш бӯрониҳоро аз хоб бедор карда, хабари ҷанозаро мерасонд.

Яксаду ҳабдаҳум омада, дар роҳи эҳтиётӣ қарор гирифт. Аз дигар тараф қатори нафткаш омад. Аз сар то дунболаш фақат махзани нафт. Қаторҳо ба роҳҳои худ рафтанд; яке ба шарқу дигар – ба ғарб...

Соат аз яки шаб гузашта буд. Ситораҳои осмон дурахшонтар мешуданд, ҳар як ситора ҷудогона медурахшид. Моҳ ҳам дар сари дашти Сари

Озек равшантар нурафшонӣ мекард. Гӯё як навъ қувваи тозаю торафт афзояндаи иловагӣ пайдо карда буд. Дар зери гунбади ситоразор то ба дуродур дашти нопайдоканори Сари Озек доман паҳн карда мехобид. Фақат шабаҳи уштурон – дар байни онҳо азамати қӯшкӯҳони Қаранори Бӯронӣ ва тарҳи хираи теппаҳои наздиктарин ба назар мерасиду боқимондаи масоҳати дашт аз ҳар ду самти роҳи оҳан ба торикии беинтиҳои шаб рафта мепайваст. Бод ҳам ором намешуд. Пайваста ҳуштак мекашид ва хасу хошоки биёбонро хиширросзанон ба ҳар сӯ меронд.

Едигей гоҳ ба кулба медаромад, гоҳе мебаромад, чашмаш ба роҳи Одилбои Дароз чор буд. Нохост назараш ба ҷонвараке афтод. Чашмони сабзгунаш милт-милт метофтанд. Худаш дар зери сутуни телеграф меистоду на як қадам пеш меомад, на ба қафо мерафт.

– Э, ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ! – гуфт Едигей бо ангушташ шӯхиомез таҳдид карда. Рӯбоҳ нарамид. – Ина бинед-а! Ҳоло ман туро! – Едигей пой бар замин кӯфт.

Рӯбоҳ каме дуртар рафту боз нишаста, ба ӯ рӯй гардонид. Вай чашмони маҳзунашро аз ӯ наканда, бо диққат нигоҳ мекард. Ҳа, ё ба андоми ӯ нигоҳ мекард, ё ба чизи дигаре дар наздики ӯ. Ӯро ба ин ҷо чӣ оварда бошад; Чароғҳои электр ҷалб карда бошандаш, ё аз гуруснагӣ омада бошад? Дар ин ҷо пайдо шудани рӯбоҳ ба назари Едигей ғалатӣ менамуд. Хайр, модоме худи сайд пеши сайде омадааст, сангеро бардошта, якта фарорад, чӣ? Едигей даст-даст карда, санги калонтареро бардошт. Нишон гирифта, даст кашиду нохост аз нияташ баргашт. Сангро ба зери пояш партофт. Баданашро арақ зер кард. Воаҷабо, ба сари одам чӣ хаёлҳое меомадаанд! Худи хобу хаёл барин-а! Рӯбоҳро нишон гирифта, заданӣ буд, ки баногоҳ як ривоят ба ёдаш расид. Ҳоло дар хотир надорад, ки ровӣ кӣ буд: яке аз он зотҳои роҳгузар, ё суратгире, ки бо ӯ дар хусуси худову пайғамбарон сӯҳбат карда буд, ё ягон каси дигар. Э не, Собитҷон нақл карда буд, ҷин занад вая, доимо аз аҷоиботу ғароибот мелаққад, шунаванда бошаду даҳанашро яла карда гӯш андозад, шуд. Ҳа, Собитҷон, писари Қазонқоп нақл карда буд, ки баъди мурдан ҷони одам ба тани дигар ҷонварҳо кӯчида медаромадааст.

**Савол ва супориш:**

1. Қадамҳои аввалини Чингизро дар зиндагӣ шарҳ диҳед.
2. Зинаҳои таҳсили ӯро бигӯед.
3. Фаъолияти адабиашро чӣ гуна оғоз кард?

4. Аввалин асари бадеии ӯ дар кадом жанр навишта шуд ва чӣ ном дошт?
5. Повести аввалини нависандаро гуфта диҳед.
6. Мавзӯъҳои осори адабиро баён кунед.
7. Мақоми асотиру афсонаро дар эҷодиёти адиб шарҳ диҳед.
8. Порчаро аз романи «Дуроҳаи бӯронӣ» хонда, мазмунашро шарҳ диҳед.

## Фантастикаи илмӣ ва бадеӣ

Фантастика як навъи эҷод аст, ки заминаи тахайюлӣ дорад. Фантастика навъҳои гуногун, аз ҷумла, фантастикаи илмӣ, фантастикаи иҷтимоӣ, фалсафӣ, бадеӣ ва ғайра дорад. Дар адабиёт назму насри фантастикӣ имрӯз ривоҷ ёфтааст.

Ду навъи фантастика – илмӣ ва бадеӣ машҳур аст. Фантастикаи илмӣ дар миёнаи асри XX ба вуҷуд омада, адабиёти оммафаҳм ва моҷарописандӣ асоси он будааст. Асосгузори ин жанр нависандаи франсавӣ Жул Верн буд, ки асарҳояшро дар заминаи ба таври эҷодӣ ба ҳам пайвастани унсурҳои асотиру афсонаҳои қадима ва фантазияҳои густохонаи илмии замонаш офаридааст. Жул Верн дар асоси қиссаи саргузаштии моҷароописандӣ шоҳасарҳои фантастикаи илмиро эҷод кард.

Нависандаи англис Ҳерберт Уэллс дар заминаи фантастикаи илмӣ ба адабиёти фантастикӣ ё худ фантастикаи бадеӣ асос гузошт. Дар асарҳои вай ба ҷойи саргузаштҳои моҷароописанд, ки дар заминаи тафаккури илмӣ сохта мешуданд, тақдир ва сарнавишти инсон дар ҷойи аввал буд. Ба ибораи дигар, ин нависанда мантиқи инкишоф ё татбиқи амалии ғояи илмиро пайваста ба тақдиру характерҳои одамӣ ва алоқаманд бо низоъҳои фоҷианоки инсону техника тасвир кард. Нависандагоне, ки ба ин тарз асар меофариданд, кӯшиш менамуданд, ки фақат ҷараёни пайдоиш ё ташаккули ғояҳои илмӣ ва ё ихтирооти техникӣ, балки пеш аз ҳама таъсири онҳоро ба қисмат ва амалу кирдори одамӣ аз назар гузаронанд ва ба ин восита натиҷаи кашфиёти мазкурро мавриди тафсиру андешаи амиқи бадеӣ қарор диҳанд. Ба воситаи ин гуна асарҳо мушкилоти ҳаёти инсон ва замонаро ба миён гузоранд. Асарҳои фантастикии Карл Чапек, Алексей Толстой, Станислав Лем, Олдокс Ҳаслӣ, Айзек Азимов ва дигарон ба ҳамин навъи фантастикаи бадеӣ дохил мешавад.

Доир ба моҳияти фантастикаи бадеӣ ҳанӯз нависандаи рус Ф. Достоевский хеле равшан навишта буд: «Дар санъат ҷанбаи фантастикӣ ҳадде ва қонуне дорад. Тасвири фантастикӣ бо ҳаёти воқеӣ бояд то андозае наздик бошад, ки Шумо ба он тақрибан бовар кунед». Достоевский қонунияти фантастикаро кушоду равшан баён кардааст. Дар ҳақиқат ҳам асотири бостонӣ, ҳам асарҳои реалистию фантастикии Гогол, Булгаков ё Маркес ва ҳам фантастикаи илмӣ танҳо ба нисбати қаробати худ бо рӯйдодҳои воқеӣ боварибахшанд. Тахайюли фантастикӣ ин ё он ҷиҳати зиндагонии воқеиро гирифта, барҷаставу назаррас карда нишон медиҳад. Хаёлоти фантастикиро Чингиз Айтматов «истиораи зиндагӣ» номида, таъкид мекунад, ки «дар асри мо ба маҷозу истиораҳо зарурате пайдо шудааст ва сабаби ин ҳол на фақат дар он аст, ки кашфиёти илму техника сар ба арсаи фантастика даровардааст. Сабаб дар он аст, ки оламе, ки мо зиндагонӣ мекунем, оламе, ки аз ихтилофоти иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ ба изтироб афтодааст, худ олами фантастикист». Чингиз Айтматов бори аввал дар таҷрибаи эҷодиаш дар романи «Дуроҳаи бӯронӣ» аз сужети фантастикӣ истифода кард. Истифода аз фантастикаро нависанда «як навъ усули тафаккур, яке аз василаҳои таҳқиқу тафсир» медонад. Воқеан ҳам ҳодисаҳое, ки дар романи «Дуроҳаи бӯронӣ» бо тамаддуни кайҳонӣ алоқаманданд ва ҳодисоти дигаре, ки алоқаманд бо он рух медиҳанд, ҳеҷ гуна заминаи ҳастӣ надоранд. Чунон ки худи нависанда таъкид мекунад, «дар ҳеҷ кадом гӯшаи олам космодромҳои Невада ё Сари Озек вуҷуд надоранд. Ду ҷаҳони мухталиф – ду системаи гуногунро сарфи назар аз воқеияти таърихӣ, чун қоидаи бозӣ ва ба куллӣ шартан пазируфтаам. Ҳамин воқеоти кайҳониро фақат бо нияте бофта баровардаам, то он вазъиятеро, ки барои сокинони сайёра хатари билқуввaӣ дорад, дар шакли фавқуллода муболиғаомез нишон диҳам». Фантастикаи бадеӣ дар адабиёти тоҷик жанри нисбатан нав буда, солҳои шастум бо повестҳои М. Миршакар «Дурдонаҳои Амрита» шурӯъ мешавад. Баъд ҳикояву қиссаҳои фантастикии А. Баҳорӣ, Адаш Истад ва дигарон паси ҳам нашр шудаанд. Асарҳои фантастикии Абдумалик Баҳорӣ «Занбӯри айнакдор», «Аҷоиботи Нодар», «Бозгашт» ва Адаш Истад «Мавҷи тамаддун», «Рашк», «Пахтачормағз» ва ғайра дар заминаи фантастикаи илмӣ эҷод шуда, масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ ва ҳимояи муҳити зистро ба миён гузоштаанд.

## Маънавияти миллӣ ва адабиёти бадеӣ

*Маънавият – нерӯйи беназирест, ки инсонро ба покшавии рӯҳӣ, инкишофи қалбӣ ҳидоят намуда, олами ботинӣ, иродаи одамро бақуввват, имону эътиқодашро комил, виҷдони ӯро бедор мекунад, меъёри тамоми ақидаи вай аст.*

*И.А. Каримов*

Маънавият ба сифати қисми таркибии илми адабиёт дар ҳаёти маънавию иҷтимоии ҷомеаи башар, аз нахустин рӯзи ба арсаи ҳастӣ вуруд омадани худ, ҳамешагӣ аввал бо хусусияти миллӣ ва пайваста бо фарогирии ҷанбаҳои олами маънавии умумиинсонӣ мавриди баррасӣ буд. Маънавият дар ташаккули олами равонии ҳар як халқу миллат нақши муҳим дорад. Ба туфайли маънавият мероси адабии халқ дар ин ё он шакл аз насл ба насл гузашта, ба туфайли он омилҳои хоси олами рӯҳиву равонии халқ дар шакли воҳиди томи таърихӣ бардавом боқӣ мемонанд.

Дар давраҳои муайяни таърихӣ бо сабабҳои айниву зеҳнӣ гусаста гардидани риштаҳои нозуки маънавияти халқ боиси фалаҷ шудани ҳаёти фарҳангии он ё дар зулмоти тор қарор гирифтани адабиёти хаттиву шифоҳии он мешавад. Бинобар ин ҳифз доштани маънавият низ яке аз вазифаҳои адабиёт бошад, пос доштани ин адабиёт дар навбати худ яке аз вазифаҳои маънавият аст.

Маънавиятро агар соддатар шарҳ доданӣ бошем, он олами мафкура, олами қалбу шуури инсон аст. Халқ ё ҷамъияте, ки маънавият дар ҳаёти он мавқеи воло касб мекунад, дар шоҳроҳи таърих ҳамеша машъалафрӯз будааст. Ва албатта он халқе, ки маънавияти он дучори бӯҳрони иҷтимоӣ шудааст, маҳкум ба бадбахтиву тирарӯзиҳо аст.

Адабиёти бадеӣ дар ташаккул додани маънавияти комили миллӣ нақши хеле муҳим мебозад. Чуноне, ки мусаллам аст, ҳар ҷомеаи инсонӣ тибқи сохти иҷтимоӣ ва иқтисодии худ, мувофиқи завқу фаҳмиш ва талаботи аҳли ҷомеа фарҳанге ба вуҷуд меорад. Шумо аз саҳифаҳои ин китоб донистед, ки адибон дар ҳар давру замон баробари ифодагари орзуву армони халқи замони худ будан, ҳамвора ба тарғибу ташвиқи роҳҳои беҳтар намудани ҳаёти инсон пайваста асарҳо меофаридаанд. Онҳо барои баланд бардоштани сатҳи маънавияти халқ образҳое ба вуҷуд меоваранд, ки маҷмӯи тавсифоти неку бади ҷомеаро дар худ таҷассум намуда, дар дили ҳар як хонанда як нуқтаи бурріше пайдо

мекунанд. Ба истилоҳе аҳли адаби замон ҳассостарин унсури олами рӯҳӣ ва маънавӣ буда, санги тарозуи маънавияти ҷомеа аксаран тавассути килки сеҳрофари он ба иҷрои нақш мепардозад.

Зимнан бояд таъкид намоем, ки мавриди офарида шудани асарҳои фарогири ҳаёти халқу ҷомеа, адибон тавассути маҳсули эҷоди худ, дар ташаккули фазилатҳои хуби инсони комил, ки ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар пояи умумибашарӣ олитарин зот будани одамро зуҳур намояд, саҳми басо арзанда мегузоранд. Агар дар як зумра асар, ки ба воқеоти таърих бахшида шудаанд, ҷанбаи таърихи он ҳадафи асосии муаллиф бошад, пас дар хонанда ҳофизаи таърихӣ, дар асарҳои дигар, ки мавзӯи онҳо ишқи поки инсонӣ буда, нависандаи он дар тасвири ҳисси беғубори муҳаббат аз тамоми имкониятҳои тасвири бадеӣ бо истифода аз захираи бойи луғат композитсияҳои адабӣ офаридааст, мақсад тарбияи эҳсосоти эстетикӣ, диди эстетикии олам аст.

Ҳамин зайл ҳар навъ асари офаридашуда ба кадом як самте ба шуури хонанда таъсир расонида, дар маҷмӯъ олами маънавияти инсонро, хислатҳои неки ахлоқии ӯро ташаккул медиҳанд. Масалан, драмаи «Падаркуш»-и Беҳбудӣ пас аз як аср имрӯз, замони пурхурӯши бунёди давлати соҳибистиқлоли миллӣ аҳамияти худро дубора таҷдид мекунад. Ӯ худ ақидаҳои маорифпарварии Айниву Фитрат, ки таҷассумгари ҳиссиёти озодии милливу ватандӯстӣ буданд, дар баланд бардоштани маънавияти халқу кишвар саҳми сазовор доштанду доранд.

Мавзӯъҳои Ватан, сулҳу осоишро на танҳо дар доираи як миллат, балки барои ҷаҳониён тарғиб намудани Турсунзодаву Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ маҳз нишонаи ҳамоҳангии маънавияти милливу умумбашарӣ аст. Тавассути асарҳои гуногунжанри дар мавзӯъҳои таърихиву иҷтимоӣ ва психологиву ахлоқӣ, фантастикӣ, лирикаи гражданӣ, лутфи сухан, ҳаҷву мутоиба офаридаи худ адибоне, ки Шумо дар доираи омӯзиши ин дастури таълимӣ бо онҳо шинос шудед, ҳар яке дар ташаккули маънавияти инсон ҳисса доранд.

Адабиёти миллӣ, ки аз адабиёти умумиҷаҳонӣ ғизо мегирад, таҷриба меандӯзад, маҳз ба туфайли таъсири мутақобила доштани онҳо ҳамдигарро пурра мекунанд. Аз осори адабии Абдулло Қодирӣ шумо шояд пай бурда бошед, ки маҳорати ин нависандаи забардасти ӯзбек дар нигориши мавзӯи таърих, ҷанбаҳои иҷтимоии ҳаёти мардуми замони худ, дар адабиёти ҷаҳон ҷойи ба худ хосро тақозо мекунад. Ӯ худ образҳои асосии романи «Нимароҳ»-и Саид Нафисӣ ифодагари унсурҳое мебошанд, ки барои тамоми халқҳои ҷаҳон дар замони

таҳаввулоти иҷтимоӣ хос аст. Албатта мавқеи эҷодиёти Чингиз Айтматов дар саҳифаи таҳлили мақоми адабиёт дар ташаккули маънавияти милливу умумибашарӣ хос мебошад. Ч. Айтматов забардасттарин нависанда, классики намоёни адабиёти ҷаҳонии имрӯз аст. Доираи фарогирии мавзӯъҳои таҳқиқи осори ӯ чунон фароху чунон амиқанд, ки дар онҳо умумияти милливу башарӣ ногусастанианд. Романҳои «Доғи Кассандра», «Дуроҳаи бӯронӣ» асарҳое мебошанд, ки муаммоҳои глобалии Сайёраи моро ба риштаи тасвир овардаанд.

Ҳамин тариқ, ба таври хулосаи фикр гуфтан мумкин аст, ки дар офаридани маънавияти миллӣ адабиёти бадеӣ аз нигоҳи инъикоси арзишҳои фарҳангии тамоми башар нақши хеле арзанда мебозад. Маънавияти миллӣ ба сифати моводи баррасии фанҳои ҷомеашиносӣ дар асл дар заминаи иҷтимоии замон бо нерӯйи сухан, тавассути образҳои бадеӣ арзи вуҷуд мекунад ва маънавият қисми таркибии адабиёт ба шумор меравад.

Ба ҳамин маъно дар асари сарвари давлати мо Ислом Каримов «Маънавияти воло – нерӯйи мағлубнопазир» таъкид гардидааст, ки боз як воситаи пурқудрат, ки олами маънавии инсонро кашф мекунад, ин – санъати сухан, адабиёти бадеӣ аст. Адабиёт аз азал ифодагари қалби халқ, мунодии ҳақиқат ва адолат мебошад. Солҳои истиқлол ривоҷ додани адабиёт, баробари ҳақиқати таърихӣ дар бораи имрӯз, оид ба қаҳрамонҳои замони мо офаридани асарҳои нав ба нав тақозои замон шуд. Бинобар ин ҳам, агар мо Ӯзбекистонро ба ҷаҳон тараннум карданӣ, таърихи қадима ваояндаи дурахшони онро гиромӣ доштанӣ, онро дар хотираи авлодҳо абадӣ ҷой доданӣ бошем, бояд шоирони бузург, эҷодкорони бузургро тарбия кунем.

## Адабиёти бадеӣ ва ҷавонон

Адабиёти бадеӣ инчунин дар ташаккули рӯҳияти шахс таъиноти амиқ дорад. Он воситаест, ки туфайли образи қаҳрамонҳо одамонро ба ҳаракат меорад, дар дили хонанда ҳисси пайравӣ ба чунин ашхоси писандидаи умум бедор намуда, ба ин тариқ рафтор, кирдор ва пиндори халқро ҳамоҳанг мегардонад. Дар ин замина, адабиёти бойи тоҷик пур аз далелу мисол аст. Романҳои Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва осори дигар адибони мо қаҳрамонҳое доранд, ки барои ҳама намунаи ибрати рӯҳияти волои шахсӣ, мавқеи мушаххаси шаҳрвандӣ, ҳуввияти миллӣ шуда метавонанд. Бинобар ин гуфтан мумкин аст,

ки адабиёти тоҷик ҳам дар баробари ташаккули хислатҳои маънавии умуминсонӣ, дар тарбияи ҷавонон низ нақши муайян дорад.

Дар тарбияи насли навраси замон, ворисони замон адабиёти бадеӣ масъулияти муҳим дорад. Он масъулияти пуршарафе аст барои ҳар як адиб, барои умуман аҳли адаб, барои илми адабиёт ва аҳли зиё. Нуқтаи муҳим дар тарбияи насли наврас дар рӯҳи муҳаббат ба арзишу фарҳанги миллӣ ва умумбашарӣ, муҳаббат ба забони модарӣ ва забонҳои халқҳои ҷаҳон, муҳаббат ба осори гузаштагон ба нигоҳ доштани тамоили ворисияти адабӣ мансуб аст. Ҷавонон аз осоре, ки барои онҳо адабиёти бадеӣ пешниҳод мекунад, бояд рӯҳи аҷдоди худ, оҳанги ифодаи фикру андеша ва тафаккури бarояшон наздикро эҳсос намоянд. Дар ин боб ҳарҷӣ бештар ба осори классикон ва адибони забардасти замон ҷалб намудани таваҷҷӯҳи онҳо мувофиқи мақсад аст. Масалан, дар ҳамин ҷо таъкид намудани романи устод Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ»-ро зарур медонем, зеро муаллиф дар он фаъолият ва рӯзгори Фирдавсии оламшумулро дар таълифи «Шоҳнома»-и безавол барои хонандагони худ расонида ӯро ба сайри олами адабии замони ҳазор сол пешинаи халқ даъват мекунад.

Шумо, аз синфҳои поёнӣ сар карда, дар доираи барномаи пешбинишудаи мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ ба адабиёти тоҷик шиносоии комил пайдо кардед. Медонед, ки адабиёти бадеии форсу тоҷик яке аз бойтарин хазина дар фарҳанги маънавии ҷаҳон аст. Ин адабиёт ба саҳнаи адабиёти ҷаҳон барҷастатарин симоҳоро дода ва ҳамвора ганҷинаи тамаддуни инсониро бо асарҳои оламшумул ғанӣ гардонидааст. Асарҳои адабиёти бадеии форсу тоҷик ҳанӯз аз замонҳои қадим мавриди омӯзиш ва баррасии халқҳои ҷаҳон шудаанд. Ба ҷумла забонҳои ҷаҳон чакидаҳои Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Хайёму Ҷомӣ ва дигарон тарҷума шуда, илҳомбахши адибони ҷаҳон будаанд. Мазмун аз ин гуфтаҳо нишон додани таърихи қадима доштани адабиёт аст.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки таърихи пешрафти адабиёти миллии мо якчанд зина ва марҳилаҳои ноҳамвору нобаробарро тай кардааст. Дар ҳар як марҳилаи тараққиёти худ адабиёти бадеӣ бо назардошти манфиати иҷтимоӣ ва тафаккури ҷомеа ба худ жанру намудҳои муайяни тасвирро интихоб мекард. Аммо ин интихоб на ба таври нақшавӣ, балки тибқи зарурати муҳит ва замон ба вуҷуд меомад. Яъне, адабиёти бадеӣ дар давоми пешрафти худ ногузир ба инъикоси ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва тафаккури миллӣ даст мезад ва ҳини он жанреро ба кор мебурд, ки барои ифодаи мақсаду мароми халқ мусоидтар буд. Адабиёти бадеии

тоҷик чун қисми таркибии адабиёти ҷаҳонӣ дар ҳар як давраи инкишофи худ мавзӯъ ва ғояҳои ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, панду ҳикматҳои оқилонаву халқиро дар бар мегирифт.

Ба давраҳо ҷудо кардани марҳилаҳои инкишофи адабиёти тоҷик ба давраҳои таҳаввулоти ҷиддии таърихӣ дар ҳаёти халқ вобаста аст. Зимни ба давраҳо тақсим намудани омӯзиши адабиёти тоҷик пеш аз ҳама агар марҳилаҳои таърихӣ ба инобат гирифта шаванд, пайваста ва ногузир дучори таҳаввулот гардидани тафаккури мардуми ин давраҳо низ чун омили хеле муҳим зоҳир мегарданд.

Эҷодкор ба тағйиротҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ пештар ва бештар аз ҳама вокуниш нишон медиҳад. Бо назардошти ҳамин нукта мақому манзалати таъсиргароии адабиёти бадеиро ба ҷавонон таъкид намудан айни муддаост. Ҷавонон ҳарчӣ бештар ба адабиёти бадеӣ наздик шаванд ва адабиёти бадеӣ ҳарчӣ бештар ниёзи ҷавононро дар маркази диққати тасвир дошта бошад, чунин робита танҳо ба нафъи ҷомеа ва халқ хоҳад шуд.

# МУНДАРИҶА

Муқаддима ........................................................................................................3
Адабиёти бадеӣ воситаи ташаккули рӯҳияти инсон ........................................5

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МАОРИФПАРВАРИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**СИДДИҚИИ АҶЗӢ** ..........................................................................................15

**МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ** ...............................................................................20

**ТОШХОҶАИ АСИРӢ** .......................................................................................24

**НАҚИБХОН ТУҒРАЛ** ......................................................................................32

**АБДУРАУФ ФИТРАТ** ......................................................................................42

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

**САДРИДДИН АЙНӢ** .........................................................................................55
Назарияи адабиёт. *Тип ва типикунонӣ дар адабиёти бадеӣ*..............................69

**АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ** ...................................................................................70
Назарияи адабиёт. *Рамз ва истифодаи он дар адабиёт*...................................81

**МИРЗО ТУРСУНЗОДА** ....................................................................................83
Назарияи адабиёт. *Силсилаи шеърҳо*.................................................................94

**ҶАЛОЛ ИКРОМӢ** ............................................................................................96
Назарияи адабиёт. *Маълумот дар бораи жанри романи ҳаҷвӣ*....................... 112

**СОТИМ УЛУҒЗОДА** ....................................................................................... 113
Назарияи адабиёт. *Маълумот дар бораи романи таърихӣ*................................ 127

**ҲАБИБ ЮСУФӢ** ............................................................................................. 128
Назарияи адабиёт. *Маълумот дар бораи лирикаи гражданӣ ва манзаравӣ*........ 136

**ФОТЕҲ НИЁЗӢ** .............................................................................................. 138

**МӮЪМИН ҚАНОАТ** ....................................................................................... 148

**ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ** ..................................................................... 162
Назарияи адабиёт. *Маълумот дар бораи жанри очерк* ...................................... 171

**ЛОИҚ ШЕРАЛӢ** ........................................ 173
Назарияи адабиёт. *Лутфи сухан* ........................................ 182

**ӮРУН КӮҲЗОД** ........................................ 184
Назарияи адабиёт. *Романи психологӣ* ........................................ 193

**БОЗОР СОБИР** ........................................ 195

**ГУЛРУХСОР САФИЕВА** ........................................ 204

**САТТОР ТУРСУН** ........................................ 213

**ҶОНИБЕК ҚУВНОҚ** ........................................ 225

**ЧОРШАНБЕИ ДЕҲНАВӢ** ........................................ 231
Назарияи адабиёт. *Новелла ва хусусиятҳои он* ........................................ 240

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ӮЗБЕК

**АБДУЛЛО ҚОДИРӢ** ........................................ 243

**АБДУЛЛО ОРИПОВ** ........................................ 258

## НАМОЯНДАГОНИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН

**ЭРАҶ МИРЗО** ........................................ 268

**ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ** ........................................ 275
Назарияи адабиёт. *Фантастикаи илмӣ ва бадеӣ* ........................................ 294

Маънавияти миллӣ ва адабиёти бадеӣ ........................................ 296
Адабиёти бадеӣ ва ҷавонон ........................................ 298

**Ҳамроев Ҷ.**

Ҳ 25 Адабиёт: барои синфи 9 /Ҷ. Ҳамроев / Т.: «O‘zbekiston», 2019. — 304 саҳ.

ISBN 978-9943-01-515-9

**УЎК 821.222.8(075)**
**КБК 83.3 (5у) я721**

*O‘quv nashri*

**Jumaqul Hamroyev**

**ADABIYOT**

(Tojik tilida)

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 9-sinfi uchun darslik

To‘ldirilgan beshinchi nashri

Муҳаррир *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррири техникӣ *Л. Хижова*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Кутлуқов*
Саҳифабанди компютерӣ *К. Голдобина*

Литсензияи нашриёт AI 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 18 марти соли 2019 имзо гардид. Андозаи $70 \times 90^1/_{16}$.
Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «Times New Roman Tj».
Кегли 11. Ҷузъи чопии шартӣ 22,23. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 21,88.
Адади нашр 6743 нусха. Супориши № 19-174.

ХЭТН «O‘zbekiston»-и Оҷонсии коммуникатсияҳои оммавии иттилооти назди маъмурияти Президенти Республикаи Ўзбекистон
100011, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқоваащ бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |